Тақиюддин Набҳонӣ

# ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ

Нашрияи

Ҳизби Таҳрир

Китоб бори аввал соли 1372 ҳиҷрӣ мутобиқи соли 1953 милодӣ ба забони арабӣ чоп шудааст. Чопи ҳафтум китоб ба забони арабӣ соли 1423 ҳиҷрӣ мутобиқи соли 2002 милодӣ аз тарафи муассисаи табъу нашри "Дорулуммат" (с)сандуқи почтаи муассиса 135190) дар Байрути Лубнон ба вуқӯъ пайваст, ки он чопи мӯътамад ба ҳисоб меравад. Тарҷумаи китоб ба забони тоҷикӣ соли 1431 ҳиҷрӣ мутобиқи соли 2010 милодӣ дар асоси чопи мӯътамад аз нав таҳия гардид.

Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

**" تَكُونُ النُّبُوَّةُ فِيكُمْ مَا شَاءَ اللهُ أَنْ تَكُونَ، ثُمَّ يَرْفَعُهَا اللهُ إِذَا شَاءَ أَنْ يَرْفَعَهَا. ثُمَّ تَكُونُ خِلَافَةٌ عَلَى مِنْهَاجِ النُّبُوَّةِ، فَتَكُونُ مَا شَاءَ اللهُ أَنْ تَكُونَ، ثُمَّ يَرْفَعُهَا إِذَا شَاءَ أَنْ يَرْفَعَهَا. ثُمَّ تَكُونُ مُلْكاً عَاضًّا، فَتَكُونُ مَا شَاءَ اللهُ أَنْ تَكُونَ، ثُمَّ يَرْفَعُهَا إِذَا شَاءَ اللهُ أَنْ يَرْفَعَهَا. ثُمَّ تَكُونُ مُلْكاً جَبْرِيَّةً، فَتَكُونُ مَا شَاءَ اللهُ أَنْ تَكُونَ، ثُمَّ يَرْفَعُهَا إِذَا شَاءَ أَنْ يَرْفَعَهَا. ثُمَّ تَكُونُ خِلَافَةً عَلَى مِنْهَاجِ النُّبُوَّةِ"**

**"Нубувват дар байни шумо то вақте, ки Аллоҳ онро мехоҳад, идома меёбад. Сипас Аллоҳ онро, вақте ки аз байн бурдан мехоҳад, аз байн мебарад. Сипас Хилофат бар минҳоҷи нубувват арзи вуҷуд мекунад ва то вақте, ки Аллоҳ онро мехоҳад, идома меёбад. Сипас Аллоҳ онро, вақте ки аз байн бурдан мехоҳад, аз байн мебарад. Сипас подшоҳии золимона ба вуҷуд меояд ва то вақте, ки Аллоҳ онро мехоҳад, идома меёбад. Сипас Аллоҳ онро, вақте ки аз байн бурдан мехоҳад, аз байн мебарад. Сипас подшоҳии бедодгарона ба вуҷуд меояд ва то вақте, ки Аллоҳ онро мехоҳад, идома меёбад. Сипас Аллоҳ онро, вақте ки аз байн бурдан мехоҳад, аз байн мебарад. Сипас Хилофат бар минҳоҷи нубувват арзи вуҷуд хоҳад кард"**

# МУНДАРИҶА

Ҳадиси ифтитоҳи китоб..............................................................................3
Мундариҷа...............................................................................................4
Муқаддима...............................................................................................6
Нуқтаи ибтидо..........................................................................................9
Гурӯҳбандишавии саҳобагон...................................................................11
Паҳншавии даъват...................................................................................13
Муқовимати даъват..................................................................................15
Таъсири даъват........................................................................................20
Ду марҳилаи даъват..................................................................................24
Фарохгардонии доираи даъват.................................................................27
Байъати якуми Ақаба................................................................................28
Даъват дар Мадина...................................................................................29
Байъати дуюми Ақаба...............................................................................32
Таъсисёбии Давлати Исломӣ....................................................................39
Бунёд гузоштани ҷомеа............................................................................40
Фароҳам овардани шароити ҷанг.............................................................44
Оғози ҷанг.................................................................................................46
Зиндагӣ дар Мадина ................................................................................49
Кашмакаши яҳуд ва насоро.......................................................................51
Ғазваи Бадр...............................................................................................54
Берун рондани Банӣ-Қайнуқоъ................................................................57
Барҳам додани нооромиҳои дохилӣ..........................................................58
Ғазваи Аҳзоб..............................................................................................63
Паймони Ҳудайбия....................................................................................68
Фиристодани сафирон ба давлатҳои ҳаммарз...........................................77
Ғазваи Хайбар............................................................................................80
Умраи қазо..................................................................................................82
Ғазваи Мӯъта..............................................................................................83
Фатҳи Макка...............................................................................................86
Ғазваи Ҳунайн............................................................................................90
Ғазваи Табук...............................................................................................96
Ҳукмронии Давлати Исломӣ бар нимҷазираи Арабистон..........................99
Ҷиҳози Давлати Исломӣ.........................................................................101
Ҳолати яҳуд дар назди Давлати Исломӣ..................................................105
Давомёбии Давлати Исломӣ....................................................................109
Сиёсати дохилии Давлати Исломӣ...........................................................113

Сиёсати хориҷии Давлати Исломӣ........................................................................118
Футуҳоти исломӣ барои нашри Ислом аст.......................................................123
Мустаҳкамсозии футуҳоти исломӣ....................................................................125
Гудохтан ва ба уммати ягона табдил додани халқҳо......................................129
Омилҳои заъфи Давлати Исломӣ .....................................................................134
Пароканда шудани Давлати Исломӣ..................................................................138
Ҳуҷуми табширӣ....................................................................................................144
Адовати салибдорон ............................................................................................152
Осори ҳуҷуми табширӣ........................................................................................156
Ҳуҷуми сиёсӣ ба олами исломӣ..........................................................................161
Барҳам додани Давлати Исломӣ........................................................................164
Монеагузорӣ дар роҳи барпошавии Давлати Исломӣ...................................173
Барпо кардани Давлати Исломӣ бар мусулмонон фарз аст...........................179
Душвориҳои барпо шудани Давлати Исломӣ .................................................184
Давлати Исломӣ чӣ гуна барпо мешавад?!.......................................................189
Лоиҳаи дустури Давлати Хилофат....................................................................193
Аҳкоми умумӣ........................................................................................................194
Низоми ҳокимият...................................................................................................195
Халифа.....................................................................................................................196
Муовини тафвиз.....................................................................................................200
Муовини танфиз.....................................................................................................201
Волиён......................................................................................................................201
Амири ҷиҳод: Идораи ҳарбӣ – артиш...............................................................202
Амнияти дохилӣ......................................................................................................203
Корҳои хориҷӣ........................................................................................................204
Идораи саноат........................................................................................................204
Қазо..........................................................................................................................204
Ҷиҳози идорӣ..........................................................................................................206
Байтулмол...............................................................................................................207
Иттилоот .................................................................................................................207
Маҷлиси уммат.......................................................................................................208
Низоми иҷтимоӣ......................................................................................................209
Низоми иқтисодӣ.....................................................................................................210
Сиёсати таълим.......................................................................................................216
Сиёсати хориҷӣ.......................................................................................................217

بسـم الله الرحمن الرحيم

# *МУҚАДДИМА*

Насли имрӯза дар бораи Давлати Исломӣ, ки Исломро татбиқ мекунад, тасаввурот надорад. Онҳое, ки дар давраҳои охири Давлати Исломӣ, яъне Давлати Усмонӣ, ки бо дасти Ғарб сарнагун шуд, умр ба сар бурданд, танҳо бозмондаҳои давлатеро ва дар ин давлат пасмондаҳои ҳокимияти исломиро дидаанд. Бинобар ин, наздиксозии тасвири ҳокимияти исломӣ ба зеҳнҳое, ки дар онҳо сурати вазъияти ҳозира нақш бастааст, аз душвортарин кори мусулмон ба шумор меравад. Ин зеҳнҳо, азбаски ғайр аз низомҳои демократии фосид, ки бар кишварҳои исломӣ маҷбуран таҳмил шудааст, низоми дигарро надидаанд, ҳокимиятро низ берун аз миқёси ҳамин низомҳо тасаввур карда наметавонанд. Душворӣ танҳо ин нест, балки тағйир додани зеҳнҳое, ки бо сақофати ғарбӣ заҳролуд шудаанд, аз ҳама душвортар мебошад. Дар ҳақиқат, ин сақофат ханҷаре буд, ки Ғарб ба муқобили Давлати Исломӣ аз наём баркашид ва чунон зарба зад, ки онро ба ҳалокат расонд. Ба фарзандони ин давлат силоҳеро, ки аз он хуни модари мақтулашон мечакид, нишон дод ва бо ифтихор гуфт: "Бешубҳа ман модари пиронсолатонро, ки шуморо парастории хуб намекард ва аз ин рӯ, сазовори қатл буд, ба қатл расондам. Дар назди худ бароятон воситаи парасторие омода намудам, ки он ҷо аз ҳаёти хушбахтона ва неъматҳои ҷовидона бархӯрдор хоҳед гашт". Ин фарзандон ба сӯи қотиле, ки силоҳи вай ҳанӯз бо хуни модари онҳо рангин буд,

оғӯш кушоданд. Ғарб бо онҳо, чунончи дида истодаанд, монанди кафтор1 муносибат кард. Кафтор то ба назди сайд расидан онро дар ғафлат мегузорад, сайд танҳо пас аз зарбае, ки хунаш мерезад ё кафтор вайро барои хӯрдан ба қаъри водӣ мебарад, ба худ меояд.

Чӣ бояд кард, то ин зеҳнбаргаштагон бидонанд, ки ҳамин силоҳи заҳрогин Давлати Исломии онҳоро маҳв сохт ва то замоне, ки ба ин силоҳ чанг мезананд, ҳаёт ва ҳастии онҳоро низ ба нобудӣ хоҳад кашид, инчунин афкоре, ки онҳо интишор медиҳанд, монанди миллатгароӣ, ҷудокунии дин аз давлат ва раъйҳои ба Ислом таъназананда, як қисми ҳамон заҳр мебошад, ки ин сақофат бар онҳо пошидааст?! Фасли "Ҳуҷуми миссионерӣ"-и ҳамин китоби "Давлати Исломӣ", ки саросар ҳақиқат ва рақамҳои гӯё аст, барои мо башараи қотили ҷинояткорро ошкор месозад, сабаби ба ин ҷиноят даст задани вайро баён мекунад ва воситаҳоеро, ки дар барҳам додани ин давлат ба кор бурдааст, нишон медиҳад. Сабаби ба ин ҷиноят даст задан фақат маҳв кардани Ислом ва воситаи муҳимтарин ҳамин сақофат буд, ки ҳамроҳи ҳуҷуми миссионерӣ омад.

Дар ҳақиқат, мусулмонон аз хатари ин сақофат ғофил монданд. Онҳо бар зидди истеъморгар меразмиданд ва дар айни замон сақофати вайро мегирифтанд, ҳол он ки бо сабаби ҳамин сақофат истеъмор карда шудаанд ва истеъмор торафт дар кишварашон пойдор мегардад. Пас аз ин бояд бингаранд, ки ҳолаташон чӣ қадар зиддиятнок, ҳам ғамангез ва ҳам хандаовар шудааст. Онҳо ба аҷнабӣ, бо даъвои мухолифат, пушт мегардонанд, вале ба қафо даст дароз мекунанд, то аз заҳри қотили вай бигиранду биошоманд ва дар пеши пояш ба ҳалокат расанд. Инсони ноогоҳ гумон мекунад, ки онҳо шаҳидони майдони муқовиматанд, ҳол он ки қурбониёни ғафлат ва залолатанд.

Мусулмонон чӣ мехоҳанд: давлати ғайриисломӣ ва ё якчанд давлат дар сарзамини Ислом? Дар ҳақиқат, аз рӯзе, ки зимоми кор ба дасти Ғарб гузашт, ба онҳо давлатҳои зиёд дод, то нақшаи вай

дар роҳи аз ҳокимият дур сохтани Ислом, тақсимкунии сарзамини мусулмонон ва фирефтани онҳо бо ҳукуматҳои сохта ба анҷом бирасад. Ғарб ба мусулмонон дар вақти дилхоҳ давлатеро, ки онҳоро гумроҳтар созад ва бештар тақсим кунад, медиҳад. Модом ки мусулмонон ҳамчун фармонбардор мабдаъ ва пиндорҳои Ғарбро интишор медиҳанд, пас ҳамеша омода аст, ки ба онҳо бештар бахшиш кунад.

Муаммо на дар барпо намудани давлатҳо, балки дар барпо намудани давлати ягона дар тамоми олами исломӣ мебошад. Ҳамчунин муаммо барпо намудани кадом як давлат ё барпо намудани давлати бо ном исломӣ, ки бо ғайри нозилкардаи Аллоҳ ҳукм меронад, нест. Ҳатто муаммо дар барпо намудани давлати бо ном исломӣ, ки танҳо бо қавонини исломӣ ҳукм меронад, вале Исломро ҳамчун мафкура густариш намедиҳад, нест. Албатта барпо намудани чунин давлатҳо муҳим нест, балки муҳим барпо намудани давлатест, ки ҳаёти исломиро дар асоси ақида аз нав оғоз мекунад, пас аз он ки Ислом дар қалбҳо ва ёдҳо ҷойгиру устувор мешавад, Исломро дар ҷомеа татбиқ ва даъвати исломиро ба олам паҳн мекунад.

Давлати Исломӣ на хобу хаёл, балки ҳақиқат аст, ки муддати сездаҳ аср саҳифаҳои таърих бо он пур гаштаанд. Вай дар гузашта ҳамин тавр буд ва боз дар ояндаи наздик чунин хоҳад шуд. Зеро омилҳои пайдоиши он, ҳарчанд замона инро махфӣ нигоҳ медорад ё набардро бар зидди омилҳои мазкур пурзӯр мегардонад, аз кӯшиши замона қавитар аст. Имрӯз ҳар як ҳушманд инро бо пуррагӣ дарк мекунад ва Уммати Ислом, ки ташнаи иззату бузургвории Ислом аст, орзуманди чунин давлат мебошад.

Давлати Исломӣ матлабе нест, ки ҳаваси он ба қалбҳо нақш баста бошад, балки фарзест, ки Аллоҳ адои онро бар мусулмонон лозим гардонида, агар дар адои ин фариза ҷидду ҷаҳд наварзанд, бо азоби худ бим додааст. Мусулмонон Парвардигорашонро чӣ гуна розӣ хоҳанд кард, ҳол он ки дар кишварашон Аллоҳ, пайғамбар ва

мӯъминон соҳиби иззат нестанд? Фақат давлат лашкарҳоро муҷаҳҳаз месозад, сарҳадҳоро муҳофизат мекунад, ҳадҳои Аллоҳро ҷорӣ менамояд ва бо он чӣ Аллоҳ нозил кардааст, ҳукм меронад, пас мусулмонон чунин давлатро барпо нанамоянд, аз азоби Аллоҳ чӣ гуна наҷот меёбанд?

Бинобар ин, лозим аст, ки мусулмонон Давлати Исломиро барпо намоянд, зеро Ислом танҳо бо сабаби мавҷудияти давлат таъсирбахш мегардад ва кишвари мусулмонон бо сабаби мавҷудияти ҳокимияти Давлати Исломӣ дорулислом эътибор карда мешавад.

Бо вуҷуди ин, Давлати Исломӣ кори саҳл нест, ки вазоратхоҳон, чи шахсҳо ва чи ҳизбҳо, вазир таъйин кунанд ё вазир шаванд ва ҳукуматро ба даст гиранд. Албатта роҳи ин давлат аз озорҳову хатарҳо ва сахтиҳову душвориҳо пур аст. Душвории сақофати ғайриисломӣ, мамониати фикррونии сатҳӣ ва хавфу хатари ҳукуматҳои тобеи Ғарб худ басанда мебошанд.

Дарҳақиқат, касоне, ки барои эҷоди Давлати Исломӣ роҳи даъвати исломиро пеш гирифтаанд, фақат барои ба даст овардани ҳокимият амал мекунанд, то ҳокимиятро тариқати азнавсаркунии ҳаёти исломӣ дар кишварҳои исломӣ ва нашри даъвати исломӣ ба саросари олам қарор диҳанд. Бинобар ин, новобаста ба гуногунии воситаҳои фиреб, мебинед, ки онҳо, ҳокимияти ҷузъиро намепазиранд ва ҳокимияти пурраро низ ҳамон вақт мепазиранд, ки тавассути он ба татбиқи инқилобии Ислом имкон биёбанд.

Бояд гуфт, ки ин китоби "Давлати Исломӣ" бо мақсади навиштани таърихи Давлати Исломӣ таълиф нашудааст, балки ба воситаи он бояд мардум огоҳ гарданд, ки Расулуллоҳ (с) Давлати Исломиро чӣ гуна барпо кардаанд, чӣ гуна кофири истеъморгар Давлати Исломиро нобуд сохтааст ва чӣ гуна мусулмонон Давлати Исломиро аз нав барпо хоҳанд кард, то нуре, ки дар сиёҳии зулматҳо роҳи ҳидоятро мунаввар месозад ба олам бозгардад.

بسم الله الرحمن الرحيم

# *НУҚТАИ ИБТИДО*

Ҳангоме ки Муҳаммад (с) ба пайғамбарӣ фиристода шуданд, завҷаи худ Хадиҷаро ба Ислом даъват карданд ва Хадиҷа имон овард. Пасон писарамӯи худ Алиро даъват карданд ва Алӣ ҳам имон овард, мавлои худ Зайдро даъват карданд, ӯ ҳам имон овард, дӯсташон Абӯбакрро даъват намуданд ва Абӯбакр низ имон овард. Сипас ба даъвати мардум пардохтанд, ки баъзе имон овард ва баъзе кофир шуд. Чун Абӯбакр (с) имон овард, мусулмоншавии худро ба касоне, ки бовар мекард, ошкор сохт ва онҳоро ба сӯи Аллоҳ ва Расулаш даъват намуд. Абӯбакр марди хушахлоқ ва мунису маҳбуби қавм буд. Бо туфайли илм, тиҷорат ва хушмуомилагӣ мардони қавм ба наздаш меомаданд ва дар бисёр корҳо маслиҳат мепурсиданд. Усмон ибни Аффон, Зубайр ибни Аввом, Абдурраҳмон ибни Авф, Саъд ибни Абӯваққос ва Талҳа ибни Убайдуллоҳ ба воситаи Абӯбакр мусулмон шуданд. Онҳо пас аз пазируфтани даъват ҳамроҳи Абӯбакр ба назди Расулуллоҳ (с) омада, мусулмон шуданд ва намоз гузориданд. Сипас Абӯубайда, ки номаш Омир ибни Ҷарроҳ аст, Абӯсалама, ки Абдуллоҳ ибни Абдуласад ном дорад, Арқам ибни Абӯарқам, Усмон ибни Мазъун ва дигарон мусулмон шуданд. Баъд аз он гурӯҳ-гурӯҳ мардону занон

мусулмон шуданд, ҳатто ки зикри Ислом дар Макка ошкоро гардид ва мардум дар бораи он гуфтугӯ мекарданд. Дар ибтидо Пайғамбар (с) ба хонаҳои мардум мерафтанд ва мегуфтанд: "Аллоҳ ба шумо мефармояд, ки ба Ӯ ибодат кунед ва барояш чизеро шарик насозед". Эшон дар Макка тибқи фармудаи Аллоҳ мардумро ошкоро ба Ислом даъват мекарданд. Аллоҳ Таоло фармудааст:

يَا أَيُّهَا الْمُدَّثِّرُ قُمْ فَأَنذِرْ

"**Эй ҷома дар сар кашида, бархезу бим деҳ!**" [74:1-2].

Пайғамбар ба назди одамон мерафтанд, дини навро пешниҳод менамуданд ва онҳоро бар асоси ин дин дар атрофи худ махфиёна гурӯҳбандӣ мекарданд. Асҳоби Расулуллоҳ (с) ҳангоми адои намоз ба дараҳо мерафтанд ва пинҳонӣ аз қавм намоз мегузориданд. Агар нафаре мусулмон шавад, Расул (с) аз касоне, ки пештар мусулмон шуда, аз аҳкоми дин огоҳ буданд, нафареро мефиристоданд, то ба ӯ Қуръонро биомӯзад. Хаббоб ибни Аратро фиристоданд, ки ба Фотима бинти Хаттоб ва шавҳараш Саид Қуръонро меомӯхт. Вақте ки Умар ибни Хаттоб онҳоро ғофилгир кард, дар хонаи Саид буданд ва Хаббоб барояшон Қуръон мехонд. Умар бо дасти ҳамин гурӯҳ мусулмон шуд. Расул (с) бо ин иктифо накарданд, балки ҳавлиеро интихоб намуда, дар он ҷо ба мусулмонон Исломро меомӯзонданд ва онро ба маркази ин гурӯҳбандии мӯъмин ва мактаби ин даъвати нав табдил доданд. Ҳавлии мазкур аз они Арқам ибни Абӯарқам буд. Мусулмонон дар ин ҷо ҷамъ мешуданд, Пайғамбар барои онҳо Қуръон мехонданд, маъноҳои Қуръонро шарҳу тавзеҳ медоданд ва ба ҳифз намудан ва фаҳмидани Қуръон мефармуданд. Ҳар гоҳ ки шахсе мусулмон мешуд, ӯро ба ҳавлии Арқам зам мекарданд. Муддати се сол Расулуллоҳ (с) ин мусулмононро тарбия намуданд, бо онҳо якҷоя намоз гузориданд, чун шабзиндадорӣ мекарданд, онҳо низ шабро бо ибодат зинда медоштанд. Ҳамин тавр, Пайғамбар (с) ба воситаи намоз ва тиловат дар онҳо рӯҳониятро барангехтанд, ба воситаи тааммул дар оёт ва тадаббур дар

махлуқоти Аллоҳ фикрронии онҳоро бедор карданд, ақлҳояшонро бо маъноҳо ва лафзҳои Қуръон, бо пиндорҳо ва афкори Ислом парвариш доданд. Ба онҳо сабркуниро дар озорҳо ва итоату фармонбардориро омӯхтанд. Дар натиҷа онҳо бандагони холиси Аллоҳи олии тавоно гаштанд. Набӣ (с) ва мусулмонон дар ҳавлии Арқам ибни Абӯ Арқам то нозил шудани сухани зерини Аллоҳ Таоло махфӣ монданд:

فَاصْدَعْ بِمَا تُؤْمَرُ وَأَعْرِضْ عَنِ الْمُشْرِكِينَ

"**Ба ҳар чӣ амр шудаӣ, сареҳу баланд бигӯ ва аз мушрикон рӯйгардон бош!**" [15:94].

## *ГУРЎҲБАНДШАВИИ САҲОБАГОН*

Пайғамбар (алайҳиссалоту вассалом) саравval дар ҳар касе барои қабули ин даъват рағбатро мушоҳида менамуданд, новобаста ба синну сол, мартаба ва ҷинсу насаб ўро даъват мекарданд. Ҳама инсонҳоро баробар ба Ислом даъват намуда, шахсони алоҳидаро интихоб намекарданд, лекин рағбату таваҷҷўҳи онҳоро ба қабули даъват эътибор медоданд ва ҳамин тавр, бисёрӣ ба Ислом даромаданд. Расулуллоҳ хеле иштиёқ доштанд, то ҳар касе, ки Исломро пазируфтааст, бо аҳкоми дин тарбия ёбад ва Қуръонро ҳифз кунад. Ба ин тариқ, онҳо як гурўҳ шуданд ва даъватро мунташир сохтанд. Адади мусулмонон аз замони биъсати Расулуллоҳ (с) то давраи маъмур гаштан ба ошкорсозии дават бештар аз чил нафарро ташкил медод, ки аз мардону занони табақаҳо ва синну соли гуногун иборат буданд. Бештари онҳоро навҷавонон ташкил медод. Дар миёнашон ҳам заифу қавӣ ва ҳам сарватманду фақир мавҷуд буд. Тамоми саҳобагони зерин ба Пайғамбар имон оварда, ҳамеша ба хидмат омода буданд ва дар роҳи даъват ҳамроҳи Пайғамбар ҷидду ҷаҳд меварзиданд: 1. Алӣ ибни Абў Толиб, ҳаштсола буд. 2. Зубайр ибни Аввом, ҳаштсола буд. 3. Талҳа ибни Убайдуллоҳ, писарбачаи ёздаҳсола буд. 4. Арқам ибни Абў Арқам, писарбачаи дувоздаҳсола буд. 5. Абдуллоҳ ибни Масъуд, писарбачаи чордаҳсола буд. 6. Саид ибни Зайд, ҳанўз ба синни бист нарасида буд. 7. Саъд ибни Абў Ваққос, ҳафдаҳсола буд. 8. Масъуд ибни Рабеа, ҳафдаҳсола буд. 9. Ҷаъфар ибни Абў Толиб, ҳаҷдаҳсола буд. 10. Суҳайби Румӣ, ҳанўз ба синни бист нарасида буд. 11. Зайд ибни Ҳориса, дар ҳудуди бист буд. 12. Усмон ибни Аффон, дар ҳудуди бист буд. 13. Тулайб ибни Умайр, дар ҳудуди бист буд. 14. Хаббоб ибни Арат, дар ҳудуди бист буд. 15. Омир ибни Фаҳира,

бистусесола буд. 16. Мусъаб ибни Умайр, бистучорсола буд. 17. Миқдод ибни Асвад, бистучорсола буд. 18. Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш, биступанҷсола буд. 19. Умар ибни Хаттоб, бистушашсола буд. 20. Абӯубайда ибни Ҷарроҳ, бистуҳафтсола буд. 21. Утба ибни Ғазвон, бистуҳафтсола буд. 22. Абӯҳузайфа ибни Утба, дар ҳудуди сӣ буд. 23. Билол ибни Рабоҳ, дар ҳудуди сӣ буд. 24. Иёш ибни Рабеа, дар ҳудуди сӣ буд. 25. Омир ибни Рабеа, дар ҳудуди сӣ буд. 26. Нуайм ибни Абдуллоҳ, дар ҳудуди сӣ буд. 27. Усмон. 28. Абдуллоҳ. 29. Қудома. 30. Соиб. (Ин чор нафар писарони Мазъун бинни Ҳубайбанд: Усмон дар ҳудуди сӣ, Абдуллоҳ ҳафдаҳсола, Қудома нуздаҳсола ва Соиб дар ҳудуди бист буд). 31. Абӯсалама Абдуллоҳ ибни Абдуласади Махзумӣ, дар ҳудуди сӣ буд. 32. Абдурраҳмон ибни Авф, дар ҳудуди сӣ буд. 33. Аммор ибни Ёсир, дар байни сӣ ва чил буд. 34. Абӯбакри Сиддиқ, сиюҳафтсола буд. 35. Ҳамза ибни Абдулмутталиб, чилудусола буд. 36. Убайда ибни Ҳорис, панҷоҳсола буд. Ҳамчунин чанд нафар занон имон оварда буданд. Чун дар муддати се сол сақофати ин саҳобагон мукаммал гашта, ақлия ва нафсияашон ба ақлияву нафсияи исломӣ табдил ёфт, Расул (с) аз онҳо дилпур шуданд. Вақте ки ба камолоти ақлонӣ ва азамати нафсониашон яқин ҳосил намуданд ва диданд, ки дар амалҳояшон нишонаҳои идроки алоқамандӣ ба Аллоҳ ошкоро ба назар мерасад, хеле хушнуд гаштанд. Зеро гурӯҳбандии мусулмонон қавӣ ва барои рӯёрӯӣ бо ҷомеа қодир гашта буд. Бинобар ин, ҳангоми расидани фармони Аллоҳ ин гурӯҳбандиро ошкор сохтанд.

# *ПАҲНШАВИИ ДАЪВАТ*

Даъвати исломӣ аз рӯзи аввали биъсати Расулуллоҳ (с) ошкоро буд. Мардуми Макка медонистанд, ки Муҳаммад (с) ба дини нав даъват мекунад ва ҳамроҳи он кас бисёр одамон ба Ислом даромадаанд. Онҳо медонистанд, ки Муҳаммад асҳоби худро гурӯҳбандӣ ва тарбия мекунад, мусулмонон гурӯҳбандӣ ва ба дини нав гаравидани худро аз мардум пинҳон медоранд. Мардум, агарчи дар куҷо ҷамъ шудан ва кӣ будани мӯъминонро намедонистанд, пайдоиши даъвати нав ва пайравони онро ҳис мекарданд. Бинобар ин, эълони Ислом аз тарафи Расулуллоҳ (с) барои кофирони Макка навигарӣ набуд, балки барои мардум пайдо шудани ин гурӯҳбандии мӯъмин навигарӣ ба шумор мерафт. Ҳамза ибни Абдулмутталиб ба Ислом даромад ва Умар ибни Хаттоб баъди се рӯзи мусулмон шудани Ҳамза низ Ислом овард. Он гоҳ қуввати мусулмонон афзуд ва ба Расулуллоҳ (с) сухани зерини Аллоҳ Таоло нозил шуд:

فَاصْدَعْ بِمَا تُؤْمَرُ وَأَعْرِضْ عَنِ الْمُشْرِكِينَ إِنَّا كَفَيْنَاكَ الْمُسْتَهْزِئِينَ الَّذِينَ يَجْعَلُونَ مَعَ اللّهِ إِلـهًا آخَرَ فَسَوْفَ يَعْمَلُونَ

"**Ба ҳар чӣ амр шудаӣ, сареҳу баланд бигӯ ва аз мушрикон рӯйгардон бош! Мо масхаракунандагонро аз ту бозмедорем, онҳое, ки бо Аллоҳ худое дигар қоил мешаванд. Пас, ба зудӣ хоҳанд донист**" [15:94-96].

Ҳамин тавр, Расулуллоҳ (с) тибқи фармони Аллоҳ Таоло гурӯҳбандиро ба ҳамаи мардум ошкор карданд. Вале имон

овардани баъзе мӯъминон махфӣ монд ва аз баъзеи дигар ҳатто то замони фатҳи Макка низ ошкор нашуд. Услуби ин гурӯҳбандиро ошкор кардани Расулуллоҳ (с) чунин буд, ки дар миёни ду сафи саҳобагон берун баромаданд. Пешсафи якум Ҳамза ибни Абдулмутталиб ва пешсафи дуюм Умар ибни Хаттоб буд. Расул (с) ҳамроҳи онҳо бо як интизоми дақиқ, ки арабҳо чунин интизомро ҳанӯз надида буданд, ба сӯи Каъба раҳсипор гаштанд ва якҷоя Каъбаро тавоф карданд. Бо ҳамин, Расулуллоҳ (с) ҳамроҳи асҳоби худ аз даври пинҳонӣ ба даври ошкорсозӣ (равшансозӣ) ва аз даври даъват намудани шахсоне, ки дар онҳо барои қабули дини нав рағбатро мушоҳида менамуданд, ба даври даъвати оммаи мардум гузаштанд. Акнун дар ҷомеа байни имону куфр бархӯрд ва байни афкори саҳеҳу афкори фосид набард оғоз ёфт, марҳалаи дуюм, ки марҳилаи ҳамкорӣ ва мубориза аст, сар шуд. Кофирон бар зидди даъват баромаданд, бо ҳама гуна восита ба озори Расул (с) ва саҳобагон пардохтанд. Марҳилаи ҳамкорӣ ва мубориза дар ҳама давру замон бимноктарин марҳила шинохта шудааст. Хонаи Расулуллоҳ (с)-ро сангсор мекарданд, Уммуҷамил – зани Абӯлаҳаб ба пеши хонаашон наҷас мепартофт ва Пайғамбар (с) бо бартараф намудани он кифоят мекарданд. Боре Абӯҷаҳл ба болои он кас заҳдони гӯсфандеро, ки барои бутҳо қурбонӣ шуда буд, партофт. Ба ҳамин озор низ таҳаммул намуда, ба назди духтарашон Фотима рафтанд, то сару либосҳояшонро аз нав шустушӯ ва пок намояд. Тамоми ин ҳодисаҳо фақат сабр ва кӯшиши эшонро дар даъват меафзуд. Мусулмонон ба таҳдиду озорҳо дучор мешуданд. Ҳар як қабила барои азоб додан ва аз дин баргардондани мусулмонони қавми худ бархост. Ҳатто яке аз онҳо ғуломи ҳабашии худ Билолро бар рӯи рег дар зери офтоби сӯзон хобонида, ба болои синааш сангеро гузошт, то ки бимирад. Сабаб ин буд, ки ӯ дар Исломи худ истодагарӣ мекард. Билол дар роҳи Парвардигораш чунин азоби ҷонкоҳро таҳаммул намуда, бо ҳамин ҳол ғайр аз такрори калимаи "Аҳад" чизи дигар намегуфт. Занеро дар зери азобу шиканҷа ба ҳалокат расонданд, зеро ӯ розӣ нашуд, ки аз Ислом ба дини

ниёгонаш баргардад. Тамоми мусулмонон мавриди зарбу лат ва сахттарин шакли таҳқир қарор мегирифтанд. Вале бо умеди расидан ба ризои Аллоҳ Таоло дар ҳамаи ин хориву зорӣ сабр мекарданд.

# *МУҚОВИМАТИ ДАЪВАТ*

Ҳангоме ки Расулуллоҳ (с) бо дини Ислом фиристода шуданд, мардум дар ин хусус гуфтугӯ мекарданд, аммо Қурайш нисбат ба дигарон камтар сухан мегуфт. Зеро онҳо дар ибтидои кор чандон эътибор надоданд ва гумон карданд, ки сухани Муҳаммад (с) ҳаргиз аз сухани роҳибону донишмандон бартарӣ надорад ва мардум ба дини обову аҷдодашон бармегарданд. Бинобар ин, он касро бад надиданд ва маҳкум накарданд. Агар Пайғамбар (с) ба маҷлисҳояшон гузар мекарданд, онҳо мегуфтанд: "Ин писари Абдулмутталиб аз осмон гап мезанад". Аҳвол ҳамин тавр идома меёфт. Лекин баъд аз андак фурсат, вақте ки хатари ин даъватро пай бурданд, бар зидди Расулуллоҳ ба мухолифат, душманӣ ва мубориза бархостанд. Онҳо сараввал ба хулосае омаданд, ки обрӯи он касро резонанд ва даъвои пайғамбариашро дурӯғ хонанд. Сипас мерафтанд ва дар бораи мӯъҷизаҳое, ки воситаи исботи рисолаташон буд, мепурсиданд. Онҳо мегуфтанд: "Чаро Муҳаммад Сафо ва Марваро ба тилло табдил намедиҳад?" "Чаро китобе, ки дар бораи он гап мезанад, аз осмон ба шакли хаттӣ фуруд намеояд?" "Чаро Ҷибрил, ки Муҳаммад дар бораи вай бисёр сухан мегӯяд, ба онҳо намоён намешавад?" "Чаро мурдаҳоро зинда намесозад?" "Чаро кӯҳҳоро ба ҳаракат намедарорад, то ки Макка ҳамеша дар байни онҳо намонад?" "Чаро чашмаҳое намебарорад, ки аз оби Замзам гуворотар бошанд, ҳол он ки ниёзмандии аҳолии шаҳри худро ба об медонад?" "Чаро Парвардигораш нархи матоъҳоро ба воситаи ваҳй ба вай намегӯяд, то онҳо дар оянда фоида бинанд?" Ҳамин тавр, онҳо ба Расулуллоҳ (с) ва даъват бо услуби

масхараомези нешдор ҳуҷум мекарданд. Мубориза онҳо хеле тӯл кашид. Лекин ин корҳо Расулуллоҳ (с)-ро аз даъват бознамедошт, балки он кас пайваста мардумро ба дини Аллоҳ даъват мекарданд, аз бутҳо ёдовар шуда, онҳоро носазо мегуфтанд ва паст мезаданд, ибодаткунандагону муқаддасшуморандагони онҳоро нодону камақл мехонданд. Ин кор бар мушрикон гарон афтод ва барои баргардондани Расулуллоҳ аз роҳи даъват ҳамаи воситаро ба кор бурданд, вале комёб нашуданд. Муҳимтарин воситаҳое, ки онҳо бар зидди ин даъват кор фармуданд, се воситаи зерин буд: якум – шиканҷа; дуюм – ташвиқоти дохиливу хориҷӣ; сеюм – қатъи алоқа.

Ҳарчанд Набӣ (с) ба қавмашон паноҳ мебурданд, ҳамроҳи тамоми мусулмонони дигар ба азоб дучор мешуданд. Мушрикон воситаҳои гуногуни озорро меандешиданд ва ба кор мебурданд. Ҳама аҳли оилаи Ёсир сахт азоб дода шуданд, то динашонро тарк кунанд, вале ин азобҳо танҳо субот ва имони онҳоро афзуд. Боре дар зери шиканҷа қарор доштанд, ки Расулуллоҳ (с) аз назди онҳо гузаштанд ва фармуданд:

"صَبْراً آلِ يَاسِرِ فَإِنَّ مَوْعُدَكُمُ الْجَنَّةُ إِنِّي لَا أَمْلَكُ لَكُمْ مِنَ اللهِ شَيْئاً"

"**Сабр кунед, эй хонадони Ёсир, зеро ваъдагоҳи шумо ҷаннат аст. Ман барои шумо аз ҷониби Аллоҳ чизе дода наметавонам**".

Вақте ки Расулуллоҳ (с) ба онҳо муждаи ҷаннат доданд, Сумайя – завҷаи Ёсир гуфт: "Ман онро ошкоро дида истодаам, ё Расулаллоҳ". Ҳамин тавр, Қурайш Набӣ (с) ва саҳобагонро пайваста азоб медод.

Чун Қурайш дид, ки ин услуб фоидае надод, силоҳи дигарро ба кор андохт. Вай дар ҳама ҷо – ҳам дар дохили Макка, ҳам дар хориҷи он (Ҳабашистон), ба ташвиқоти зидди Ислом ва мусулмонон даст зад. Ҳама анвои ташвиқот – мунозара, ҳуҷҷатоварӣ, бадгӯӣ ва паҳнкунии овозаҳо ба кор бурда шуд. Бар зидди ақидаи исломӣ ва соҳиби ин ақида ташвиқот мебурданд, ҳам ба соҳиби ақида ва ҳам ба худи ақида тӯҳмат мезаданд, ба Расулуллоҳ дурӯғ барбаст

менамуданд. Тасмим гирифтанд, ки бо мақсади ташвиқот бар зидди Муҳаммад (с) ҳам дар Макка ва ҳам дар хориҷи он, хусусан дар мавсими ҳаҷ, суханҳо омода намоянд. Таваҷҷӯҳи Қурайш ба ташвиқоти зидди Расулуллоҳ (с) то ба ҷое расид, ки чанд нафар ба хонаи Валид ибни Муғира ҷамъ шуданд. Онҳо машварат карданд, то дар шаъни Муҳаммад ба арабҳое, ки  дар мавсими ҳаҷ ба Макка меоянд, сухане бигӯянд. Баъзе пешниҳод намуданд, ки ӯро коҳин гӯянд. Валид инро рад кард ва гуфт, ки суханҳои Муҳаммад на ғур-ғуру сухани зери лаб ва на қофияпардозиҳои коҳин аст. Баъзеи дигар гуфтанд, ки Муҳаммадро маҷнун эълон мекунем. Валид ин таклифро низ рад кард, зеро аз Муҳаммад ягон нишони ҷунун ба назар намерасид. Дигарон ба хаёле омаданд, ки он касро бо сеҳргарӣ муттаҳам кунанд. Валид инро ҳам рад кард ва гуфт, ки Муҳаммад ба гиреҳҳо дам намезанад ва ягон кори соҳиронро низ анҷом намедиҳад.

Баъд аз кашмакашу мунoқишаҳо иттифоқ карданд, ки Муҳаммад (с)-ро ба афсунгарӣ муттаҳам кунанд ва бо ҳамин пароканда шуданд. Сипас дар миёни гурӯҳҳои ҳоҷиён давр зада, онҳоро аз шунидани сухани Муҳаммад (с) метарсониданд ва мегуфтанд, ки ӯ афсунгар аст ва суханҳояш ҳама афсунанд, ки байни марду бародар, модар, падар, зан ва хешовандонашро ҷудо месозад. Ҳар кӣ ба вай гӯш андозад, мумкин аст, ки ба афсун гирифтор гашта, байни ӯ ва аҳли оилааш ҷудоӣ афтад. Лекин ин ташвиқот нафъ надод, дар байни мардум ва даъвати Ислом монеъ нашуд. Пас, онҳо ба пеши Назр ибни Ҳорис рафта, ӯро бар ташвиқоти зидди Расул (с) водор намуданд. Акнун ба ҳар маҷлисе, ки Расулуллоҳ (с) менишастанду ба дини Аллоҳ даъват мекарданд, Назр низ ҳозир мешуд, достонҳои форсҳо ва дини онҳоро ҳикоя мекард ва мегуфт: "Чаро сухани Муҳаммад аз гуфтаҳои ман зеботар бошанд? Оё вай ҳам монанди ман афсонаҳои пешиниёнро намегӯяд?" Қурайш ин суханҳоро дар байни мардум паҳн мекард. Чунончи, овоза карданд, ки суханҳои Муҳаммад аз ҷониби Аллоҳ нестанд, ин суханҳоро ба он кас як

бачаи насронӣ меомӯзад, ки номаш Ҷабр аст. Ин тӯҳматро хеле ривоҷ доданд, то ин ки Аллоҳ онҳоро рад кард ва фармуд:

وَلَقَدْ نَعْلَمُ أَنَّهُمْ يَقُولُونَ إِنَّمَا يُعَلِّمُهُ بَشَرٌ لِّسَانُ الَّذِي يُلْحِدُونَ إِلَيْهِ أَعْجَمِيٌّ وَهَـذَا لِسَانٌ عَرَبِيٌّ مُّبِينٌ

"**Медонем, ки мегӯянд: "Ин Қуръонро башаре ба ӯ меомузад". Забони касе, ки ба ӯ нисбат мекунанд, аҷамист, ҳол он ки ин забони арабии равшанест**". [16:103].

Ҳамин тавр, ташвиқоти Қурайш дар дохили нимҷазира идома ёфт, вале бо ин ҳам қонеъ нашуд. Чун шуниданд, ки мусулмонон ба Ҳабашистон ҳиҷрат намудаанд, ба он ҷо ду вакил фиристоданд, то дар ҳузури Наҷошӣ бар зидди мусулмонон ташвиқот паҳн кунанд ва Наҷошӣ мусулмононро аз он кишвар берун ронад. Ин ду вакил Амр ибни Ос ва Абдуллоҳ ибни Рабеа буданд. Онҳо ба Ҳабашистон расиданд ва ба патриарх2ҳои Наҷошӣ ҳадяҳо доданд, то дар баргардондани мусулмонон ба Макка кӯмак намоянд. Сипас ба назди Наҷошӣ даромада, ба вай гуфтанд: "Эй подшоҳ, як гурӯҳ навҷавонони аблаҳи мо ба кишвари шумо паноҳанда шудаанд. Онҳо дини қавми худро тарк кардаанд ва ба дини шумо ҳам надаромадаанд, балки бо дини навсохтаи худ омадаанд, ки онро на мо намедонем, на шумо. Моро бузургони қавм – падарон, амӯҳо ва хешовандони ин ҷавонон ба ҳузури шумо фиристоданд, то онҳоро ба сӯи қавми худ баргардонед. Зеро бузургонашон аз инҳо бинотар ва кирдори онҳоро донотаранд". Он гоҳ Наҷошӣ хост, то аз мусулмонон бишнавад, ки дар ин хусус чӣ мегӯянд ва ба талаби онҳо одам фиристод. Чун омаданд, аз онҳо пурсид: "Ин кадом дин аст, ки ба сабаби он аз қавми хеш ҷудо шудед, инчунин на ба дини ман ва на ба дини яке аз ин миллатҳо надаромадед?" Дар ҷавоб Ҷаъфар ибни Абӯ Толиб аҳволу сифоти худашонро дар замони ҷоҳилият, сипас ҳидоятеро, ки Ислом овард ва таҳаввулотеро, ки баъди қабули Ислом дар ҳаёти онҳо рух дод, баён намуд. Баъд аз ин дар бораи азобу шиканҷаи мусулмонон аз тарафи Қурайш нақл

кард: "Ҳангоме ки бар мо зӯровариву ситам карданд, фишор оварданд ва дар байни мову динамон монеа шуданд, ба кишвари шумо рӯ овардем, аз миёни дигарон шуморо ихтиёр кардем, паноҳи шуморо хостем ва умед кардем, ки дар ин ҷо ба зулм гирифтор намегардем". Наҷошӣ ба Ҷаъфар гуфт: "Оё бо худ чизе дорӣ, ки Пайғамбаратон аз ҷониби Аллоҳ оварда бошад ва онро бароям бихонӣ?" "Оре", гуфт Ҷаъфар  ва аз аввали сураи "Марям" суханони зерини Аллоҳ Таолоро тиловат кард:

فَأَشَارَتْ إِلَيْهِ قَالُوا كَيْفَ نُكَلِّمُ مَن كَانَ فِي الْمَهْدِ صَبِيًّا قَالَ إِنِّي عَبْدُ اللَّهِ آتَانِيَ الْكِتَابَ وَجَعَلَنِي نَبِيًّا وَجَعَلَنِي مُبَارَكًا أَيْنَ مَا كُنتُ وَأَوْصَانِي بِالصَّلَاةِ وَالزَّكَاةِ مَا دُمْتُ حَيًّا وَبَرًّا بِوَالِدَتِي وَلَمْ يَجْعَلْنِي جَبَّارًا شَقِيًّا وَالسَّلَامُ عَلَيَّ يَوْمَ وُلِدتُّ وَيَوْمَ أَمُوتُ وَيَوْمَ أُبْعَثُ حَيًّا

"**Ба фарзанд ишора кард. Гуфтанд: "Чӣ гуна бо кудаке, ки дар гаҳвора аст, сухан бигӯем" Кудак гуфт: "Ман бандаи Худоям, ба ман китоб дода ва маро пайғамбар гардонидааст. Ва ҳар ҷо, ки бошам, каро баракат дода ва то зиндаам, ба намозу закот васият кардааст. Ва низ некӣ кардан ба модарам. Ва маро гарданкашу бадбахт насохтааст. Салом бар ман, рӯзе, ки зода шудам ва рӯзе, ки мемирам ва рӯзе, ки дигар бор зинда карда мешавам!**"" [19:29-33].

Чун патриархҳо ин суханро шуниданд, гуфтанд: "Ин суханҳо аз он манбаъе сарчашма мегирад, ки суханҳои сайидамон Ясӯи Масеҳ аз он ҷо сарчашма гирифтааст". Наҷошӣ ҳам гуфт: "Ҳароина ин сухан ва он чӣ Исо овардааст, аз мишкоти ягона бармеоянд". Сипас ба ин ду фиристодаи Қурайш рӯ оварду гуфт: "Биравед, ба Худо савганд, ман инҳоро ба шумо намесупорам". Лекин фиристодагон аз ҳузури Наҷошӣ баромада, роҳи дигар андешиданд ва рӯзи дуюм Амр ибни Ос ба ҳузури Наҷошӣ баргашта омад ва гуфт: "Мусулмонон дар ҳаққи Исо ибни Марям сухани зиште мегӯянд. Пас, шумо ба онҳо одам фиристода, бипурсед, ки дар бораи ӯ чӣ мегӯянд". Наҷошӣ

одам фиристод ва аз онҳо дар ин хусус пурсид. Ҷаъфар гуфт: "Мо дар бораи Исо ҳамон чизро мегӯем, ки Пайғамбарамон овардаанд. Эшон мегӯянд, ки Исо банда, пайғамбар, рӯҳ ва калимаи Аллоҳ аст, ки ба Марями дӯшизаи покдоман расондааст". Пас, Наҷошӣ чӯберо гирифта, бо он ба замин хат кашид ва ба Ҷаъфар гуфт: "Байни дини шумову дини мо бештар аз ин хат чизе дигар нест". Пас аз ин фиристодаҳои қурайширо рад кард ва ҳар ду хушку холӣ баргаштанд.

Ҳамин тавр, ҳама услубҳои ташвиқот беҳуда шуданд. Қувваи ҳақиқате, ки аз забони Расул (с) ҳувайдо мешуд ва равшану ошкор ба он даъват мекарданд, бар ҳама ташвиқот олитар гардид. Ҳангоме ки нури Ислом медурахшид, ҳама овозаҳо ва ташвиқотро пахш мекард. Пас, Қурайш силоҳи сеюмро ба кор андохт, ки он силоҳи муқотаа3 буд. Ҳамаи онҳо бар муқотааи Расулуллоҳ (с) ва хешовандони он кас иттифоқ намуда, саҳифае навиштанд. Дар саҳифа ба муқотааи пурраи Банӣ-Ҳошим ва Банӣ-Абдулмутталиб паймон бастанд, ки тибқи ин паймон Қурайш на ба онҳо зан медод ва на аз онҳо зан мегирифт, чизеро на ба онҳо мефурӯхт ва на аз онҳо мехарид. Саҳифаи ин паймонро ба девори Каъба овехтанд, ки ин аҳамияти ҳуҷҷати мазкурро таъкид мекард. Онҳо эътиқод доштанд, ки ин сиёсат – сиёсати муқотаа, нисбат ба шиканҷакунӣ ва ташвиқот бештар таъсир хоҳад гузошт. Қурайшиҳо ин муҳосираро се сол нигоҳ доштанд ва интизор буданд, ки Банӣ-Ҳошим ва Банӣ-Абдулмутталиб Муҳаммад (с)-ро ва мусулмонон Исломро тарк мекунанд, он гоҳ Муҳаммад (с) танҳо монда ё аз даъвати хеш бармегарданд ва ё аз даъваташон бар Қурайш ва диёнати он ҳеҷ хатаре намемонад. Баръакс Расулуллоҳ (с) пас аз ин муқотаа бештар ба ресмони Аллоҳ чанг заданд, дини Аллоҳро маҳкам доштанд ва дар роҳи даъват ба сӯи Аллоҳ далертар гаштанд, салобат ва қуввати мӯъминоне, ки ҳамроҳи Расулуллоҳ (с) буданд, афзуд. Муқотаа роҳи интишори даъватро дар Макка ва берун аз он боздошта натавонист. Хабари муҳосираи Муҳаммад (с) аз тарафи Қурайш ба арабҳои хориҷи Макка расид ва овозаи даъват

дар байни қабилаҳо низ паҳн гашт, зикри Ислом торафт дар нимҷазираи араб ошкоротар шуд, ҳатто корвонҳо ҳам дар бораи он гап мезаданд. Вале муқотаа ва гуруснагузорӣ анҷом наёфта буд, саҳифае, ки Қурайш бар он паймони муқотааро навишта буд, ҳанӯз вуҷуд дошт. Расулуллоҳ (с) ва хешовандонашон берун аз Макка дар дарае паноҳ бурданд, аз гуруснагӣ, маҳрумӣ, мӯҳтоҷӣ ва тангдастиҳои гуногун алам мекашиданд. Бисёр вақтҳо чизе барои нигоҳ доштани рамақи ҷони худ намеёфтанд. Ҳамчунин барои онҳо ҷуз дар моҳҳои ҳаром дигар рухсат набуд, ки бо мардум омезишу гуфтугузор кунанд. Дар ин моҳҳо Расул (с) ба Каъба меомаданд, арабҳоро ба дини Аллоҳ даъват намуда, онҳоро аз раҳмати Аллоҳ мужда ва аз азобу иқоби Аллоҳ бим медоданд ва сипас ба дара бозмегаштанд. Ин ҳолат меҳри арабҳоро нисбат ба мусулмонон бармеангехт, ки баъзе даъваташонро қабул мекарданд, баъзе ба онҳо пинҳонӣ таому шароб мефиристоданд. Ҳишом ибни Амр ба шутур таом ва гандум бор карда, онро нисфи шаб то дара меоварد ва чун ба он ҷо мерасид, лаҷомро аз сари шутур мекашид ва ба паҳлӯи вай мезад, то ки ба дара биравад. Мусулмонон борро мегирифтанд ва шутурро кушта гӯшташро мехӯрданд. Онҳо муддати се соли пайдарпайро бо ҳамин аҳвол гузарониданд, ки ҳатто дунё барояшон танг шуд. Ниҳоят Аллоҳ кушоиш овард ва муҳосираро аз байн бардошт. Ин воқеа чунин шуд, ки панҷ нафар ҷавонмардони қурайшӣ – Зуҳайр ибни Абӯумайя, Ҳишом ибни Амр, Мутъим ибни Адӣ, Абулбахтарӣ ибни Ҳишом ва Замъа ибни Асвад ҷамъ омада, чун дар бораи оқибатҳои саҳифа ва муқотаа гуфтугӯ карданд, дарғазаб шуданд ва  аз он ба якдигар изҳори норозигӣ намуданд. Онҳо ба як фикр омаданд ва барои анҷом додани нақшае, ки ба бекор ва пора-пора сохтани саҳифа мебурд, бо ҳам паймон бастанд. Рӯзи оянда ба сӯи Каъба рафтанд. Зуҳайр омаду Каъбаро ҳафт бор тавоф кард, баъд аз ин ба мардум муроҷиат намуд ва гуфт: "Эй аҳли Макка, оё мо таом бихӯрем ва либос бипӯшем, аммо Банӣ-Ҳошим бо сабаби манъи  харидуфурӯш бо онҳо ҳалок гарданд? Валлоҳ, ки то ин саҳифаи ҷудоиандози ситамгар дарронда нашавад,

ман нахоҳам нишаст". Абӯҷаҳл чун ин суханро шунид, дигар гӯш накард ва ба сӯи вай фарёд зад: "Дурӯғ гуфтӣ, саҳифа дарронда намешавад". Он гоҳ аз ҳар гӯшаи Каъба Замъа, Абулбахтарӣ, Мутъим ва Ҳишом – ҳар як фарёд зада, Абӯҷаҳлро дурӯғгӯ хонданд ва Зуҳайрро дастгирӣ намуданд. Он гоҳ Абӯҷаҳл идрок намуд, ки кор аз даст рафтааст, қавм бар зидди вай созиш кардаанд ва мухолифат бо онҳо бадӣ меоварад. Пас, ҳаросид ва ақибнишинӣ кард. Мутъим барои даррондани саҳифа бархост ва дид, ки кирм, ғайр аз оғози он – "Бисмикаллоҳумма" дигар ҳама ҷояшро хӯрдааст. Бо ҳамин, фурсате фаро расид, ки Расулуллоҳ (с) ва саҳобагон аз дара ба Макка бозгарданд ва муҳосира бекор карда шавад. Пас, ҳама бозгаштанд ва Расул (с) даъватро идома доданд, ҳатто шумори мусулмонон афзуд, инчунин воситаҳои шиканҷа, ташвиқот ва муқотааи Қурайш сипарӣ шуд, аммо натавонист, ки мусулмононро аз дин бароварад ва Расулуллоҳ (с)-ро аз даъваташон баргардонад. Охируламр, Аллоҳ Таоло, бо вуҷуди ҳама гуна монеаву душвориҳо, ин даъватро ғолиб гардонид.

# *ТАЪСИРИ ДАЪВАТ*

Бархӯрди Қурайш бо даъвати исломӣ кори табиӣ буд. Зеро Пайғамбар (с) дар баробари расонидани даъват гурӯҳбандиеро ошкор сохтанд, ки ҳамроҳи он кас рӯирост ва бебокона ба даъват мепардохт. Бар замми ин, даъвати мазкур зотан размхоҳи Қурайш ва ҷомеаи Макка буд, зеро ба тавҳид ва ибодати Аллоҳи ягона, тарки бутпарастӣ ва решакан сохтани низоми фосиде, ки дар он умр ба сар мебурданд, мехонд. Аз ин рӯ, даъват пурра бо Қурайш бархӯрд кард. Расул (с), модом ки пешвоёнашонро ба аблаҳӣ нисбат медоданд, олиҳаҳоро таҳқир ва зиндагонии пасташонро маломат мекарданд, аз василаҳои зиндагонии ситамгаронаашон ба онҳо шикоят мекарданд, пас чӣ тавр метавонистанд, ки бо Қурайш бархӯрд нанамоянд. Вақте ки Қуръон бар Пайғамбар (с) нозил мешавад, ба мушрикон ҳуҷум карда, ошкоро мегӯяд:

إِنَّكُمْ وَمَا تَعْبُدُونَ مِن دُونِ اللَّهِ حَصَبُ جَهَنَّمَ أَنتُمْ لَهَا وَارِدُونَ

"**Шумо ва он чизҳое, ки ғайри Аллоҳ мепарастидед, ҳезумҳои дӯзах ҳастед. Шумо ба дӯзах хоҳед рафт!**" [21:98]

Сипас, бар асосҳои рибохорӣ, ки ба воситаи он зиндагӣ мекарданд, сахт ҳуҷум мекунад. Аллоҳ Таоло дар сураи "Рум" фармуд:

وَمَا آتَيْتُم مِّن رِّبًا لِّيَرْبُوَ فِي أَمْوَالِ النَّاسِ فَلَا يَرْبُو عِندَ اللَّهِ

"**Моле, ки ба рибо медиҳед, то дар амволи мардум афзун шавад, назди Аллоҳ ҳеҷ афзун намешавад**" [30:39].

Касонеро, ки аз паймона ва тарозу кам мекунанд, бим медиҳад. Аллоҳ Таоло фармуд:

وَيْلٌ لِّلْمُطَفِّفِينَ الَّذِينَ إِذَا اكْتَالُواْ عَلَى النَّاسِ يَسْتَوْفُونَ وَإِذَا كَالُوهُمْ أَو وَّزَنُوهُمْ يُخْسِرُونَ

"**Вой бар камфурӯшон, онон, ки чун аз мардум кайл (паймона) меситонанд, онро пур мекунанд ва чун барои мардум мепаймоянд ё бармекашанд, аз он кам мекунанд**" [83:1-3].

Аз ин рӯ, мушрикон ба мухолифат бархостанд, Расул (с) ва саҳобагонро гоҳо бо шиканҷа, гоҳо бо муқотаа, инчунин бо ташвиқоти зидди худи Расулуллоҳ (с) ва зидди динашон озор расонданд. Лекин Расулуллоҳ (с) ба онҳо пайваста ҳуҷум мекарданд, мубориза бо раъйҳои хато, шикастани ақидаҳои фосид ва ҷидду ҷаҳд дар роҳи интишори даъват аз тарафи он кас идома меёфт. Ба Ислом тамоман ошкоро даъват мекарданд, бо вуҷуди озорҳои гуногуни Қурайш ва машаққатҳо ба киноя, ишора, хушомад, фурӯтанӣ, эҳтиёткорӣ ва тамаллуқ роҳ намедоданд. Ҳол он ки як фарди танҳо буданд, на мададкор доштанд, на кӯмакрасон, на омодагӣ ва на силоҳ. Рӯирост ва размҷӯёна ба майдон баромаданд, бо як нерӯмандӣ ва имон ба дини Аллоҳ даъват мекарданд, дар бардоштани душвориҳо ва иҷрои масъулияти бузурги даъват ба он кас ҳеҷ гуна нотавонӣ роҳ намеёфт. Ин ҳама дар пирӯзӣ бар мушкилоте, ки Қурайш миёни Расул (с) ва мардум эҷод мекард, таъсир дошт. Расул (с), дар ҳақиқат, тавонистанд, ки бо мардум алоқа барқарор созанд ва даъватро ба онҳо расонанд. Натиҷаи ин буд, ки одамон ба дини Аллоҳ рӯ меоварданд, қуввати ҳақ бар ботил пирӯз мегашт ва нури Ислом рӯз то рӯз дар байни арабҳо интишор меёфт. Бештари бутпарастон ва насрониён Ислом оварданд, ҳатто пешвоёни Қурайш ҳам ба Қуръон гӯш меандохтанд ва дилҳояшон ба он моил мешуд.

Туфайл ибни Амри Давсӣ ба Макка омад. Ӯ марди шарофатманд, шоир ва бофаросат буд. Мушрикони Қурайш ба пешвозаш шитофтанд, то ӯро аз Муҳаммад бим диҳанд ва бигӯянд, ки "Сухани Муҳаммад монанди сеҳр аст, касро аз аҳли оилааш ҷудо мекунад. Метарсем, то мабодо мусибате, ки дар Макка ба мо расидааст, бар ту ва қавмат бирасад. Беҳтараш бо ӯ ҳамгап нашавӣ ва ба суханонаш гӯш надиҳӣ". Рӯзе Туфайл ба сӯи Каъба рафт, Расулуллоҳ (с) дар он ҷо ҳузур доштанд. Чун Туфайл баъзе суханони зебои он ҳазратро шунид, ба худ гуфт: "Вой модари зорам! Валлоҳ, ки ман марди ҳушманду шоиртабиатам, зеборо аз зишт ҷудо карда метавонам, пас чаро чизе маро аз шунидани гуфтори ин мард боздорад. Агар овардаҳояш зебо бошад, мепазирам ва агар зишт бошад, вомегузорам". Вай аз дунболи Расул (с) то хонаашон рафта, кору розҳои худро ошкор намуд. Он гоҳ Расулуллоҳ (с) ба ӯ Исломро тавзеҳ доданд ва барояш Қуръон тиловат карданд. Пас, ӯ Ислом оварда, аз таҳти дил шаҳодат дод ва ба сӯи қавми хеш бозгашт, то онҳоро ба сӯи Ислом бихонад.

Ҳангоме ки Расул (с) дар Макка буданд, бист нафар аз мардони насоро бо шунидани хабари даъват ба наздашон омаданд. Онҳо бо Расул (с) нишастанд, аз эшон пурсиданд ва гӯш андохтанд, сипас даъватро пазируфта, ба Расул (с) имон оварданд ва тасдиқ намуданд. Ин ҳодиса Қурайшро хашмгин сохт, ки ҳатто онҳоро сарзаниш карданд ва гуфтанд: "Аллоҳ шуморо ноком гардонад! Ҳамкешонатон шуморо барои донистани хабари ин мард фиристоданд, вале ҳанӯз дар сӯҳбати вай дуруст нанишаста, аз баҳри дини худ гузаштед ва суханҳояшро тасдиқ кардед". Гуфтори Қурайш ин ҳайатро аз пайравии Набӣ (с) ва аз Ислом гардонда натавонист, балки имони онҳоро ба Аллоҳ бияфзуд. Бо ҳамин, кори Набӣ (с) боз ҳам ошкортар гашт ва шавқи мардум барои шунидани Қуръон зиёд шуд. Ҳатто душмантарин афроди Қурайш ба худ савол медоданд: "Оё ба ростӣ Муҳаммад ба дини ҳақ даъват мекунад?" "Оё он чизҳое, ки ваъда мекунад ва чизҳое, ки аз онҳо метарсонад, дуруст аст?" Ин пурсуҷӯҳо онҳоро такон дод, ки барои пинҳонӣ

шунидани Қуръон бикӯшанд. Шабе Абӯсуфён ибни Ҳарб, Абӯҷаҳл Амр ибни Ҳишом ва Ахнас ибни Шурайқ барои шунидани Муҳаммад (с) баромаданд. Расулуллоҳ (с) дар хона буданд. Ин се нафар ҳар кадом ба каминҷое нишасту гӯш кард, вале аз якдигар хабар надоштанд. Муҳаммад (с) ҷуз андаке аз шаб бедорӣ кашида, Қуръон тиловат мекарданд. Ин се мушрик оёти Қуръонро шунида, дилу ҷонашон шайдо шуд, то субҳидам хомӯш нишастанд ва ба садои Қуръон гӯш доданд. Сипас ба сӯи хонаҳояшон баргашта, пароканда шуданд, вале дар роҳ бо ҳам дучор омаданд ва якдигарро маломат карда гуфтанд: "Дигар чунин накунед! Зеро агар баъзе бехирадон бубинанд, ин кор сабабгори нотавонӣ дар мубориза мешавад ва Муҳаммад (с) бар шумо пирӯз мегардад". Чун шаби дуюм фаро расид, ҳар яке чунин эҳсос кард, ки пойҳояш ӯро беихтиёр ба самте мебарад, ки дирӯз рафта буд. Ҳар кадом мехоҳад шаб дар ҷое гузарад, ки дишаб он ҷо гузаштааст ва чун Муҳаммад (с) китоби Парвардигорашро тиловат кунад, ба садои вай гӯш андозад. Онҳо субҳидам ҳангоми бозгашт дубора ба ҳам дучор омаданд ва аз нав якдигарро маломат карданд. Маломатҳо рӯзи сеюм ҳам онҳоро аз рафтан бознадошт. Чун дар баробари даъвати Муҳаммад (с) нотавонии худро дарк намуданд, бо ҳам паймон бастанд, ки дигарбора ба ин кор барнагарданд ва бо ҳамин аз рафтан барои шунидани садои Муҳаммад (с) бозистоданд. Лекин он чӣ дар давоми се шаб шуниданд, ба онҳо чунон таъсир расонд, ки раъйи якдигарро дар бораи шунидаҳояшон мепурсиданд. Ҳар кадоме ба изтироб афтода буд ва метарсид, ки ӯ пешвои қавм аст, агар заифӣ кунад, қавм низ заифӣ мекунанд ва ҳама якҷоя пайрави Муҳаммад (с) мешаванд. Ҳамин тавр, бо вуҷуди монеагузориҳои Қурайш даъват дар ҳама ҷо густариш ёфт. Ин вазъият Қурайшро нохуш кард ва пас аз интишори даъват дар Макка, аз доман задани он дар миёни қабилаҳои араб сахт ба тарс афтоданд. Бинобар ин, ба озори Расул (с) ва асҳобашон беш аз пеш даст заданд. Ин мушрикон чунон роҳи бадӣ пеш гирифтанд, ки ҳатто дунё дар назари мусулмонон танг шуд. Пас, Расул (с) бо умеди ба Ислом гаравидани

қабилаи Сақиф ва талаби нусрату кӯмак аз он ба Тоиф рафтанд. Лекин аҳли Тоиф ҷавоби бад доданд ва бо васвасаи онҳо навҷавонону аҳмақони қавм эшонро чунон таҳқир ва сангборон карданд, ки пойҳои муборакашон хуншор гашт. Пайғамбар (с) аз онҳо гурехтанд ва ҳангоми бозгашт дар ангурзори писарони Рабеа: Утба ва Шайба нишаста, дар бораи худ ва даъват ба фикр афтоданд. Зеро дигар ба Макка бидуни ҳимояи яке аз пешвоёни мушрики он ҷо даромада наметавонистанд, ҳамзамон пас аз ин қадар озор дигар имкон надоштанд, ки ба Тоиф бираванд. Дар ин ҷо низ истода наметавонистанд, чунки боғ аз они ду мушрик буд. Андӯҳи Расул (с) шиддат гирифт, он гоҳ сар ба сӯи осмон бардоштанд, дар сахттарин ҳолати алам ва бузургтарин ҳолати умедворӣ ба Аллоҳ, бо талаби ризои Ӯ ба шиква оғоз намуда, чунин дуо карданд:

" اَللّٰهُمَّ إِلَيْكَ أَشْكُو ضَعْفَ قُوَّتِي وَقِلَّةَ حِيلَتِي وَهَوَانِي عَلَى النَّاسِ، يَا أَرْحَمَ الرَّاحِمِينَ أَنْتَ رَبُّ الْـمُسْتَضْعَفِينَ وَأَنْتَ رَبِّي، إِلَى مَنْ تَكِلُنِي، إِلَى بَعِيدٍ يَتَجَهَّمُنِي، أَمْ إِلَى عَدُوٍّ مَلَّكْتَهُ أَمْرِي، إِنْ لَمْ يَكُنْ بِكَ عَلَيَّ غَضَبٌ فَلَا أُبَالِي، وَلٰكِنَّ عَافِيَّتَكَ هِيَ أَوْسَعُ لِي. أَعُوذُ بِنُورِ وَجْهِكَ الَّذِي أَشْرَقَتْ لَهُ الظُّلُمَاتُ، وَصَلُحَ عَلَيْهِ أَمْرُ الدُّنْيَا وَالْآخِرَةِ، مِنْ أَنْ تَنْـزِلَ بِي غَضَبُكَ، أَوْ يَحِلَّ عَلَيَّ سَخَطُكَ، لَكَ الْعُتْبَى حَتَّى تَرْضَى، وَلَا حَوْلَ وَلَا قُوَّةَ إِلَّا بِكَ"

**"Парвардигоро, ба Ту аз сустии қуввату камии тадбирам ва беҳурматӣ дар назди мардум гила мекунам. Эй меҳрубонтарини меҳрубонон, Туӣ Парвардигори нотавонон, Туӣ Парвардигори ман. Маро ба кӣ супоридаӣ, ба он бегона, ки ба ман рӯ турш мекунад ва ё ба душмане, ки ӯро бар корам соҳиб кардаӣ? Агар аз ман дарғазаб набошӣ, дигар парвое надорам, вале офиятат бароям фарохист. Ба нури рӯят, ки зулматҳо бо он дурахшон ва кори дунёву охират ислоҳ гаштааст, паноҳ мебарам, то ки ғазабат бар ман фуруд наояд ва**

**ё аз ман нохушнуд нагардӣ. Ранҷҳоям ба хотири хушнудии Туст. Соҳиби ҳама тавоноӣ ва қувва Туӣ**".

Сипас ба Макка дар зери ҳимояи Мутъим ибни Адӣ баргаштанд. Қурайш чун донист, ки ба Муҳаммад (с) дар Тоиф чӣ рух додааст, ба озори бештар ва набарди сахттар пардохт, мардумро аз шунидани сухани эшон боздошт. Дар натиҷа мушрикони Макка дигар ба Пайғамбар (с) таваҷҷӯҳ накарданд ва аз шунидани суханҳояшон рӯ тофтанд. Вале ин корҳо боиси бозистодани он кас аз даъват ба дини Аллоҳ нагашт. Пайғамбар (с) дар мавсимҳои ҳаҷ худро ба қабилаҳои араб шиносонида, онҳоро ба Ислом мехонданд, дар бораи пайғамбарии худ хабар дода, тасдиқи ин рисолатро талаб менамуданд. Лекин ба дунболи Расулуллоҳ (с) амӯяшон Абдулъуззо ибни Абдулмутталиб – Абӯлаҳаб ҳамеша мегашт ва мардумро барои нашунидани суханони он ҳазрат (с) тарғиб менамуд. Дар асари ин мардум аз шунидан рӯ тофтанд. Пас, Расул (с) ба манзилҳои қабилаҳо равуо карда, худро ба онҳо мешиносонд. Ба манзилҳои Кинда, Калб, Банӣ-Ҳанифа ва Банӣ-Омир ибни Саъсаа омаданд, вале ҳеҷ кадом гӯш надод ва ҳама ҷавоби нохуб гардонд. Хусусан қабилаи Банӣ-Ҳанифа эшонро ба таври хеле зишт рад кард. Аммо Банӣ-Омир бо тамаъи ҳокимият шарт гузошт ва гуфт, ки агар бо ёрии мо пирӯзманд гардед, кор баъд аз шумо ба дасти қабилаи мо мегузарад. Пайғамбар дар ҷавоб гуфтанд: "Кор дар ихтиёри Аллоҳ аст, онро ба ҳар куҷо хоҳад, мегузорад". Пас аз ин ҷавоб онҳо низ рӯ тофтанд ва монанди дигарон эшонро рад карданд. Ҳамин тавр, Макка аз Ислом рӯ гардонд, аҳли Тоиф ҳам аз Расулуллоҳ (с) рӯ тофтанд ва қабилаҳо низ даъвати Расул (с)-ро рад карданд. Қабилаҳое, ки ба Макка ҳаҷ меомаданд, диданд, ки Муҳаммад (с) танҳо ва дар иҳотаи душмании Қурайш дармондаанд. Чунончи ҳар кас ба Муҳаммад (с) ёрӣ диҳад, Қурайш ӯро душман ва рақиби худ медонад. Дар натиҷа бетаваҷҷӯҳӣ афзуд ва Расулуллоҳ (с) аз мардум бештар дар канор монданд. Даъват дар Макка ва атрофи он душвор гашт, ҷомеаи Макка чунон куфру иноди шадид нишон дод, ки дигар дар ин ҷо умедворӣ суст шуд.

# *ДУ МАРҲИЛАИ ДАЪВАТ*

Расул (с) дар Макка ду марҳилаи пайдарпайро тай намуданд: якум – марҳилаи таълиму тарбияи сақофӣ ва омодасозии фикриву рӯҳӣ; дуюм – марҳилаи интишори даъват ва мубориза. Пас, марҳилаи аввал марҳилаи фаҳмондани фикрҳо, дар шахсҳо муҷассам гардонидани онҳо ва бар асоси ин фикрҳо гурӯҳбандӣ намудани шахсҳо аст. Марҳилаи дуюм марҳилаи дар ҷомеа ба нерӯи ҳаракатдиҳанда табдил додани ин фикрҳо мебошад, то ки ҷомеа барои татбиқи фикрҳои мазкур дар майдони ҳаёт ба ҳаракат ояд. Зеро фикрҳо, агар татбиқ нашаванд, ба маълумот табдил меёбанд. Ин маълумот хоҳ дар китобҳо бошад, хоҳ дар хотираҳо фарқе надорад, чунки онҳо дар як ҷо андӯхта мешаванд. Аз ин рӯ, агар афкор дар ҳаёт татбиқ нашаванд, ҳеҷ як қимате надоранд. Барои он ки афкор татбиқ шаванд, бояд марҳилаеро, ки дар байни мардум аз фикр ба қувваи ҳаракатдиҳанда табдил меёбад, тай намояд. Он гоҳ мардум ба фикрҳо бовар мекунанд, онҳоро мефаҳманд, густариш медиҳанд ва дар роҳи татбиқи онҳо мубориза мебаранд. Дар ин сурат, татбиқи афкор ба кори ҳатмӣ ва натиҷаи табиӣ табдил меёбад. Расул (с) даъватро дар Макка дар ин ду марҳила ҳамин тавр ба роҳ монданд. Марҳилаи якум марҳилаи даъвати мардум ба сӯи Ислом, тарбияи мардум бо афкори Ислом, ба онҳо омӯзондани аҳкоми Ислом ва бар асоси ақидаи исломӣ гурӯҳбандӣ кардани онҳое буд, ки гурӯҳбандӣ кардани онҳо имкон дошт. Ин марҳила марҳилаи гурӯҳбандии пинҳонӣ дар даъват буд. Зеро Расул (с) дар роҳи даъват ором намегирифтанд, барои тарбияи фикрии касоне, ки ба Ислом даромадаанд, пайваста мекӯшиданд, онҳоро ба ҳавлии

Арқам ҷамъ меоварданд, барои тарбияи гурӯҳии онҳо дар ҳалқаҳо кас мефиристоданд. Ҳамин тавр, мусулмонон ҳам дар хонаҳо, ҳам дар дараҳо ва ҳам дар хонаи Арқам пинҳонӣ ҷамъ омада, гурӯҳбандӣ мешуданд. Рӯз то рӯз имонашон меафзуд, алоқаҳои онҳо пурзӯртар мегашт ва ҳар рӯз ҳақиқати масъалаи муҳиммеро, ки бар ӯҳда гирифта буданд, бештар дарк менамуданд. Пас, онҳо барои фидо кардани худ дар ин роҳ омода мешуданд, ҳатто ки ниҳоли даъват дар замини ҷонҳо реша гирифт, Ислом дар вуҷуди онҳо монанди хун дар ҷисм равон шуд ва ба Исломи зинда табдил ёфтанд. Бинобар ин, новобаста ба пинҳонкорӣ, нуҳуфтагии гурӯҳбандӣ ва кӯшиши пӯшида доштани ҷамъомадҳо даъват дар қалбҳояшон зиндонӣ нашуд, зеро бо шахсони боваринок ва касоне, ки омодагии онҳоро ба қабули даъват пай мебурданд, дар бораи Ислом ҳарф мезаданд. Аз ин рӯ, мардум даъват ва ҳастии онҳоро ҳис карданд. Бо ҳамин, даъват нуқтаи ибтидоро паймуд ва ногузир буд, ки ба нуқтаи интилоқ, яъне интишорёбӣ гузарад. Пас, барои интишори даъват кӯшишҳо ба вуҷуд омад ва тамоми мардум мавриди хитоб қарор гирифт. Бо ҳамин, марҳилаи якум, яъне марҳилаи гурӯҳбандии пинҳонӣ ва тарбияи сақофӣ, ки ин гурӯҳбандиро таъсис медиҳад, анҷом ёфт. Акнун ба марҳилаи дуюм, ки марҳилаи ҳамкорӣ ва мубориза тавассути ба мардум фаҳмонидани Ислом аст, гузаштан ногузир гашт. Дар ин марҳила мардум ё бо Ислом гуфтугузор мекунанд, онро мепазиранд ва Ислом бо онҳо омезиш меёбад, ё онро рад мекунанд, роҳи душманӣ пеш мегиранд ва ба афкори Ислом бармехӯранд. Дар натиҷаи ин бархӯрд куфру фасод шикаст мехӯрад, имону хубӣ барқарор мегардад ва фикри саҳеҳ ғалаба мекунад. Чунки ақл ҳар қадар худписанд бошад ҳам, наметавонад, ки дар баробари фикри саҳеҳ баста гардад ва онро напазирад, агарчи барои мутаассир нашудан аз он мегурезад. Ҳамин тавр, марҳилаи ҳамкорӣ, якҷоя бо он набарди фикр бо фикр ва набарди мусулмонон бо кофирон оғоз гардид. Ин марҳила аз гурӯҳбандии ҳизбӣ, ҳангоме ки Расул (с) ҳамроҳи саҳобагон бо як тартиби барои арабҳо бесобиқа ва дар

гурӯҳи ягона баромада, Каъбаро тавоф карданд ва корашонро ошкор сохтанд, сар шуд. Аз ҳамин вақт Расул (с) даъватро дар байни мардум тамоман ошкоро, рӯирост ва размҷӯёна нашр мекарданд.

Оятҳо бар Расул (с) дар хусуси даъват ба тавҳид, инкори бутпарастӣ ва ширк, мазаммати ширку бутпарастӣ ва дар хусуси оқибати ҳалокатноки тақлиди кӯркӯронаи падарон ва аҷдодон нозил мешуданд. Ҳамчунин оятҳо бар зидди муомилоти фосид фуруд меомаданд, рибо, тиҷорати фосид ва фиреб дар паймонаву тарозуро мавриди мазаммат қарор медоданд. Расул (с) акнун бо мардум дар бораи Ислом ба таври ҷамоӣ сухан мегуфтанд. Рӯзе қавми худро баҳри таоме ба хона ҷамъ оварда, ба таври ҷамоӣ бо онҳо гуфтугӯ мекунанд, аз онҳо дархост менамоянд, ки Исломро бипазиранд ва он касро дастгирӣ кунанд. Аммо қавм ҷавоби бад медиҳанд. Сипас аҳли Маккаро ба Сафо ҷамъ оварда, бо онҳо гуфтугӯ мекунанд. Он гоҳ пешвоёни Қурайш ба шӯр меоянд ва Абӯлаҳаб ба Расул (с) ҷавоби зишт мегардонад. Хусумати Қурайш, инчунин қабилаҳои дигари араб бо Набӣ – Муҳаммад (с) меафзояд. Ҳамин тавр, даъват ба тарбияи мураккази ҳалқавӣ, ки дар хонаҳо, дараҳо ва ҳавлии Арқам мегузашт, тарбияи ҷамоиро ҳамроҳ мекунад ва аз даъвати касоне, ки омодагии онҳоро ба эътибор мегирифт, ба даъвати оммаи мардум рӯ меорад. Ин даъват ва тарбияи ҷамоӣ ба Қурайш таъсир мекунад. Зеро кинаи вай афзуд ва барои худ хатари наздикро эҳсос намуд. Гарчи пештар ба Муҳаммад (с) ва даъват таваҷҷӯҳ намекард, акнун барои муқовимат қадамҳои ҷиддӣ гузошт. Аз ин рӯ, ба озору азияти Набӣ (с) ва саҳобагон бештар даст зад. Лекин ин даъвати ҷамоӣ ба худи даъват ҳам таъсир расонид. Ҳама мардум калимаи Исломро шуниданд ва даъват ба дини Аллоҳ дар байни тамоми аҳли Макка интишор ёфт. Ҳар рӯз нафаре ба дини Аллоҳ медаромад. Ҳар як бенаво, нотавон, маҳрум имон овард, инчунин ҳамаи касоне имон оварданд, ки тиҷорат ва хариду фурӯш онҳоро аз андеша дар бораи чизҳое, ки Расул (с) даъват менамуданд, ба ғафлат намеандохт. Аз савдогарон,

бузургон ва пешвоёни Макка онҳое имон оварданд, ки нафсҳояшон покӣ, софӣ ва ростиро шинохт, аз якравӣ ва кибру ҳаво озод шуд. Ҳангоме ки ҳақиқати даъват ва сидқи даъваткунандаро дарк намуданд, бединанг ба дини Аллоҳ гаравиданд. Ислом дар Макка паҳн шуд ва мардону занон ба Ислом даромаданд. Гарчи бо сабаби ин даъвати ҷамоӣ аҳли даъват бо азобу машаққат ва таҳаммули озорҳои гуногун рӯбарӯ шуданд, бо таъсири он доираи даъват бештар вусъат пайдо кард. Аз тарафи Расул (с) маҳкум гаштани зулм, бедодгарӣ ва ғуломгардонӣ, ки дар Макка ҳукмрон буд, инчунин фош шудани аҳволу аъмоли кофирон дар дилҳои пешвоёни Қурайш шӯълаи оташи кинаро меафзуд. Байни Расул (с) бо ҳамроҳи саҳобагон аз як тараф ва кофирони Қурайш аз тарафи дигар марҳилаи пурмашаққат ва сангин оғоз шуд. Азбаски аз марҳилаи сақофат ба марҳилаи ҳамкорӣ гузаштан нозуктарин марҳилааст, пухтакорӣ, сабр ва дар коргардонӣ диққатро талаб мекунад. Марҳилаи ҳамкорӣ аз марҳилаҳои сахттарин аст. Бинобар ин, новобаста ба натиҷа ва вазъиятҳо даъвати ошкоро ва размҷӯёнаро мехоҳад. Дар ин марҳила аз ҷониби кофирон барои аз дин баргардонидани мусулмонон фитна рух медиҳад, имон, қуввати таҳаммул ва баъзе ҳақиқати таҳаммул дар нафсҳо намоён мегардад. Ҳамин тавр, Расул (с) ва саҳобагон дар ин марҳила зулм, фишор, сахтӣ ва ранҷҳоеро, ки кӯҳҳои бузург тоби онҳоро надорад, таҳаммул намуда, пеш рафтанд. Баъзе саҳобагон барои наҷот додани дини худ ба Ҳабашистон ҳиҷрат карданд, баъзе дар зери шиканҷа ҷон доданд ва баъзе ба сахттарин намуди озорҳо тоб оварда, муддати зиёд бо ин аҳвол рӯз ба сар бурданд. Ин муддат кифоя кард, ки ҷомеаи Макка аз нури Ислом мутаассир гардад ва зулматҳо дар он пароканда шаванд. Агарчи Расул (с) дар ҳавлии Арқам се сол монданду дар давоми ин се сол марҳилаи аввал – марҳилаи гурӯҳбандии сиррӣ ва тарбияи сақофӣ ба анҷом расид, боз ҳашт соли дигарро бо мубориза гузарониданд (с)ва дар ин марҳила ба одамон мӯъҷизаҳо зоҳир мешуданд). Бо вуҷуди ин, фишори Қурайш барои шиканҷаи мусулмонон суст нашуд ва

ғайрати он дар набарди зидди Ислом кам нагардид. Оре, дар натиҷаи бархўрди мусулмонон бо Қурайш овозаи Ислом ба гўши тамоми мардуми нимҷазираи Араб расид, муҳити даъват ҳама канораҳои нимҷазираро фаро гирифта буд, ки инро ҳоҷиён мерасонданд ва дар бораи он ҳарф мезаданд. Лекин арабҳо ба ин масъала ҳамчун тамошобин менигаристанд ва ба сўи имон як қадам ҳам намегузоштанд, балки барои наранҷондани Қурайш мекўшиданд ва аз Расул (с) дур мешуданд, то ки ин кор боиси хашми Қурайш нагардад. Чунин мавқеи арабҳо бар Расул (с) ва саҳобагон душвор афтод. Акнун маълум шуд, ки қадам гузоштан ба марҳилаи сеюм, яъне марҳилаи татбиқи Ислом ногузир аст. Лекин сангдилии ҷомеаи Макка бар имконияти ин татбиқ далолат намекард. Озори рўзафзун бар мусулмонон имкон намедод, ки барои даъват вақт сарф кунанд, балки байни онҳо ва даъват монеъ мешуд, саркашии мардум аз даъват дарду андўҳашонро меафзуд.

# *ФАРОХГАРДОНИИ ДОИРАИ ДАЪВАТ*

Бадрафтории Қурайш нисбат ба Расул (с) ва мусулмонон чунон афзуд, ки дигар ба ҷон расиданд. Пас аз он ки Расул (с)-ро қабилаи Сақифи Тоиф посухи разилона дод, инчунин ҳангоме ки дар мавсими ҳаҷ худро ба қабилаҳои Кинда, Калб, Бани-Омир ва Бани-Ҳанифа муаррифӣ намуданду посухи манфӣ гирифтанд, дигар ба нусрати қабилаҳо ва ба Ислом ҳидоят ёфтани нафаре аз Қурайш ҳеҷ як умед намонд. Қабилаҳои атрофи Макка ва қабилаҳои дигар, ки аз гӯшаҳои гуногуни сарзамини Араб ҳаҷ меомаданд, диданд, ки Муҳаммад (с) танҳо ва дар зери адовати Қурайш мондаанд ва ҳатто дар натиҷаи ин ҳар як ёрманди Расул (с) ба душман ва рақиби Қурайш табдил меёбад. Бинобар ин, аз он кас бештар рӯ гардонданд. Расул (с) диданд, ки рисолати Парвардигор дар доираи касоне, ки то он рӯз имон овардаанд, бозистодааст, рӯзҳо мегузаранду беш аз пеш дар миёни қавм эҳсоси танҳоӣ мекунанд, адовати Қурайш ва рӯгардонии мардум ҳам авҷ мегирад. Бо вуҷуди ин ҳама Пайғамбар (с) ва саҳобагон, ки дар атрофашон буданд, ҳамеша боварии сахт доштанд, ки Аллоҳ ба пайғамбари худ нусрат хоҳад дод ва дини ӯро бар ҳама динҳо пирӯз хоҳад гардонд. Расул (с), ҳар гоҳ имкон даст медод, даъвати одамонро идома медоданд. Чун мавсими ҳаҷ фаро расиду мардум аз гӯшаву канори нимҷазира ба Макка ҷамъ омаданд, Пайғамбар (с) бо қабилаҳо гуфтушунид оғоз намуданд, онҳоро ба Ислом хонданд, берағбатии қабилаҳоро нисбат ба даъват, рӯгардонӣ ва ё ҷавоби носавоби онҳоро ба эътибор нагирифтанд. Вақте ки Расул (с) ба мардум рисолати Парвардигорро таблиғ мекарданд, дар ин асно баъзе бехирадони

Қурайш иғвогарона ба эшон ранҷу зиён мерасонданд. Ин бадиҳо хушнудӣ ва итминони Расул (с)-ро ба оянда тағйир намедод. Зеро ҳароина Аллоҳ эшонро бо дини Ислом фиристодааст, пас, бешубҳа, ба пайғамбари худ нусрату ёрӣ хоҳад дод ва динашро пирӯз хоҳад гардонд. Пайғамбар вақте ки бо сабаби бозистодани даъват алам кашиданд ва аз дасти Қурайш сахтиву фишор диданд, мунтазири кушоиш аз ҷониби Аллоҳ шуданд. Интизорӣ чандон тӯл накашид, ки аз ҷониби Мадина нахустин нишонаҳои пирӯзӣ падид омад. Воқеа чунин рух дод, ки гурӯҳе аз қабилаи Хазраҷ дар мавсими ҳаҷ ба Макка омаданд. Расул (с) бо ин гурӯҳ вохӯрданд, сӯҳбат ороустанд, онҳоро аҳвол пурсиданд ва ба дини Аллоҳ даъват намуданд. Пас, ба якдигар нигаристанд ва гуфтанд: "Қасам ба Аллоҳ, ин ҳамон набӣ аст, ки яҳудон ба шумо ваъда мекарданд, магузоред, ки онҳо қабл аз шумо ӯро ба даст оранд". Ҳамин тавр, онҳо даъвати Расул (с)-ро пазируфта, ба Ислом даромаданд ва гуфтанд: "Мо қавми худ (яъне Авс ва Хазраҷ)-ро гузоштаем, ҳеҷ қавме монанди қавми мо ба якдигар адовату бадӣ надорад. Шояд ки Аллоҳ онҳоро бо сабаби шумо сарҷамъ созад. Агар Аллоҳ онҳоро дар атрофи шумо гирд оварад, пас, ҳеҷ марде аз шумо арҷмандтар нахоҳад буд". Ин гурӯҳ ба Мадина баргаштанд ва аз Исломи худ ба қавм гуфтанд, он гоҳ барои дини нав қалбҳои кушода ва ҷонҳои ташнаро фароҳам сохтанд, ки ҳатто дар ҳар як хонадони Авс ва Хазраҷ Муҳаммад (с)-ро ба ёд меоварданд.

## *БАЙЪАТИ ЯКУМИ АҚАБА*

Чун як сол гузашту мавсими ҳаҷ фаро расид, аз аҳли Мадина дувоздаҳ мард ба ҳаҷ омада, дар Ақаба бо Набӣ (с) вохӯрданд ва ба эшон байъати якуми Ақабаро доданд. Онҳо бо Расул (с) байъат карданд, ки ҳеҷ яке ба Аллоҳ чизеро шарик наорад, дуздиву зино накунад, фарзандони худро накушад, бӯҳтон назанад, дар корҳои маъруф нофармонӣ накунад. Ҳар касе агар ба ин аҳд вафо кунад, аҳли ҷаннат хоҳад шуд ва агар яке аз ин аҳдҳоро шиканад, ҳаволаи кораш ба Аллоҳ аст, хоҳад ӯро азоб медиҳад, хоҳад мебахшад. Баъд аз он ки байъатро ба итмом расониданд ва мавсими ҳаҷ ҳам анҷом ёфт, ба Мадина бозгаштанд.

# *ДАЪВАТ ДАР МАДИНА*

Ибни Исҳоқ гуфтааст: "Чун қавм аз он ҷо раҳсипор шуд, Расулуллоҳ (с) ҳамроҳи онҳо Мусъаб ибни Умайрро фиристоданд ва фармуданд, ки барои онҳо Қуръон бихонад, Исломро таълим диҳад ва аҳкоми динро биомӯзонад. Бинобар ин, Мусъабро дар Мадина "муқриъ", яъне "омӯзгори Қуръон" меномиданд. Вай дар хонаи Асъад ибни Зурора истиқомат мекард. Мусъаб ба хонаҳо ва қабилаҳои мардум рафта, онҳоро ба Ислом даъват мекард ва барояшон Қуръон мехонд. Дар натиҷа одамон яктову дуто мусулмон шуданд, ки ҳатто Ислом пурзӯр гашт ва ғайр аз баъзе хонадони қабилаи Авс – Хутама, Воил ва Воқиф ҳама хонадони ансориёнро фаро гирифт. Мусъаб барои онҳо Қуръон мехонд ва таълим медод. Ҳамин тавр, ба Расулуллоҳ (с) мактуб навишт ва барои адои намози ҷумъа бо ҳамроҳи мардум дастурӣ хост. Расулуллоҳ (с) барояш дастурӣ дода, чунин нома навиштанд: "Аммо баъд, пас, рӯзеро бингар, ки дар он яҳудон барои шанбеи худ бо овози баланд Забур мехонанд... Вақте ки рӯз аз нисф мегузарад, бо ду ракаат намоз ба Аллоҳ қурбат ҷӯед ва ба онҳо хутба бихон". Мусъаб бо онҳо, ки дувоздаҳ мард буданд, дар ҳавлии Саъд ибни Хайсама намози ҷумъа гузорид. Он рӯз барояшон фақат як гӯсфанд куштанд. Бинобар ин, дар таърихи Ислом Мусъаб нахустин касест, ки намози ҷумъа гузоридааст. Мусъаб мудом дар миёни мардуми Мадина мегашт, онҳоро ба Ислом даъват мекард ва таълим медод. Рӯзе Асъад ибни Зурора ва Мусъаб ибни Умайр ба сӯи маҳаллаи Банӣ-Абдулашҳал ва Банӣ-Зуфар раҳсипор шуданд, (Саъд ибни Муоз писархолаи Асъад ибни Зурора буд), пас, ба як тавора4, яъне

боғҳои Банӣ-Зуфар даромаданд. Ин боғ бар сари як чоҳ қарор дошт, ки онро "Марақ" меномиданд. Ҳар ду дар боғ нишастанд ва касоне, ки мусулмон шуда буданд, дар атрофи онҳо ҷамъ омаданд. Саъд ибни Муоз ва Усайд ибни Ҳузайр ҳамон вақт сайидони қавми Банӣ-Абдулашҳал, мушрик ва бар дини қавми хеш буданд. Ҳангоме ки онҳо ташрифи Мусъабро шуниданд, Саъд ибни Муоз ба Усайд ибни Ҳузайр гуфт: "Эй падарзода, ба сӯи ин ду мард, ки барои аҳмақ кардани нотавонони мо омадаанд, ту бирав, онҳоро пеш кун ва магузор, ки дигар ба маҳаллаи мо биёянд. Зеро агар бо Асъад ибни Зурора хешовандӣ намедоштам, ба назди онҳо худам мерафтам, чунонки медонӣ, вай писархолаи ман аст, ҳоло ман назди вай рафта наметавонам". Усайд ибни Ҳузайр найзаашро гирифта, ба сӯи онҳо равона шуд. Чун Асъад ибни Зурора ӯро дид, ба Мусъаб гуфт: "Ин хоҷаи қавм аст, ки ба сӯи ту омада истодааст, пас, дар назди ӯ ба ҳастии Аллоҳ гувоҳӣ бидеҳ". Мусъаб гуфт: "Агар нишинад, бо ӯ гуфтугӯ хоҳам кард". Усайд дар назди онҳо рост истода, лаб ба дашном кушод ва гуфт: "Магар омадед, ки нотавонони моро аҳмақ кунед? Агар хоҳед, ки зинда монед, аз ин ҷо дур шавед". Мусъаб ба вай гуфт: "Чӣ мешавад, ки нишинӣ ва сухани маро шунавӣ, агар чизе ба ту писанд ояд, бипазирӣ ва агар нохуш ояд, вогузорӣ". Усайд гуфт: "Инсоф кардӣ". Пас, найзаашро ба замин халонду ба пеши онҳо нишаст. Мусъаб ба вай дар бораи Ислом сухан гуфт ва барояш Қуръон хонд. Мусъаб ва Асъад, чунонки аз онҳо зикр шудааст, гуфтанд: "Валлоҳ, пеш аз он ки сухан гӯяд, аз кушодарӯиву нармӣ дар чеҳраи вай Исломро пай бурдем". Сипас, Усайд гуфт: "Ин қадар каломи хушу зебо! Агар хоҳед, ки ба ин дин дароед, чӣ кор мекунед?" Ин ду гуфтанд: "Ғусл мекунӣ, бадану либосатро пок месозӣ, сипас аз таҳти дил калимаи шаҳодатро ба забон меорӣ ва ду ракаат намоз мегузорӣ". Усайд бархост, ғусл кард, либосашро покиза гардонид, калимаи шаҳодат ба забон ронд ва он гоҳ бархоста ду ракаат намоз гузорид. Сипас ба онҳо гуфт: "Дар паси ман марде ҳаст, ки агар ба шумо пайравӣ кунад, ба ӯ ҳама қавмаш бедиранг пайравӣ хоҳанд кард. Ман бо зудӣ ба назди шумо Саъд

ибни Муозро мефиристам". Баъд найзаашро гирифт ва ба сӯи Саъду қавми ӯ, ки дар маҷлисгоҳи худ менишастанд, раҳсипор шуд. Чун Саъд ибни Муоз аз пешорӯ ба Усайд нигоҳ афканд, гуфт: "Ба Аллоҳ қасам, Усайд ибни Ҳузайр ба сӯи шумо бо чеҳрае меояд, ки на бо он аз наздатон рафта буд". Вақте ки Усайд ба маҷлисгоҳ расид, Саъд ба вай гуфт: "Чӣ кор кардӣ?" Усайд гуфт: "Бо ду мард ҳамсӯҳбат шудам, дар онҳо ҳеҷ бадие надидам. Ман онҳоро боздоштам". Онҳо гуфтанд: "Ҳар он чӣ бихоҳӣ, мекунем. Шунидам, ки қавми Банӣ-Ҳориса барои куштани Асъад ибни Зурора баромадаанд. Гарчи медонанд, ки ӯ писархолаат аст, бо ту мақсади паймоншиканӣ доранд". Саъд аз хабаре, ки дар бораи Банӣ-Ҳориса шунид, хавф бурда, бо ғазаб ва шитоб бархост, пас, найзаро аз дасти Усайд гирифт ва гуфт: "Ба Худо, мебинам, ки коре аз дастат наомад". Ҳамин тавр, ба сӯи онҳо раҳсипор шуд. Чун Саъд ҳар дуро осуда дид, мақсади Усайдро, ки мехост худи Саъд аз онҳо сухан шунавад, пай бурд. Ҳамин тавр, бар сари онҳо рост истод ва лаб ба сухани носазо кушод. Сипас ба Асъад ибни Зурора гуфт: "Эй Абӯамома, агар дар миёни ману ту хешовандӣ намебуд, ман ба ту дигаргуна сухан мегуфтам. Чаро чизеро, ки мо онро намеписандем, ба хонаҳои мо меоред?" Асъад пештар ба Мусъаб гуфта буд: "Эй Мусъаб, валлоҳ, ба наздат хоҷае омад, ки аз пушти худ қавме дорад. Агар вай ба ту пайравӣ кунад, ҳатто ду нафар аз он қавм ҳам аз пайравии ту дер нахоҳанд монд". Бинобар ин, Мусъаб ба Саъд гуфт: "Чӣ мешавад, ки биншиниву бишунавӣ? Агар коре писандат ояду бар он рағбат кунӣ, мепазирӣ ва агар писандат наояд, мо кори нописандро аз ту дур хоҳем кард". Саъд гуфт: "Инсоф кардӣ". Пас, найзаро ба замин зад ва нишаст. Ба вай Исломро пешкаш намуданд ва барояш Қуръон хонданд. Онҳо гуфтанд: "Валлоҳ, пеш аз он ки сухан гӯяд, аз кушодарӯиву нармӣ дар чеҳраи вай асари Исломро пай бурдем". Сипас барояшон гуфт: "Ҳангоме ки шумо Исломро мепазиред ва ба ин дин медароед, чӣ кор мекунед?" Онҳо гуфтанд: "Ғусл мекунӣ, бадану ҷомаатро пок месозӣ, пас аз таҳти дил калимаи шаҳодатро ба забон меорӣ, сипас ду ракаат намоз мегузорӣ". Пас, ӯ бархоста

ғусл кард, ҷомаашро пок сохт, калимаи шаҳодатро ба забон ронд ва ду ракаат намоз гузорид. Баъд аз он найзаашро гирифта, ҳамроҳи Усайд ибни Ҳузайр ба сӯи маҷлисгоҳи қавми худ роҳ пеш гирифт. Чун қавм диданд, ки меояд, гуфтанд: "Ба Худо қасам, ҳароина Саъд ба сӯи шумо на бо он рӯй баргашт, ки бо он аз наздатон рафта буд". Чун дар назди онҳо қарор гирифт, гуфт: "Эй Банӣ-Абдулашҳал, мартабаи маро дар миёни худ чӣ гуна арзёбӣ мекунед?" Гуфтанд: "Ту хоҷа, беҳтарин андешаманд ва пешвои бобаракати мо ҳастӣ". Гуфт: "То ба Аллоҳ ва Расулаш имон наоваред, бо мардону занонатон сухан гуфтан бароям ҳаром аст". Мусъаб ва Асъад гуфтанд: "Қасам ба Аллоҳ, дар хонаводаи Банӣ-Абдулашҳал ягон мард ё зане намонд, ки мусулмон нашуда бошад. Мусъаб ба хонаи Асъад ибни Зурора бозгашт. Ӯ дар хонаи Асъад истиқомат карда, мардумро ба сӯи Ислом мехонд, ҳатто ҳеҷ ҳавлии ансориён бе ягон мард ва ё зани мусулмон намонд. Мусъаб дар Мадина муддати як сол ҳамроҳи қабилаҳои Авс ва Хазраҷ мондагор шуд, ба онҳо аҳкоми динро меомӯхт ва кӯшиши беш аз пеши ансориёнро барои фармони Аллоҳ ва калимаи ҳақ дида, хушҳол мегашт. Мусъаб ибни Умайр (р) талош мекард, ки бо одамон робита барқарор созад ва ба онҳо даъвати Аллоҳро бирасонад. Бо ин мақсад дарҳои мардумро мекӯфт, ба саҳроҳо баромада, бо деҳқонон дар киштзорҳо вомехӯрд, онҳоро ба Ислом даъват мекард. Бо пешвоён рӯбарӯ истода, онҳоро ба дини Аллоҳ мехонд. Вай ҳаракатҳои мақсаднок анҷом медод. Чунончи Асъад ибни Зурораро воситаи пайвастшавӣ бо мардум қарор дод, то ки ба онҳо садои ҳақро бишнавонад. Ҳамин тавр, Мусъаб дар муддати як сол тавонист, ки афкори аҳли Мадинаро аз бутпарастии аҳмақона ва дарёфтҳои хато "ба тавҳиду имон ва дарёфтҳои исломӣ" чунон тағйир диҳад, ки аз ширк ба хашм ва аз костани паймонаву тарозу ба нафрат оянд. Инак, кӯшиши Мусъаб ва ҳамроҳони мусулмони вай Мадинаро дар як сол аз ҳолати ширк ба ҳолати Ислом баргардонид.

# *БАЙЪАТИ ДУЮМИ АҚАБА*

Байъати якуми Ақаба хайру баракат буд. Зеро касоне, ки Исломро пазируфтанд, бо вуҷуди камии шумора, кифоя шуд, ки як нафар аз асҳоби Расул (с), яъне Мусъаб ҳамроҳи онҳо Мадинаро тағйир диҳад, афкору дарёфтҳои (афкору шуури) мавҷудаи ҷомеаро дигаргун созад. Гарчанде пайравони Ислом дар Макка шумори бештарро ташкил медод, вале оммаи мардум аз онҳо ҷудо буд. Чунки ҷамоатҳо имон наоварданд, ҷомеа аз афкору дарёфтҳои исломӣ мутаассир нашуд. Бар хилофи ин дар Мадина оммаи мардум ба Ислом даромад, ҷомеа аз Ислом, афкору дарёфтҳои исломӣ мутаассир шуд. Ин чиз ошкоро далолат мекунад, ки агар фардҳо аз ҷомеа ва аз оммаи мардум ҷудо шаванд, ҳарчанд пурзӯр бошанд ҳам, имони онҳо на дар ҷомеа ва на дар омма таъсир пайдо мекунад. Агар алоқаҳои ҷории миёни мардум ба воситаи афкору дарёфтҳо мутаассир шавад, бо вуҷуди камии шумораи даъваткунандагон, дигаргунӣ ва тағйиротро ба бор меорад. Ин чиз боз далолат мекунад, ки агар ягон ҷомеа, монанди ҷомеаи Макка дар куфр шах шуда бошад, нисбат ба ҷомеае, ки монанди ҷомеаи Мадина дар он раъйҳои фосид мавҷуданду ҳукмрон нестанд, бо душвории бештар мутаассир мешавад. Бинобар ин, ҷомеаи Мадина нисбат ба ҷомеаи Макка бо Ислом бештар мутаассир гашт. Мардуми Мадина нодурустии афкори худро дарк мекарданд ва афкору низоми зиндагии дигарро меҷустанд. Дар айни замон ҷомеаи Макка, хусусан сарварони куфр, чун Абӯлаҳаб, Абӯҷаҳл ва Абӯсуфён аз афкори худ қаноатманд ва хоҳишманди ашаддии

бақои он буданд. Бинобар ин, вақте ки Мусъаб як муддати кӯтоҳ дар Мадина истод ва таваҷҷӯҳу рағбати мардумро дид, онҳоро ба сӯи Ислом хонд ва бо афкору аҳкоми Ислом тарбия кард. Чун қабули босуръати даъватро пай мебарад, рағбати мардумро ба Ислом ва фаҳмидани аҳкоми он мушоҳида мекунад, хеле хушнуд мешавад. Афзоиши шумори мусулмонон ва пурзӯршавии Исломро дар Мадина дида, ба шавқ меояд, дар роҳи таълим ва интишори даъват фаъолияташ афзун мегардад. Ниҳоят, ҳангоме ки мавсими ҳаҷ фаро расид, ба Макка баргашта, ба Расулуллоҳ (с) ахбор ва қуввати мусулмононро, навгониҳо ва интишори рӯзафзуни Исломро бозгӯ кард. Дар баёни вазъияти ҷомеаи Мадина гуфт, ки онҳо фақат дар бораи Расул (с) сӯҳбат мекунанд, муҳити ҷомеаро Ислом фаро гирифтааст, қувват ва иззати мусулмонон то ҷое расидааст, ки Исломро бар ҳама чиз ғолиб гардондааст, худи ҳамин сол ба ҳузури Расулуллоҳ (с) баъзе мусулмононе хоҳанд омад, ки ба Аллоҳ имони азим, барои таблиғи рисолати Аллоҳ ва дифои дини Аллоҳ омодагӣ доранд. Бинобар ин, Набӣ (с) аз ахбори Мусъаб хеле хурсанд шуданд, дар бораи кор ба андешаи тӯлонӣ рафтанд ва ҷомеаи Маккаро бо ҷомеаи Мадина муқоиса карданд. Зеро Расул (с) дар Макка дувоздаҳ соли пайдарпайро бо даъват ба сӯи Аллоҳ сипарӣ намуданд, кӯшиши худро дар ин ҷода дареғ надоштанд, ҳеҷ фурсатеро аз даст надода, то қадри имкон тамоми зӯру тавони хешро сарф намуданд ва ҳама намуди озорро таҳаммул карданд. Бо вуҷуди ин, азбаски аҳли Макка сахтдилу дуруштхӯ ва ақлҳояшон бо афкори кӯҳна карахт буд, ҷомеа сангеро мемонд, ки аз ғояти сахтӣ даъват ба он роҳ намеёфт. Дар асари сирояти ширки бутпарастӣ ба қалбҳои аҳли Макка – маркази асосии бутпарастӣ, ҷомеаи он хушк ва барои қабули даъват заиф гашта буд. Аммо ҷомеаи Мадина аз он тамоман фарқ дошт. Гузашти як сол аз Исломи чанд нафар хазраҷӣ, сипас байъати дувоздаҳ мард ва кӯшиши яксолаи Мусъаб ибни Умайр кифоя шуд, ки дар Мадина муҳити исломӣ ба вуҷуд ояд ва мардум бо ин суръати ҳайратовар ба дини Аллоҳ дароянд. Агар дар Макка илова бар озору бадиҳои Қурайш ба мусулмонон рисолати

Аллоҳ дар доираи шахсоне, ки Ислом оварданд, бозистода бошад, дар Мадина рисолати Аллоҳ бо суръат паҳн шуд ва мусулмонон аз тарафи яҳудону мушрикон озоре надиданд. Ин гуна шароит Исломро ба дилҳои одамон ҷо мекард ва барои мусулмонон роҳ мекушод. Аз ин лиҳоз, барои Расулуллоҳ (с) равшан гашт, ки Мадина нисбат ба Макка барои даъвати Ислом шоистатар ва ҷомеаи Мадина барои тулӯи бештари нури Ислом нисбат ба ҷомеаи Макка муносибтар будааст. Бинобар ин, Пайғамбар (с) дар хусуси ҳиҷрати худ ва ҳиҷрати саҳобагони киром ба сӯи бародарони мусулмон ба Мадина андеша карданд, то дар назди онҳо осоиш ёбанд, аз озори Қурайш эмин бимонанд, барои даъват фориғ шаванд ва ба марҳалаи амалии даъват, ки марҳилаи татбиқи Ислом ва интишори рисолати он бо қуввати давлату салтанат мебошад, гузаранд. Сабаби ба Мадина ҳиҷрат кардан ҳамин буд, на чизи дигар.

Бояд ҳаминро ба эътибор гирифт, ки сабаби андешаи Расулуллоҳ (с) дар бораи ҳиҷрат аз Макка тоб наовардан ба душвориҳои роҳи даъват ва кӯшиш барои бартараф сохтани ин душвориҳо набуд. Зеро Пайғамбар (с) дар Макка даҳ сол сабр карданд, ҳол он ки фикрашон дар хусуси даъват тағйир наёфт, дар роҳи даъват ҳамроҳи пайравонашон ба даҳшатҳо рӯбарӯ гаштанд, вале бадкирдориҳо ва муқовимати Қурайш заррае азму иродаи он касро сусту заиф нагардонд, балки имони эшонро ба даъвате, ки аз ҷониби Парвардигор расида буд, афзуд, яқинашонро ба нусрати Аллоҳ дучандон босалобату босубот гардонид. Лекин Пайғамбар (с) баъди ин таҷрибаҳо диданд, ки пастфикрии ҷомеаи шахшудаи Макка, табиати дурушт ва залолате, ки онро фаро гирифтааст, умедро ба ин ҷомеа суст мегардонад ва идомаи таҷриба дар роҳи даъвати он заҳмати беҳуда хоҳад буд. Бинобар ин, ба сӯи ҷомеаи дигар бояд рӯ овард. Аз ин рӯ, Пайғамбар (с) дар хусуси аз Макка ҳиҷрат намудан ба андеша афтоданд. Ҳамин омил эшонро водор сохт, ки дар бораи ҳиҷрат ба Мадина фикр кунанд, на озоре, ки ҳам ба худи он кас ва ҳам ба асҳобашон расидааст. Оре, Расул (с) ба

саҳобагон фармуда буданд, ки аз озор гурехта, ба Ҳабашистон ҳиҷрат кунанд. Зеро ҷоиз аст, ки мӯъминон аз маконҳои фитна барои нигаҳдории динашон ҳиҷрат кунанд. Озор имонро пурзӯр мекунад, ситам ихлосро шӯълавар месозад, муқовимат азму иродаро устувор мегардонад, имон соҳиби худро тавоне мебахшад, ки қурбон шудани ҳама чиз – мол, обрӯ, роҳат, ва ҳаётро ҳеҷ мешуморад. Оре, имон ба Аллоҳ мӯъминро чунон нерӯ мебахшад, ки худро дар роҳи Аллоҳ бо хушнудӣ фидо мекунад, лекин озор ва қурбониҳои пайваставу бардавом мӯъминро аз он андешаи нозук, ки уфуқи биноиро фарох ва идроки ҳақиқатро қавиву амиқ мегардонад, ба сӯи сабр дар озорҳо ва қурбонкунӣ барметобад. Бинобар ин, аз ҷойҳои фитна ҳиҷрат кардани мӯъминон зарур буд. Ин масъала ба ҳиҷрати мусулмонон ба Ҳабаша мувофиқ меояд. Аммо ҳиҷрати мусулмонон ба Мадина бо мақсади имкони гузариш ёфтан ба ҳолате буд, ки ин ҳолат рисолати онҳоро дар ҷомеаи нав зинда созад ва барои олӣ гардонидани калимаи Аллоҳ дар рӯи замин суръат бахшад. Аз ин рӯ, вақте ки Ислом ба Мадина омад ва ба таври васеъ интишор ёфт, Расул (с) ба чунин фикр омаданд, ки саҳобагонро барои ҳиҷрат ба Мадина амр кунанд. Вале пеш аз амри ҳиҷрати саҳобагон ба Ясриб ва тасмим гирифтан дар хусуси ҳиҷрати худашон зарур буд, ки ҳоҷиёни Мадинаро, мусулмононеро, ки ба ҳаҷ меоянд, дараҷаи омодагии онҳоро барои ҳимояи даъват ва барои фидокорӣ дар роҳи Ислом бубинанд. Инчунин бояд бидонанд, ки оё онҳо ба Расул (с) байъати ҳарбӣ – байъати ҷанг, ки барои таъсиси Давлати Исломӣ пойдевор ба шумор меравад, медиҳанд? Бинобар ин, ҳоҷиёнро интизор шуданд. Ин ҳодиса дар соли дувоздаҳуми биъсат5 мувофиқ ба соли 622 милодӣ рӯй дода буд. Воқеан, ҳоҷиён бисёр буданд ва дар байни онҳо ҳафтоду панҷ мусулмон, аз ҷумла ҳафтоду се мард ва ду зан ҳузур дошт. Яке аз занҳо аз қабилаи Банӣ-Мозин ибни Наҷҷор Насиба бинти Каъб – Уммуаммора ва дигаре аз қабилаи Банӣ-Салама Асмо бинти Амр ибни Адӣ – Уммуманеъ буд. Пас, Расулуллоҳ (с) бо онҳо пинҳонӣ вохӯрданд ва гуфтанд, ки акнун байъати дуюм бо даъват ва бо сабр

кардан дар озорҳо маҳдуд намешавад, балки доираи он васеътар аст. Байъати мазкур барои ташкили қувваест, ки бо ёрии он қувва мусулмонон худро ҳимоя хоҳанд кард. Кор аз ташкили ин қувва ҳам боз фаротар мегузарад ва ташкили асосеро дарбар мегирад, ки он дар таъсиси Давлати Исломӣ пойдевор ва рукни аввалин ба ҳисоб меравад. Ин давлат Исломро дар ҷомеа татбиқ намуда, онро ҳамчун рисолати оламшумул (умумиҷаҳонӣ) ба тамоми инсоният мерасонад, ҳамроҳи худ нерӯеро низ мебарад, ки Исломро ҳимоя мекунад ва ҳар як монеаи моддиро аз роҳи нашр ва татбиқи он бартараф месозад. Пайғамбар (с) бо онҳо дар ин хусус сӯҳбат карданд ва омодагии хуби онҳоро донистанд. Пас, онҳоро ваъда доданд, ки рӯзҳои миёнаи "айёми ташриқ"6 нисфи шаб дар Ақаба бо ҳам мулоқот хоҳанд кард. Ба онҳо гуфтанд: "Хобҳоро бедор накунед ва ғоибонро интизор нашавед". Рӯзи муайяншуда баъди гузаштани сеяки аввали шаб онҳо аз ҷойгоҳҳои худ пинҳонӣ, аз тарси ошкор шудани корашон бо ошуфтагӣ ба сӯи Ақаба рафтанд ва ҳама ба кӯҳ баромаданд, ҳамроҳи онҳо ду зан ҳам баромад ва дар интизори Расулуллоҳ (с) нишастанд. Пайғамбар (с) ҳамроҳи амӯяшон Аббос омаданд. Аббос он вақт Ислом наоварда буд, вале танҳо бо он мақсад омад, ки барои бародарзодаи худ аҳди эътимоднок бигирад. Сухани аввалро ӯ оғоз кард ва гуфт: "Эй ҷамоаи Хазраҷ, чӣ тавре ки медонед, Муҳаммад аз қавми мост ва мо ӯро аз касоне ҳимоя кардем, ки дар борааш монанди мо раъй доранд. Ӯ дар назди қавми худ соҳиби иззат ва дар шаҳри худ дар зери ҳимоят аст. Ӯ қарор кард, ки ба шаҳри шумо биравад ва бо шумо бипайвандад. Агар бовар доред, ки бар ин ваъдаи хеш вафо мекунед ва ӯро аз мухолифонаш ҳимоя менамоед, шумо бо аҳли худ мешавед, вале баъд аз он ки ба сӯи шумо меравад, ӯро ба мухолифон супоред ва беёрӣ гузоред, пас, аз ҳозир раҳояш кунед". Вақте ки онҳо сухани Аббосро шуниданд, ба вай гуфтанд: "Гуфтаҳои туро шунидем". Сипас гуфтанд: "Бифармоед, ё Расулаллоҳ, он чиро, ки барои худатон ва барои Парвардигоратон

мехоҳед, бигиред". Расулуллоҳ (с) дар ҷавоб баъд аз тиловати Қуръон ва тарғиб ба Ислом гуфтанд:

"أُبَايِعُكُمْ عَلَى أَنْ تَمْنَعُونِي مِمَّا تَمْنَعُونَ مِنْهُ نِسَاءَكُمْ وَأَبْنَاءَكُمْ"

"**Аз шумо бинобар он байъат мегирам, ки аз ҳар чӣ занону фарзандонатонро ҳимоя мекунед, маро низ ҳимоя кунед**".

Он гоҳ Бароъ барои байъат намудан бо Расулуллоҳ тибқи ҳамин аҳд даст дароз кард ва гуфт: "Аз мо байъат бигиред, ё Расулаллоҳ, қасам ба Аллоҳ, ки мо ҷангозмудаву марди майдонем ва онро аз падару бобоёнамон мерос гирифтаем". Пеш аз он ки Бароъ сухани худро ба охир расонад, Абӯлҳайсам ибни Тайҳон ба вай эътироз карда гуфт: "Ё Расулаллоҳ, мо бо мардумон, яъне яҳуд робита (паймон)-ҳое дорем ва албатта онро қатъ хоҳем кард. Оё ин эҳтимол вуҷуд дорад, ки агар мо чунин кунем, сипас Аллоҳ шуморо ғолиб гардонад, он гоҳ ба назди қавми хеш баргардед ва моро вогузоред?" Расулуллоҳ (с) табассум карданд ва фармуданд:

" بَلِ الدَّمَ الدَّمَ وَالْهَدْمَ الْهَدْمَ أَنَا مِنْكُمْ وَأَنْتُمْ مِنِّى أُحَارِبُ مَنْ حَارَبْتُمْ وَأُسَالِمُ مَنْ سَالَمْتُمْ"

"**На, балки хун ба хун, ҷанг ба ҷанг, ман аз шумоям ва шумо аз ман ҳастед, ҳар кӣ бо шумо биҷангад, ман бо вай меҷангам, ҳар кӣ бо шумо сулҳ кунад, ман бо вай сулҳ хоҳам кард**".

Қавм хост, ки ба байъат шурӯъ намояд, аммо Аббос ибни Убода ба онҳо эътироз карда гуфт: "Эй ҷамоаи Хазраҷ, оё медонед, ки аз баҳри чӣ ба ин мард байъат медиҳед? Ҳар оина шумо ба эшон байъат медиҳед, ки бо мардумони сурху сиёҳ хоҳед ҷангид. Фикр кунед, ки агар рафту молҳоятон ба мусибате гирифтор шавад ва ё хешовандонатон ба қатл бирасанд, он гоҳ ин мардро ба душман супоред, беҳтараш, аз ҳозир ӯро раҳо созед. Зеро қасам ба Аллоҳ, ки чунин кор, шармандагии дунёву охират аст. Агар бовар доред, ки бо вуҷуди аз даст рафтани мол ва кушта шудани хешовандонатон ба

ваъда вафо хоҳед кард, пас, байъат бидиҳед, ки ин кор, қасам ба Аллоҳ, хайри дунёву охират аст". Қавм дар ҷавоб гуфтанд: "Мо бо вуҷуди фалокати мол ва ҳалокати хешовандонамон бо эшон байъат хоҳем кард". Сипас гуфтанд: "Ё Расулаллоҳ, агар мо ба ин аҳд вафо кунем, ба мо чӣ подоше мерасад?" Расул (с) дар посухи онҳо бо итминон гуфтанд: "Ҷаннат".

Онҳо даст дароз карданд, Расул (с) низ даст кушоданд ва онҳо бо чунин лафз ба Расул (с) байъат доданд:

" بَايَعْنَا رَسُولَ اللَّهِ عَلَى السَّمْعِ وَالطَّاعَةِ فِي عُسْرِنَا وَيُسْرِنَا وَمَنْشَطِنَا وَمَكْرَهِنَا وَعَلَى أَنْ لاَ نُنَازِعَ الأَمْرَ أَهْلَهُ وَعَلَى أَنْ نَقُولَ بِالْعَدْلِ أَيْنَما كُنَّا لاَ نَخَافُ فِي الله لَوْمَةَ لاَئِمٍ"

"**Бо Расулуллоҳ (с) байъат кардем, ки дар ҳолати душворию осонӣ, хушнудиву нохушӣ ва пеш нагузоштани манфиати худ гӯш меандозем ва итоат менамоем, бо фармонравонён зиддият намекунем, дар ҳар куҷо бошем, аз маломати маломатгар наметарсем ва сухани ҳақро мегӯем**".

Чун байъат ба анҷом расид, Набӣ (с) фармуданд:

"أَخْرِجُوا إِلَيَّ مِنْكُمْ اثْنَىْ عَشَرَ نَقِيباً، لِيَكُونُوا عَلى قَوْمِهِمْ بِمَا فِيهِمْ كُفَلَاءَ "

"**Аз миёнатон барои ман дувоздаҳ нақиб ҷудо кунед, то ки онҳо барои қавми худ кафил бошанд**".

Ҳамин тавр, қавм аз қабилаи Хазраҷ ҳафт нафар ва аз қабилаи Авс се нафарро интихоб карданд. Набӣ (с) ба ин нақибон фармуданд:

" أَنْتُمْ عَلَى قَوْمِكُمْ بِمَا فِيهِمْ كُفَلَاءُ، كَكَفَالَةِ الْحَوَارِيِّينَ لِعِيسَى بْنِ مَرْيَمَ، وَأَنَا كَفِيلٌ عَلَى قَوْمِي"

"**Шумо кафили қавми хеш ҳастед, чунончи ҳавориён барои Исо ибни Марям кафил буданд ва Ман кафили қавми худ ҳастам**".

Онҳо "хуб" гуфтанд. Сипас ба хобгоҳҳои худ баргаштанд ва рахти сафар баста, ба сӯи Мадина раҳсипор шуданд. Баъд аз он, Расул (с) мусулмононро фармуданд, ки ба Мадина ҳиҷрат кунанд ва алоҳида-алоҳида ба роҳ бароянд. Мусулмонон танҳо-танҳо ва ё якчанднафарӣ ҳиҷратро оғоз карданд. Қурайш аз мавзӯи байъат огоҳ шуда буд. Аз ин рӯ, кӯшиш намуд, то ҳар касеро, ки битавонад, ба Макка бозгардонад. Инчунин дар роҳи ҳиҷрати мусулмонон монеа мешуд ва ҳатто занро намегузошт, ки ҳамроҳи шавҳар ҳиҷрат кунад. Вале ин зиддият ба раванди ҳиҷрат таъсир нарасонид. Мусулмонон паиҳам ба Мадина ҳиҷрат мекарданд, аммо Расул (с) ҳанӯз муқими Макка буданд ва ҳеҷ кас намедонист, ки оё эшон азми ҳиҷрат ба Мадинаро доранд ва ё ба қароре омадаанд, ки дар Макка бимонанд. Лекин аз баъзе корҳо намоён буд, ки эшон низ  мехоҳанд ба Мадина ҳиҷрат кунанд. Чунончи, Абӯбакр (р) изн пурсид, ки ба Мадина ҳиҷрат кунад ва Пайғамбар (с) дар ҷавоб фармуданд:

"لَا تَعْجَلْ لَعَلَّ اللهَ يَجْعَلُ لَكَ صَاحِباً"

"**Шитоб макун, шояд ки Аллоҳ касеро ҳамсафарат гардонад**".

Он гоҳ Абӯбакр дарёфт, ки Пайғамбар (с) иродаи ҳиҷрат доранд. Қурайш дар бораи ҳиҷрати Набӣ (с) ба Мадина ҳазор гуна тахмин мезад. Зеро дар он ҷо шумори мусулмонон то андозае афзуд, ки забардаст ва ҳамроҳи муҳоҷирони Макка як қувваи бузург гаштанд. Қурайшиҳо фаҳмиданд, ки агар дар чунин ҳолат Набӣ (с) ҳам ба мусулмонони Мадина бипайванданд, онҳо нагунбахту маҳв хоҳанд шуд. Бинобар ин, фикр карданд, ки Расул (с)-ро аз ҳиҷрат ба сӯи Мадина боздоранд. Дар айни замон аз сукунати он кас дар Макка ҳам метарсиданд, зеро агар мусулмонон дар Мадина пурзӯр ва дорои нерӯ гарданд, мушрикони Макка ба озори мусулмонони Мадина дучор мешаванд, инчунин касоне, ки ба Расулуллоҳ (с) имон овардаанд, барои дифои эшон ба Макка меоянд. Бинобар ин, ба хулоса омаданд, ки он касро пеш аз пайвастан бо мусулмонони

Мадина ба қатл расонанд ва бо туфайли Ислом ва Муҳаммад (с) коре рух надиҳад, ки сабаби бархӯрди аҳли Мадина бо онҳо шавад. Китобҳои сират овардаанд, ки дар ҳадиси Оиша ва Абӯамома ибни Саҳм ривоят шудааст:

" لَـمَّا صَدَرَ السَّبْعُونَ مِنْ عِنْدَهُ طَابَتَ نَفْسُهُ وَقَدْ جَعَلَ اللهُ لَهُ مَنَعَةً أَهْلَ حَرْبٍ وَنَجْدَةٍ"

"**Чун ҳафтод кас (яъне мадинагиҳо) аз наздашон рафтанд, Расулуллоҳ (с) хеле хурсанд шуданд. Зеро Аллоҳ ҷанговарону шуҷоатмандонро барои эшон ҳомӣ гардонида буд**".

Чун мусулмонон эълони ҳиҷрат карданд, бало аз ҷониби мушрикон бар онҳо боз ҳам шиддат ёфт. Мушрикон саҳобагонро зери фишору таъқиб гирифта, дашному озорҳои бесобиқа доданд, ки онҳо ба Набӣ (с) шикоят карданд. Расулуллоҳ (с) фармуданд:

"قَدْ أُرِيتُ دَارَ هِجْرَتِكُمْ سَبْخَةً"

"**Ҳиҷратгоҳи шуморо дар хоб дидам, ки шӯразор будааст**".

Ҳамин тавр, чанд рӯзе интизорӣ кашида, баъд хушҳол берун баромаданд ва гуфтанд:

" قَدْ أُخْبِرْتُ بِدَارِ هِجْرَتِكُمْ وَهِيَ يَثْرِبُ، فَمَنْ أَرَادَ مِنْكُمْ أَنْ يَخْرُجَ فَلْيَخْرُجْ إِلَيْهَا"

"**Дар бораи ҳиҷратгоҳи шумо хабар дода шудам, ки он Ясриб будааст. Инак, ҳар кӣ бихоҳад, ба он ҷо ҳиҷрат кунад**".

Баъд аз ин, саҳобагон омодагӣ дида, ҳамроҳ, якдигарро васияткунон ба роҳ баромаданд ва ин корҳоро хуфёна анҷом медоданд. Онҳо пароканда, яъне гурӯҳ ва дастаҳои алоҳида шуда, ба ҳиҷрат баромаданд. Пайғамбар (с) дар Макка мунтазир истоданд, то ба эшон низ барои ҳиҷрат изн дода шавад. Аз замоне

ки ҳиҷрати мусулмонон ба Мадина оғоз шуд, Абӯбакри Сиддиқ аз Расулуллоҳ (с) дар бораи ҳиҷрат ба Мадина бисёр изн пурсиданд. Пайғамбар (с) фармуданд:

"لَا تَعْجَلْ لَعَلَّ اللهَ أَنْ يَجْعَلَ لَكَ صَاحِباً"

"**Шитоб макун, шояд ки Аллоҳ касеро ҳамсафарат гардонад**".

Абӯбакр умед мекарданд, ки ҳамон ҳамсафар Набӣ (с) бошанд. Вақте ки Қурайш ҳиҷрати саҳобагонро дид ва мушрикон донистанд, ки Муҳаммад (с) барои ҷанг бар зидди онҳо иттифоқ бастаанд, дар Доруннадва ҷамъ омаданд, то машварат намоянд, ки бо Пайғамбар (алайҳиссалоту вассалом) чӣ бояд кунанд. Ниҳоят, иттифоқ карданд, ки эшонро ба қатл расонанд ва бо ҳамин пароканда шуданд. Сипас Ҷибрил (а) ба ҳузури Набӣ (с) омаданд ва аз дасисаи қавм он касро хабардор намуда, фармуданд, ки дар ҷогаҳи ҳаррӯзаи худ нахобанд. Бинобар ин, Пайғамбар (с) ҳамон шаб дар хонаи худ нахобиданд ва дар ин асно Аллоҳ барояшон дастурии ҳиҷрат дод.

Аз ин рӯ, мавҷудияти қувваи исломӣ дар Мадина, омодагии Мадина барои пазироии Расул (с) ва таъсиси Давлати Исломӣ Расулуллоҳ (с)-ро водор сохт, ки ба Мадина ҳиҷрат кунанд. Сабаби ҳақиқии ҳиҷрат ҳамин буд. Аз ин лиҳоз, ҳар кӣ гумон барад, ки Муҳаммад (с) аз хавфи кушта шудан бо дасти Қурайш ва раҳои ёфтан аз он Маккаро тарк намуда, ҳиҷрат кардаанд, хато мекунад. Зеро Пайғамбар (с) озорро ҳеҷ ҳам ба ҳисоб намегирифтанд, марг дар роҳи даъват ба Ислом дар назари эшон ҳеҷ як аҳамияте надошт, ҷон ва зиндагӣ он касро машғул намесохт. Ҳиҷрати Расул (с) ба Мадина фақат барои даъвати исломӣ ва барпо намудани Давлати Исломӣ буд. Дарҳақиқат, Қурайш аз ҳиҷрати Муҳаммад (с) ба Мадина ва соҳиби иззату обрӯ гаштани эшон тарсид, ки барои қатли он кас забон як кард. Лекин Пайғамбар (с) пирӯз шуданд ва бар хилофи хоҳиши онҳо ба Мадина ҳиҷрат карданд. Қурайш бо вуҷуди ҳама гуна машварат Расулуллоҳ (с)-ро аз ҳиҷрат боздошта

натавонист. Аз ин рӯ, ҳиҷрат дар Ислом сарҳадест, ки байни марҳалаи даъват ба Ислом ва пайдоиши ҷомеаву Давлати Исломро, ки бо Ислом ҳукм меронад, Исломро татбиқ мекунад, ба Ислом бо ҳуҷҷату бурҳон ва бо нерӯе даъват мекунад, ки ин нерӯ даъвати мазкурро аз қувваҳои баду саркаш ҳимоя менамояд, ҷудо месозад.

# *ТАЪСИСЁБИИ ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ*

Набӣ (с) ба Мадина расиданд. Эшонро қисми зиёди аҳолии он ҷо, ки аз мусулмонону мушрикон ва яҳудиён иборат буд, истиқбол карданд. Мусулмонон Пайғамбар (с)-ро дар иҳота гирифтанд. Ҳама муштоқи дидори муборакaи он ҳазрат буданд. Мусулмонон ба хизмат ва фароҳам овардани асбоби роҳати эшон шавқ доштанд. Мекӯшиданд, то дар роҳи эшон, дар роҳи дине, ки он кас овардаанд ва дар роҳи даъвати исломӣ ҷонҳояшонро фидо намоянд. Ҳар яки онҳо аз самими қалб мехост, ки Набӣ (с) ба хонаи вай фуруд оянд. Лекин он ҳазрат (алайҳиссалоту вассалом) ҷилави шутурро раҳо доданд, ки шутур ба хирмани Саҳл ва Суҳайл писарони Амр рафта хобид. Пас, Пайғамбар (с) он маконро хариданд, дар он ҷо масҷид ва дар атрофи масҷид хонаҳояшонро бино карданд. Сохтмони масҷид ва он хонаҳо ба ҳеҷ кас заҳмат наовард. Зеро ҳамаи онҳо оддӣ буданд, ки маблағ ва меҳнати зиёдро талаб намекарданд. Саҳни масҷид васеъ ва чордевораш аз хишту гил буд, як қисми боми онро шохаву баргҳои хурмо мепӯшонид ва қисми дигараш кушода меистод. Як гӯшаи масҷид ба фақирони бесарпаноҳ ихтисос дошт. Шабона фақат ҳангоми намози хуфтан хасу хошокро оташ гиронда, масҷидро рӯшан мекарданд. Хонаҳои Набӣ (с) аз масҷид бартарӣ надоштанд, фақат онҳо бештар равшан карда мешуданд. Расул (с) дар аснои бунёди масҷид ва хонаҳо то интиҳои сохтумони онҳо дар хонаи Абӯайюб Холид ибни Зайди Ансорӣ ба сар бурданд. Пас аз анҷоми сохтумон ба хонаҳои худ гузашта, дар ҳамон ҷо маскан гирифтанд. Расулуллоҳ (с) дар бораи ин ҳаёти навоғоз, ки ҳам худи он кас ва ҳам даъваташонро бо

гоме бузург аз як марҳила ба марҳилаи дигар интиқол дода буд, фикр мекарданд. Ин ҳаёт даъватро аз марҳилаҳои тарбияи сақофӣ ва ҳамкорӣ ба марҳилаи татбиқи аҳкоми Ислом дар алоқаҳои мардум гузаронд. Ин ҳаёт даъватро аз марҳилаи фақат даъват ва сабр намудан дар озорҳои роҳи он ба марҳилаи ҳокимият, қудрат ва қуввате, ки ин даъватро ҳимоя мекунад, гузариш дод. Зеро Расул (с), вақте ки ба Мадина расиданд, ба сохтани масҷид фармон доданд, то дар он ҷо намоз гузоранд, ҷамъ оянд, машварат кунанд, корҳои мусулмононро идора ва дар миёни онҳо доварӣ намоянд. Абӯбакр ва Умарро вазири худ хонданд. Он ҳазрат (алайҳиссалоту вассалом) гуфтаанд:

"وَزِيرَايَ فِي الْأَرْضِ أَبُو بَكْرٍ وَعُمَرُ"

"**Абӯбакр ва Умар ду вазири ман дар рӯи замин ҳастанд**".

Мусулмонон дар атрофи Расул (с) муттаҳид шуда, ба он кас муроҷаат мекарданд. Пайғамбар (с) вазифаи раҳбарии давлат, қозигӣ ва фармондеҳии лашкарро анҷом медоданд, ба ниёзҳои мусулмонон расидагӣ ва хусуматҳои миёни онҳоро бартараф менамуданд. Бар сарияҳо фармондеҳонро таъин карда, онҳоро ба хориҷи Мадина мефиристоданд. Ҳамин тавр, дар Мадина аз аввалин рӯзи истиқомат давлат таъсис доданд. Ин давлатро бо воситаи бунёди ҷомеа бар асоси устувор ва омодасозии қувваи кофӣ барои ҳимояи давлату интишори даъват мустаҳкам мекарданд. Чун аз ин корҳо дилпур шуданд, ба бартараф сохтани монеаҳои моддӣ, ки дар роҳи густариши Ислом меистод, оғоз намуданд.

# *БУНЁД ГУЗОШТАНИ ҶОМЕА*

Аллоҳ дар инсон ғаризаи бақоро офарид, ки яке аз падидаҳои он ҷамъшавии инсон бо инсони дигар мебошад. Аз ин рӯ, мулоқоти одамон бо якдигар амри табиӣ ва бо ҳам ҷамъшавии онҳо хислати ғаризавӣ аст. Лекин бо ҳам ҷамъшавии мардум ба танҳоӣ на ҷомеаро, балки ҷамоатро ба вуҷуд меорад ва агар фақат бо ҳамин ҷамъшавӣ маҳдуд гарданд, ҳамчун ҷамоат боқӣ мемонанд. Агар ба хотири ҷалби манфиат ва дафъи зарар дар миёни онҳо алоқаҳо пайдо шавад, ин алоқаҳо аз ин ҷамоат ҷомеаро ба вуҷуд меорад. Аммо алоқаҳои мазкур танҳо ҳамон вақт аз ин ҷамоат ҷомеаи ягонаро ба вуҷуд меорад, ки бо сабаби ягонагии афкор нуқтаи назари онҳо ба ин алоқаҳо якранг гардад, бар асоси ягонагии шуур ризову хашми онҳо нисбат ба алоқаҳои мазкур якоҳанг шавад, аз ҷиҳати ягонагии низоме, ки алоқаҳоро муолиҷа мекунад, ин алоқаҳоро бо роҳи ягона муолиҷа кунанд. Аз ин рӯ, ҳангоми назар афкандан ба ҷомеа бояд ба афкор, шуур ва низомҳо нигарист. Зеро ҷомеа аз рӯи инҳо дорои сифати муайян мегардад. Акнун барои донистани моҳияти ҷомеаи Мадина ҳангоми ташрифи Расул (с) ба он ҷо аз ҳамин мавқеъ менигарем.

Он гоҳ дар Мадина се ҷамоат зиндагӣ мекард: якум – мусулмонон, ки аз муҳоҷирон ва ансор иборат буданд ва онҳо аксариятро ташкил мекарданд; дуюм – мушрикон аз қабилаҳои Авс ва Хазраҷ, ки ба Ислом надаромада буданд ва дар байни аҳолии Мадина ақаллиятро ташкил мекарданд; сеюм – яҳудиён, ки аз се қисм

иборат буданд: як қисм дар дохили Мадина ва ду қисм дар хориҷи он зиндагӣ мекарданд. Дар дохили Мадина яҳудиёни Банӣ-Қайнуқоъ, аммо дар хориҷи он Банӣ-Назир ва Банӣ-Қурайза мезистанд. Қабл аз Ислом ҷомеаи яҳудиён аз ҷомеаи Мадина ҷудо буд. Зеро афкор ва дарёфтҳои онҳо аз якдигар фарқ мекард ва ҳукмҳое, ки ба воситаи онҳо муаммоҳояшонро ҳал мекарданд, дигар буд. Бинобар ин, агарчи яҳуд дар дохил ё наздикии Мадина зиндагӣ мекард, як ҷузъи ҷомеаи Мадина ба шумор намеравад. Аммо мушрикон қисмати хеле ками аҳолиро ташкил медоданд. Муҳити исломии фарогир дар Мадина онҳоро нотавон карда буд. Аз ин рӯ, агарчанде ки Исломро напазируфтанд, дар алоқаҳои худ ба афкори исломӣ, дарёфтҳои исломӣ ва низоми исломӣ ногузир итоат мекарданд. Аммо муҳоҷирин ва ансорро ақидаи исломӣ муттаҳид гардонид ва Ислом онҳоро ба ҳам пайваст. Аз ин лиҳоз, фикрҳову дарёфтҳои ягона доштанд ва тибқи аҳкоми исломӣ ба танзим даровардани алоқаҳояшон кори табиӣ буд. Ҳамин тавр, Расул (с) алоқаҳои миёни ин ду ҷамоати мусулмонро бар асоси ақидаи исломӣ барқарор намуда, онҳоро даъват карданд, ки дар роҳи Аллоҳ ду-ду бо ҳам паймони бародарӣ банданд ва ин бародарӣ дар муомила, мол ва ҳама кору аҳволи онҳо дорои таъсири ҳисшаванда бошад. Бинобар ин, мусулмононро ба якдигар бародар эълон карданд. Пайғамбар (с) ва Алӣ ибни Абӯтолиб бародар шуданд, амӯяшон Ҳамза ва озодкардаашон Зайд бародар шуданд, Абӯбакр ва Хориҷа ибни Зайд бародар шуданд. Дар миёни муҳоҷирин ва ансор низ аҳди бародариро барқарор карданд. Умар ибни Хаттоб ва Утбон ибни Молики Хазраҷӣ бародар шуданд, Талҳа ибни Убайдуллоҳ ва Абӯайюби Ансорӣ бародар шуданд, Абдурраҳмон ибни Авф ва Саъд ибни Рабеъ бародар шуданд. Ин бародарӣ ба ҷиҳати моддӣ низ бетаъсир намонд. Ансор ба бародарони муҳоҷири худ дарҳақиқат ончунон саховатмандӣ нишон доданд, ки қувват ва итминон ба ин бародарӣ дучанд афзуд. Ба муҳоҷирин молу озуқа доданд, дар эҳтиёҷоти дунявӣ онҳоро шарик карданд, савдогарон ба савдо, кишоварзон ба кишоварзӣ ва

ҳар касе ба касбу ҳунари худ рӯ овард. Савдогарон ба харидуфурӯш машғул мешуданд. Абдурраҳмон ибни Авф ба фурӯши равғану панир пардохт. Ғайр аз Абдурраҳмон бисёр касони дигар низ ба тиҷорат машғул шуданд ва азбаски дар ин кор маҳорат доштанд, фоида ба даст оварданд. Аммо касоне, ки ба тиҷорат машғул нашуданд, аз ҷумла Абӯбакр, Умар, Алӣ ибни Абӯтолиб ва дигарон дар заминҳое, ки ансориён ба онҳо дода буданд, бо аҳли оила ба кишоварзӣ машғул гаштанд. Пайғамбар (с) фармуданд:

"مَنْ كَانَتْ لَهُ أَرْضٌ فَلْيَزْرَعْهَا أَوْ لِيَمْنَحْهَا أَخَاهُ"

"**Ҳар кӣ замин дорад, киштукор кунад ё онро ба бародараш бидиҳад**".

Ин ҳама барои рӯзгузаронӣ кор мекарданд. Дар он ҷо як гурӯҳи хурде низ буд, ки на мол доштанд, на коре меёфтанд ва на сарпаноҳе. Онҳо дар як ҳолати нодориву ночорӣ рӯз ба сар мебурданд. Ин гурӯҳ на аз муҳоҷирин, на аз Қурайш ва на аз ансор, балки арабҳои дигар буданд, ки як-як ба Мадина омада, мусулмон мешуданд. Бинобар ин, Расул (с) онҳоро ба зери тарбият гирифтанд, суффа7и масҷидро барояшон сарпаноҳ ҷудо карданд. Аз ин рӯ, онҳоро аҳли суффа меномиданд. Расул (с) аз моли мусулмонони муҳоҷир ва ансор, ки Аллоҳ ба онҳо ризқе некӯ дода буд, барои аҳли суффа насиба ҷудо карданд. Ҳамин тавр, Расул (с) аз барқарорсозии ҳолати мусулмонон ва мустаҳкам барпо намудани алоқаҳои миёни онҳо фориғ гаштанд. Инак, Расул (с) ҷомеаро дар Мадина бар асоси устувор барпо намуданд, ки дар муқобили куфр мавқеъ гирифт, бар зидди дасисаҳои яҳуд ва мунофиқон ба по хест ва ба вуҷуди ягона табдил ёфт. Расул (с) аз ин ҷомеа ва аз ин ваҳдат дилпур шуданд. Аммо мушрикон ба ҳокимияти исломӣ итоат намуданд, сипас вуҷудашон аз байн рафт. Бинобар ин, онҳо дар ташкили ҷомеа ягон таъсир надоштанд. Аммо яҳуд қабл аз Ислом ҷомеаи алоҳида буд ва баъд аз Ислом байни ҷомеаи онҳо ва ҷомеаи исломӣ, байни онҳову мусулмонон тафовут

зиёд шуд. Зарур буд, ки алоқаҳои байни онҳову мусулмонон бар як асоси муайян ба роҳ монда шавад. Аз ин лиҳоз, Расул (с) мавқеи мусулмононро дар баробари яҳуд муайян намуданд ва барои онҳо низ муқарраротеро ба тасвиб расониданд, ки мебоист дар алоқаҳои худ бо мусулмонон онро риоя мекарданд. Бинобар ин, Пайғамбар (с) барои муҳоҷирин ва ансор санаде навишта, дар он ҷо яҳудиёнро ҳам зикр карданд ва бар онҳо шартҳои муайян гузоштанд. Санади мазкур дастурамали алоқаи байниҳамдигарии мусулмонон, алоқаи мусулмонон бо тобеонашон ва алоқаи қабилаҳои яҳуд бо мусулмонон ба шумор мерафт. Санад бо сухани зерини Пайғамбар (с) оғоз шуда буд:

" بِسْمِ اللهِ الرَّحْمٰنِ الرَّحِيمِ. هٰذَا كِتَابٌ مِنْ مُحَمَّدٍ النَّبِيِّ بَيْنَ الْـمُؤْمِنِينَ الْـمُسْلِمِينَ مِنْ قُرَيْشٍ وَيَثْرِبَ وَمِنْ تَبِعَهُمْ فَلَحِقَ بِهِمْ وَجَاهَدَ مَعَهُمْ، أَنَّهُمْ أُمَّةٌ وَاحِدَةٌ مِنْ دُونِ النَّاسِ"

"**Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим. Ин санад аз Муҳаммади Пайғамбар (с) байни мӯъминон-мусулмонони Қурайшу Ясриб ва касест, ки ба онҳо пайравӣ намудааст, ба онҳо пайвастааст ва ҳамроҳ ҷиҳод кардааст. Ҳар оина онҳо бидуни мардумони дигар уммати ягона мебошанд**". Сипас муқарраротеро зикр карданд, ки мебояд алоқаҳои байни мусулмонон бар он асос ёбад. Дар аснои сухан доир ба алоқаҳои мӯъминон яҳудиёнро низ ба забон гирифта гуфтанд:

" وَلَا يَقْتُلُ مُؤْمِنٌ مُؤْمِناً فِي كَافِرٍ، وَلَا يَنْصُرُ كَافِراً عَلَى مُؤْمِنٍ، وَأَنَّ ذِمَّةَ اللهِ وَاحِدَةٌ، يُجِيرُ عَلَيْهِمْ أَدْنَاهُمْ، وَأَنَّ الْـمُؤْمِنِينَ بَعْضُهُمْ مَوَالِي بَعْضٍ دُونَ النَّاسِ، وَأَنَّهُ مَنْ تَبِعَنَا مِنْ يَهُودٍ فَإِنَّ لَهُ النَّصْرَ وَالْأُسْوَةَ، غَيْرَ مَظْلُومِينَ وَلَا مُتَنَاصَرِينَ عَلَيْهِمْ وَإِنَّ سِلْمَ الْـمُؤْمِنِينَ وَاحِدَةٌ، لَا يُسَالِمُ مُؤْمِنٌ دُونَ مُؤْمِنٍ فِي قِتَالٍ فِي سَبِيلِ اللهِ إِلَّا عَلَى سِوَاءٍ وَعَدْلٍ بَيْنَهُمْ"

"**Мўъмин мўъминеро барои кофир намекушад, бар зарари мўъмин ба кофире ёрӣ намедиҳад. Ҳар оина зиммаи Аллоҳ ягона аст. Нотавонтарин мўъмин ҳам аз номи ҳамаи мўъминон паноҳ дода метавонад. Ҳар оина мўъминон бидуни мардумони дигар пуштибони якдигаранд. Аз яҳудон ҳар кӣ ба мо пайравӣ кунад, нусрат ва дастгирӣ меёбад, зулм намебинанд ва бар зарари онҳо ба дигарон ёрӣ дода намешавад. Сулҳи мўъминон ягона аст. Мўъмин бидуни мўъмине дар ҷанги фисабилиллоҳ сулҳ намебандад, магар бинобар баробарӣ ва адолати байни онҳо**".

Мақсад аз яҳудоне, ки дар матни ин санад зикр шудааст, на қабилаҳои яҳудии ҳамсоя, балки ҳар касест, ки мехоҳад раият ва тобеи Давлати Исломӣ шавад, ҳуқуқи нусрат ва дар муомила баробарӣ бо мусулмононро соҳиб гардад. Дар сурати зайл онҳо зиммӣ мешаванд. Аммо қабилаҳои яҳуд, ки санад онҳоро дарбар гирифтааст, дар қисми охирини мактуб баъди интиҳои сухан дар бораи алоқаҳои мўъминон бо номи қабилаҳои арабии ҳампаймонашон ҳамроҳ оварда шудаанд. Яҳудони Банӣ-Авф, Банӣ-Наҷҷор ва дигарон зикр гардида, вазъи алоқаҳояшон бо Давлати Исломӣ дар бандҳои шартнома нишон дода шуданд. Баъзе бандҳои матни санад ошкоро далолат мекунад, ки алоқаҳои байни яҳуд ва мусулмонон бар асоси ҳукмфармо кардани Ислом, дар зери фармони ҳокимияти Ислом қарор гирифтани ин алоқаҳо ва побанд будани яҳуд ба муқаррароте, ки манфиати Давлати Исломӣ тақозо мекунад, гузошта шудаанд. Чанд нуқтае, ки ба ин гуфтаҳо далолат мекунанд, дар матни санад чунин омадаанд:

1. **Хонаводаи яҳуд монанди худи онҳост. Ҳеҷ кадоме бе изни Муҳаммад (с) ба хориҷ намебароянд;**

2. **Дохили Ясриб барои аҳли ин саҳифа ҳаром аст;**

3. **Агар дар байни аҳли ин саҳифа ягон ҳодиса ва кашмакаше рух диҳад, ки аз он хавфи фасод ба миён ояд, онро ба сўи**

**Аллоҳи азза ва ҷалла ва Муҳаммад расули Аллоҳ (ҷ) ҳавола карда мешавад;**

**4. Ба Қурайш ва ҷонибдорони вай паноҳ дода намешавад.**

Ҳамин тавр, санади Расул (с) мавқеи қабилаҳои яҳуди атрофи Мадинаро муайян кард ва чунин шартҳо гузошт: аз Мадина фақат бо изни Расул (с), яъне бо изни давлат берун бароянд; таҷовуз намудан ба ҳарами Мадина тавассути ҷанг ё кӯмак ба ягон ҷанг бар онҳо ҳаром аст; ба Қурайш ва ҷонибдорони Қурайш паноҳ додан бар онҳо ҳаром аст; ҳар як ихтилофе, ки бинобар шартҳои дар санад воридшуда рӯй медиҳад, дар хусуси он Расулуллоҳ (с) ҳукм мебароранд. Бар шартҳои ин санад яҳудони Банӣ-Авф, Банӣ-Наҷҷор, Банӣ-Ҳорис, Банӣ-Соида, Банӣ-Ҷашм, Банӣ-Авс ва Банӣ-Саълаба, ки дар он зикр ёфтаанд, розӣ шуданд ва имзо гузоштанд. Дар имзогузории ин саҳифа ё ин санад яҳудони Банӣ-Қурайза, Банӣ-Назир ва Банӣ-Қайнуқоъ иштирок накарданд. Вале дере нагузашта онҳо дар байни худ ва Набӣ (с) бар саҳифае монанди ин саҳифа имзо гузоштанд ва ба ҳамон шартҳои дар саҳифа зикршуда розӣ гаштанд.

Бо имзогузорӣ ба ин саҳифаҳо Расул (с) алоқаҳои Давлати навбунёди Исломро бар асоси устувор барпо намуданд. Алоқаҳои байни ин давлат ва қабилаҳои яҳудии ҳамсояро бар асосҳои возеҳу дуруст, ки дар онҳо Ислом ҳукмфармост, бунёд гузоштанд. Бинобар ин, Расул (с) аз бунёди ҷомеаи исломӣ дилпур шуданд ва аз ҳамсояҳояшон – яҳудиён як қадар боварӣ ҳосил намуданд, ки онҳо паймоншиканӣ ва ҷанг нахоҳанд кард. Пас, барои бартараф кардани ғавҳои моддӣ аз роҳи даъвати исломӣ ба омодагии ҳарбӣ пардохтанд.

# ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ ШАРОИТИ ҶАНГ

Чун Набӣ (с) аз сохтмони ҷомеа дилпур шуданд ва бо яҳудиҳои ҳамсоя паймон бастанд, дар Мадина ба фароҳам овардани шароити ҷиҳод пардохтанд. Зеро вазифаи Давлати Исломӣ татбиқи пурраи Ислом дар ҳама кишварҳои тобеъ ва нашри даъвати исломӣ ба хориҷ аз ҳудуди давлат мебошад. Маънои нашри даъвати исломӣ аз тарафи Давлати Исломӣ бо тариқати табшириҳо (миссионерон) ташвиқот бурдан нест, балки он даъват кардани мардум ба Ислом, тарбияи онҳо бо афкору аҳкоми исломӣ, инчунин бартараф сохтани ҳар як монеаи моддӣ аз роҳи даъват бо қувваи моддии басанда мебошад.

Қурайш дар роҳи даъват ба Ислом монеаи моддӣ ба шумор мерафт ва барои аз роҳи даъват бартараф сохтани чунин монеа омода кардани қувва зарур буд. Бинобар ин, Расулуллоҳ (с) бо мақсади нашри даъват ба хориҷи Мадина ба омодасозии қувва ва лашкар даст заданд. Дар аввал якчанд нақшаҳои мақсаднок тарҳрезӣ намуданд. Чунончи, дар давоми чор моҳ аз ҳисоби муҳоҷирин се сария ташкил ва сафарбар карданд, ки мақсад размхоҳӣ бо Қурайш, инчунин тарс додани мунофиқону яҳудони Мадина ва атрофи он буд. Расулуллоҳ (с) амӯи худ Ҳамза ибни Абдулмутталибро бо сӣ саворaи муҳоҷир бе иштироки ансор фиристоданд. Ҳамза дар соҳили баҳр аз тарафи Ийс ба Абӯҷаҳл ибни Ҳишом ва сесад нафар савора рӯбарӯ омад. Ҳамза ба ҷанги зидди Абӯҷаҳл омода шуд ва агар Маҷдӣ ибни Амри Ҷуҳанӣ дар миён намедаромад, онҳо ҷанг мекарданд. Пас, онҳо аз якдигар дур шуданд ва Ҳамза бидуни ҷанг бозгашт. Расул (с) Убайда ибни Ҳорисро бо шаст саворaи муҳоҷир

бидуни ансор фиристоданд. Қӯшун дар водии Робиғ ба Икрима ибни Абӯҷаҳл вохӯрд, ки ба як гурӯҳи беш аз дусад нафар қурайшиҳо сарварӣ мекард. Саъд ибни Абӯваққос ба сӯи душман аз камон тир андохт, вале ҷанг рух надод ва ҷонибҳо аз ҳам дур шуданд. Сипас Саъд ибни Абӯваққосро бо бист саворaи муҳоҷир ба сӯи Макка фиристоданд, ки онҳо низ бе ҷанг бозгаштанд. Ин сарияҳо ҳам дар Мадина ва азбаски дар дили Қурайш тарс ангехта буд, ҳам дар миёни Қурайш муҳити ҷангро ба вуҷуд овард. Қурайш, ки қаблан Расулуллоҳ (с)-ро ба ҳисоб намегирифт, акнун мавриди таваҷҷӯҳ қарор дод ва агар ин сарияҳо намебуданд, ҳастии эшонро идрок намекард. Ҳамин тавр, Набӣ (с) бо фиристодани сарияҳо кифоят накарданд, балки шахсан худ ба азми ҷанг хориҷ шуданд. Расул (с) дар оғози моҳи дувоздаҳумини қудум ба Мадина Саъд ибни Убодаро амири Мадина таъин карданд ва худ аз он ҷо баромаданд. Бо мақсади мулоқот бо Қурайш ва Банӣ-Замра ба сӯи Абвоъ роҳ пеш гирифта, то ба Ваддон расиданд. Қурайш ба даст наафтод, вале Расул (с)  бо Банӣ-Замра паймон бастанд. Як моҳ баъд аз ин ҳодиса Расул (с) ҳамроҳи дусад нафар муҳоҷирин ва ансор ба сӯи Бувот роҳ пеш гирифтанд. Ин дафъа мехостанд корвони Умайя ибни Халафро, ки аз ду ҳазору  панҷсад адад шутур ва сад сарбози муҳофиз иборат буд, дарёбанд. Азбаски ин корвон аз гузаргоҳи одатии қофилаҳо – Муаббад бероҳа ҳаракат карда буд, ба даст наафтод. Расул (с) баъд аз се моҳи бозгашт аз Бувоти ноҳияи Разво Абӯсалама ибни Абдуласадро амири Мадина таъин карданд ва ҳамроҳи бештар аз дусад мусулмон ба роҳ баромада, то ба ҷойгоҳи як қабила аз қавми Янбуъ расиданд. Моҳи ҷумодалуло ва чанд шаби ҷумодалохири соли дуюми ҳиҷриро ҳамин ҷо дар интизори як қофилаи Қурайш, ки онро Абӯсуфён сарварӣ мекард, сипарӣ намуданд, вале қофиларо дастгир накарданд. Дар ин сафар бо Банӣ-Мудлиҷ ва ҳампаймонони вай аз Банӣ-Замра сулҳ бастанд. Пайғамбар (с) бо қасди иқомат ба Мадина баргаштанд. Наздик ба даҳ шаб гузашта буд, ки Карз ибни Ҷобири Феҳрӣ – яке аз алоқамандони Макка ва Қурайш шутурҳову гӯсфандони Мадинаро

ба яғмо бурд. Он гоҳ Набӣ (с) Зайд ибни Ҳорисаро дар Мадина амир гузоштанд ва худ ба дунболи ғоратгар афтоданд. То водие бо номи Сафвон, ки аз ноҳияи Бадр буд, Карзро таъқиб намуданд ва азбаски гурехта буд, ӯро наёфтанд. Ин ғазоти якуми Бадр аст.

Ҳамин тавр, Пайғамбар (с) ҳамроҳи қӯшунҳои худ ба размхоҳии Қурайш оғоз кард ва бо ташкили ғазотҳо дар ин нимҷазира ба сайругашт даромад. Расул (с) дар ин ғазотҳо ба ҷанг рӯбарӯ наомаданд, вале ба натиҷаҳои назаррас ноил шуданд, ки барои оғози ҷангҳои калон замина гардид. Дарҳақиқат, Набӣ (с) бо ин ғазотҳо лашкареро, ки ҳамроҳи он бо душман вомехӯрданд, омода сохтанд. Ин ғазотҳо мусулмононро ба ҳолати омодабоши ҷангӣ даровард. Расул (с) бо сабаби ин ғазотҳо ба дилҳои яҳудиёну мунофиқони Мадина ва атрофи он бим афканданд, то ки ин бим онҳоро аз андешаи ошӯб бар зидди он кас боздорад. Пайғамбар (с) бо ин размхоҳӣ нафсияти Қурайшро шикастанд ва ҳайбати мусулмононро дар дили душман пурзӯр сохтанд. Ҳамин тавр, Расулуллоҳ (с) бо қабилаҳое, ки дар миёни Мадина ва соҳили баҳри Сурх мезистанд, монанди Банӣ-Замра, Банӣ-Мудлиҷ ва ғайра, аҳду паймон баста, гузаргоҳи қофилаҳои Қурайшро ба сӯи Шом банд карданд.

# *ОҒОЗИ ҶАНГ*

Пайғамбар (с) дар Мадина иқомат гузиданд ва ба татбиқи Ислом шурӯъ намуданд. Аҳкоми шаръӣ ба воситаи ваҳӣ тадриҷан нозил мешуд. Расул (с) Давлати Исломӣ ва ҷомеаи исломиро бар поя ва низомҳои Ислом бино ниҳоданд, дар миёни мусулмонон тарҳи бародарӣ андохтанд. Он гоҳ Ислом ҳамчун ҳокимият ва шариат дар миёни ҷомеае, ки онро ба оғӯш мекашад ва даъваташро интишор медиҳад, бо сурати зинда намоён гардид. Ҳам ададу шавкат ва ҳам қуввату қудрати мусулмонон афзуд. Мардум, аз ҷумлаи мушрикону яҳудиён танҳо ва даста-даста ба Ислом даромаданд. Чун Пайғамбар (с) аз Ислом ва даъват ба он дар Мадина дилпур шуданд, ба фикри нашри даъвати исломӣ дар беруни Мадина – нимҷазираи Арабистон афтоданд. Вале медонистанд, ки Қурайш чун як монеаи пурзӯр дар рӯбарӯи даъват қарор хоҳад гирифт, вай дар роҳи Ислом як монеаи моддӣ аст, ки даъват бо ҳуҷҷату бурҳон барои нобудсозии он суд намебахшад. Бинобар ин, барои нобуд кардани ин ғавҳои моддӣ нерӯи моддӣ зарур буд. Пайғамбар (с), ҳангоме ки дар Макка мезистанд, наметавонистанд ин монеаи моддиро бартараф созанд, зеро Давлати Исломӣ мавҷуд набуд, ки барои маҳви ин қувва қувваи моддии басандаро сафарбар намояд. Аммо ҳоло Давлати Исломӣ таъсис додаанд ва пас аз муяссар гаштани қувваи кофӣ метавонанд, ки барои маҳви ин монеаи моддӣ бо қувваи моддӣ кор пеш гиранд. Бинобар ин, мебоист, ки Пайғамбар (с) ин нерӯи кофӣ ва муҳити ҷангро омода созанд, инчунин баъди

муҳайё шудани сабабу воситаҳо барои нашри даъват сиёсати навро оғоз намоянд.

Бо ин сабаб, Расул (с) аввалин сарияҳо ва задухўрдҳоро оғоз намуданд. Баъзе сарияҳоро мефиристоданд ва ҳамроҳи баъзе худ мерафтанд, то бо Қурайш муқовимат кунанд ва қуввати худро ба он бифаҳмонанд. Охирини ин сарияҳо сарияи Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш буд, ки он муқаддимаи ғазоти Бадр шуд. Рухдод ба ин гуна буд, ки Расулуллоҳ (с) дар моҳи раҷаби соли дуюми ҳиҷрат Абдуллоҳ ибни Ҷаҳшро ҳамроҳи ҷамоате аз муҳоҷирон фиристода, ба дасти ў мактубе доданд ва фармуданд, ки фақат баъди ду рўзи роҳгардӣ ба он бингарад, пас, бинобар амри эшон ҳаракат кунад ва аз ҳамроҳон касеро маҷбур насозад. Абдуллоҳ баъди ду рўз мактубро кушод, ки дар он навишта шуда буд:

" إِذَا نَظَرْتَ فِي كِتَابِي هٰذَا فَامْضِ حَتَّى تَنْـزِلَ نَخْلَةَ بَيْنَ مَكَّةَ وَالطَّائِفِ فَتَرْصُدَ بِهَا قُرَيْشاً، وَتَعْلَمَ لَنَا مِنْ أَخْبَارِهِم"

"**Чун ба ин номаи ман нигаристӣ, роҳро идома деҳ ва дар Нахлаи байни Макка ва Тоиф фуруд ой, аз он ҷо Қурайшро назорат намо ва аз ахбораш моро огоҳ бисоз**".

Вай ин қазияро ба ҳамроҳонаш фаҳмонд ва гуфт, ки барои иҷрои амр ҳеҷ кадоми онҳоро маҷбур намесозад. Пас, онҳо ҳамроҳи Абдуллоҳ рафтанд ва дар Нахла фуромаданд. Аз онҳо ҷуз Саъд ибни Абўваққоси Зўҳрӣ ва Утба ибни Ғазвон ҳеҷ кас ақиб намонд. Азбаски шутури ин ду нафар гум шуда буд, ба ҷустуҷўи шутур рафтанд ва ба дасти Қурайш асир афтоданд. Абдуллоҳ дар Нахла ба назорати Қурайш пардохт, ки дар ин асно аз назди онҳо корвони Қурайш бо колои тиҷоратӣ гузар кард. Ин воқеа дар охири моҳи раҷаб, ки яке аз моҳҳои ҳаром аст, рух дода буд. Абдуллоҳ аз дўстонаш машварат хост, ки бо ин корвон чӣ кунад, зеро Набӣ (с) дар ин хусус ба онҳо фармоне надода буданд. Онҳо ба якдигар гуфтанд: "Қасам ба Аллоҳ, ки агар ҳамин шаб қавмро вогузоред,

онҳо ба ҳарам8 хоҳанд даромад, он гоҳ фурсатро аз даст хоҳед дод. Агар онҳоро ба қатл расонед, пас дар моҳи ҳаром даст ба қатл мезанед". Ҳамин тавр, дар хусуси бо онҳо ҷангидан дудила шуданд ва ниҳоят барои ҷанг тасмим гирифтанд. Он гоҳ яке аз мусулмонон ба сӯи раиси қофила Амр ибни Ҳазрамӣ тир андохт ва ӯро кушт. Мусулмонон аз Қурайш ду касро асир гирифтанд ва ҳамроҳи корвон ба Мадина баргаштанд. Вақте ки Набӣ онҳоро диданд, гуфтанд:

"مَا أَمَرْتُكُمْ بِقِتَالٍ فِي الشَّهْرِ الْحَرَامِ"

"**Ман ба шумо нафармудам, ки дар моҳи ҳаром ҷанг кунед**".

Пас, корвону ду асир ба ҳоли худ истоданд, Набӣ (с) аз тасарруфи онҳо худдорӣ намуданд.

Ин хулосаи сарияи Абдуллоҳ аст, ки ӯро Расул (с) барои омӯхтани ахбори Қурайш фиристода буданд, вале ӯ бо Қурайш ҷангид, нафареро кушт, чанде дигарро асир кард, молҳояшро гирифт ва ба ин ҳама дар моҳи ҳаром даст зад. Пас, мавқеи Ислом дар хусуси ин амали ӯ чӣ гуна хоҳад буд? Расулуллоҳ (с) бо ҳамин андеша аз гирифтани асирҳо ва мол худдорӣ намуданд, то бубинанд, ки Аллоҳ дар ин хусус чӣ ҳукм мекунад ва дар бораи ин қазия чӣ оёте аз ҷониби Аллоҳ нозил мешавад. Қурайш фурсатро ғанимат диниста, аз ин кор ҳамчун василаи ташвиқот бар зидди Муҳаммад дар байни арабҳо истифода кард. Дар ҳама ҷо бонг зад, ки "Муҳаммад ва асҳобаш моҳи ҳаромро ҳалол гардониданд, дар ин моҳ хун рехтанд, молҳоро ғанимат гирифтанд ва одамонро асир карданд". Дар Макка миёни мусулмонон ва мушрикон перомуни ин масъала баҳсу ҷадал мерафт. Қурайшиҳо аз рӯи ин кор ба мусулмонон, пайғамбари онҳо ва асҳоби эшон ҳуҷум мекарданд. Мусулмонони Макка дар ҷавоб мегуфтанд, ки бародарони мо ин корро дар моҳи шаъбон кардаанд, на дар моҳи раҷаб. Лекин ин ҷавоб барои боздоштани ташвиқот кофӣ набуд. Ба ин ташвиқот яҳудиён ҳам даховат намуда, кори Абдуллоҳ ибни Ҷаҳшро зишт механданд. Мусулмонон аз ин

ташвиқоти мушрикон ба танг омаданд. Расул (с) мунтазири ваҳй ва ҳукми Аллоҳ дар хусуси ин қазия сокит менишастанд. Он гоҳ сухани зерини Аллоҳ таоло дар сураи "Бақара" нозил шуд:

**يَسْأَلُونَكَ عَنِ الشَّهْرِ الْحَرَامِ قِتَالٍ فِيهِ قُلْ قِتَالٌ فِيهِ كَبِيرٌ وَصَدٌّ عَن سَبِيلِ اللّهِ وَكُفْرٌ بِهِ وَالْمَسْجِدِ الْحَرَامِ وَإِخْرَاجُ أَهْلِهِ مِنْهُ أَكْبَرُ عِندَ اللّهِ وَالْفِتْنَةُ أَكْبَرُ مِنَ الْقَتْلِ وَلاَ يَزَالُونَ يُقَاتِلُونَكُمْ حَتَّىَ يَرُدُّوكُمْ عَن دِينِكُمْ**

"**Туро аз ҷанг кардан дар моҳи ҳаром мепурсанд. Бигӯ: "Ҷанг кардан дар он моҳ гуноҳе бузург аст. Аммо боздоштани мардум аз роҳи Ҳақ ва кофир шудан ба ӯ ва Масҷидулҳаром ва берун рондани мардумаш аз он ҷо дар назди Аллоҳ гуноҳе бузургтар аст ва ширк аз қатл бузургтар аст!". Онҳо бо шумо меҷанганд, то агар битавонанд, шуморо аз динатон бозгардонанд**" [2:217].

Вақте ки ин оят нозил шуд, андӯҳи мусулмонон рафт ва Набӣ (с) корвон ва асиронро гирифтанд. Ин оят ҷавобе дандоншикан бар зидди ташвиқоти Қурайш буд. Зеро Қурайш чун суол гузошт, ки магар ҷангидан дар моҳи ҳаром гуноҳ нест? Қуръони карим дар ҷавоб фармуд, ки: "Оре, ин гуноҳи бузург аст, лекин боздоштан аз Масҷиди Ҳаром ва рондани аҳолии он дар назди Аллоҳ аз ҷанг ва куштор дар моҳи ҳаром ҳам гуноҳи бузургтар аст. Он ваъдаву таҳдид, фиребу шиканҷа ва фитнаҳо, ки Қурайш барои аз диншон баргардонидани мусулмонон ба он даст задааст ва даст мезанад, аз куштану ҷангидан, чи дар моҳи ҳаром ва чи дар моҳҳои дигар гуноҳи бузургтар аст. Ин Қурайш, ки бо сабаби дар моҳи ҳаром ҷангидани мусулмонон бар зидди онҳо ташвиқот мебарад ва овозаҳои бардурӯғ паҳн мекунад, агар тавонад, пайваста бо мусулмонон меҷангад, то онҳоро аз динашон бозгардонад. Аз ин рӯ, ҷанги мусулмонон бо Қурайш дар моҳи ҳаром ба обрӯи мусулмонон ҳеҷ зараре надорад. Азбаски Қурайш ба гуноҳони бузурге даст мезанад, монанди истодагарӣ дар муқобили даъвати исломӣ, боздошт аз роҳи Аллоҳ, куфр ба Аллоҳ, рондани аҳолии Масҷиди Ҳаром аз хонаву кошонаашон, фитнаангезӣ барои аз дин

баргардондани мусулмонон, пас ин Қурайш сазовор аст, ки бар зидди он ҳам дар моҳи ҳаром ва ҳам дар ғайри моҳи ҳаром биҷанганд. Бинобар ин, дар моҳи ҳаром ҷангидани Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш барои ӯ ва барои мусулмонон ҳеҷ зиёне надорад".

Инак, сарияи Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш ҷудокунандаи роҳҳо дар сиёсати Ислом ва сиёсати даъвати исломӣ буд. Дар ин сария Воқид ибни Абдуллоҳи Тамимӣ ба сӯи раиси қофила Амр ибни Ҳазрамӣ тир андохта, ӯро кушт. Ин аввалин хуне буд, ки мусулмонон дар роҳи Аллоҳ резонданд.

То замони нозил шудани оёти қитол, ки дар ҳама вақту ҳама ҷо ба ҷанг мефармоянд, дар моҳҳои ҳаром ҷангидан мамнӯъ буд. Пас, ҳукми мамнӯияти ҷанг дар моҳҳои ҳаром бо сабаби умумияти оёти қитол бекор карда шуд.

# *ЗИНДАГӢ ДАР МАДИНА*

Ислом дар ҳаёт тариқати муайяне дорад, ки ин тариқат аз маҷмӯи пиндорҳои он дар бораи ҳаёт ба вуҷуд меояд. Ин тариқат ҳазорати исломист, ки аз ҳазоратҳои дигари дунё фарқ мекунад ва бо онҳо зиддият дорад. Тариқати Ислом дар ҳаёт мухтасаран бо се кор ифода мегардад: якум – асоси тариқати ҳаёти исломӣ ақидаи исломӣ мебошад; дуюм – миқёси корҳо дар ҳаёт фармону боздоштҳои Аллоҳ аст, бо ибораи дигар, ҳаёт дар назари ин тариқат аз ҳалолу ҳаром иборат аст; сеюм – маънои саодатмандӣ (хушбахтӣ) дар назари ин тариқат ба даст даровардани розигии Аллоҳ аст, бо ибораи дигар, хушбахтӣ осоиштагии ҳамешагист, ки фақат бо дарёфт намудани розигии Аллоҳ ба даст меояд. Ин аст тариқати Ислом дар ҳаёт. Ин ҳаётест, ки мусулмонон дар он оромиш меёбанд, ба сӯи он талош меварзанд ва бо шеваи он роҳ меравад. Барои он ки мусулмонон дорои чунин ҳаёт гарданд, бояд давлате дошта бошанд, ки Исломро татбиқ ва аҳкоми исломиро иҷро кунад. Мусулмонон чун ба Мадина омаданд, бо шеваи муайян ҳаёт оғоз намуданд, ки асоси ин ҳаёт ақидаи исломӣ буд. Нузули оёти карима бо баёни ҳукми Аллоҳ дар бораи муомалоту уқубот оғоз гашт ва дар хусуси ибодоте нозил мешуданд, ки ҳанӯз нозил нашуда буданд. Закот ва рӯза дар соли дуюми ҳиҷрат фарз шуд. Азон ҳам машрӯъ гашт. Тамоми аҳолии Мадина мешуниданд, ки мардум ҳар рӯз панҷ бор бо нидои фораму нарму зебо ба сӯи намоз хонда мешуд. Нидои азонро Билол ибни Рабоҳ бо тамоми овоз ба ҳама гӯшаву канор мерасонид ва мусулмонон ба ин нидо лаббайк

мегуфтанд. Баъд аз ҳафт моҳи иқомати Расул (с) дар Мадина қибла ба сӯи Каъба таҳвил ёфт. Ҳамин тавр, оёти аҳком пайдарпай дар бораи ибодот, матъумот, ахлоқ ва уқубот нозил мешуданд. Пас, оёти ҳаромии хамр ва гӯшти хук, ҳамчунин оёти ҳудуд, ҷиноёт, байъ, ҳаромии рибо ва ғайра нозил шуданд. Оёти аҳком барои муолиҷаи муаммоҳои ҳаёт паиҳам фуруд меомад, Расул (с) ба воситаи гуфтугӯ бо мардум, иҷрои ягон амал ва ё сукут варзидан нисбат ба ҳодисае, ки дар наздашон иттифоқ меафтод, ин оётро шарҳу тавзеҳ медоданд, идораи манфиатҳои оммаро ба роҳ мегузоштанд, хусуматҳоро бартараф месохтанд, ба аҳволи мардум расидагӣ менамуданд, корҳоро роҳбарӣ ва муаммоҳоро муолаҷа мекарданд. Чунки қавл, феъл ва сукути Пайғамбар (с) шариат аст: Аз рӯи хоҳиши худ сухан намегӯяд, суханаш ваҳй аст, ки фиристода мешавад. Ҳаёт дар Мадина мутобиқи нуқтаи назари муайян, яъне нуқтаи назари исломӣ ба маҷрои табиии худ баргашт. Ҷомеаи исломии аз ҳар ҷиҳат мумтоз ба вуҷуд омад, ки дар он афкору дарёфтҳои исломӣ ҳукмронӣ мекард, низоми Ислом дар муомалот ва ҳама гуна алоқаҳои мардум татбиқ мешуд. Расул (с) аз комёбиҳои даъват хушнуд гаштанд. Мусулмонон бо дини хеш оромиш ёфтанд, фаризаҳоро ҳам ба таври ҷамоӣ ва ҳам танҳо ба ҷо меоварданд, дигар аз ягон навъи азият тарс надоштанд ва аз фитнае намеҳаросиданд, корҳояшонро бо аҳкоми Аллоҳ муолиҷа менамуданд ва дар хусуси он чӣ намедонистанд, ба Расулуллоҳ (с) мурочиат мекарданд. Ҳар як амали хурд ё бузургро фақат мувофиқи фармонҳои Аллоҳ ба ҷо оварда, аз ҳар коре, ки Аллоҳ боздоштааст, худдорӣ меварзиданд. Мусулмонон саодатмандиро дарк карданд, қалбҳояшон осоиш ёфт. Бисёри онҳо пайваста Расулуллоҳ (с)-ро ҳамроҳӣ менамуданд, то аҳкоми Аллоҳро биёмӯзанд, оёти Аллоҳро ҳифз кунанд, Қуръонро аз худи он кас таълим гиранд ва дар ҳузурашон тарбия ёбанд. Инак, рӯз то рӯз доираи интишори Ислом вусъат пайдо мекард ва қуввату тавоноии мусулмонон меафзуд.

## *КАШМАКАШИ ЯҲУД ВА НАСОРО*

Ғайримусулмонон қуввати рӯзафзуни мусулмононро пай бурданд. Онҳо дарк карданд, ки ин қувва аз умқи қалбҳое ҷӯш мезанад, ки худро қурбони роҳи Ислом донистаанд ва бо сабаби қабули Ислом озорҳои гуногун чашидаанд, ин қалбҳо субҳ мунтазири шом ва шом мунтазири бомдод намешуданд. Аммо имрӯз хушнудона мебинанд, ки дин ошкоро фармон медиҳад, аҳкомро ба иҷро мерасонад, эътибори суханашро баланд мебардорад ва онҳо аз саодат бархурдор мегарданд. Ин вазъ ба душманони Ислом андӯҳ овард ва асари он дар миёни ҳамсояҳояшон яҳудиҳо падидор гашт. Дар ҳақиқат, онҳо вақте ки шавкату қуввати рӯзафзуни мусулмононро дар Мадина ва рағбати беш аз пеши мардумро ба Ислом диданд, ба хавф афтоданд. Пас, ба хулосае омаданд, ки дар бораи мавқеи худ нисбат ба Муҳаммад (с) ва асҳоби эшон аз нав биандешанд. Гароиши баъзе яҳудиён ба Ислом хашми қавмҳои яҳудро боз ҳам барангехт. Онҳо хавф бурданд, ки Ислом ба сафҳояшон роҳ меёбад ва ҷомеаҳояшонро фаро мегирад. Бинобар ин, ба Ислом, ақоид ва аҳкоми он ҳуҷум оғоз карданд. Дар миёни мусулмонон ва яҳуд чунон баҳсу ҷадал шурӯъ шуд, ки душманонатару пурмакртар аз кашмакаши байни мусулмонон дар Макка бо Қурайш буд. Дар ин набарди фикрӣ найранг, мунофиқӣ ва огоҳӣ аз ахбори пайғамбарони пешин силоҳи дасти яҳуд буд, ки тавассути он ба Муҳаммад (с), рисолати эшон ва саҳобагони муҳоҷиру ансор ҳамла мекард. Баъзе донишмандони яҳуд, ки худро зоҳиран мусулмон тарошида буданд, дасисаро пеш

мегирифтанд, баъзе дигар, ки бо мусулмонон имкони ҳамнишинӣ ёфтанд, худро бағоят ботақво нишон дода, баъд аз андак вақт шакку шубҳа падид меоварданд. Ба Муҳаммад (с) саволҳои шубҳаовар медоданд, то ки пояи эътиқоди мусулмононро нисбат ба ақида ва рисолати ҳақ, ки ба он даъват мекунанд, ноустувор созанд. Як ҷамоате аз Авс ва Хазраҷ, ки онҳо ҳам мунофиқона мусулмон шуда буданд, бо яҳудиён пайвастанд, то бо роҳи саволу ҷавоб дар байни мусулмонон шубҳа ангезанд. Кашмакаши байни яҳуд ва мусулмонон ба ҳадде расид, ки бо вуҷуди аҳду паймон аҳёнан ба сӯи якдигар мушт мебардоштанд. Барои тасвири хӯрдагирӣ ва шиддати хусумати яҳуд дар баҳс ҳаминро гуфтан кофист, ки онҳо Абӯбакрро аз бурдбориву оромӣ ба хашму ғазаб оварданд, ҳол он ки Абӯбакр хеле хушахлоқ, ботамкин ва нармхӯ буд. Ривоят шудааст, ки Абӯбакр бо Фанҳос ном яҳудӣ гуфтугузор карда, ӯро ба Ислом хонд. Фанҳос дар ҷавоби даъват гуфт: "Қасам ба Худо, эй Абӯбакр, ки мо дар назди Аллоҳ фақру бечорагие надорем, аммо Аллоҳ дар назди мо бечораву фақир аст ва чунончи ӯ аз мо ҳоҷат мехоҳад, мо аз вай ҳоҷат намехоҳем. Мо аз Аллоҳ бениёз ҳастем, аммо Аллоҳ аз мо бениёз нест. Агар ӯ бениёз мебуд, чунончи дӯстат муддаист, аз мо ба қарз мол намехост. Шуморо аз рибохорӣ бозмедорад, ҳол он ки худ ба мо рибо медиҳад. Агар аз мо бениёз мебуд, ба мо рибо намедод". Фанҳос дар фарҷом ба сухани зерини Аллоҳ Таоло ишора мекунад:

مَّن ذَا الَّذِي يُقْرِضُ اللّهَ قَرْضًا حَسَنًا فَيُضَاعِفَهُ لَهُ أَضْعَافًا كَثِيرَةً

"**Кист, ки ба Аллоҳ қарзи нек диҳад, то Аллоҳ бар он чанд баробар афзояд?**" [2:245].

Лекин Абӯбакр ба ин ҷавоб сабр карда натавонист ва дарғазаб шуда, ба рӯи Фанҳос зарбаи сахте фуроварد ва гуфт: "Қасам ба Худое, ки ҷони ман дар дасти ӯст, агар байни мову шумо аҳд намебуд, саратро мебуридам, ай душмани Аллоҳ". Ҳамин тавр, кашмакаши байни мусулмонону яҳуд шиддат ёфт ва марҳилаҳои

гуногунро дарбар гирифт. Дар ҳамин вақт ба Мадина як ҳайати намояндагии насрониёни Наҷрон омаданд, ки ададашон ба шаст нафар савора мерасид. Шояд ин ҳайат, вақте ки аз ихтилофи миёни мусулмонону яҳудиён огоҳ гаштанд, ба Мадина бо тамаи он омаданд, ки ихтилофи мазкур бештар шиддат ёбад ва то ба дараҷаи душманӣ бирасад. Дар натиҷа ҳам дини нав ва ҳам дини кӯҳан, ки ба гумони онҳо мавқеи насрониятро танг месохтанд, аз байн биравад ва насроният интишор ёбад. Ин ҳайат бо Набӣ (с) ва бо яҳудиён вохӯрд. Набӣ (с) онҳо ва яҳудиёнро аҳли китоб донистанд. Бинобар ин, ҳамаи онҳоро ба Ислом хонданд ва барояшон ин сухани Аллоҳ Таолоро тиловат карданд:

قُلْ يَا أَهْلَ الْكِتَابِ تَعَالَوْاْ إِلَى كَلَمَةٍ سَوَاء بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمْ أَلاَّ نَعْبُدَ إِلاَّ اللّهَ وَلاَ نُشْرِكَ بِهِ شَيْئًا وَلاَ يَتَّخِذَ بَعْضُنَا بَعْضاً أَرْبَابًا مِّن دُونِ اللّهِ فَإِن تَوَلَّوْاْ فَقُولُواْ اشْهَدُواْ بِأَنَّا مُسْلِمُونَ

**"Бигӯ: "Эй аҳли китоб, биёед ба он калимае, ки пазируфтаи мову шумост, пайравӣ кунем, он ки ҷуз Аллоҳро напарастем ва ҳеҷ чизро шарики Ӯ насозем ва баъзе аз мо баъзе дигарро ғайри Аллоҳ ба парастиш нагирад. Агар онон рӯйгардон шуданд, бигӯ: "Шоҳид бошед, ки мо мусулмон ҳастем""** [3:64].

Яҳуду насоро аз Пайғамбар (с) пурсиданд, ки ба кадомин пайғамбарон имон овардаанд. Он гоҳ Расулуллоҳ (с) ба онҳо ояти зерини Аллоҳ Таолоро тиловат карданд:

قُولُواْ آمَنَّا بِاللّهِ وَمَا أُنزِلَ إِلَيْنَا وَمَا أُنزِلَ إِلَى إِبْرَاهِيمَ وَإِسْمَاعِيلَ وَإِسْحَاقَ وَيَعْقُوبَ وَالأسْبَاطِ وَمَا أُوتِيَ مُوسَى وَعِيسَى وَمَا أُوتِيَ النَّبِيُّونَ مِن رَّبِّهِمْ لاَ نُفَرِّقُ بَيْنَ أَحَدٍ مِّنْهُمْ وَنَحْنُ لَهُ مُسْلِمُونَ

**"Бигӯед: "Мо ба Аллоҳ ва оёте, ки бар мо нозил шуда ва низ он чӣ бар Иброҳиму Исмоил ва Исҳоқу Яъқуб ва сибтҳо нозил омада ва низ он чӣ ба Мӯсо ва Исо фиристода шуда ва он чӣ бар**

**пайғамбарони дигар аз ҷониби Парвардигорашон омадааст, имон овардем. Миёни ҳеҷ як аз пайғамбарон фарқе намениҳем ва ҳама дар баробари Аллоҳ таслим ҳастем**"" [2:136].

Онҳо дар ҷавоби Расул (с) дигар сухане наёфтанд, ҳуҷҷат нақшаҳояшонро бар об кард ва ҳақ ошкор гашт. Лекин ҳирси мақому мансаб онҳоро нагузошт, ки имон биёваранд, ҳатто баъзе инро ошкоро гуфтанд. Ривоят шуд, ки Абӯҳориса яке аз намояндагони Наҷрон ва донотарину маърифатноктарини насоро буд. Вай ба рафиқаш гуфт, ки аз суханони Муҳаммад (с) қаноатманд аст. Рафиқаш аз вай пурсид: "Пас, туро аз пайравии Муҳаммад (с) чӣ бозмедорад, ҳол он ки ту инро медонӣ?" Абӯҳориса дар ҷавоб гуфт: "Қавм моро мартабаву мол доданд, иззату икром намуданд. Онҳо мухолифати Муҳаммад (с)-ро мехоҳанд. Пас, агар чунин кунам, ҳамаи он чиро, ки мебинӣ, аз мо мегиранд". Ин далолат мекунад, ки имон наовардани онҳо аз рӯи кибру якравӣ буд. Сипас, Расул (с) насороро ба мубоҳала – лаънат хондан ба якдигар даъват намуданд ва барояшон ин сухани Аллоҳ Таолоро тиловат карданд:

**فَمَنْ حَآجَّكَ فِيهِ مِن بَعْدِ مَا جَاءكَ مِنَ الْعِلْمِ فَقُلْ تَعَالَوْاْ نَدْعُ أَبْنَاءنَا وَأَبْنَاءكُمْ وَنِسَاءنَا وَنِسَاءكُمْ وَأَنفُسَنَا وأَنفُسَكُمْ ثُمَّ نَبْتَهِلْ فَنَجْعَل لَّعْنَةُ اللّهِ عَلَى الْكَاذِبِينَ**

"**Аз он пас, ки ба огоҳӣ расидаӣ, ҳар кас, ки дар бораи ӯ бо ту ҷидол кунад, бигӯ: "Биёед, то ҳозир оварем мо фарзандони худро ва шумо фарзандони худро, мо занони худро ва шумо занони худро, мо бародарони худро ва шумо бародарони худро. Он гоҳ дуову тазарруъ кунем ва лаънати Аллоҳро бар дурӯғгӯён бифиристем**!""

[3:61].

Пас, машварат оростанд ва хулосаи ин машваратро эълон намуданд, ки бо Муҳаммад (с) мубоҳала намекунанд, эшонро дар динаш вомегузоранд ва худ низ ба дини хеш бозмегарданд. Лекин

онҳо аз Пайғамбар (с) хостанд, ки ҳамроҳашон касеро бифиристад, то дар ҳалли ихтилофоти молии миёни онҳо ҳукм барорад. Он гоҳ Расулуллоҳ (с) Абӯубайда ибни Ҷарроҳро ҳамроҳи онҳо фиристоданд, ки дар байнашон тибқи фармудаҳои Ислом доварӣ кунад.

Ҳамин тавр, қувваи даъвати исломӣ, қувваи фикри исломӣ ва ҳуҷҷати бузурге, ки иттифоқ афтод, ҳама баҳсу мунозираро, ки яҳуд, мунофиқин ва насоро барангехта буданд, барҳам дод. Ҳамаи ин афкори ғайриисломӣ нобуд гашт ва фақат Ислом боқӣ монд. Аз ин пас, танҳо дар хусуси фаҳмидани аҳкоми исломӣ ва даъват ба Ислом мунoқиша сурат мегирифт. Ислом устувор гашт, чи аз ҷиҳати фикрӣ ва чи аз ҷиҳати ҳукмронӣ густариш ёфт. Вале мунофиқону яҳудиён пайваста аз ҳастии мусулмонон нороҳат буданд ва кинаву буғзи онҳоро дар дил мепарвариданд. Бо вуҷуди ин, салтанати Ислом дар Мадина пойдор гардид ва ҷомеа устувор шуд, ки бар ҳама чиз ғолиб омад. Сарияҳои пай дар пай ва нерӯе, ки падид омад, дар хомӯш кардани ин дилҳои бемор таъсир дошт. Инак, калимаи Аллоҳ олӣ гашт ва душманони Ислом дар Мадина ва атрофи он маҷбур шуданд, ки ором бошанд ва ба салтанати мусулмонон фармонбардорӣ кунанд.

# *ҒАЗВАИ БАДР*

Чун аз моҳи рамазони соли дуюми ҳиҷрат ҳашт рӯз гузашт, Набӣ (с) Амр ибни Умми Мактумро имоми намози мардум ва Абӯлубобаро омили Мадина таъйин карда, ҳамроҳи асҳоб аз Мадина берун баромаданд. Онҳо сесаду панҷ кас буданд ва ҳафтод шутур доштанд, ки ду, се ва чорнафарӣ бо навбат ба як шутур савор мешуданд. Онҳо дар талаби корвони Абӯсуфён равона шуданд ва дар роҳ ахбори қофиларо пайгирӣ менамуданд, ҳатто ба водие бо номи Зафирон расиданд ва он ҷо фуруд омаданд. Дар ин манзил ба онҳо хабар расид, ки Қурайш аз Макка барои ҳимояи корвони худ берун баромадааст. Он гоҳ масъала ранги дигар гирифт ва мавзӯъ на корвони Абӯсуфён, балки бархӯрд ё адами бархӯрд бо Қурайш шуд. Пас, Расул (с) бо мусулмонон машварат оростанд ва онҳоро аз ахборе, ки дар бораи Қурайш шунида буданд, огоҳ сохтанд. Абӯбакр ва Умар раъйи худро пешкаш намуданд. Пас, Миқдод ибни Амр бархост ва гуфт: "Ё Расулаллоҳ, он чӣ Аллоҳ ба шумо фармудааст, анҷом бидиҳед, мо бо шумо ҳастем. Қасам ба Аллоҳ, мо ба шумо монанди гуфтаи Банӣ-Исроил ба Мӯсо намегӯем, ки "Бирав, туву Парвардигорат биҷангед, мо дар ин ҷо менишинем". Мо мегӯем, ки бирав ту ва Парвардигорат биҷангед, мо низ ҳамроҳи шумо меҷангем. Қасам ба зоте, ки шуморо бо ҳақ фиристод, агар моро ба Баркулғимод баред, то расидан ба он ҷо ҳамроҳатон меҷангем". Мусулмонон хамӯш монданд. Пас, Расул (с) фармуданд:

"أَشِيرُوا عَلَيَّ أَيُّهَا النَّاسُ"

"**Ба ман маслиҳат диҳед, эй мардум**".

Пайғамбар (с) бо ин сухан ансорро дар назар доштанд. Зеро ансор рӯзи Ақаба бо Расул (с) байъат карда буданд, ки аз ҳар чӣ фарзандону занонашонро ҳимоя мекунанд, Пайғамбарро низ ҳимоя хоҳанд кард. Расул (с) хавф мебурданд, ки мабодо ансор фикр кунанд, ки ҳимояи Пайғамбар (с) бар дӯши онҳо аз душманонест, ки дар Мадина ба он кас ҳуҷум мекунанд. Чун ансор дарёфтанд, ки Пайғамбар (с) онҳоро дар назар дорад, Саъд ибни Муоз – соҳиби рояти ансор ба Расулуллоҳ (с) нигарист ва гуфт: "Қасам ба Аллоҳ, ки шояд моро ирода мекунед, ё Расулаллоҳ". Фармуданд: (أَجَلْ) "Оре". Саъд гуфт: "Мо ба шумо имон овардаем, шуморо тасдиқ кардаем ва гувоҳӣ додаем, ки ҳар чӣ шумо овардаед, ҳақ аст. Аҳду паймон додаем, ки дар ҳамаи ин чизҳо гӯш медиҳем ва итоат мекунем. Пас, ё Расулаллоҳ, ҳар чӣ мехоҳед, анҷом бидиҳед. Мо ҳамроҳи шумоем. Қасам ба зоте, ки шуморо ба пайғамбарӣ фиристодааст, агар моро ба ин баҳр рӯбарӯ созед ва ба он ғӯта занед, мо ҳам бо шумо ғӯта мезанем, ҳеҷ яки мо ақиб намемонад. Агар фардо моро бо душман рӯбарӯ созед, нохуш наем. Ҳароина мо дар ҷанг шикебо ва дар бархӯрд бо душман устувор ҳастем. Шояд Аллоҳ аз мо ба шумо чизеро нишон диҳад, ки сабаби хушнудиатон гардад. Пас, моро бо баракати Аллоҳ сафарбар созед". Саъд ҳанӯз суханашро хотима набахшида буд, ки чеҳраи Пайғамбар (с) аз шодӣ дурахшид ва фармуданд:

**" سِيرُوا وَأَبْشِرُوا فَإِنَّ اللهَ تَعَالَى قَدْ وَعَدَنِي إِحْدَى الطَّائِفَتَيْنِ، وَاللهِ لَكَأَنِّي الْآنَ أَنْظُرُ إِلَى مُصَارِعِ الْقَوْمِ"**

"**Биёед, рафтем, шод бошед, ки Аллоҳ Таоло ба ман аз ду чиз якеро ваъда кард. Қасам ба Аллоҳ, ки гӯё ман ҳалокати қавмро мебинам**".

Ҳама ба роҳ баромаданд ва чун ба наздикии Бадр расиданд, донистанд, ки корвони Қурайш ба онҳо наздик омадааст. Пас, Расул

(с) Алӣ ибни Абӯтолиб, Зубайр ибни Аввом ва Саъд ибни Абӯваққосро бо чанд нафар саҳобагон ба тарафи чоҳи Бадр барои донистани хабари Қурайш фиристоданд. Онҳо ҳамроҳи ду навҷавон баргаштанд. Расул (с) аз гуфтори ин ду донистанд, ки шумораи Қурайш аз нӯҳсад то ҳазор нафар буда, ҳама ашрофи Қурайш барои ҳимояи корвон баромадаанд. Маълум гашт, ки лашкари душман зиёда аз се баробарро ташкил медиҳад ва мусулмононро як ҷанги пуршиддат дар пеш аст. Расул (с) ба мусулмонон хабар доданд, ки Макка ҷигаргӯшаҳои худро ба сӯи онҳо фиристодааст ва бояд худро ба корзор сахт омода созанд. Мусулмонон иттифоқ карданд, ки бар зидди душман пойдор биистанд. Онҳо ба назди чоҳи Бадр фуруд омаданд, дар он ҷо ҳавзе сохта, онро бо об пур карданд ва чоҳҳои дигарро гӯронданд, то худ об бинӯшанд ва лашкари душман беоб бимонад. Барои Расулуллоҳ (с) соябоне сохтанд. Қурайш, ба набардгоҳ фуруд омад ва дар рӯбарӯи мусулмонон қарор гирифт. Ҷанг оғоз шуд. Он гоҳ Асвад ибни Абдуласади Махзумӣ аз байни сафҳои Қурайш ба сӯи сафҳои мусулмонон бо шитоб омад, то ки ҳавзи онҳоро вайрон кунад. Ҳамза ибни Абдулмутталиб фавран ба вай зарба зад ва соқашро бурид. Асвад ба пушт афтод ва аз пояш хун мешорид. Ҳамза бо зарбаи дуюм ӯро дар ҳавз ба қатл расонд. Утба ибни Рабеа дар байни бародараш Шайба ва писараш Валид барои ҷанги як ба як баромад. Ба сӯи онҳо Ҳамза ибни Абдулмутталиб, Алӣ ибни Абӯтолиб ва Убайда ибни Ҳорис баромаданд. Фурсате нагузашт, ки Ҳамза Шайбаро ва Алӣ Валидро кушта, ҳар ду ба кӯмаки Убайда пардохтанд. Утба бо вай устувор меҷангид. Сипас, мардум ба сӯи якдигар ҳамлавар шуданд ва ду ҷониб пагоҳии рӯзи ҷумъа ҳафдаҳуми моҳи рамазони соли дуюми ҳиҷрат бо якдигар бархӯрданд. Расул (с) сафҳоро ба танзим дароварда, мусулмононро ба ҷанг мебарангехтанд. Қуввати мусулмонон аз барангезиши Расул (с) ва истодани он кас дар миёнашон боз афзуд. Мусулмонон ба разм даромаданд, ғубору ғулғула ба фазо печид, ҷанг тафсид. Сарҳои қурайшиҳо аз танашон мепарид. Қуввати имони мусулмонон меафзуд ва наъра мезаданд:

"Аҳад, Аҳад". Расул (с) дар миёни размгоҳ истода, як каф сангреза гирифта, онро ба сӯи Қурайш андохтанд ва гуфтанд:

"شَاهَتِ الْوُجُوهَ"

"**Зишт бод рӯйҳо!**" Ба асҳоби киром гуфтанд:

"شَدُّوا"

"**Устувор бошед!**"

Мусулмонон то ба пирӯзӣ расидан дар набард сахт ҷангиданд. Қурайш рӯ ба гурез ниҳод, чанде кушта ва чанде асир гашт. Ин барои мусулмонон як пирӯзии бузург шуд ва бо қуввати афзун ба Мадина бозгаштанд.

# *БЕРУН РОНДАНИ БАНӢ-ҚАЙНУҚОЪ*

Норозигии яҳуд қабл аз ҷанги Бадр сар шуда буд. Ҳангоме ки мусулмонон дар Бадр пирӯзӣ ба даст оварданд, ин норозигиву бадхоҳии яҳуд боз ҳам афзуд. Онҳо, ки бар зидди мусулмонон ошкору ниҳон забон як мекарданд, акнун аҳдашонро низ шикастанд. Мусулмонон ҳам роҳи дуруштиро пеш гирифтанд ва ҳар гоҳ ки аз яҳуд кирдори ноҷояе рух медод, ба онҳо зарба мезаданд. Яҳудиён аз нерӯи мусулмонон тарсиданд, лекин ба ҷои худдорӣ озорро афзуданд. Чунончи як зани араб ба бозори яҳудиёни Банӣ-Қайнуқоъ рафт ва бо худ зеваре дошт. Ӯ бо ин зевар дар назди як заргари яҳудӣ нишаст. Он гоҳ яҳудие пинҳонӣ омада, як тарафи домани куртаи занро бо хоре ба пушташ дӯхт. Вақте ки зан бархост, шармгоҳаш намоён шуд. Яҳудиён ба ҳоли ӯ хандиданд. Зан фарёд кашид. Ҳамин вақт, марде аз мусулмонон ба заргар, ки яҳудӣ буд, ҳамла овард ва ӯро кушт. Яҳудиён бар мусулмон сахт ҳуҷум карданд ва ӯро куштанд. Хешовандони мусулмон мусулмононро ба ёрӣ хонданд ва ба яҳудиён ҳуҷум карданд. Байни мусулмонон ва яҳуд низоъ сар зад. Расул (с) ба назди яҳудиён масъала гузоштанд, ки аз озордиҳӣ даст кашанд. Онҳо тундхӯӣ нишон доданд. Пас, Расулуллоҳ (с) ҳамроҳи мусулмонон баромада, Банӣ-Қайнуқоъро сахт дар муҳосира гирифтанд ва баъди машварат бо бузургони мусулмонон ба куштани ҳамаи онҳо қарор карданд. Абдуллоҳ ибни Убай ибни Салул, ки ҳам бо яҳудиён ва ҳам бо мусулмонон ҳампаймон буд, ба ҳузури Пайғамбар (с) расид ва гуфт: "Эй Муҳаммад, ба дӯстони ман некӣ кунед". Набӣ (с) ҷавобе

надоданд. Вай талабашро такрор кард. Набӣ (с) аз вай рӯ гардонданд. Абдуллоҳ дар талаби хеш исрор варзид. Набӣ (с) ба қароре омаданд, ки ин дархостро бипазиранд, то Абдуллоҳ мадюни некӣ ва меҳрубонии эшон гардад. Ҳамин тавр, талабро пазируфта, қарори қатли Банӣ-Қайнуқоъро бекор намуданд. Вале бар онҳо шарт гузоштанд, ки дар ивази ҷазои кирдорашон ҷилои Мадина кунанд. Онҳо ба ин ҳукм сар ниҳода, аз Мадина ба сӯи шимол роҳ пеш гирифтанд ва ба Азруоти Шом расиданд.

# *БАРҲАМ ДОДАНИ НООРОМИҲОИ ДОХИЛӢ*

Мусулмонон бо Қурайш ба набард пардохтанд ва дар аввалин ҷанг, яъне ҷанги Бадр ба онҳо дарафтода, охируламр ғалабаи бузургеро ба даст даровarданд. Дар натиҷаи ин ғалаба Қурайш онҷунон сахт ба ларза афтод, ки ҳуш аз сараш парид. Мадина аз васваса ва фитнаҳои яҳуд поксозӣ шуд, баъзе ронда шуданд ва бо баъзе дигар созиш сурат гирифт, нерӯ ва тавони мусулмонон афзуд. Вале Қурайш ором нагирифт. Баъд аз ҳодисаи Бадр барои ҷанг бо мусулмонон ва ситонидани интиқом аз онҳо омодагӣ медид, то мағлубияти рӯзи Бадрро бо ғалабае ҷуброн кунад. Ниҳоят, воқеаи Уҳуд рух дод ва дар он бо сабаби мухолифати тирандозон ба дастури фармондор Қурайш ғалаба ба даст овард. Дар ин ҷанг мусулмонон шикаст хӯрданд. Қурайш, азбаски шикасти ҷанги Бадрро бо пирӯзӣ ҷуброн кард, аз Уҳуд хотирҷамъ, хушҳол ва шодмон баргашт. Мусулмонон ба Мадина мағлуб баргаштанд. Ҳарчанд душманро то Ҳамроуласад таъқиб карданд, асари мағлубият бар онҳо чира шуда буд. Бо сабаби ин шикаст бисёр касон дар Мадина мусулмононро дигар писанд накарданд, ҳамчунин баъзе қабилаҳои араб аз онҳо рӯй тофтанд. Зеро яҳудиён ва мунофиқони Мадина баъди пирӯзии Бадр ва дуруштии мусулмонон нисбат ба онҳо мутеу фармонбардори салтанати мусулмонон шуда буданд. Қабилаҳои хориҷи Мадина ҳам аз қуввати мусулмонон ба тарс афтода буд. Лекин ҳама баъд аз воқеаи Уҳуд тағйир ёфт. Арабҳое, ки дар хориҷи Мадина зиндагӣ мекарданд, ба фикри зиддият ва душмании Муҳаммад (с)

афтоданд. Яҳуд ва мунофиқони Мадина ҳам бар зидди мусулмонон ҷангҷӯӣ ва зиддият мекарданд. Бо сабаби ин корҳо Расулуллоҳ (с) кӯшиш намуданд, ки аз ахбори аҳолии Мадина ва қабилаҳои араби хориҷи он воқиф гарданд, то битавонанд эҳтиром ва ҳайбати мусулмононро ба қалбҳо баргардонанд. Аз ин рӯ, бо мақсади нобуд сохтани осори ин мағлубият бар зидди ҳар касе, ки мусулмононро таҳқир мекард ва ё ба онҳо зиёне мерасонд, нерӯро ба кор бурданд.

Баъди як моҳи ҷанги Уҳуд ба Пайғамбар хабар расид, ки қабилаи Банӣ-Асад мехоҳад ба Мадина ҳуҷум кунад ва гӯсфандҳои мусулмононро, ки дар атрофи Мадина мечаранд ба яғмо бубарад. Пас, Расул (с) ирода намуданд, ки пеш аз ҳуҷуми ин қабила ба Мадина ба бошишгоҳи онҳо ҳамла оранд. Бинобар ин, Абӯсалама ибни Абдуласадро ба ҳузур хонда, ба вай рояти сарияеро, ки ададаш ба яксаду панҷоҳ кас мерасид ва бисёрии онро беҳтарин диловарони мусулмон ташкил медод, супурданд. Дар миёни онҳо Абӯубайда ибни Ҷарроҳ, Саъд ибни Абӯваққос, Усайд ибни Ҳузайр ва ғайраҳо ҳузур доштанд. Ба онҳо фармуданд, ки шабона ба бероҳа ҳаракат кунанд, рӯзона пинҳон шаванд, то ҳеҷ кас аз онҳо хабардор нашавад ва бо як ҳамлаи ногаҳонӣ душманро ғофилгир созанд. Абӯсалама то қабилаи Банӣ-Асад расид. Ҳангоми сапедадам онҳоро ба муҳосира гирифта, бар сарашон ҳамла овард. Сарбозонро ба ҷиҳод ташвиқ кард, ки дар натиҷа душманро шикаст доданд, бар онҳо ғалаба карданд, молҳояшонро ғанимат гирифтанд ва ба Мадина пирӯзмандона бозгаштанд. Бо ҳамин ба дилҳо ҳайбат ва тавоноии мусулмононро баргардониданд.

Сипас, ба Расул (с) хабар расид, ки Холид ибни Суфёни Ҳузалии муқими Арана ё Нахла мардумро барои ҳуҷум ба Мадина ҷамъ мекунад. Пайғамбар (с) Абдуллоҳ ибни Унайсро ба ҳузури худ хонда, ӯро барои ҷосусӣ фиристоданд, то аз ҳақиқати хабар воқиф гарданд. Абдуллоҳ рафт ва бо Холид вохӯрд. Холид пурсид: "Ту кистӣ?" Абдуллоҳ гуфт: "Ман як марди араб ҳастам, шунидам, ки барои Муҳаммад (с) одам ҷамъ овардаӣ, барои ҳамин наздат

омадам". Холид омодагии худро ба ҳуҷуми Мадина махфӣ надошт. Абдуллоҳ, ки мунтазири фурсати танҳо мондани Холид аз мардум буд, ҳамроҳи ӯ оҳиста-оҳиста роҳ рафт. Ҳамин ки фурсат ёфт, шамшер кашид ва ӯро ба қатл расонд. Абдуллоҳ ба Мадина бозгашт ва хабарро ба Расул (с) расонид. Бо кушта шудани Холид Банӣ-Лиҳён, ки аз қабилаи Ҳузайл буд, хомӯш гашт ва Расул (с) аз шарри ҳуҷуми он ва ҷамъоварии арабҳо барои ҳуҷум ба Мадина эмин шуданд. Расул (с) масъалаи қабилаҳои араби хориҷи Мадинаро бо ҳамин тариқ ҳал карданд. Лекин ин муолиҷа, агарчи дар боздоштани арабҳо аз ҳуҷуми Мадина фоида дод, беэътиноии арабҳоро ба салтанати мусулмонон баъди Уҳуд барҳам надод. Зеро як гурӯҳ намояндагон аз қабилаҳои ҳаммарзи Ҳузайл ба назди Расул (с) омаданд ва гуфтанд: "Мо ба Ислом майл дорем. Бо мо аз асҳобатон чанд нафареро бифиристед, ки бароямон динро биёмӯзонанд, Қуръон бихонанд ва шароеи Исломро таълим диҳанд. Расул (с) шаш нафар саҳобаро фиристоданд. Саҳобагон ҳамроҳи онҳо ба роҳ баромаданд ва ниҳоят, дар мавзеъе бо номи Раҷеъ ба сари обе расиданд, ки аз они қабилаи Ҳузайл буд. Ин гурӯҳ даст ба хиёнат зада, аҳолии Ҳузайлро бар зидди мусулмонон барангехтанд. Баногоҳ ин шаш нафар мусулмон одамони шамшербадастро диданд, ки онҳоро ба муҳосира гирифтаанд. Мусулмонон ҳам шамшер кашиданд ва бо онҳо ҷангиданд, то ин ки се кас кушта ва се каси дигар дастгир шуданд. Ҳузайл ин се нафарро асир гирифт ва ба роҳи Макка баромад, то онҳоро дар Макка фурӯшад. Дар асной роҳ яке аз он се нафар, ки Абдуллоҳ ибни Ториқ буд, ғафлати қавмро ғанимат шумурда, дасташро аз банди асорат кушод ва барои ҷангидан шамшерашро гирифт. Вале душманон ба вай имконият надоданд, ӯро куштанд, ду асири дигарро бо худ бурданд ва он ҳар дуро аҳли Макка хариданд. Яке аз ин ду нафар Зайд ибни Дасана буд, ки ӯро Сафвон ибни Умайя харид, то барои падараш Умайя ибни Халаф қатл кунад. Вақте ки Зайд барои куштан оварда шуд, Абӯсуфён аз ӯ пурсид: "Ба номи Аллоҳ, аз ту мепурсам, эй Зайд, оё мехоҳӣ, ки ҳоло Муҳаммад ба ҷои ту дар пеши мо бошаду

гарданаш бурида шавад ва ту дар назди оилаат бошӣ?" Зайд гуфт: "Қасам ба Аллоҳ, намехоҳам, ки ҳоло Муҳаммад дар ҳамон ҷое, ки ҳаст, ба пояш хоре халаду ба вай озор расад ва ман дар байни аҳли оилаам бошам". Абӯсуфён тааҷҷуб кард ва гуфт: "Надидаам, ки нафареро нафари дигар ончунон дӯст дорад, ки Муҳаммадро асҳобаш дӯст доранд". Пас, Зайд кушта шуд. Нафари дуюм Хубайб буд ва ӯро то рӯзе, ки барои ба дор овехтан (аз ҳарам ба сӯи ҳил) берун оварданд, дар ҳабс нигоҳ доштанд. Ӯ ба қотилон гуфт: "Агар зид набошед, маро раҳо созед, то ду ракъат намоз бигузорам". Онҳо ба Хубайб рухсат доданд ва ӯ ду ракъат намоз гузорид. Ӯ ин ду ракъат намозро хеле некӯ ба анҷом расонид. Пас, бар онҳо рӯй овард ва гуфт: "Қасам ба Аллоҳ, агар гумон намекардед, ки ман аз тарси кушта шудан намозро дароз мегузорам, онро идома медодам". Чун ӯро ба тахти дор бардоштанд ва ба ресмони дор бастанд, ба онҳо бо чашми ғазаб нигоҳ афканд ва фарёд кашид: "Эй Аллоҳ, мо рисолати Пайғамбаратро расонидем, пас, ту ҳам пагоҳӣ ба Пайғамбар бирасон, ки онҳо бо мо чӣ кор мекунанд. Эй Аллоҳ, адади онҳоро худат бишумор ва ҳеҷ якеро нагузошта ҳалок гардон". Мушрикон аз фарёди Хубайб ларзиданд ва сипас, ӯро куштанд. Расул (с) ва мусулмонон барои ин шаш нафар андӯҳгин гаштанд. Нописандӣ ва беэътиноии қабилаи Ҳузайл нисбат ба мусулмонон андӯҳи онҳоро боз ҳам афзуд. Пайғамбар (с) дар ин хусус бисёр фикр карданд. Дар аснои ин андешаҳо ба наздашон Абӯбарроъ Омир ибни Молики Мулоибуласинна омад. Расул (с) ӯро ба Ислом таклиф карданд. Вай напазируфт, лекин ба Ислом адовате нишон надод ва ба Расул (с) гуфт: "Эй Муҳаммад, агар аз асҳобатон касонеро ба сӯи аҳли Наҷд бифиристед ва онҳоро ба ин амр даъват кунанд, умедворам, ки мепазиранд". Вале Расул (с) хавф бурданд, ки мабодо аҳли Наҷд ҳам чун аҳли Ҳузайл ба асҳоби киром хиёнат кунад, бинобар ин, пешниҳоди Абӯбарроъро напазируфтанд. Лекин Абӯбарроъ, вақте ки доиёнро ба ҳимояи худ гирифт, Пайғамбар (с)-ро қонеъ гардонд. Вай ба Расул (с) гуфт: "Ман барои онҳо ҳимоятгарам, онҳоро бифиристед, мардумро ба коратон даъват

кунанд". Абӯбарроъ марде буд, ки ба суханаш гӯш медоданд ва агар касеро ба ҳимояи худ мегирифт, дигар барои он кас хавфи хиёнат вуҷуд надошт. Он гоҳ Расулуллоҳ (с) Мунзир ибни Амрро бо чил нафар беҳтарин мардони мусулмон фиристоданд. Онҳо ба роҳ баромаданд ва чун ба чоҳи Мауна расиданд, дар он ҷо истода, ба Омир ибни Туфайл бо дасти як нафар аз ҳамроҳонашон номае фиристоданд. Омир ба нома нигоҳ ҳам накард, балки номабарро кушт ва қабилаи Банӣ-Омирро бар зидди мусулмонон барангехт, то бо онҳо биҷанганд. Лекин онҳо аз ин кор даст кашиданд ва ба аҳди худ – ба ҳимояи Абӯбарроъ вафо карданд. Лекин Омир қабилаҳои дигарро бар зидди мусулмонон барангехт ва онҳоро дар ҷойгоҳашон иҳота кард. Вақте ки мусулмонон онҳоро диданд, шамшерҳоро гирифтанд ва то кушта шудан ҷангиданд. Аз онҳо танҳо ду нафар наҷот ёфт. Расулуллоҳ (с) ва мусулмонон барои ин шаҳидон сахт андӯҳгин шуданд ва ин воқеа ба онҳо хеле сахт таъсир кард. Расулуллоҳ (с) дар бораи ин воқеа ва дар хусуси тариқате, ки арабҳоро ба он восита муолиҷа созанд ва ҳайбати мусулмононро ба қалбҳои онҳо аз нав баргардонанд, андеша карданд. Вале диданд, ки ин корҳо ба вазъи дохили Мадина таъсир расондааст. Бинобар ин, лозим донистанд, ки аввало аҳволи дохилиро муолиҷа намоянд, сипас, баъди дилпур гаштан аз вазъи дохилии Мадина ба ҳалли масъалаи арабҳо ва корҳои хориҷӣ бипардозанд. Дар дохил чунин ҳолат рух дод, ки ҷанги Уҳуд, ҳодисаҳои Раҷеъ ва чоҳи Мауна ҳайбати мусулмононро дар дилҳои мунофиқон ва яҳуд суст кард. Акнун онҳо барои шикаст додани Расул (с) фурсат мепоиданд. Расул (с) баъди пайгириву таҳқиқ ниятҳои онҳоро кашф намуданд, ки ҳатто забоняккунии онҳо бар зидди мусулмонон ошкор шуд. Пас, Расулуллоҳ (с) Муҳаммад ибни Масламаро ба сӯи онҳо фиристода, ба вай фармуданд:

"اِذْهَبْ إِلَى يَهُودِ بَنِي النَّضِيرِ وَقُلْ لَهُمْ: إِنَّ رَسُولَ اللهِ أَرْسَلَنِي إِلَيْكُمْ أَنِ اخْرُجُوا مِنْ بِلَادِي، لَقَدْ نَقَضْتُمُ الْعَهْدَ الَّذِي جَعَلْتُ لَكُمْ بِمَا هَمَمْتُمْ بِهِ مِنَ الْغَدْرِ بِي، فَقَدْ أَجَّلْتُكُمْ عَشراً فَمَنْ رُؤِيَ بَعْدَ ذَلِكَ ضَرَبْتُ عُنُقَه"

"**Ба сӯи яҳуди Банӣ-Назир бирав ва ба онҳо бигӯ: Расулуллоҳ (с) маро ба назди шумо фиристоданд ва фармуданд, ки аз шаҳри ман равед. Зеро бо сабаби қасди хиёнат ба ман аҳдеро, ки бо шумо баста будам, шикастед. Пас, ман ба шумо даҳ рӯз мӯҳлат медиҳам. Ҳар кӣ баъди ин мӯҳлат дида шавад, гарданашро хоҳем бурид**".

Агар Банӣ-Назирро Абдуллоҳ ибни Убай барои мондан намебарангехт ва Ҳуяй ибни Ахтаб онҳоро барои дар қалъаҳояшон нишастан ташвиқ намекард, наздик буд, ки раванд. Даҳ рӯз ҳам гузашт, вале онҳо аз маконашон набаромаданд. Расул (с) бо онҳо ҷангиданд ва аҳволашонро ба танг оварданд. Бинобар ин, аз Расул (с) ба ивази рафтан барои мол, хун ва авлодашон амонӣ хостанд. Расул (с) ба шарти аз Мадина рафтани онҳо сулҳ бастанд ва барои ҳар се нафар як шутур рухсат доданд, то ҳар чӣ аз хӯрданӣ ва нӯшиданӣ бихоҳанд, ба он бор кунанд, на чизи дигар. Онҳо рафтанд ва ҳар дороие, ки доштанд, аз қабили замин, нахлистон, ғаллазор ва силоҳ ҳамаро ба мусулмонон ғанимат гузоштанд. Расулуллоҳ (с) ғаниматро фақат дар байни муҳоҷирон тақсим карданд, ба ансориён ҷуз Абӯдуҷона ва Саҳл ибни Ҳаниф ба касе дигар чизе надоданд. Зеро ин ду ансорӣ ҳам монанди муҳоҷирон фақир буданд.

Бо бадарға кардан ва ҷазо додани Банӣ-Назир Расул (с) умури сиёсати дохилиро ҳал карданд ва ҳайбати мусулмонон барқарор гашт. Ҳамин тавр, ба сиёсати хориҷӣ рӯй оварданд. Расул (с) Қурайшро ба ғазваи охирини Бадр фаро хонданд, вале Қурайш ба ин вохӯрӣ ҷуръат накард. Ҷараёни ҳодиса чунин шуд, ки бо гузашти як сол аз ҷанги Уҳуд Расул (с) сухани Абӯсуфёнро ба ёд овард, ки

гуфта буд: "Ин ғалаба ба ҷойи мағлубияти Бадр ва вохӯрӣ соли оянда аст". Бинобар ин, вохӯриро бо Абӯсуфён зарур дониста, мусулмононро ба ин вохӯрӣ омода сохтанд. Бар Мадина Абдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Салулро омил таъйин карда, бо мусулмонон ба роҳ баромаданд ва то Бадр расиданд. Дар ин ҷо интизор ва омодаи ҷанг бо Қурайш истоданд. Қурайш бо сарварии Абӯсуфён ҳамроҳи зиёда аз ҳазор кас аз Макка баромад. Лекин дере нагузашта ба ақиб баргашт ва мардум ҳам бо вай баргаштанд. Расулуллоҳ (с) дар Бадр ҳашт рӯзи паёпайро чашм ба роҳи Қурайш паси сар карданд. Қурайш наомад ва хабари бозгашташ ба он кас расид. Ҳамин тавр, ҳамроҳи мусулмонон, ки ҳангоми иқомат дар Бадр аз тиҷорат фоида дида буданд, бозгаштанд. Онҳо агарчи наҷангиданд, пирӯз баргаштанд. Сипас, Расул (с) бар қабилаи Ғатафон, ки дар Наҷд буд, ҳамла карданд. Онҳо аз бархӯрд бо мусулмонон тарсида, молу мулк ва занонашонро партофта гурехтанд. Мусулмонон он ҳамаро ғанимат гирифта, ба Мадина баргаштанд. Баъд аз он, Расул (с) ба сӯи Давматулҷандал, ки дар ҳудуди мобайни Ҳиҷоз ва Шом қарор дошт, баромаданд, то қабилаҳоеро, ки корвонҳоро ғорат мекарданд, ҷазо диҳанд. Лекин ин қабилаҳо ҳам аз тарс ҷуръати муқобилат накарданд ва молҳояшонро гузошта, гурехтанд. Мусулмонон ҳамаро ғанимат гирифта, пирӯз баргаштанд.

Бо ин ғазваҳои хориҷӣ ва ҷазодиҳиҳои дохилии Мадина Расул (с) ҳайбати Давлати Исломиро ба дилҳои араб ва яҳуд баргардонданд ва асарҳои мағлубияти Уҳудро батамом маҳв сохтанд.

# ҒАЗВАИ АҲЗОБ

Ғазваҳо ва саркӯбсозиҳои Расулуллоҳ (с) баъди ғазваи Уҳуд дар густариши ҳайбати мусулмонон ва пойдоргардонии Давлати Исломӣ таъсири калон доштанд. Бо ин сабаб нуфузи мусулмонон афзуд, салтанаташон вусъат ёфт ва нимҷазираи Арабистон аз онҳо тарсид. Аз ин пас арабҳо номи Расул (с)-ро мешуниданд, ки бар зидди онҳо ба ҷанг омадааст, ба ҳарос меафтоданд ва пушт гардонда мегурехтанд, чунонки ин ҳол дар Ғатафон ва Давматулҷандал рух дод. Қурайш ҳам аз вохӯрии мусулмонон тарсид, чӣ тавре ки дар ғазваи охирини Бадр воқеъ шуд. Дар натиҷаи ин ҳама мусулмонон ба ҳаёти андак осудатар дар Мадина рағбат пайдо карданд. Онҳо рӯзгори хешро дар партави вазъияти наве, ки барои муҳоҷирон баъди ғаниматҳои Банӣ-Назир ва бар онҳо тақсим шудани заминҳо, нахлистонҳо ва маскану асбоби рӯзғор ба вуқӯъ пайваст, ба тартиб даровper. Лекин вазъияти нав онҳоро чандон ба ҳаёт машғул насохт, ки аз идома додани ҷиҳод боздошта бошад, чунки ҷиҳод то рӯзи қиёмат фарз аст. Дигаргунӣ ҳамин қадар буд, ки сатҳи маишӣ ва ҳолати истиқрору амнияти мусулмонон аз пештара беҳтар шуд. Бо вуҷуди ин хотирҷамъӣ, Расул (с) доимо аз таҷовузи душман барҳазар буданд, ҳамеша ҷосусону коршиносони худро ба ҳар гӯшаву канори нимҷазира мефиристоданд. Онҳо ба Расулуллоҳ (с) аз ахбори арабҳо ва нақшаҳои онҳо иттилоъ медоданд, ки ин барои омодашавӣ ба мулоқоти душман имкон фароҳам меовард, Пайғамбар (с) аз равишу услуб ва шароити омодагии душман ба ҷанг хабардор мешуданд. Хусусан, вақте ки Расулуллоҳ ба

салтанати барои тамоми арабҳо ваҳмангез соҳиб шуданд, аз Мадина яҳуди Банӣ-Қайнуқоъ ва Банӣ-Назирро ронданд, инчунин қабилаҳои араб монанди Ғатафон, Ҳузайл ва ғайраро зарбаҳои ҳалокатбор заданд, сафи душманони мусулмонон дар нимҷазира афзуд. Бинобар ин, Расул (с) ҳамеша ахбори арабҳоро бо ҳушёрӣ пайгирӣ мекарданд. Ҳамин тавр, рӯзе ба Пайғамбар (с) хабари лашкаркашии Қурайш ва баъзе қабилаҳо барои ҳуҷум ба Мадина расид. Пайғамбар (с) барои набард бо онҳо ба омодагӣ пардохтанд. Воқеа бо ин сабаб рух дода буд, ки Расул (с) чун Банӣ-Назирро аз Мадина ронданд, онҳо ба фикри барангехтани арабҳо бар зидди Расул (с) афтоданд, то ба ин восита интиқом биситонанд. Бо ин мақсад, гурӯҳе аз яҳуди Банӣ-Назир ба роҳ баромад. Дар байни онҳо Ҳуяй ибни Ахтаб, Салом ибни Абулҳақиқ ва Канона ибни Абулҳақиқ, бо ҳамроҳии онҳо аз қабилаи Банӣ-Воил Ҳавза ибни Қайс ва Абӯаммор низ буданд. Онҳо ба назди Қурайш рафтанд. Аҳли Макка аз Ҳуяй дар бораи қавмаш пурсиданд. Ӯ гуфт: "Онҳоро дар миёни Хайбар ва Мадина гузошта омадам, бо тараддуд истодаанд, то шумо ба наздашон биравед ва якҷоя ба сӯи Муҳаммад ва асҳобаш ҳуҷум кунед". Боз аз ӯ дар бораи Қурайза пурсиданд. Ӯ гуфт: "Онҳо дар Мадина барои фиреби Муҳаммад (с) истодаанд, то ба сӯи онҳо биравед ва бо шумо бипайванданд". Қурайш ҳам дудила шуд, ки оё ба Мадина биравад ё худдорӣ кунад. Зеро дар байни Қурайш ва Муҳаммад ҷуз даъвате, ки ба сӯи Аллоҳ мехонад, ихтилофе вуҷуд надорад. Оё мумкин нест, ки барҳақ бошад? Аз ин лиҳоз, Қурайш ба яҳуд гуфт: "Эй ҷамоати яҳуд, албатта шумо аҳли китоби аввалин ҳастед ва медонед, ки мо ва Муҳаммад дар чӣ ихтилоф мекунем. Оё дини мо беҳтар аст ё дини Муҳаммад?" Яҳуд гуфтанд: "Албатта дини шумо аз дини Муҳаммад беҳтар аст ва шумо аз ӯ барҳақтар ҳастед". Ҳол он ки яҳуд аҳли тавҳид буданд ва медонистанд, ки дини Муҳаммад (с) ҳақ аст. Лекин ҳирси барангезиши арабҳо онҳоро ба вартаи чунин хатои фоҳиш фурӯ бурд. Ин як ору нанги абадӣ буд, ки онҳо бутпарастиро аз яккахудоӣ афзал гуфтанд. Дар ҳақиқат, яҳудиён чунин зулмро раво

диданд ва имрӯз низ аз зулми ҳамонанди он ҳазар намекунанд. Чун дилпур шуданд, ки Қурайш ба раъйашон қонеъ гашт, ба Ғатафон ба назди Қайси Айлон, ба қабилаҳои Банӣ-Мурра, Банӣ-Физора, Ашҷаъ, Салим, Банӣ-Саъд, Асад ва ба назди тамоми қабилаҳое, ки аз мусулмонон интиқом мехостанд, рафтанд. Яҳудиён онҳоро пайваста ба интиқомситонӣ барангехтанд, ёдрас намуданд, ки Қурайш ҳам дар ҷанги зидди Муҳаммад ба яҳуд пайравӣ мекунад. Онҳо бутпарастии мушриконро месутуданд ва барояшон ваъдаи ёрӣ медоданд. Ҳамин тавр, яҳудиён арабҳоро ба ҷанги зидди Расул (с) барангехта тавонистанд. Дар натиҷа, чанд қабилаи араб сарҷамъ омада, ҳамроҳи Қурайш бо қасди ҳуҷум ба Мадина раҳсипор шуданд.

Қурайш таҳти сарварии Абӯсуфён бо чор ҳазор ҷанговар, ки аз сесад аспсавор ва якуним ҳазор савораи шутурҳо иборат буданд, баромад. Ғатафон бо сарварии Уяйна ибни Ҳисн ибни Ҳузайфа ҳамроҳи ҷанговарони зиёд ва ҳазор шутур баромад. Ашҷаъ бо чорсад сарбоз дар зери сарварии Мисъар ибни Рахила баромад. Мурра ҳам бо чорсад сарбоз баромад, ки онҳоро Ҳорис ибни Авф раҳбарӣ мекард. Қабилаҳои Салим ва соҳибони чоҳи Мауна бо ҳафтсад кас омаданд. Инҳо сарҷамъ шуданд ва ба онҳо Банӣ-Саъд ва Банӣ-Асад низ ҳамроҳ шуданд. Ҳамин тавр, онҳо қариб даҳ ҳазор нафарро ташкил доданд ва ҳама дар таҳти фармондеҳии Абӯсуфён ба қасди Мадина роҳ пеш гирифтанд. Вақте ки хабари ин лашкари гирдиҳамомада ба Расул (с) расид, қарор карданд, ки дар Мадина истеҳком бигиранд. Салмони Форсӣ маслиҳат дод, ки ба гирдогирди Мадина хандақ канда, дар дохили шаҳр сангар бигиранд. Бинобар ин, хандақ канда шуд ва дар он худи Набӣ (с) бо дастони муборак кор карданд. Чунончи хок мекашонданд, мусулмононро ба шуҷоат ва ҷаҳду кӯшиши дучанд тарғиб мекарданд. Кандани хандақ дар шаш рӯз ба анҷом расид ва деворҳои ҳавлиҳое, ки ба душман рӯбарӯ меомад, мустаҳкам карда шуданд. Хонаву ҷойҳоеро, ки дар паси хандақ буд, холӣ карданд ва занону кӯдаконро ба манзилҳои мустаҳкам оварданд. Расул (с) бо

се ҳазор мусулмон ба ҷанг баромаданд ва пушт ба сӯи баландии Салъ қарор гирифтанд. Хандақро дар миёни худ ва душман гузоштанд. Лашкарро дар ҳамин мавзеъ ҷобаҷо карданд ва барояшон хаймаи сурх зада шуд.

Қурайш ҳамроҳи муттаҳидинаш наздик омаданд ва умед доштанд, ки бо Муҳаммад  дар Уҳуд вомехӯранд, вале дар он ҷо касеро наёфтанд ва ба сӯи Мадина гузаштанд. Онҳо ногаҳон хандақро дида, ба ҳайрат афтоданд. Зеро чунин навъи воситаи мудофиаро намедонистанд. Қурайш ва муттаҳидинаш дар беруни Мадина аз он сӯи хандақ ҷой гирифтанд. Абӯсуфён ва ҳамроҳонаш пай бурданд, ки онҳо дар назди хандақ муддати дурудароз мемонанд ва аз он гузашта наметавонанд. Фасли зимистон буд, шамолҳои сахт мевазид, ҳаво ҳам ниҳоят сард буд. Бинобар ин, кам-кам хаста шуданд ва беҳтар донистанд, ки бо роҳи худ қафо гарданд. Ҳуяй ибни Ахтаб ин вазъиятро пай бурд ва ба онҳо гуфт, ки Банӣ-Қурайзаро барои шикастани аҳд бо Муҳаммаду мусулмонон ва пайвастан ба сафи муттаҳидини Қурайш розӣ месозад. Вақте ки Қурайза ба ин кор даст занад, аз мусулмонон мадад канда мешавад ва ба дохили Мадина роҳ кушода мегардад. Инро шунида Қурайш ва Ғатафон шод гардиданд ва Ҳуяй шитобон ба сӯи Каъб ибни Асад – пешвои Банӣ-Қурайза рафт. Вақте ки Каъб инро ҳис кард, дари қалъаро ба рӯйи вай баст. Лекин Ҳуяй сахт пофишорӣ кард, то ин ки Каъб дари қалъаро кушод. Ҳуяй ба вай гуфт: "Вой бар ту, эй Каъб, ман ба назди ту обрӯи дунё ва баҳри пуробро овардам. Ман ба назди ту бузургону хоҷагони Қурайш ва Ғатафонро овардам. Онҳо ба ман аҳду паймон доданд, ки то Муҳаммаду ҳамроҳонашро батамом нобуд насозанд, аз ин ҷо барнамегарданд". Каъб дудила шуд, садоқат ва вафодории Муҳаммад (с)-ро ба ёд овард ва аз оқибати коре, ки Ҳуяй бар он мехонд, тарсид. Лекин Ҳуяй ҳар бор ба Каъб мусибатҳоеро, ки яҳудиён аз Муҳаммад дидаанд, ёдрас мекард ва қуввати аҳзобро месутуд, ки ниҳоят Каъб нарм шуда, пешниҳоди Ҳуяйро пазируфт ва аҳди худро бо Муҳаммад (с) ва мусулмонон бишкаст. Қурайза аз нақзи паймон Расул (с)-ро хабар

надод ва ба аҳзоб ҳамроҳ шуд. Чун ин хабар ба Расул (с) ва асҳоб расид, онҳо ба изтироб афтоданд ва аз оқибати он тарсиданд. Пас, Расулуллоҳ (с) сайиди Авс Саъд ибни Муоз, сайиди Хазраҷ Саъд ибни Убода ва бо ҳамроҳии онҳо Абдуллоҳ ибни Равоҳа ва Хаввот ибни Ҷубайрро фиристоданд, то ҳақиқати корро равшан созанд. Ба онҳо фармуданд, ки агар Қурайза аҳдро шикаста бошад, инро пинҳон доранд, то мардум рӯҳафтода нашаванд ва ба Расул бо ишорат намудан кифоят кунанд. Ҳангоме ки ин фиристодагон омаданд, Қурайзаро дар ҳолати аз шунидаашон бадтар ёфтанд. Фиристодагон кӯшиш намуданд, ки Қурайзаро ба аҳдаш баргардонанд. Каъб дар ҷавоб шарт гузошт, ки бародарони онҳо яҳудиёни Банӣ-Назирро ба диёрашон баргардонанд. Саъд ибни Муоз – ҳампаймони Қурайза хост, ки онҳоро қонеъ созад. Вале онҳо ба Муҳаммад алайҳиссалом дарафтоданд. Каъб мегуфт: "Кист он Расулуллоҳ? Байни мову Муҳаммад на аҳд асту на паймон". Чун фиристодагон баргаштанд ва ҳодисаро гузориш доданд, хавф шиддат гирифт. Аҳзоб худро барои ҷанг омода мекард. Қурайза аз аҳзоб барои омодагӣ даҳ рӯз мӯҳлат пурсид, вале аҳзоб дар ин даҳ рӯз бояд бар зидди мусулмонон набарди шадид мебурд. Онҳо ҳамин хел ҳам карданд. Дар ҳақиқат, душманон барои муҳорибаи Набӣ (с) се ҷабҳа ташкил карданд. Лашкари Ибни Аъвари Саламӣ аз болои водӣ, лашкари Уяйна ибни Ҳисн аз паҳлӯ ва Абӯсуфён аз тарафи хандақ ба муҳориба омода шуданд. Бииму тарси мусулмонон ҳадду канор надошт, чашмҳо гирифтори ҳайрат ва ҷонҳо дар гулӯ дармонда буд. Бозувони аҳзоб пурзӯр гашт, қувва ва рӯҳияашон афзуд. Ҳамин тавр, бебокона ба сӯи хандақ ҳамла оварданд. Баъзе саворони Қурайш, монанди Амр ибни Абдувуд, Икрима ибни Абӯҷаҳл ва Зирор ибни Хаттоб аз як тангнои хандақ савора гузаштанд ва дар байни баландии Салъ ва хандақ ҷавлон заданд. Алӣ ибни Абӯтолиб (р) бо гурӯҳе аз мусулмонон берун омад ва дар ҳамон гузаргоҳ роҳи онҳоро гирифт. Амр ибни Абдувуд ба пеш баромад ва мубориз хост. Вақте ки Алӣ ибни Абӯтолиб ӯро ба набард хонд, бо худписандӣ гуфт: "Чаро баромадӣ, эй бародарзода.

Қасам ба Худо, ки туро куштан намехоҳам". Алӣ (р) гуфт: "Лекин ман, қасам ба Аллоҳ, ки туро куштан мехоҳам". Пас, ҳар ду бархӯрданд ва Алӣ (р) ӯро кушт. Саворагони аҳзоб шикаст хӯрданд, аз нав ба сӯи хандақ пушт гардонда гурехтанд, ҳатто ки ба ҳеҷ чиз нанигаристанд. Лекин ин чиз душманро рӯҳафтода накард, балки аҳзоб барои тарсондани мусулмонон оташи бузургтар афрӯхт. Диловарони Қурайза ҳам аз қалъаи худ ба сӯи хонаҳои ба қалъа наздики Мадина бо қасди тарсондани аҳли хонаҳо фуруд омаданд. Дар натиҷа, андӯҳ сахт, даҳшат бузург шуд ва ҳама ҷоро биму тарс фаро гирифт. Расул (с) боварии бузург доштанд, ки Аллоҳ ба эшон нусрат хоҳад дод. Ҳамин вақт Нуайм ибни Масъуд, ки мусулмон шуда буд, омад. Вай ба Расулуллоҳ (с) кореро пешниҳод намуд, ки иҷрои он садди роҳи кофирон мегардад. Бинобар ин, бо амри Расулуллоҳ (с) ба назди Банӣ-Қурайза рафт. Онҳо аз мусулмон шудани Нуайм хабар надоштанд. Нуайм дар ҷоҳилият ҳамнишини онҳо буд. Вай аз дӯстиву ҳамнишинии пешин сухан кушод ва сипас ба онҳо гуфт, ки чаро Қурайш ва Ғатафонро дастгирӣ намуда, бар зидди Муҳаммад баромадаанд. Зеро Қурайш ва Ғатафон шояд дур тоқат карда натавонанд, он гоҳ яҳудиёнро бо Муҳаммад танҳо гузошта бираванд ва Муҳаммад онҳоро мағлуб созад. Ба яҳудиён насиҳат кард, ки то аз муттаҳидин касонро ба гарав нагиранд, ҳамроҳи онҳо наҷанганд, вагарна аз эҳтимол дур нест, ки Қурайш ва Ғатафон онҳоро гузошта раванд. Нуайм ба гуфтаҳои худ Қурайзаро қонеъ гардонид. Сипас, ба сӯи Қурайш рафт ва "маҳрамона" онҳоро огоҳ сохт, ки Қурайза аз шикастани аҳди худ бо Муҳаммад пушаймон шудааст. Аз ин рӯ, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки бузургони Қурайшро барои гардан задан ба Муҳаммад бисупорад, то ба ин восита ризоият ва дӯстии вайро ба даст биёрад. Бинобар ин, Нуайм ба онҳо маслиҳат дод, ки агар яҳудиён бо талаби гаравгон кас фиристанд, касеро ба гарав надиҳанд. Нуайм бо Ғатафон низ ҳамин гуна амалиётро анҷом дод. Вай дар дили арабҳо аз яҳуд шубҳа андохт. Бинобар ин, Абӯсуфён ба Каъб чунин хабар фиристод: "Будубоши мо ва муҳосираи ин одам хеле тӯл кашид.

Хостам, ки фардо шумо ба вай ҳуҷум кунед ва мо аз паси шумо равем". Каъб дар ҷавоб гуфт: "Фардо шанбе аст. Мо рӯзи шанбе ҷанг ва кор карда наметавонем". Абӯсуфён дарғазаб гашт ва ба ростии суханҳои Нуайм бовар кард. Сафир ба назди Қурайза баргашта ба онҳо гуфт: "Ба ҷойи ин шанбе шанбеи дигар гузинед, бояд фардо бар зидди Муҳаммад биҷангем. Агар мо бар зидди вай ба ҷанг бароему шумо бо мо набошед, аз паймони шумо даст мекашем ва пеш аз Муҳаммад ҷангро бар зидди шумо оғоз мекунем". Вақте ки Қурайза гуфтори Абӯсуфёнро шунид, такроран гуфт, ки ҳурмати рӯзи шанберо таҷовуз нахоҳад кард. Сипас, яҳудиён ба гаравгон ишора намуданд, то аз ояндаи худ хотирҷамъ бошанд. Чун Абӯсуфён инро шунид, барояш дар сухани Нуайм шубҳае намонд ва дар фикри тадбири дигар афтод. Вай бо Ғатафон ҳам гуфтушунид кард. Ғатафон ҳам дар бораи оғози ҷанг бо Муҳаммад дудила шуда буд. Ҳангоме ки шаб фаро расид, Аллоҳ бар сари онҳо шамоли сахт, раъди пурзӯр ва борони бисёреро фиристод. Хаймаҳо париданд, дегҳо чаппа шуданд ва ба дилҳояшон ваҳшат афтод. Онҳо гумон карданд, ки мусулмонон фурсатро ғанимат шумурда, ба тарафи онҳо ҳамла овардаанд. Он гоҳ Тулайҳа бархоста фарёд кашид: "Муҳаммад ба шумо бадиро сар кард. Наҷот! Наҷот!" Абӯсуфён гуфт: "Эй ҷамоати Қурайш, ба роҳ бароед, ки ман рахт бастам". Пас, қавм ба бим афтод ва ҳар чӣ тавонист, бардошту гурехт. Ғатафон ва муттаҳидини дигар низ аз пайи онҳо рафтанд. То субҳидам аз онҳо касе намонд. Чун Расулуллоҳ (с) инро диданд, ҳамроҳи мусулмонон ба хонаҳои Мадина баргаштанд. Аллоҳ мусулмононро аз машаққати ҷанг раҳоӣ бахшид.

Гарчанд Расулуллоҳ (с) аз ташвиши Қурайш осуданд ва Аллоҳ эшонро аз ҷанги вай раҳонид, лозим донистанд, ки ба хотири иҷрои фармони Парвардигораш ба кори Банӣ-Қурайза ҳам хотима бахшанд. Зеро онҳо аҳдро шикастанд ва барои нобуд сохтани мусулмонон забон як карданд. Бинобар ин, бо дастури Пайғамбар (с) муаззин дар байни мардум эълон кард: "Ҳар кӣ гӯшандозу фармонбардор бошад, намози асрро танҳо дар Банӣ-Қурайза

бихонад". Расул (с) Алӣ (р)-ро бо рояти худ ба ҷанги Банӣ-Қурайза фиристоданд. Мусулмонон барои ҷанг аз қафои Алӣ (р) шоду масрур шитофтанд, то ин ки ба Банӣ-Қурайза расиданд ва онҳоро сахт дар муҳосира гирифтанд. Муҳосира муддати понздаҳ шаб давом ёфт. Ҳамин тавр, яҳуд ба назди Расул (с) сафир фиристод ва бо эшон музокира кард, он гоҳ розӣ шуданд, ки Саъд ибни Муоз дар ҳаққи онҳо ҳукм барорад. Саъд ҳукм баровард, ки ҷанговаронро бикӯшанд, молҳояшонро тақсим кунанд ва занону фарзандонашонро ба асорат бигиранд. Ҳукм иҷро гардид, ин қабила низ аз байн рафт ва Мадина аз онҳо пок шуд.

Бо шикасти аҳзоб охирин кӯшиши ҷиддии Қурайш барои бархӯрд ва ҷанг бо Расул (с) хотима ёфт. Се қабилаи яҳудӣ, ки дар атрофи Мадина мезистанд, бо Муҳаммад (с) аҳд доштанд ва ҳар яке бо навбат аҳди хеш шикастанд. Банӣ-Қурайза сеюмини он қабилаҳои яҳудӣ буд, ки маҳв карда шуд ва аз онҳо дигар асар намонд. Бо ҳамин, вазъият дар Мадина ва атрофи он барои Расулуллоҳ (с) ва мусулмонон чунон барқарор гашт, ки арабҳо дигар аз мусулмонон метарсиданд ва сӯи онҳо ба даҳшат менигаристанд.

# *ПАЙМОНИ ҲУДАЙБИЯ*

Шаш соли замони ҳиҷрати Пайғамбар (с) аз Макка сипарӣ шуд, Расул (с) аз қуввати лашкар ва ҷомеаи исломӣ дилпур гаштанд, ҳайбати давлати мусулмонҳо ба қалби тамоми арабҳо ҷо гирифт. Акнун баъди ин ҳама Расул (с) фикр карданд, ки дар роҳи даъват, дар роҳи тақвияти Давлати Исломӣ ва заифгардонии душманон қадами нав гузоранд. Ба Расулуллоҳ (с) хабар расид, ки байни аҳли Хайбар ва Макка барои ҳуҷуми зидди мусулмонон созише рух додааст. Бинобар ин, нақша кашиданд, ки бояд бо аҳли Макка оштӣ кунанд, дар натиҷа монеаи миёни Эшон (с) ва арабҳо бартараф шавад, нашри даъват дар нимҷазираи Арабистон осон гардад ва ҳамчунин ба воситаи ин оштӣ Хайбарро аз Қурайш ҷудо созанд. Расул (с) диданд, ки ин нақша фақат зиёрати Байтуллоҳи Ҳаром аст. Аз ин рӯ, ба қароре омаданд, ки баҳри ба мақсад расидан тарҳи сулҳу оштиро бар худ лозим гиранд. Ҷиҳати дигар, ки татбиқи ин нақшаро осон мегардонид, ҷанг накардани арабҳо дар моҳҳои ҳаром буд. Пайғамбар (с) медонистанд, ки ягонагии Қурайш аз байн рафтааст, тарси мусулмонон онро фаро гирифтааст ва инчунин вай дар бораи Расул (с) ҳазор хел ҳисобу китоб мекунад. Ҳамин тавр, Муҳаммад (с) иродаи ҳаҷҷи Байтулҳаром карданд. Илова бар ин, рафту агар Қурайш эшонро иҷозаи зиёрат надиҳад, ин яке аз воситаи интишори даъват дар байни арабҳо ва ташвиқот бар зидди Қурайш хоҳад шуд. Бинобар ин, Расул (с) дар моҳи зулқаъдаи ҳаром эълони сафари ҳаҷ карданд ва ба қабилаҳои ғайримусулмони араб кас фиристода, онҳоро даъват намуданд, ки

эшонро дар сафари осоишта ва беҷанг ба Байтуллоҳ ҳамроҳӣ кунанд. Пайғамбар (с) мехостанд ба ин восита араб бидонад, ки он кас барои ҳаҷ баромадаанд, на барои ҷанг ва чун дар ҳақиқат иродаи ҷанг надоранд, бо худ арабҳои ғайримусулмонро, ки дар дини эшон нестанд, ҳамроҳ гирифтаанд. Бо вуҷуди ин, агар Қурайш эшонро аз ҳаҷ боздорад, раъйи оммаро ба даст хоҳанд даровард. Дар ҳақиқат, Расул (с) нақшаи сулҳро қабул карда буданд. Аз ин рӯ, ба мусулмонон ҷуз шамшерҳои дар ғилоф гирифтани силоҳи дигарро рухсат надоданд ва ба онҳо фаҳмонданд, ки эшон ба сафари ҳаҷ баромадаанд, на ба ҷанг. Расул (с) ҳамроҳи якҳазору чорсад кас аз Мадина раҳсипор шуданд ва савори шутури худ бо номи Қасво пешопеши мардум ҳаракат мекарданд. Бо худ ҳафтод шутури қурбонӣ гирифтанд ва барои умра эҳром бастанд, то мардум бидонанд, ки Пайғамбар (с) иродаи ҷанг надоранд, балки барои зиёрати Байтуллоҳи Ҳаром баромадаанд. Вақте ки аз Мадина баромада, масофаи шаш ё ҳафт милро паймуданд, ба Зулҳулайфа расиданд, дар ҳамон ҷо барои умра талбия гуфтанд. Пас, сӯи Макка равона шуданд ва ба Қурайш хабар расид, ки онҳо барои ҳаҷ баромадаанд, на барои ҷанг. Қурайш хавф бурд, ки мабодо Муҳаммад (с) барои ба Макка даромадан ва ғофилгир кардани аҳолии он чунин ҳилае андешида бошад, аз ин рӯ, дар хусуси ин амр ҳазор чораву тадбир андешид. Ниҳоят, ба қароре омад, ки новобаста ба шумораи қурбониҳо бояд аз вуруди Муҳаммад (с) ба Макка ҷилавгирӣ кунад. Бинобар ин, барои бархӯрд бо мусулмонон ва ҷилавгирӣ аз вуруди онҳо ба Макка лашкар омода сохт. Онҳо Холид ибни Валид ва Икрима ибни Абӯҷаҳлро бар як лашкари калон фармондеҳ таъйин карданд, ки дар ин лашкар танҳо худи аспсаворон дусад нафар буданд. Лашкари мушрикон аз Макка баромада, барои боздоштани озимони ҳаҷ ба сӯи онҳо раҳсипор шуд ва ба Зӯтуво ном ҷой расида, дар он ҷо қарор гирифт. Ба Муҳаммад (с) хабари корҳои Қурайш, аз ҷумла омода намудани лашкар барои боздоштани эшон аз ҳаҷ расид. Чун Пайғамбар (с) ба Усфон ном деҳае расиданд, ки аз Макка дурӯза роҳ дур буд, бо касе

аз қабилаи Банӣ-Каъб вохӯрданд. Набӣ аз ӯ ахбори Қурайшро пурсиданд. Ӯ гуфт: "Қурайш омадани шуморо шунидааст. Онҳо шутурҳои ҷӯшои бачадорро бо худ гирифта баромадаанд ва пӯстҳои паланг ба тан кашидаанд (с)яъне ба ҷанг омода шудаанд). Онҳо ба Зӯтуво фуромадаанд ва ба Аллоҳ аҳд додаанд, ки шумо ҳаргиз ба Макка роҳ нахоҳанд дод. Холид ибни Валид бо саворагони онҳо ба Куроулғамим омад (ин макон аз қароргоҳи мусулмонон Усфон ҳашт мил дур аст)". Вақте ки Расулуллоҳ (с) ин посухро шуниданд, гуфтанд:

" يَا وَيْحَ قُرَيْشٍ، لَقَدْ أَكَلَتْهُمُ الْحَرْبُ مَاذَا عَلَيْهِمْ لَوْ خَلُّوا بَيْنِي وَبَيْنَ سَائِرِ الْعَرَبِ، فَإِنْ هُمْ أَصَابُونِي كَانَ ذَلِكَ الَّذِي أَرَادُوا، وَإِنْ أَظْهَرَنِي اللهُ عَلَيْهِمْ دَخَلُوا فِي الْإِسْلَامِ وَافِرِينَ، وَإِنْ لَمْ يَفْعَلُوا قَاتَلُوا وَبِهِمْ قُوَّةٌ، فَمَا تَظُنُّ قُرَيْشٌ، فَوَاللهِ لَا أَزَالُ أُجَاهِدُ عَلَى الَّذِي بَعَثَنِي اللهُ بِهِ حَتَّى يُظْهِرَهُ اللهُ أَوْ تَنْفَرِدَ هَذِهِ السَّالِفَةُ"

"**Вой бар ҳоли Қурайш, ҷанг онҳоро нобуд кард. Чаро миёни ману арабҳои дигарро озод намегузоранд? Агар арабҳо маро шикаст диҳанд, хостаи онҳо рух медиҳад ва агар Аллоҳ маро бар арабҳо ғолиб гардонад, бисёрии онҳо ба Ислом медароянд. Агар чунин накунанд, қувва доранд, меҷанганд. Қурайш дар сар чӣ гумон мепарварад? Қасам ба Аллоҳ, барои он чӣ Аллоҳ маро бо он фиристод, ҳамеша хоҳам ҷангид, то ки Аллоҳ онро пирӯз мегардонад ва ё ин гардан танҳо мемонад**", яъне то замони ғалаба ва ё марг пайваста ҷиҳод хоҳанд кард. Ҳамин ҷо Пайғамбар (с) таваққуф намуда, дар бораи кор андеша карданд, ба нақшаи худ аз нав назар андохтанд. Зеро он кас нақшаи сулҳ доштанд ва барои ҷанг омода нашуда буданд. Лекин Қурайш ба сӯи эшон бо қасди ҷанг лашкар фиристодааст, ҳол он ки Расул (с) ҷангро намехоҳанд. Пас, чӣ бояд кунанд? Оё бозгарданд ва ё нақшаи сулҳро ба нақшаи ҷанг иваз намоянд. Пайғамбар (с) медонанд, ки мусулмонон бо имони хеш қудрати бархӯрд бо

душманро доранд ва агар ҷуз ҷанг чораи дигар намонад, бо душман ба майдони набард даромада метавонанд. Лекин Пайғамбар (с) барои ҷанг наомадаанд ва барои ҷангидан қарор ҳам накардаанд, балки сулҳҷӯёна барои адои ҳаҷ омадаанд. Агар фаразан аз ҳаҷ манъ карда шаванд, ин мамониатро ба ҳисоб гирифта буданд, яъне Расул (с) мамониати мусолиматомезро мепазируфтанд, на мамониати ҳарбӣ ва на духули ҳарбиро. Пайғамбар (с) мақсад доштанд, ки ба воситаи ин нақшаи сулҳ дар назди тамоми арабҳо перомуни даъвати исломӣ ва пешрафти он, дар назди Қурайш ва дар Макка перомуни равнақи ин даъват раъйи умумиро ба вуҷуд биёранд. Ҳамчунин мехостанд, ки дар миёни арабҳо, Қурайш ва дар Макка перомуни хатокорӣ, гумроҳӣ, бадрафторӣ ва кинаҷӯиҳои Қурайш раъйи умумӣ пайдо кунанд. Ҳадафи Пайғамбар (с) аз падид овардани ин раъйи умум пайдо кардани муҳити даъват буд. Зеро ин муҳит барои интишор ва пирӯзии даъват аз бузургтарин омилҳои ёридиҳанда мебошад. Бинобар ин, Расулуллоҳ (с) нақшаи сулҳро пазируфтанд, на  нақшаи ҷангро. Пас, агар Пайғамбар (с) ҳоло биҷанганд, кор мухолифи ин нақша сурат мегирад ва ҳадафи асосӣ, ки барои он баромада буданд, барбод меравад. Аз ин рӯ, дар бораи ҳалли ин мушкил бисёр фикр карданд. Расул (с) дар фикрронӣ аз ҳар инсони дигар дурандештар, пуртаҷриба ва сиёсатдони дақиқсанҷ буданд. Аз ин рӯ, барои идома додани нақшаи сулҳ тасмим гирифтанд, то ҳадафашон, ки баҳри он баромада буданд, барбод наравад ва кор мухолифи нақша сурат нагирад. Вагарна ин мухолифат барои Қурайш дар назди арабҳо бар зидди Пайғамбар (с) ҳуҷҷат мешавад ва раъйи умумӣ ба ҷои он кас ба фоидаи Қурайш тағйир меёбад. Аз ин лиҳоз, ба мардум гуфтанд:

"مَنْ رَجُلٌ يَخْرُجُ بِنَا عَلَى طَرِيقٍ غَيْرِ طَرِيقِهِمُ الَّتِي هُمْ بِهَا"[1]

**"Кӣ моро ба роҳе мебарорад, ки аз роҳи Қурайш канора бошад?"**

Пас, марде роҳбаладӣ онҳо шуд. Ҳамин тавр, бо як роҳи ноҳамвори байни дараҳои кӯҳ, бо гузаргоҳҳои танг, ки аз онҳо бо машаққати хеле зиёд мегузаштанд, пеш рафтанд. Ниҳоят, роҳро баъди кӯшиши ҷонфарсое тай намуда, ба як макони ҳамвор аз поёни Макка, ки онро Ҳудайбия меномиданд, расиданд ва дар он ҷо қарор гирифтанд. Вақте ки лашкари Холид ва Икрима мусулмононро диданд, ба биму тарс афтоданд ва ба Макка барои мудофиаи он баргаштанд. Аз лашкар гузашта, ба ҳудуди Макка даромадани мусулмонон онҳоро ба хавф андохта буд. Лашкари мушрикон дар дохили Макка, лашкари Набӣ (с) ва ҳамроҳонашон дар Ҳудайбия ҷой гирифтанд. Ду ӯрдугоҳ муқобили якдигар: Қурайш дар дохили Макка ва мусулмонон дар Ҳудайбия. Ҳар як гурӯҳ фикр мекард, ки бар зидди гурӯҳи муқобил чӣ нақшаеро ба роҳ андозад. Баъзе мусулмонон фикр карданд, ки Қурайш барои адои ҳаҷ имконият намедиҳад ва бар зидди онҳо тайёрии ҳарбӣ мебинад, бинобар ин, ҷуз ҷангидан бо вай роҳе нест, то пирӯзӣ ба даст оранд, ҳаҷро адо кунанд ва бо ҳамин, Қурайшро батамом торумор созанд. Аммо фикри Қурайш ин буд, ки бо тамоми қудрат ба ҷанги зидди мусулмонон омодагӣ бубинад, бо мусулмонон биҷангад ва агарчи ҳама ба коми ин ҷанг фурӯ раванд, бояд онҳоро баргардонад. Лекин Қурайш дар бораи мусулмонон ҳазор ҳадсу тахмин мезад. Бинобар ин, мунтазир нишаст, ки мусулмонон чӣ мекунанд. Аммо Расулуллоҳ (с) қарори худ, яъне нақшаи сулҳро, ки дар Мадина ҳангоми эҳром бастан барои ҳаҷҷи умра пазируфта буданд, дигар накарданд, то ба ҳадафе, ки баҳри он омадаанд, бирасанд. Аз ин рӯ, дар ӯрдугоҳи Ҳудайбия, мунтазир истоданд, то бубинанд, ки Қурайш чӣ иқдом хоҳад кард. Расулуллоҳ (с) медонистанд, ки Қурайш аз қудуми эшон сахт ба тарс афтодааст ва барои гуфтушунид дар хусуси ба ҳаҷ омадани эшон кас хоҳад фиристод. Пайғамбар (с) тасмим гирифтанд, ки то одам фиристодани Қурайш шитоб накунанд. Дар ҳақиқат, Қурайш як ҳайатро барои гуфтушунид бо иштироки Бадил ибни Варқоъ ва чанд нафар одамони қабилаи Хузоа фиристод, то мақсади сафари Расул (с)-ро

бипурсанд. Онҳо баъди музокираи кӯтоҳ бо зудӣ қонеъ шуданд, ки мусулмонон на бо қасди ҷанг, балки барои зиёрати Байтуллоҳ ва таъзими ҳурмати он омадаанд. Пас, баргаштанд, то Қурайшро аз ҳақиқати ҳол қаноатманд созанд. Намояндагон кӯшиш намуданд, ки Қурайшро қонеъ гардонанд, вале Қурайш ин суханро напазируфт ва онҳоро ба пуштибонии Муҳаммад (с) муттаҳам кард. Пас, ҳайати намояндагии дигарро бо сарварии Микраз ибни Ҳафс фиристод. Инҳоро низ бовар накард. Баъдтар барои музокираи навбатӣ бо Муҳаммад (с) сардори ҳабашҳо Ҳалис ибни Алқамаро фиристод. Қурайш ба Ҳалис ва қавмаш дар ҷилавгирӣ аз вуруди Муҳаммад (с) эътимод дошт ва мехост, ки ӯро бар зидди мусулмонон бишӯронад. Қурайш умед дошт, ки агар Ҳалис аз музокира ноком баргардад, хашмгин мешавад ва барои мудофиаи Макка сахт мекӯшад. Вале Набӣ (с), вақте ки аз омадани ин вакил огоҳ гаштанд, фармуданд, ки шутурҳои қурбониро ба назди вай биронанд, то дар пеши назараш далели воқеӣ шавад, ки нияти мусулмонон ҳаҷ аст, на ҷанг. Инак, Ҳалис аз Макка баромад. Вақте ки ба қароргоҳи мусулмонон наздик шуд, дар паҳнои водӣ шутурҳоро дид, манзараи мусулмонон ва қурбониҳояшонро дид, ки манзараи ҳоҷиёни ҳаҷҷи умра буд, на ҷанговарон. Дар ӯрдугоҳи онҳо муҳити ибодат намоён буд. Ҳалис аз ин манзараҳо мутаассир гашта, боварӣ ҳосил кард, ки ин мардум бо иродаи ибодат омадаанд, на ҷанг. Вай дере нагузашта ба нуқтаи назари мусулмонон қонеъ гардид ва пеш аз вохӯрӣ бо Расулуллоҳ (с) ба Макка баргашт. Ҳалис ба Қурайш хабарро расонид ва аз он талаб кард, ки ба мусулмонон барои адои ҳаҷ иҷозат диҳад. Вай аз Қурайш торафт дарғазаб гашт ва ба онҳо таҳдид кард, ки агар байни Муҳаммад ва Каъбаро озод нагузоранд, онҳоро партофта, бо ҳабашҳо аз Макка меравад. Лекин қурайшиҳо ӯро розӣ карданд ва барои андеша дар хусуси кори худ мӯҳлат хостанд. Ҳамин тавр, Ҳалис сукут кард. Онҳо Урва ибни Масъуди Сақафиро фиристоданд ва ба вай таъкид карданд, ки ба раъйи ӯ итминон ва ба худаш боварӣ доранд. Урва ба ҳузури Расулуллоҳ (с) омад ва дар бораи аз

Макка баргаштани эшон гуфтушунид сар кард. Ӯ дар музокираи худ ҳама услубҳоро ба кор бурд. Вале дар ин бора комёб нагардид ва ба фикри Расулуллоҳ (с) қонеъ шуда, баргашт. Урва ба Қурайш гуфт: "Эй ҷамоати Қурайш, албатта, ман Хусрав, Қайсар ва Наҷоширо дар мулкашон дидаам, вале ҳаргиз подшоҳеро дар байни қавмаш мисли Муҳаммад дар миёни асҳобаш надидаам. Ман қавмеро дидам, ки ӯро ҳеҷ гоҳ дар ягон ҳолат ба душман намесупоранд. Пас, хуб биёндешед". Ин ҳолат кинаву хусумати Қурайшро якбора афзуд. Гуфтушунидҳо тӯлонӣ, вале бенатиҷа анҷомид. Пас, Расулуллоҳ (с) фикр карданд, ки барои гуфтушунид намоянда фиристанд, шояд ки намояндагони Қурайш аз Қурайш битарсанд ва шояд намояндагони Пайғамбар (с) онҳоро қонеъ гардонанд. Аз ин рӯ, Расул (с) ба назди онҳо намоянда фиристоданд, ки ӯ Харрош ибни Умайяи Хузоӣ буд. Лекин қурайшиҳо шутури Харрошро забҳ карданд ва агар ба зери ҳимояи ҳабашиҳо намеафтод, ӯро мекуштанд. Қурайш дар хусумати худ сахт истод. Вай шабона бехирадони худро мефиристод, ки ба қароргоҳи мусулмонон санг меандохтанд. Аз ин кор мусулмонон хашмгин шуданд ва дар фикри ҷангидан бо Қурайш афтоданд. Лекин Расулуллоҳ (с) хашми онҳоро фурӯ менишонданд ва оромашон месохтанд. Рӯзе панҷоҳ мард аз Қурайш ба сӯи қароргоҳи мусулмонон омаданд, то онҳоро бизананд ва ба нафаре аз асҳоби Пайғамбар (с) осебе бирасонанд. Аммо мусулмонон онҳоро дастгир карда, ба ҳузури Расулуллоҳ (с) оварданд. Расул (с) онҳоро бахшида, раҳо доданд. Ин иқдом ба Макка таъсири калон бахшид ва чун Муҳаммад (с) мегуфтанд, ки фақат барои ҳаҷ омадаанд, на барои ҷанг, ба ростии сухани эшон ҳам далели қатъӣ гардид. Бо ин сабаб, дар Макка ба фоидаи Расул (с) раъйи умумӣ пайдо шуд, ки ҳатто агар дар ҳамон ҳангом ба Макка медаромаданд ва Қурайш барои боздоштани эшон ҳаракат мекард, кор бар зарари Қурайш меанҷомид, зеро аҳолии Макка ва арабҳо зидди Қурайш буданд. Бинобар ин, Қурайш густохиро канор гузошт, дар бораи кори худ фикррониро оғоз намуд ва дар ҳаракатҳояш аломатҳои сулҳ намоён гаштанд. Он гоҳ Расул (с)

тасмим гирифтанд, ки аз мусулмонон касеро барои музокира бо Қурайш бифиристанд ва иҷрои ин амрро аз Умар ибни Хаттоб талаб карданд. Умар ба эшон гуфт: "Ё Расулаллоҳ, ман аз Қурайш барои худам хавф дорам, дар Макка аз Банӣ-Адӣ ибни Каъб ягон касе нест, ки маро ҳимоя кунад. Қурайш донистааст, ки ман ба он чӣ андоза душманӣ ва дуруштӣ дорам. Лекин ман ба шумо мардеро нишон медиҳам, ки дар назди Қурайш аз ман арҷмандтар бошад ва он Усмон ибни Аффон аст". Набӣ (с) Усмонро даъват намуда, эшонро ба назди Абӯсуфён фиристоданд. Усмон сӯи Қурайш рафт ва супориши Пайғамбарро ба онҳо расонид. Онҳо гуфтанд: "Агар тавофи Байтуллоҳро бихоҳӣ, тавоф кун". Усмон дар ҷавоб гуфт: "То Расулуллоҳ (с) тавоф накунанд, ман тавоф нахоҳам кард" ва бо онҳо дар хусуси вазифаи худ ба музокира пардохт. Қурайш розӣ нашуд, байни онҳо сӯҳбат тӯл кашид, музокира идома ёфт ва Қурайш аз ҳолати радкунӣ ба ҳолати матраҳсозии нақшаи муқобил гузашт, ки байни талабҳои Қурайш ва талабҳои мусулмонон мувофиқ меомад. Онҳо бо Усмон дар бораи эҷоди алоқаҳои байни худашон ва Муҳаммад (с) баҳс карданд ва ба Усмон дӯстона рафтор намуданд, то барояшон роҳе биёбад, ки аз ин ҳолати ногувор ва аз идомаи душманӣ бо Муҳаммад (с) халос шаванд. Вақте ки иқомати Усмон дар Макка тӯл кашид ва нишони ҳастии ӯ дар Макка маълум нашуд, дар байни мусулмонон овоза паҳн гашт, ки "Қурайш ба Усмон хиёнат карда, ӯро куштааст". Мусулмонон сахт ноором шуданд ва дар дили Набӣ (с) ҳам гумоне пайдо шуд, ки Қурайш Усмонро куштааст. Мусулмонон ба ҳаяҷону изтироб афтоданд, ҳар яке даст ба дастаи шамшери худ бурд ва ҳама барои ҳарбу зарб омода шуданд. Он гоҳ Расулуллоҳ (с) аз нав ба нақшаи худ, ки нақшаи сулҳ буд, назар андохтанд. Маслиҳат он донистанд, ки баъд аз хиёнати Қурайш дар моҳи ҳаром ба Усмон, яъне ба вакили музокира нақшаро аз нав дида бароянд. Бинобар ин, фармуданд:

"لَا نَبْرَحُ حَتَّى نَنَاجِزَ الْقَوْمَ"

"**То бо ин қавм наҷангем, аз ин ҷо намеравем**".

Расул (с) асҳобро ба назди худ хонда, дар зери дарахте истоданд ва аз онҳо хостанд, ки ба эшон байъат диҳанд. Пас, онҳо ҳама байъат доданд, ки мемиранду намегурезанд. Мусулмонон аз ҳарвақта далертар, устувортар ва бар имони худ содиқтар буданд. Вақте ки байъат ба итмом расид, Пайғамбар (с) як дасти худро болои дасти дигар ниҳода, барои Усмон байъат карданд, гӯё ки Усмон бо онҳо ҳозир аст. Ин байъат "Байъати ризвон" буд ва дар ҳаққи он сухани зерини Аллоҳ Таоло нозил шудааст:

**لَقَدْ رَضِيَ اللَّهُ عَنِ الْمُؤْمِنِينَ إِذْ يُبَايِعُونَكَ تَحْتَ الشَّجَرَةِ فَعَلِمَ مَا فِي قُلُوبِهِمْ فَأَنزَلَ السَّكِينَةَ عَلَيْهِمْ وَأَثَابَهُمْ فَتْحًا قَرِيبًا**

"**Аллоҳ аз мӯъминон, он ҳангом ки дар зери дарахт бо ту байъат карданд, хушнуд гашт ва донист, ки дар дилашон чӣ мегузарад. Пас оромиш бар онҳо нозил кард ва ба фатҳе (ғалабае) наздик мукофоташон дод**" [48:18].

Вақте ки байъат ба анҷом расид ва мусулмонон барои ворид шудан ба саҳнаи корзор ва шурӯъ кардан ба ҷанг омодагӣ медиданд, ба онҳо хабар расид, ки Усмон (р) кушта нашудааст. Дере нагузашта Усмон баргаштанд ва ба Расул (с) аз гуфтаҳои Қурайш хабар доданд. Музокироти сулҳ байни Расул (с) ва Қурайш аз нав сар шуд. Ҳатто Қурайш Суҳайл ибни Амрро фиристод, то бо Расул (с) дар хусуси масъалаи аз ҳаҷҷу умра васеътар гуфтушунид намояд. Ин масъала сулҳи миёни Пайғамбар (с) бо қурайшиҳо буд, ки асоси онро имсол аз Макка баргаштани Расул (с) ташкил медод. Расул (с) музокироти сулҳро бинобар ин асос қабул карданд. Зеро ин паймон ҳадаферо амалӣ мегардонд, ки онро Пайғамбар (с) аз мавзӯи зиёрати Байтуллоҳ пештар гузошта буданд. Байтуллоҳро имсол ё соли оянда зиёрат кардани онҳо боке надошт. Зеро Расул (с) мехостанд, ки Қурайшро аз Хайбар ҷудо созанд ва барои густариши даъвати исломӣ байни худашон ва арабҳоро холӣ намоянд. Бинобар ин, Пайғамбар (с) барои паймон бастан бо Қурайш рағбат доштанд, то ба задухӯрдҳои сахт ва ҷанги бардавом бо вай хотима

бахшанд. Аммо мавзӯи ҳаҷ ва умра хоҳ имрӯз бошад, хоҳ фардо ба кор таъсире надорад. Пас, Расул (с) бо Суҳайл ибни Амр ба музокирот шурӯъ намуданд. Байни онҳо дар шаъни сулҳ ва шартҳои он гуфтушунид дурудароз давом кард. Агар дониш, таҷриба ва диққати сиёсии Расулуллоҳ (с) намебуд, музокира дар бисёр маврид ба қатъёбӣ наздик мешуд. Мусулмонон гирдогирди Расулуллоҳ (с) истода, ин гуфтугӯҳоро мешуниданд ва гумон мекарданд, ки гуфтугӯ дар бораи умра меравад, ҳол он ки мақсади ин гуфтушунидҳои Расул (с) ҷилавгирӣ аз ҷанг буд. Бинобар ин, мусулмонон аз ин гуфтушунидҳо хеле дилтанг шуданд, дар айни вақт Расулуллоҳ (с) новобаста ба тафсилоти муваққатӣ ва фоидаҳои зудгузар аз ин музокира хурсанд шуда, онро бар асоси ғояе, ки дар пеш гузошта буданд, идора намуданд. Ниҳоят, ду гурӯҳ бар асоси шартҳои муайян мувофиқат карданд. Вале ин шартҳо мусулмононро барангехт ва ғазабашонро ба ҷӯш овард. Онҳо ҳаракат карданд, ки Расулуллоҳ (с)-ро ба радди ин созишнома ва қабули қарор дар бораи ҷанг қонеъ гардонанд. Чунончи, Умар ибни Хаттоб ба назди Абӯбакр рафт ва ба ӯ гуфт: "Чаро мо дар динамон ба фурӯмоягӣ роҳ диҳем?" Умар ҳаракат кард, ки Абӯбакрро бо фикри худ розӣ созад, пас, ҳар ду бираванд ва Расулуллоҳ (с)-ро барои лағви бандҳои шартнома қонеъ гардонанд. Лекин Абӯбакр кӯшид, то ки Умарро бо он чӣ Расулуллоҳ (с) розӣ шудаанд, қонеъ гардонад, вале Умар қонеъ нашуд. Умар, ки хеле сахт хашмгин буд, ба назди Набӣ (с) рафта, фикри худро гуфт. Лекин ин гуфтори Умар шикебоӣ ва азму қарори Набӣ (с)-ро тағйир надод ва ба Умар гуфтанд:

"أَنَا عَبْدُ اللهِ وَرَسُولُهُ لَنْ أُخَالِفَ أَمْرَهُ وَلَنْ يُضِيعَنِي"

"**Ҳароина ман банда ва пайғамбари Аллоҳ ҳастам, бар хилофи амри Ӯ ҳаргиз коре намекунам ва Ӯ ҳам маро ҳаргиз зоеъ намекунад**". Сипас, Алӣ ибни Абӯтолибро даъват карданд ва ба ӯ фармуданд:

"أُكْتُبْ بِـسْـمِ اللهِ الرّحْمَنِ الرّحيمِ"

"**Бинавис: Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим**". Суҳайл гуфт: "Ман инро эътироф намекунам, лекин "**Бисмикаллоҳумма" нависед**".

Расулуллоҳ (с) фармуданд:

"أُكْتُبْ بِاسْمِكَ اللَّهُمَّ"

"**Навис: Бисмикаллоҳумма**". Сипас фармуданд:

"أُكْتُبْ هَذَا مَا صَالَحَ عَلَيْهِ مُحَمَّدٌ رَسُولُ اللهِ سُهَيْلَ بْنَ عَمْرٍو"

"**Навис: Ин матнест, ки бинобар он пайғамбари Аллоҳ Муҳаммад бо Суҳайл ибни Амр сулҳ бастааast**". Суҳайл гуфт: "**Агар гувоҳӣ медодам, ки пайғамбари Аллоҳ ҳастӣ, бар зидди ту намеҷангидам. Вале ном ва номи падаратро навис**".

Расулуллоҳ (с) фармуданд:

"أُكْتُبْ: هَذَا مَا صَالَحَ عَلَيْهِ مُحَمَّدُ بْنُ عَبْدِ اللهِ سُهَيْلَ بْنُ عَمْرٍو"

"**Навис: Ин матнест, ки бинобар он Муҳаммад ибни Абдуллоҳ бо Суҳайл ибни Амр сулҳ бастааст**".

Пас, паймони миёни тарафайнро навиштанд, ки он бандҳои зеринро дарбар мегирифт:

***а) Ин паймони сулҳ аст, ки ҳар ду тараф байни худ оштӣ мекунанд ва дар асоси ин паймон ҷангу хунрезӣ рух намедиҳад;***

***б) Агар касе аз Қурайш мусулмон шавад ва бе изни валияш ба назди Муҳаммад ояд, Муҳаммад ӯро пасмегардонад. Агар касе аз мусулмонон муртад шавад ва ба назди Қурайш ояд, қурайшиҳо ӯро ба Муҳаммад барнамегардонанд;***

***в) Аз арабҳо ҳар кӣ ҳампаймонии Муҳаммадро бихоҳад, бар вай боке нест ва ҳар кӣ ҳампаймонии Қурайшро хоҳад, ин кори худаш аст;***

***г) Муҳаммад ва асҳоби ӯ имсол аз Макка бозмегарданд. Вале соли оянда баргашта меоянд ва ба Макка даромада, дар он ҷо се рӯз меистанд. Онҳо ғайр аз шамшерҳои дар наём бо худ силоҳи дигар намегиранд;***

***д) Сулҳ муваққатӣ ва бо мӯҳлати муайян аст. Муддати сулҳ аз таърихи имзои он даҳ сол мебошад.***

Расул (с) ва Суҳайл ба паймон дар муҳити ҳаяҷон ва ғазаби лашкари мусулмонон имзо гузоштанд. Суҳайл бархост ва ба Макка баргашт. Расулуллоҳ (с) аз ҳолате, ки диданд, ба изтироб омаданд, иштиёқ, шиддат ва рағбати мусулмононро ба ҷанг дида, сахт хашмгин шуданд. Ба назди завҷаашон Уммусалама, ки ӯро ҳамроҳ оварда буданд, даромаданд. Бо Уммусалама дар бораи ҳолати мардум гуфтугӯ карданд. Уммусалама ба Пайғамбар (с) гуфтанд: "Ё Расулаллоҳ, албатта мусулмонон ба шумо зид намебароянд. Онҳо барои динашон ва имон оварданашон ба Аллоҳ ва пайғамбарии шумо ба шӯр меоянд. Пас, шумо саратонро тарошед ва аз эҳром бароед, мебинед, ки мусулмонон ба шумо пайравӣ мекунанд. Сипас, ҳамроҳи онҳо ба Мадина баргардед". Расул (с) ба назди мусулмонон баромада, ҳамчун паёми умра сарашонро тарошиданд ва қалбашон бо сакинаву ризомандӣ пур гашт. Вақте ки мусулмонон Пайғамбар ва оромиши эшонро диданд, бархостанд, қурбониҳоро куштанд, сарҳояшонро тарошиданд ва мӯйҳояшонро кӯтоҳ карданд. Набӣ (с) ва мусулмонон ба Мадина баргаштанд. Дар аснои роҳ, бар Расул (с) сураи "Фатҳ" нозил шуд. Пайғамбар (с) ин сураро аз аввал то охир барои мусулмонон тиловат карданд. Он гоҳ ҳама боварӣ ҳосил намуданд, ки ин паймон барои мусулмонон фатҳи равшане будааст. Бо ҳамин, мусулмонон ба Мадина расиданд. Расулуллоҳ (с) дар сарнагунсозии Хайбар, дар нашри даъват ба хориҷи нимҷазира ва мустаҳкам кардани он дар дохили нимҷазира ба иҷрои нақша

пардохтанд. Дар ин марҳилаи оштӣ бо Қурайш барои маҳвсозии баъзе нуқтаҳои муқовимат ва барқарорсозии алоқаҳои хориҷӣ фурсат ёфтанд, ки ҳама бо туфайли ҳамин паймон ба анҷом расид. Ҳамин тавр, Пайғамбар (с) нақшаеро, ки ҳангоми сафари ҳаҷ тарҳрезӣ намуда буданд, бо вуҷуди ҳама гуна душвориҳову монеаҳо хеле дақиқ иҷро карда тавонистанд. Ҳамчунин ба мақсадҳои сиёсии дигар, ки ирода карда буданд, расиданд. Бешак, Ҳудайбия як пирӯзии ошкоро буд. Натиҷаҳои он ба тариқи зайл аст:

**1. Расул (с) умуман дар миёни арабҳо, хусусан дар байни аҳолии Макка ва Қурайш раъйи умумиро ба тарафдории даъвати исломӣ пайдо карда тавонистанд. Бо ин сабаб, ҳайбати мусулмонон афзуд ва ҳайбати Қурайш заиф гашт;**

**2. Паймон боварии мусулмононро ба Расул (с), қуввати имон ва устувории қадамҳои мусулмононро ҳангоми хавфу хатар, инчунин бебокии онҳоро дар баробари марг нишон дод;**

**3. Ба мусулмонон омӯхт, ки найрангҳои сиёсӣ аз воситаҳои даъвати исломӣ мебошанд;**

**4. Мусулмононе, ки дар Макка байни мушрикон монда буданд, дар дохили қароргоҳи душман нуқтаи муқовиматро ташкил карданд;**

**5. Дар сиёсат тариқатро баён кард, ки он аз ҷинси фикрат буда, ростӣ ва вафои аҳд аст. Аммо дар восита бояд зиракӣ ва пинҳон доштани василаву ғояҳои ҳақиқӣ аз душман муҷассам гардад.**

## *ФИРИСТОДАНИ САФИРОН БА ДАВЛАТҲОИ ҲАММАРЗ*

Ҳамин ки Расул (с) аз вазъияти даъвати исломӣ дар саросари Ҳиҷоз дилпур шуданд, барои ҳамли даъват ба хориҷи Ҳиҷоз кор оғоз намуданд. Чунки Ислом дини ҳамаи халқҳост ва Расул (с) барои тамоми олам фиристода шудаанд. Аллоҳ Таоло дар сураи "Анбиё" фармудааст:

وَمَا أَرْسَلْنَاكَ إِلَّا رَحْمَةً لِّلْعَالَمِينَ

"**Ва фиристодем туро фақат барои он, ки мехостем ба мардуми ҷаҳон раҳмате ато кунем**" [21:107].

Аллоҳ Таоло дар сураи "Сабо" фармудааст:

وَمَا أَرْسَلْنَاكَ إِلَّا كَافَّةً لِّلنَّاسِ بَشِيرًا وَنَذِيرًا وَلَكِنَّ أَكْثَرَ النَّاسِ لَا يَعْلَمُونَ

"**Туро ба пайғамбарӣ фиристодем, бар ҳамаи мардум, муждадиҳандаву бимдиҳанда**" [34:28].

Аллоҳ Таоло дар сураи "Тавба" фармудааст:

هُوَ الَّذِي أَرْسَلَ رَسُولَهُ بِالْهُدَى وَدِينِ الْحَقِّ لِيُظْهِرَهُ عَلَى الدِّينِ كُلِّهِ وَلَوْ كَرِهَ الْمُشْرِكُونَ

**"Ӯ касест, ки пайғамбари худро барои ҳидояти мардум фиристод бо дине дурусту барҳақ то ӯро бар ҳамаи динҳо пирӯз гардонад, ҳарчанд мушриконро хуш наёяд"** [Тавба, 33].

Бинобар ин, баъди итминон ҳосил намудани Расул (с) ба мустаҳкам шудани давлату даъват мебоист, ки бо таблиғи даъват тавассути сафирон робитаҳои хориҷиро оғоз мекарданд. Мурод аз робитаҳои хориҷӣ нисбати Расул (с) алоқа барқарор намудан танҳо бо он кофирон буд, ки дар хориҷи ҳукумати эшон қарор доштанд. Бинобар ин, ҳангоме ки Расул (с) фақат дар Мадина салтанат доштанд, робитаҳои эшон бо Қурайш, инчунин бо дигар касони берун аз Мадина ва ҳудуди он алоқаи хориҷӣ ҳисоб меёфт. Вақте ки салтанати Расулуллоҳ (с) тамоми Ҳиҷозро фаро гирифт, робитаи эшон бо хориҷи Ҳиҷоз алоқаи хориҷӣ дониста мешуд. Вақте ки салтанати Пайғамбар (с) тамоми нимҷазираи Арабистонро фаро гирифт, робитаи эшон бо шахсони хориҷи нимҷазира, чун Форс ва Рум, алоқаи хориҷӣ эътибор карда мешуд. Баъди паймони Ҳудайбия ва сарнагуншавии Хайбар тақрибан тамоми Ҳиҷоз дар зери салтанати Расул (с) даромад. Чунки Қурайш дигар қуввате надошт, ки бо он дар рӯбарӯи Расул (с) истода тавонад. Инак, Расул (с) сафирони худро ба хориҷ фиристоданд. Аммо қаблан ба устувории сиёсати дохилӣ боварӣ ҳосил намуда, барои такягоҳи сиёсати хориҷӣ нерӯи кофӣ омода сохтанд ва сипас фиристодани ин сафиронро оғоз карданд. Бинобар ин, Пайғамбар (с) баъди бозгашт аз Хайбар рӯзе ба назди саҳобагон баромаданд ва гуфтанд:

**" أَيُّهَا النَّاسُ إِنَّ اللهَ قَدْ بَعَثَنِي رَحْمَةً وَكَافَّةً، فَلَا تَخْتَلَفُوا عَلَيَّ كَمَا اخْتَلَفَ الْحَوَارِيُّونَ عَلَى عِيْسَى بْنُ مَرْيَم"**

**"Эй мардум, ҳароина Аллоҳ маро раҳмат ва барои ҳамагон фиристодааст. Пас, шумо ба ман мухолифат накунед, чунончи ҳавориён ба Исо ибни Марям мухолифат намуданд"**.

Саҳобагон гуфтанд: "Ҳавориён чӣ гуна мухолифат карда буданд, ё Расулаллоҳ?" Фармуданд:

" دَعَاهُمْ إِلَى الَّذِي دَعْوَتُكُمْ إِلَيْهِ فَأَمَّا مَنْ بَعَثَهُ مَبْعَثاً قَرِيباً فَرَضِيَ وَسَلَّمَ، وَأَمَّا مَنْ بَعَثَهُ مَبْعَثاً بَعِيداً فَكَرِهَ وَجْهُهُ وَتَثَاقَل"

"**Исо низ онҳоро ба чизе даъват кард, ки ман шуморо ба он даъват кардам. Аммо касеро, ки ба ҷойи наздик фиристод, розӣ шуд ва ором гашт ва аммо касеро, ки ба ҷойи дур фиристод, рӯй тофт ва танбалӣ кард**".

Расул (с) гуфтанд, ки ба Ҳерақл, Хусрав, Муқавқис, шоҳи Ҳираҳ Ҳориси Ғассонӣ, шоҳи Яман Ҳориси Ҳимярӣ, ба Наҷошии Ҳабашистон, ба ду шоҳи Умон, ба ду шоҳи Ямома ва ба шоҳи Баҳрайн сафир фиристода, онҳоро ба Ислом даъват кардан мехоҳанд. Асҳоби киром мутобиқи иродаи Расулуллоҳ (с) ҷавоб доданд. Барои Пайғамбар (с) аз нуқра ангуштарин сохтанд, ки бар он (محمد رسول الله) "**Муҳаммадун Расулуллоҳ**" кандакорӣ шуда буд.

Пайғамбар (с) номаҳоро, ки дар он ин шоҳонро ба Ислом даъват мекарданд, ҳамроҳи сафирон фиристоданд. Номаи Ҳерақлро ба Диҳя ибни Халифаи Калбӣ, номаи Хусравро ба Абдуллоҳ ибни Умайяи Ҳузофаи Саҳмӣ, номаи Наҷоширо ба Амр ибни Умайяи Зумарӣ, номаи Муқавқисро ба Ҳотиб ибни Абӯбалтаа, номаи ду шоҳи Умонро ба Амр ибни Оси Саҳмӣ, номаи ду шоҳи Ямомаро ба Салит ибни Амр, номаи шоҳи Баҳрайнро ба Ало ибни Ҳазрамӣ, номаи Ҳориси Ғассонӣ – шоҳи марзҳои Шомро ба Шуҷоъ ибни Ваҳби Асадӣ ва номаи Ҳориси Ҳимярӣ – шоҳи Яманро ба Муҳоҷир ибни Абӯумайяи Махзумӣ супурданд. Ҳар яке аз ин сафирон ба сӯе, ки Набӣ (с) онҳоро фиристоданд, дар як вақт равон шуданд ва номаҳоро ба касоне расонданд, ки ба сӯи онҳо фиристода шуда буданд ва сипас, баргаштанд. Аксари шоҳон, ки ба онҳо нома фиристода шуд, ҷавоби боадабонаву нарм доданд ва баъзе ҷавоби бад доданд. Аз амирони араб шоҳи Яман ва шоҳи Умон ба номаи Набӣ (с) ҷавоби бад доданд, шоҳи Баҳрайн ҷавоби хуб дод ва ба

Ислом даромад. Шоҳи Ямома изҳори омодагӣ намуд, ки агар ҳоким таъйин шавад, Исломро мепазирад, пас, Набӣ (с) ўро барои ҷоҳталабиаш лаънат карданд. Аммо аксуламали ғайриарабҳо чунин буд: Чун барои шоҳаншоҳи Форс Хусрав номаи Расул (с)-ро, ки ўро ба Ислом даъват мекард, хонданд, якбора оташин шуда, номаро пора кард ва ба омили худ дар Яман Бозон навишт, ки сари ин марди ҳиҷозиро барои вай бифиристад. Вақте ки ба Набӣ (с) сухани Хусрав ва муносибати ў бо номаи эшон расид, гуфтанд:

"مَزَقَ اللهُ مُلْكَه"

"**Аллоҳ мулки ўро пора созад**".

Вақте ки номаи Хусрав ба Бозон – амалдори Хусрав дар Яман расид, дар бораи Ислом пурсуҷў кард, мусулмон шуд ва дар Яман омили Набӣ (с) таъйин гардид. Бозон аз Ҳориси Ҳимярӣ – шоҳи дигари Яман, фарқ дорад. Аммо Муқавқис – бузурги Қибт ҷавоби зебо дод ва ба Расул (с) ҳадя фиристод. Наҷошӣ ҳам ҷавоби зебо дод. Мегўянд, ки ў мусулмон шудааст. Аммо Ҳерақл ба ин доъӣ эътиборе надод, дар бораи фиристодани лашкар андешае накард ва чизе нагуфт. Чун Ҳориси Ғассонӣ аз ў дар хусуси ба ўҳда гирифтани фармондеҳии лашкар барои ҷазодиҳии "ин муддаии нубувват" изн пурсид, ба талабаш ҷавоб надод ва Ҳорисро ба назди худ ба Байтулмақдис овард. Натиҷаи номаҳо ҳамин шуд, ки арабҳо ба дини Аллоҳ гурўҳ-гурўҳ шуда даромаданд. Сипас, намояндагони онҳо паиҳам ба хидмати Расул (с) ҳозир шуда, исломашонро эълон менамуданд. Аммо Расул (с) барои ҷиҳод бар зидди ғайриарабҳо ба омодасозии қувва пардохтанд.

# ҒАЗВАИ ХАЙБАР

Чун Расулуллоҳ (с) баъди бозгашт аз Ҳудайбия дар Мадина понздаҳ рӯз иқомат карданд, ба мардум фармуданд, ки барои ғазваи Хайбар омода шаванд ва танҳо касоне ҳамроҳи эшон ба ғазва бароянд, ки дар Ҳудайбия ҳузур доштанд. Қабл аз сафари Ҳудайбия ба Расулуллоҳ (с) хабар расида буд, ки яҳуди Хайбар барои ҳуҷум ба Мадина ва барҳам додани мусулмонон бо Қурайш забон як мекунад ва ин забоняккунӣ байни онҳо пинҳонӣ буд. Бинобар ин, Расулуллоҳ (с) ирода намуданд, ки бо Қурайш тарҳи сулҳ ба миён афкананд, то бо ҳам паймоне бибанданд ва сипас барои барҳамдиҳии яҳуд фориғ гарданд. Вақте ки нақшаи сулҳро дар Ҳудайбия пурра ба итмом расонида, ба воситаи он Хайбарро аз Қурайш ҷудо карданд, иҷрои давоми он нақшаро бевосита аз сарнагунсозии яҳуди Хайбар оғоз намуданд. Бинобар ин, ҳангоми бозгашт аз Ҳудайбия ба омодасозии лашкар амр карданд ва ҳамроҳи ҳазору шашсад мусулмон, аз ҷумла сад сарбози савора ба роҳ баромаданд. Ҳама ба нусрати Аллоҳ боварӣ доштанд. Онҳо масофаи байни Хайбар ва Мадинаро дар се рӯз тай карданд. Дар ин асно Хайбар аз омадани мусулмонон бехабар монд, ҳатто ки шабро дар пеши қалъаҳои яҳуд гузарониданд ва субҳ дамид. Пагоҳирӯзӣ кишоварзони Хайбар бо белҳову занбилҳо ба сӯи киштзорҳои худ баромаданд. Вақте ки лашкари мусулмононро диданд, гуфтанд: "ин Муҳаммад аст, ӯ бо лашкар омадааст" ва фарёдкунон ба қафо гурехтанд. Ҳангоме ки Расул (с) сухани онҳоро шуниданд, гуфтанд:

"اللهُ أَكْبَرُ، خَرِبَتْ خَيْبَرُ. إِنَّا إِذَا نَزَلْنَا بِسَاحَةِ قَوْمٍ فَسَاءَ صَبَاحُ الْـمُنْذَرِينَ"

"**Аллоҳу акбар, хароб шуд Хайбар. Акнун мо ба замини қавме фуромадем, субҳи фарёдкунандагон бад гашт**".

Яҳудиён нигарон буданд, ки Расул (с) бар зидди онҳо хоҳад ҷангид. Зеро, ҳангоме ки ба онҳо хабари сулҳи Ҳудайбия ва аҳд бастани Расул (с) бо Қурайш расид, инро ақибнишинии Қурайш эътибор карданд. Бинобар ин, баъзе яҳудиён ба онҳо маслиҳат доданд, ки бо зудӣ барои ҷанги Ясриб аз худ ва аз яҳудиёни Водии Қуро ва Таймо гурӯҳе ташкил намоянд, вале дар ин ҷанг, хусусан баъд аз паймони Қурайш бо Расул (с) ба қабилаҳои араб такя накунанд. Аммо баъзе яҳудиёни дигар хоҳишманди паймон бастан бо Расул (с) буданд, то ба ин васила асари душманиро, ки дар дилҳои мусулмонон ҷо гирифтааст, маҳв созанд. Онҳо ин масъаларо дар миёни худ ба муҳокима гузоштанд, зеро хатарро ба худ наздик ҳис мекарданд. Онҳо медонистанд, ки Расул (с) тавтиаи яҳудро бо Қурайш ошкор сохтаанд, бинобар ин, бар зидди онҳо бояд биҷанганд. Лекин интизори чунин ҳамлаи сареъи он кас набуданд. Аз ин рӯ, бо лашкари худ ногаҳон омадани Расул (с) онҳоро ба ҳайрат андохт, пас, онҳо аз Ғатафон ёрӣ пурсиданд ва дар қалъаҳояшон камин гирифта, барои пойдор мондан дар рӯбарӯи Расул (с) кӯшиш намуданд. Вале дар рӯбарӯи лашкари мусулмонон, ки зудзарба буд, муқовимати яҳуд фоида надод ва ҳама қалъаҳои онҳо вайрон карда шуд. Ниҳоят, ба навмедӣ дучор гашта, барои нарехтани хунҳояшон аз Расул (с) сулҳ хостанд. Расул (с) сулҳро пазируфтанд ва онҳоро дар кишварашон вогузоштанд. Азбаски замину токзорҳо бо ҳукми фатҳ ба ихтиёри Расулуллоҳ (с) гузашт, эшон замину токзорҳоро бо шарти гирифтани нисфи ҳосил ва ба Пайғамбар (с) додани нисфи он барои киштукор ба худи онҳо вопас гардонданд. Яҳудиён ин шартро пазируфтанд. Сипас Расул (с) ба Мадина баргашта, то сафари қазои умра дар он ҷо иқомат карданд.

Бо барҳам додани салтанати сиёсии Хайбар ва ба салтанати мусулмонон таслимшавии он Расул (с) аз тарафи шимол то Шом осуда гаштанд. Чунончи, аз ин пештар баъди сулҳи Ҳудайбия аз тарафи ҷануб ором ёфта буданд. Аз ин лиҳоз, ҳам дар дохили нимҷазираи Арабистон ва ҳам дар хориҷи он барои даъват роҳҳо кушода шуд.

# *УМРАИ ҚАЗО*

Чун паймони Ҳудайбия байни Расул (с) ва Қурайш ба имзо расид, Хузоа бо Муҳаммад (с) ва Банӣ-Бакр бо Қурайш иттифоқ бастанд ва алоқаҳои байни Қурайш ва Муҳаммад (с) беҳтар гардид. Ҳар ду ҷониб аз якдигар осуда шуд. Қурайш корҳои тиҷоратии худро вусъат дод, то он дороиҳоеро, ки дар ҷангҳои зидди мусулмонон аз даст дода буд, барқарор созад. Расул (с) барои идомаи таблиғи рисолати худ бар ҳамаи мардумон, барои устуворсозии давлат дар нимҷазираи Арабистон ва пурра ба вуҷуд овардани асосҳои барқарории ин давлат шурӯъ намуданд. Бинобар ин, Хайбарро нобуд сохтанд. Ба подшоҳони давлатҳои гуногун сафиронро фиристоданд, бо хориҷ алоқа барқарор намуданд ва ба мустаҳкам кардани давлат машғул гаштанд, то ин давлат тамоми гӯшаю канорҳои нимҷазираро фаро гирад. Вақте ки аз Ҳудайбия як сол гузашт, Расул (с) мардумро даъват карданд, то барои қазои умра, ки аз адои он манъ шуда буданд, тайёрӣ бинанд. Ҳамин тавр, бо қофилаи иборат аз ду ҳазор мусулмон ба роҳ бароmаданд ва аҳди Ҳудайбияро иҷро карда, ҳеҷ яки ин одамон ҷуз шамшери дар наём силоҳе нагирифтанд. Лекин Расул (с) ҳамеша аз хиёнат метарсиданд, бинобар ин, сад сарбози савораро омода сохта, Муҳаммад ибни Масламаро бар онҳо сардор таъйин карданд ва ҳамчун лашкари худ фиристоданд. Ба онҳо фармуданд, ки ба ҳудуди Макка надароянд. Мусулмонон рафта, умраро адо карданд ва ба Мадина баргаштанд. Бо баргаштани онҳо аҳли Макка ба Ислом даромаданро сар карданд. Холид ибни Валид, Амр ибни Ос ва

нигаҳбони Каъба Усмон ибни Талҳа мусулмон шуданд. Бо мусулмон шудани инҳо бисёрии аҳли Макка мусулмон шуданд. Бо ҳамин, дар Макка шаъну шавкати Ислом афзуд ва заъфу нопойдорӣ сафҳои Қурайшро фаро гирифт.

## *ҒАЗВАИ МӮЪТА*

Натиҷаи ҷавоби шоҳони хориҷи нимҷазираи Арабистон ҳамин шуд, ки Расул (с) баъди бозгашти сафирон аз таблиғи даъват барои ҷиҳоди хориҷи нимҷазираи Арабистон лашкар муҳайё сохтанд ва ба ҷамъоварии иттилоот дар бораи Руму Форс пардохтанд. Азбаски Рум бо Давлати Исломӣ ҳамсарҳад буд, ахбори онҳоро андак-андак мегирифтанд. Пайғамбар (с) бар ин андеша буданд, ки даъвати исломӣ ҳангоми баромадан аз нимҷазираи Арабистон босуръат паҳн мешавад, чунки мардум дар бораи он маълумот доранд. Аз ин лиҳоз, кишвари Шомро барои ин даъват равзанаи аввал меҳисобиданд. Вақте ки амалдори Хусрав даъватро пазируфта, фармон бурд, Пайғамбар (с) аз ҷониби Яман осуда гаштанд ва дар хусуси фиристодани лашкар ба сӯи мамлакати Шом барои ҷанг бо румиҳо фикр карданд. Моҳи ҷумодалулои соли ҳаштуми ҳиҷрӣ, яъне баъди чанд моҳи сулҳи Ҳудайбия аз беҳтарин паҳлавонони мусулмон се ҳазор сарбоз омода сохта, Зайд ибни Ҳорисаро фармондеҳи онҳо таъйин карданд ва фармуданд:

" إِنْ أُصِيبَ زَيْدٌ فَجَعْفَرُ بْنُ أَبِي طَالِبٍ عَلَى النَّاسِ، فَإِنْ أُصِيبَ جَعْفَرٌ فَعَبْدُ اللهِ بْنُ رَوَاحَةَ عَلَى النَّاسِ"

**"Агар Зайд ҳалок гардад, Ҷаъфар ибни Абӯтолиб бар мардум фармондеҳ мешавад. Агар Ҷаъфар ҳам ҳалок гардад, Абдуллоҳ ибни Равоҳа бар мардум фармондеҳӣ мекунад"**.

Лашкар ба роҳ баромад. Холид ибни Валид низ лашкарро ҳамроҳӣ мекард. Вай баъди паймони Ҳудайбия ба Ислом даромада буд. Расул (с) низ ҳамроҳи муҷоҳидон то беруни Мадина баромаданд ва ба онҳо фармуданд, ки занон, кӯдакон, нобиноён ва ноболиғонро накушанд, хонаҳоро вайрон накунанд ва дарахтонро набуранд. Пайғамбар (с) ва мусулмонон якҷоя дар ҳаққи лашкар чунин дуо карданд:

"صَحِبَكُمُ اللهُ وَدَفَعَ عَنْكُمْ وَرَدَّكُمْ إِلَيْنَا سَالِمِينَ"

"**Аллоҳ ҳамроҳатон бод, худаш шуморо нигаҳ дорад ва ба назди мо сиҳҳату солим бозгардонад**".

Лашкар равона шуд. Амирони лашкар нақша оростанд, ки ҷанг бояд барқосо гузарад ва чунонки одати Набӣ (с) дар ғазваҳо буд, як қавмро аз аҳолии Шом ғафлатгир кунанд, он гоҳ пирӯзӣ ба даст меоранд ва бармегарданд. Онҳо тибқи ин нақша ҳаракат карданд. Вале чун ба Маон ном ҷое расиданд, донистанд, ки Молик ибни Зофила бар зидди онҳо аз қабилаҳои араб сад ҳазор ҷанговар ҷамъ оварда, Ҳерақл ҳам бо сад ҳазор ҷанговар омадааст. Ин хабар мусулмононро ба ларза овард. Онҳо дар Маон ду шаб иқомат карданд ва дар бораи кори хеш ба андеша афтоданд, ки дар муқобили ин лашкари сершумори ҳайратовар ва ин нерӯи бузург чӣ бояд кунанд. Раъйи асосӣ дар миёни онҳо мактуб навиштан ба Расулуллоҳ (с) ва хабардор намудани эшон аз адади душман буд. Он гоҳ Пайгамбар (с) ё қувваҳои имдодӣ мефиристанд ва ё ба ҳар чӣ савоб донанд, мефармоянд. Вале Абдуллоҳ ибни Равоҳа ба онҳо гуфт: "Эй қавм, қасам ба Аллоҳ, он чӣ шуморо нохуш меояд, шумо ба талаби ҳамон баромадаед, ки он шаҳодат аст. Мо бар зидди мардум бо адад, қувват ва бисёрӣ намеҷангем. Мо танҳо бо ёрии ин дин меҷангем, ки Аллоҳ моро бо он арҷманд гардонид. Пас, бархезед, ки натиҷаи ҷанг аз ду накӯӣ яке хоҳад буд: ё пирӯзӣ ва ё шаҳодат". Асари имон лашкарро рӯҳбаланд гардонид. Онҳо ба роҳ баромаданд, то ин ки ба деҳаи Машориф расиданд. Чун дар

Машориф лашкари Рум ба онҳо рӯбарӯ омад, сӯи Мӯъта баргаштанд ва дар он ҷо сангар гирифтанд. Дар Мӯъта байни мусулмонон ва Рум даҳшатноктарин набард оғоз шуд. Дар ин набард марги сурх даҳон кушода буд. Зеро ин ҷанг байни фақат се ҳазор мӯъмини маргхоҳу шаҳодатталаб ва сад ё дусад ҳазор кофир ҷараён дошт, ки барои барҳам додани лашкари мусулмонон ҷамъ омада буданд. Ҷанг дар байни ду гурӯҳ ба авҷи ҷӯшухурӯш расид. Он гоҳ Зайд ибни Ҳориса парчами Набӣ (с)-ро бардошт ва барқсон худро ба синаи душман зад. Ӯ дар пеши назари худ маргро медид, вале аз он наметарсид, чунки ин шаҳид шудан дар роҳи Аллоҳ аст. Бинобар ин, вай бо як ҷуръати берун аз тасаввур ба ҷанг даромад ва ниҳоят бебокона то пора-пора шудан аз зарби найзаҳои душман ҷангид. Пас, парчами лашкарро Ҷаъфар ибни Абӯтолиб ба даст гирифт. Вай ҷавони зебову шуҷоъ ва ҳанӯз сиюсесола буд. Ҷаъфар диловарона ҷангид. Чун душманро дид, ки аспашро иҳота кардаанд, аспро кушт ва шамшерзанон худро ба миёни гурӯҳи душман зад. Он гоҳ касе аз румиён ба сӯяш ҳамлавар шуд ва чунон зарба зад, ки ӯро ду пора кард ва ҳамин тавр, ба қатл расид. Ин замон Абдуллоҳ ибни Равоҳа, ки савори асп буд, парчамро гирифт ва сипас бо парчам ба пеш гузашт, ӯ дар аввал андак тараддуд кард, вале ба ҷанг даромад ва то кушта шудан ҷангид. Он гоҳ роятро Собит ибни Арқам гирифт ва гуфт: "Эй ҷамоати мусулмонон, мардеро аз байни худ интихоб кунед". Мардум Холид ибни Валидро аз байни худ амири лашкар интихоб карданд. Холид парчамро гирифта, лашкари мусулмононро давр зад, ҳатто ки сафҳои онҳоро ҷамъ овард ва бо душман дар масофаи задухӯрдҳои сабук қарор гирифт. Ниҳоят, шаб фаро расид ва ду тараф то бомдод аз ҳам ҷудо шуданд. Дар давоми шаб Холид нақшаи пухтае кашид, ки мувофиқи он аз размгоҳ беҷанг баргаштан мумкин буд. Зеро фармондеҳ бисёрии адади душман ва андакии адади лашкарашро дида буд. Тибқи ин нақша адади на он қадар хурди лашкарро ба самти пушти он гузаронид ва ба онҳо фармуд, ки ҳангоми субҳидам ғиреву ғулғула бароваранд, то душман гумон барад, ки аз ҷониби Набӣ (с) лашкари имдодӣ

омадааст. Вақте ки онҳо ин амалро анҷом доданд, душман ба тарс афтода, аз ҳуҷуми зидди мусулмонон худдорӣ намуд ва аз ҳамла накардани Холид хурсанд шуд. Сипас, мувофиқи нақшае, ки Холид андешида буд, лашкари мусулмонон аз майдони ҷанг баромада, ба Мадина бозгашт. Бо ҳамин, на ғолиб ва на мағлуб баргаштанд. Лекин онҳо дар ҷанг аз имтиҳони хубе гузаштанд.

Дар ҳақиқат, фармондеҳон ва сарбозони диловари ин ҷанг медонистанд, ки ҳар як ба сӯи марг мераванд, балки маргро дар пеши назар медиданд, вале ба ҷанг даромаданд ва кушта шуданд. Зеро Ислом ба мусулмон мефармояд, ки дар роҳи Ислом биҷангад, то бикушад ва кушта шавад. Албатта ин ҷанг тиҷорати судманд аст, зеро он ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ аст.

**إِنَّ اللّهَ اشْتَرَى مِنَ الْمُؤْمِنِينَ أَنفُسَهُمْ وَأَمْوَالَهُم بِأَنَّ لَهُمُ الجَنَّةَ يُقَاتِلُونَ فِي سَبِيلِ اللّهِ فَيَقْتُلُونَ وَيُقْتَلُونَ وَعْدًا عَلَيْهِ حَقًّا فِي التَّوْرَاةِ وَالإِنجِيلِ وَالْقُرْآنِ وَمَنْ أَوْفَى بِعَهْدِهِ مِنَ اللّهِ فَاسْتَبْشِرُواْ بِبَيْعِكُمُ الَّذِي بَايَعْتُم بِهِ وَذَلِكَ هُوَ الْفَوْزُ الْعَظِيمُ**

"**Аллоҳ аз мӯъминон ҷонҳову молҳояшонро харид, то биҳишт аз онон бошад. Дар роҳи Аллоҳ ҷанг мекунанд, чӣ бикушанд ё кушта шаванд, ваъдае, ки Аллоҳ дар Тавроту Инҷил ва Қуръон дода аст, ба ҳақ бар ӯҳдаи Ӯст. Ва чӣ касе беҳтар аз Аллоҳ ба аҳди худ вафо хоҳад кард? Ба ин харидуфурӯхт, ки кардаед, шод бошед, ки комёбии бузургест**!" [Тавба, 111].

Аз ин рӯ, гарчанд ба марг дучор шуданд, ҷангиданд. Зеро мусулмон, новобаста ба ин ки ба марг дучор мегардад ё на, агар бинад, ки ҷуз ҷанг чораи дигар нест, албатта меҷангад. Корҳо дар ҷанг ва ҷиҳод на бо адад, омодагӣ, бисёрӣ ва камии душман, балки бо натиҷаҳое, ки аз он бармеояд, муқоиса карда мешавад. Қурбониҳое, ки ҷанг талаб мекунад ва комёбиҳое, ки аз ҷанг дар назар дошта мешавад, эътибор надорад. Дар Мӯъта ҷанги мусулмонон бо Рум аз мусулмонон ҷангиданро ва аз фармондеҳони лашкар бебокона ба маъракаи ҷанг, ки аз баҳри он омада буданд, ворид шуданро талаб

мекард, ҳол он ки марги сурх дар рӯбарӯяшон меистод. Пас, намесазад, ки мусулмон аз марг битарсад ва низ шоиста нест, ки мусулмон дар роҳи Аллоҳ чизеро ба ҳисоб бигирад. Расул (с) медонистанд, ки ин лашкарро ба сӯи давлати Рум фиристодан хеле ва хеле хатарнок аст, зеро онҳо дар ҳудуди ин давлат бар вай ҳуҷум мекарданд. Лекин барои даҳшат андохтан ба дили Рум ба ин хатар сар задан зарур буд, то бубинад, ки мусулмонон бо вуҷуди камии шумораашон аз марг сари тарс надоранд ва меҷанганд. Ба ин хатар по ниҳодан зарур буд, то ки роҳи ҷиҳодро барои нашру татбиқи Ислом дар кишварҳои ҳамсоя ба мусулмонон нишон диҳанд. Ин хатар комёбиовар буд, зеро он дебочаи ғазваи Табук ва зарбазанӣ ба Рум шуд. Баъд аз ин ҷанг онҳо тарсиданд ва ҷуръат накарданд, ки бо мусулмонон рӯбарӯ шаванд, то ин ки Шом фатҳ гардид.

# *ФАТҲИ МАККА*

Чун мусулмонон аз Мӯъта баргаштанд ва ҷанговарони зиёди онҳо кушта шуд, Қурайш хаёл кард, ки мусулмонон барҳам хӯрданд. Аз ин рӯ, ҳампаймони худ Банӣ-Бакрро бар зидди ҳампаймони мусулмонон Хузоа барангехт ва ба онҳо бо силоҳ мадад расонид. Банӣ-Бакр ба Хузоа ҳуҷум карда, иддаеро ба қатл расонд. Хузоа ба Макка гурехт ва Амр ибни Солими Хузоӣ шитобон ба Мадина омад. Ҳодисаро ба Расул (с) хабар дод ва аз эшон мадад хост. Расулуллоҳ (с) ба вай гуфтанд:

"نُصِرْتَ يَا عَمْرَو بْنَ سَالِمِ

"**Мадад ёфтӣ, эй Амр ибни Солим**".

Расул (с) ба хулоса омаданд, ки сазои аҳдшикании Қурайш танҳо фатҳи Макка хоҳад буд. Аммо Қурайш аз шикастани аҳд тарсид ва Абӯсуфёнро ҳамчун вакил барои устувор ва давомнок кардани муддати аҳд ба Мадина фиристод. Абӯсуфён рафт ва нахост, ки бо Расул (с) вохӯрад, балки ба хонаи духтараш завҷаи Набӣ (с) Уммуҳабиба рӯй овард. Чун ба назди духтараш даромад ва бар бистари Набӣ (с) нишастан хост, духтараш бистарро ғундошт. Абӯсуфён аз ӯ пурсид: "Оё падаратро аз бистар афзал донистӣ ва ё бистарро аз падарат, ки онро ғундоштӣ?" Ҷавоби Уммуҳабиба чунин буд: "Ин бистари Расулуллоҳ (с) аст. Азбаски ту марди мушрику наҷис ҳастӣ, нахостам, ки бар он биншинӣ". Абӯсуфён гуфт: "Валлоҳ, ки эй духтарам, баъди ман ту бадхӯ шудаӣ", ва ба

ғазаб берун шуд. Пас, ба Муҳаммад (с) дар бораи сулҳ ва дароз кардани муддати он сухан кушод. Пайғамбар (с) ба вай ҳеҷ як ҷавобе надоданд. Вай аз Абӯбакр, хост, ки бо Набӣ (с) дар хусуси кори вай гуфтугӯ кунад, аммо Абӯбакр талабашро рад кард. Абӯсуфён бо Умар ибни Хаттоб гуфтугӯ кард, Умар дар ҷавоб ба вай дуруштӣ кард ва гуфт: "Магар ман дар назди Расулуллоҳ (с) шафеи шумо шавам? Қасам ба Аллоҳ, ки агар зарраеро ҳам биёбам, бо ёрии он бар зидди шумо мубориза хоҳам бурд". Пас, Абӯсуфён ба назди Алӣ ибни Абӯтолиб даромад, ки дар наздашон Фотима ҳузур дошт. Вай ба Алӣ мақсади омадани худро гуфт ва аз ӯ хост, то дар расонидани мақсади вай ба Расул (с) миёнарав шавад. Алӣ ба вай бо нармӣ фаҳмонд, ки агар Муҳаммад (с) кореро қасд кунанд, ҳеҷ кас эшонро аз ин қасдашон баргардонда наметавонад. Абӯсуфён аз Фотима хоҳиш кард, ки писараш Ҳасан ӯро дар байни мардум ба ҳимояи худ гирад. Ҳасан ҳанӯз хурдсол буд. Фотима гуфт: "Қасам ба Аллоҳ, ки писарам ба синни ҳимоя гирифтан дар байни мардум нарасидааст. Ҳеҷ кас бар зидди Расулуллоҳ (с) ба ҳимоя гирифта наметавонад". Корҳои Абӯсуфён душвор гашт, пас, вай ба Макка баргашт ва ҳар чӣ бо вай рух дода буд, ба қавмаш гуфт. Аммо Расул (с) мардумро фавран ба омодабош фармуданд ва ҳамроҳи онҳо ба сӯи Макка раҳсипор гаштанд. Расулуллоҳ (с) мехостанд, ки аҳолии Маккаро ғафлатгир кунанд, то онҳо имкони мудофиа наёбанд ва бидуни хунрезӣ таслим шаванд. Лашкари мусулмонон аз Мадина ба сӯи Макка раҳсипор шуд ва ба Марри Заҳрон, ки аз Макка чор фарсанг дур буд, расид. Шумораи лашкар даҳ ҳазор нафарро ташкил медод ва дар бораи онҳо ба Қурайш хабаре нарасида буд. Қурайш дар бораи ҳуҷуми эҳтимолии Муҳаммад (с) ба онҳо ҳисоб мебурд ва перомуни илоҷи он гуфтугузор мекард. Сипас Абӯсуфён барои донистани манбаи хатаре, ки эҳсос мешуд, аз Макка баромад. Дар роҳ Аббос, ки он вақт мусулмон шуда буд, ба вай вохӯрд. Аббос савори хачири Набӣ (с) ба Макка мерафт, то ба Қурайш хабар диҳад, ки аз Расулуллоҳ (с) амон бихоҳанд, зеро онҳо ба Расулуллоҳ (с) муқобилият нишон дода наметавонистанд. Вақте ки Аббос бо

Абўсуфён вохўрд, ба вай гуфт: "Инак, Расулуллоҳ (с) дар байни мардум истодаанд. Вой бар ҳоли Қурайш! Қасам ба Аллоҳ, ки агар Расулуллоҳ (с) қабл аз омадану амонхоҳии шумо аз эшон бо қувва ба Макка дароянд, ин ҳалокати абадии Қурайш хоҳад буд". Абўсуфён гуфт: "Чора чист, падару модарам фидоят?" Аббос ўро ба пушти хачир савор карду ба роҳ даромад. Вақте ки аз назди оташи Умар ибни Хаттоб гузаштанд, Умар хачири Набӣ (с)-ро дида, Абўсуфёнро шинохт ва фаҳмид, ки Аббос Абўсуфёнро ба ҳимоя гирифтан мехоҳад. Пас, бо зудӣ ба хаймаи Набӣ (с) рафта, аз эшон барои буридани гардани Абўсуфён иҷозат пурсид. Аббос гуфт: "Ё Расулаллоҳ, ман вайро ба ҳимояи худ гирифтам". Байни Аббос ва Умар муноқишаи шадид рўй дод. Пас, Набӣ (с) гуфтанд:

"إِذْهَبْ بِهِ يَا عَبَّاسُ إِلَى رَحْلِكَ، فَإِذَا أَصْبَحْتَ فَأْتِنِي بِهِ"

"**Ўро ба чодари худ бубар, эй Аббос ва пагоҳӣ ҳар ду ба ҳузури ман биёед**".

Пагоҳӣ Аббос Абўсуфёнро овард ва ў ба Ислом даромад. Аббос ба Набӣ (с) нигариста гуфт: "Абўсуфён марди фахрдўст аст, пас, барояш чизе бифармоед". Расулуллоҳ (с) фармуданд:

" نَعَمْ، مَنْ دَخَلَ دَارَ أَبِي سُفْيَانَ فَهُوَ آمِنٌ، وَمَنْ أَغْلَقَ بَابَهُ فَهُوَ آمِنٌ وَمَنْ دَخَلَ الْـمَسْجِدَ فَهُوَ آمِنٌ"

"**Ҳар кӣ ба ҳавлии Абўсуфён дарояд, дар амон аст. Ҳар кӣ дарашро бубандад, дар амон аст ва ҳар кӣ ба масҷид дарояд, дар амон аст**".

Расул (с) фармуданд, ки Абўсуфёнро дар тангнои водӣ – даромадгоҳи кўҳи сўи Макка нигоҳ доранд ва сипоҳи мусулмонон аз назди вай бигзарад, то бубинад ва ба қавми хеш воқеиятро бигўяд. Ҳамчунин ҳангоми ба сўи онҳо бошитоб рафтани вай хавфи ҳеҷ гуна муқовимат ба миён намеояд. Расул (с) барои ба Макка даромадан ҳама гуна омодагӣ ва چораҳои эҳтиётиро диданд. Чун

қабилаҳо аз назди Абӯсуфён гузаштанд, вай ба назди қавми хеш рафт ва дар байни онҳо бо овози баланд фарёд кард: "Эй ҷамоати Қурайш, ин Муҳаммад бо нерӯе омадааст, ки шумо онро дафъ карда наметавонед. Пас, ҳар кӣ ба ҳавлии Абӯсуфён дарояд, дар амон аст, ҳар кӣ дарашро бубандад, дар амон аст ва ҳар кӣ ба масҷид дарояд, дар амон аст". Он гоҳ Қурайш аз муқовимат бозистод. Расул (с) раҳсипор шуданд ва эҳтиёткорона ба Макка даромаданд. Фармуданд, ки лашкар ба чор гурӯҳ тақсим шавад ва ба ҳама гурӯҳҳо амр карданд, ки наҷанганд, хун нарезанд, магар ин ки сахт маҷбур шаванд ва ночор монанд. Қӯшунҳо ба Макка даромаданд ва аз ҷониби Макка ба ягон муқовимате дучор нашуданд. Фақат лашкари Холид ибни Валид ба як зиддияти хурде рӯбарӯ омад ва онро мағлуб сохт. Набӣ (с) дар қисмати болотари Макка фуромада, андаке таваққуф намуданд, сипас, пиёда то Каъба омаданд ва Байтуллоҳро ҳафт бор тавоф карданд. Усмон ибни Талҳаро хонданд ва ӯ дари Каъбаро кушод. Расулуллоҳ (с) дар пеши дари Каъба истоданд ва мардум бисёр ҷамъ шуд. Он гоҳ Пайғамбар (с) ба сухан пардохтанд:

" لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ وَحْدَهُ لَا شَرِيكَ لَهُ، صَدَقَ وَعْدَهُ، وَنَصَرَ عَبْدَهُ، وَهَزَمَ الْأَحْزَابَ وَحْدَهُ. أَلَا كُلُّ مَأْثَرَةٍ أَوْ دَمٍ أَوْ مَالٍ يُدَّعَى فَهُوَ تَحْتَ قَدَمَيَّ هَاتَيْنِ إِلَّا سَدَانَةَ الْبَيْتِ، وَسِقَايَةَ الْحَاجِّ، أَلَا وَقَتِيلُ الْخَطَأِ شِبْهِ الْعَمْدِ بِالسَّوْطِ وَالْعَصَا فَفِيهِ الدِّيَةُ مُغَلَّظَةً: مِئَةٌ مِنَ الْإِبِلِ أَرْبَعُونَ مِنْهَا فِي بُطُونِهَا أَوْلَادُهَا. يَا مَعْشَرَ قُرَيْشٍ إِنَّ اللهَ قَدْ أَذْهَبَ عَنْكُمْ نَخْوَةَ الْجَاهِلِيَّةِ وَتَعَظُّمَهَا بِالْآبَاءِ، النَّاسُ مِنْ آدَمَ، وَآدَمُ مِنْ تُرَابٍ"

**"Ҷуз Аллоҳи ягона худои дигаре нест, Ӯ шарике надорад. Аллоҳ ваъдаи худро рост баровард, ба бандааш нусрат бахшид ва аҳзобро танҳо худаш шикаст дод. Огоҳ бошед, ки ҷуз хизматрасонии Байтуллоҳ ва обдиҳии ҳоҷиён ҳама фахр ё хун ё мол, ки даъво мекунанд, дар зери ин ду кафи пойи ман аст.**

**Огоҳ бошед, ки куштаи тасодуфӣ бо тозиёна ва асо куштаи нимқасдӣ ба шумор меравад ва хунбаҳои он сахт, яъне сад шутур аст, ки бояд чилтои он дар шикам бача дошта бошад. Эй ҷамоати Қурайш, ҳароина Аллоҳ аз шумо бузургманишии ҷоҳилият ва фахрфурӯшӣ бо ниёгонро бардошт. Ҳама инсоният насли Одаманд ва Одам аз хок офарида шудааст**".

Сипас, ин оятро тиловат карданд:

يَا أَيُّهَا النَّاسُ إِنَّا خَلَقْنَاكُم مِّن ذَكَرٍ وَأُنثَى وَجَعَلْنَاكُمْ شُعُوبًا وَقَبَائِلَ لِتَعَارَفُوا إِنَّ أَكْرَمَكُمْ عِندَ اللَّهِ أَتْقَاكُمْ إِنَّ اللَّهَ عَلِيمٌ خَبِيرٌ

"**Эй мардум, мо шуморо аз як марду як зан биёфаридем. Ва шуморо ҷамоъатҳо ва қабилаҳо кардем, то якдигарро бишиносед. Албатта гиромитарини шумо назди Аллоҳ парҳезгортарини шумост. Аллоҳ донову кордон аст!**" [49:13].

Сипас аз онҳо пурсиданд:

"يَا مَعْشَرَ قُرَيْشٍ مَا تَرَوْنَ أَنِّي فَاعِلٌ بِكُم"

"**Эй ҷамоати Қурайш, гумон мебаред, ки ман бо шумо чӣ хоҳам кард?**" Онҳо гуфтанд: "Некӣ мекунед, эй бародари ҷавонмард ва фарзанди бародари ҷавонмард". Расулуллоҳ (с) фармуданд:

"إِذْهَبُوا فَأَنْتُمُ الطُّلَقَاءُ"

"**Биравед, шумо озод ҳастед**".

Бо ин калима ҳукми афви Қурайш ва аҳли Макка содир шуд. Расул (с) ба Каъба даромаданд, бар деворҳои он фариштагон ва пайғамбарон тасвир шуда буданд. Пас, бо фармони он кас суратҳо зудуда шуд. Як кабӯтари чӯбинро дида, бо дасти худ онро шикастанд ва ба замин партофтанд. Сипас бо чӯбдасташон ба сӯи ҳамаи бутҳо ишора карданд ва гуфтанд:

وَقُلْ جَاءَ الْحَقُّ وَزَهَقَ الْبَاطِلُ إِنَّ الْبَاطِلَ كَانَ زَهُوقًا

"**Бигӯ: "Ҳак омад ва ботил нобуд шуд. Ҳаққо, ки ботил нобуд шуданӣ буд**"" [17:81].

Бутҳо афтиданд ва Байтулҳаром аз онҳо пок гашт. Пайғамбар (с) дар Макка понздаҳ рӯз истоданд, ки дар ин асно кору аҳволи Маккаро ба танзим даровsecurityанд ва ба аҳолии он масъалаҳои диниро омӯзонданд. Фатҳи Макка ба анҷом расид ва ҳамин тавр, асоси муқовимат бар зидди даъвати исломӣ аз байн рафт. Бо ҳамин, нусрати ошкоро ба ҳақиқат пайваст ва ба истисної якчанд нуқта дар Ҳунайн ва Тоиф, ки барҳам додани онҳо осон буд, дигар муқовимати дохилӣ боқӣ намонд.

# ҒАЗВАИ ҲУНАЙН

Чун қабилаи Ҳавозин донист, ки мусулмонон Маккаро фатҳ карданд, ба тарс афтод, ки онҳо бо вай меҷанганд ва диёрашро мерубоянд. Бинобар ин, дар борои гирифтани роҳи мусулмонон фикр кард ва ба ин кор тайёрӣ дид. Пас, Молик ибни Авфи Насрӣ қабилаи Ҳавозин ва Сақифро ҷамъ овард ва ҳамроҳи онҳо рафта, ба водии Автос фуромад. Ин хабар ба мусулмонон баъди понздаҳ рӯзи фатҳи Макка расид ва онҳо барои бархӯрд бо Ҳавозин ва Сақиф омодагӣ диданд. Вале Молик дар водии Автос наистод, балки мардумро фармуд, то ба баландиҳои Ҳунайн, ба тангнои водӣ гузаранд. Молик онҳоро дар ин мавзеъ бо як тартиби мустаҳкам ҷобаҷо кард ва фармуд, ки ҳангоми ба водӣ фуромадани мусулмонон яктану якҷон бар онҳо сахт ҳуҷум оваранд, то ки сафҳояшон фурӯ пошад, сару калоба гум кунанд, якдигарро бизананд ва ба шикасти сахт дучор гарданд. Ӯ нақшаи мазкурро устувор ба роҳ монд ва мунтазири омадани мусулмонон нишаст. Баъди чанд рӯз лашкари мусулмонон омад. Расулуллоҳ (с) бо даҳ ҳазор нафар, ки ба ғазваи Макка омада буданд, ба роҳ баромаданд ва ба онҳо ду ҳазор аз қурайшиён, ки дар Макка мусулмон шуда буданд, зам шуд. Ин лашкари анбӯҳу мардуми бисёр бо қасди ҷанг раҳсипор шуданд, шабона ба Ҳунайн расиданд ва дар ин ҷо то қариби субҳидам истоданд. Дар ин охири шаб лашкар ба ҳаракат омад. Расул (с) хачири сафедашонро савор шуда, аз думболи

лашкар рафтанд. Мусулмонон ба водӣ фуруд меомаданд. Банохост қабилаҳои душман ба онҳо ҳуҷум овард. Азбаски Молик ибни Авф ҷанговарони худро фармуда буд, ки ба мусулмонон ҳамлавар шаванд, онҳо тибқи ин супориш яктану якҷон ба ҳамла гузаштанд ва мусулмононро ҳадафи тирандозии шадид қарор доданд. Мусулмонон, ки дар нимторикии саҳар хотирҷамъ мерафтанд, банохост аз ҳар тараф ба сарашон борони тир борид. Онҳо аз ин вазъи ногаҳонӣ ба даҳшату ҳайрат афтоданд, омехтаву бетартиб шуданд ва дигар ба ҳеҷ чиз нанигариста, рӯ ба гурез ниҳоданд. Ҳаросу даҳшат қалбҳояшонро фаро гирифт ва аз душманонашон тарси сахт хӯрданд. Ҳатто аз пеши Расул (с), ки ба думболи лашкар меомаданд, босуръату бетаваққуф гузашта, ба ақиб мегурехтанд. Дар майдон танҳо Расулуллоҳ (с) ва ҳамроҳи эшон Аббос монданд. Аммо лашкари боқимонда ба ҳеҷ чиз нанигариста, фирор кард. Он гоҳ Расулуллоҳ (с) таваққуф намуданд, эшонро ҷамоати хеле андаки ансору муҳоҷирин ва аҳли байташон дар ҳалқаи худ гирифтанд. Пайғамбар (с) ба мардум, ки мегурехтанд, нидо карда гуфтанд:

"أَيْنَ أَيُّهَا النَّاسُ؟"

"***Ба куҷо, эй мардум?***"

Лекин мардум ин нидоро намешуниданд ва ба Расулуллоҳ (с) нигоҳ ҳам намекарданд, чунки даҳшат, тарс ва хавфи марг онҳоро фаро гирифта буд. Аскарони Ҳавозин ва Сақиф мусулмонони шикастхӯрдаро сахт таъқиб мекарданд, ҳар киро метавонистанд, бо найзаву пайкон мезаданд. Бинобар ин, онҳо фарёди Расул (с)-ро нашуниданд ва ба эшон ҷавоб надоданд. Расулуллоҳ (с) дар ҳамин лаҳзаи ҳалкунанда мавқифи басо бузург ва шигифтангез гирифтанд. Дар ҳақиқат, он даҳшатноктарин ва сангинтарин лаҳза буд. Зеро тамоми лашкар: ҳам саҳобагон ва ҳам касони навмусулмоншуда, мегурехтанд. Пайғамбар (с) хитоб мекарданд, ки баргардед, онҳо сухани Пайғамбарро намешуниданд. Одамоне,

ки нав мусулмон шуда буданд, аз шикасти он кас шодмонӣ мекарданд ва суханҳои тамасхуромез мегуфтанд, ҳатто Калда ибни Ҳанбал мегуфт: "Оё имрӯз сеҳр ботил нашуд?" Шайба ибни Усмон ибни Талҳа мегуфт: "Имрӯз аз Муҳаммад интиқомамро мегирам, имрӯз Муҳаммадро мекушам". Абӯсуфён мегуфт: "Инҳо акнун то он сӯи баҳр мегурезанд". Инҳо ва нафарони монанди инҳо, ки чунин суханҳоро мегуфтанд, дар сафи лашкари мусулмонон қарор доштанд, дар Макка ба Ислом даромада, ҳамроҳи Расулуллоҳ (с) барои ҷангидан омада буданд. Вале мағлубият розҳои ниҳони дилҳояшонро ошкор сохт. Дар баробари инҳо, ки ниятҳояшон фош гардид, саҳобагони мухлис ҳам буданд, ки мегурехтанд, бинобар ин, ба пирӯзӣ ҳеҷ гуна умед ёфт намешуд. Аз ин рӯ, ҳолати Расул (с) хеле мураккаб ва ин лаҳза аз душвортарину сахттарин лаҳзаҳо буд. Дар ин вазъияти мураккаб Расул (с) қарор карданд, ки дар майдони ҷанг бимонанд ва ҳамин тавр, ба майдон қадам зада, бо хачири сафедашон ба сӯи душман равон шуданд. Пайғамбар (с)-ро амӯяшон Аббос ибни Абдулмутталиб ва Абӯсуфён ибни Ҳорис ибни Абдулмутталиб ҳамроҳӣ мекарданд. Абӯсуфён ибни Ҳорис аз ҷилави хачири Пайғамбар (с) дошта, нагузошт, ки он кас ба пеш раванд. Амӯяшон Аббос бо овози баланду расои худ фарёд зада, ба гӯши мардуми атрофу акноф расонданд ва онҳоро даъват карда гуфтанд: "Эй ансор, эй асҳоби Самура" (яъне иштирокчиёни байъати Ризвони Ҳудайбия). Аббос такроран фарёд зад, ҳатто ки садояш дар ҳама ҷониби водӣ танин андохт ва мусулмонони рӯбагурез онро шунида, Расулуллоҳ (с) ва ҷиҳодашонро ба ёд оварданд ва аз тасаввурашон гузашт, ки агар онҳо гурезанд, мушрикон ғолиб меоянд ва ширк пирӯз мегардад. Онҳо идрок карданд, ки бо ин мағлубият дин ва мусулмонон аз байн меравад. Бинобар ин, аз ҳар тараф ба нидои Аббос лаббайк гуфтанд ва ба майдони ҷанг баргашта, ба разм пардохтанд, бо як диловарии ноёб ва шуҷоати бемисл худро ба оташи маърака заданд. Мусулмонон оҳиста-оҳиста ба атрофи Расул (с) ҷамъ мешуданд ва ададашон меафзуд. Онҳо ба ҷанг даромаданд ва бо душман пайкор карданд.

Ҷанг хеле тафсид. Расул (с) бештар итминон ҳосил намуданд ва як каф сангрезаро гирифта, онро ба сӯи душман пошиданд ва гуфтанд:

"شَاهَتِ الْوُجُوهُ"

"**Рӯйҳо зишт гардиданд**".

Мусулмонон дар роҳи Аллоҳ дигар аз марг натарсиданд ба сӯи маъракаи набард шитофтанд. Ҷанг торафт шиддат мегирифт. Ҳавозин ва Сақиф боварӣ ҳосил карданд, ки онҳо ба нобудӣ рӯй овардаанд. Бинобар ин, ба ҳеҷ чиз нангаристанд ва молҳову занонашонро барои мусулмонон ғанимат гузошта, гурехтанд. Мусулмонон онҳоро дунбола гирифтанд, шумори зиёдеро асир карданд, ҳамчунин бисёреро куштанд. Таъқиброро то водии Автос идома доданд ва дар он ҷо душманро ба куштору шикасти сахт дучор сохтанд. Фармондеҳашон Молик ибни Авф ба Тоиф гурехта, дар он ҷо паноҳ бурд. Бо ҳамин, Аллоҳ ба мӯъминон ғалабаи бузурге бахшид ва дар ин бора сухани Аллоҳ Таоло нозил шуд:

عَلَيْكُمُ الأَرْضُ بِمَا رَحُبَتْ ثُمَّ وَلَّيْتُم مُّدْبِرِينَ ثُمَّ أَنَزلَ اللّهُ سَكِينَتَهُ عَلَى رَسُولِهِ وَعَلَى الْمُؤْمِنِينَ وَأَنزَلَ جُنُودًا لَّمْ تَرَوْهَا وَعذَّبَ الَّذِينَ كَفَرُواْ وَذَلِكَ جَزَاء الْكَافِرِينَ

"**Аллоҳ шуморо дар бисёре аз ҷойҳо ёрӣ кард. Ва низ дар рӯзи Ҳунайн он гоҳ, ки бисёрии лашкаратон шуморо ба тааҷҷуб оварда буд, вале барои шумо суде надошт ва замин бо ҳамаи васеъгияш бар шумо танг шуд ва бозгаштед ва ба душман пушт кардед. Он гоҳ Аллоҳ оромиши худро бар пайғамбараш ва бар мӯъминон нозил кард ва лашкариёне, ки онҳоро намедидед, поён фиристод ва кофиронро азоб кард ва ин аст ҷазои кофирон**" [9:25-26].

Мусулмонон он рӯз ғаниматҳои бисёре ба даст оварданд ва чун онҳоро шумурданд, бисту ду ҳазор шутур, чил ҳазор гӯсфанд ва чор

ҳазор уқия нуқраро ташкил дод. Аз мушрикон мардуми бисёре кушта шуд, ҳамчунин аз фарзандону занони Ҳавозин шаш ҳазор нафар ба асорат афтод ва онҳоро ба водии Ҷеърона оварданд. Аммо куштаҳои мусулмонон ҳисоб карда нашуд, вале онҳо бисёр буданд. Дар китобҳои сират омада, ки дар ин ҷанг ду қабилаи мусулмонон нобуд шудааст ва Набӣ (с) ба онҳо намози ҷаноза хондаанд. Расул (с) ин ғаниматҳо ва асиронро дар Ҷеърона вогузошта, ба муҳосираи Тоиф рафтанд, ки Молик ибни Авф баъди шикаст хӯрдан ба он ҷо панаҳ бурда буд. Ҳамин тавр, муҳосираро оғоз карданд. Лекин Тоиф аз они қабилаи Сақиф буд, қалъаҳои мустаҳкам дошт, аҳолии ин шаҳр равиши ҷанги қалъавиро хуб медонист ва дорои сарвати калон буд. Қабилаи Сақиф санъати тирандозиро хуб медонистанд. Бинобар ин, ба сӯи мусулмонон тир андохта, аз онҳо гурӯҳеро куштанд. Шикастану фатҳи ин қалъаҳо барои мусулмонон осон набуд. Бинобар ин, аз қалъаҳои душман дуртар ҷой гирифтанд. Мусулмонон пазмон истоданд, ки Аллоҳ бо онҳо ва душманонашон чӣ мекунад. Набӣ (с) аз қабилаи Банӣ-Давс барои бо манҷаниқ тирборон кардани Тоиф ёрӣ пурсиданд. Онҳо баъди чор рӯзи муҳосира бо асбобҳои тирандозии худ омаданд. Мусулмонон ба шаҳри Тоиф ҳуҷум карда, онро бо манҷаниқҳо заданд, чанд нафар ба зери даббобаҳо (9) даромада, барои шикофтани деворҳои Тоиф ба сӯи қалъа ҳаракат карданд. Лекин онҳо надонистанд, ки оҳанпораҳои тафсон ба болои даббобаҳо афтода, даббобаҳоро месӯзонад, бинобар ин, гурехтанд. Азбаски қабилаи Сақиф оҳанпораҳоро дар оташ тафсонда, ба болои даббобаҳо партофтанд, даббобаҳо сӯхтанд. Аз ин ҳол мусулмонон маҷбур ба гурез шуданд. Чун гурехтанд, Сақиф онҳоро тирборон кард ва як гурӯҳ кушта шуд. Ҳамин тавр, онҳо ба Тоиф даромада натавонистанд. Пас, онҳо токҳоро бурида, сӯзонданд, то ки Сақиф таслим шавад, лекин Сақиф таслим нашуд. Моҳҳои ҳаром низ сар шуд, чунки моҳи нави зулқаъда баромад. Бинобар ин, Расул (с) аз Тоиф ба Макка баргаштанд ва ба Ҷеърона, ки дар он ҷо ғаниматҳо ва асиронро вогузошта буданд, фуруд омаданд. Расул (с) ба Молик ибни Авф

ваъда карда буданд, ки агар биояду мусулмон шавад, сарвату оилаашро ба вай бозмегардонанд ва илова бар ин сад шутури дигар бахшиш медиҳанд. Бинобар ваъдаи мазкур Молик ба назди Расул (с) омад, исломашро эълон кард ва он чиро барояш ваъда карда буданд, гирифт. Мардум тарсиданд, ки агар ҳар нафаре аз Ҳавозин биояду Расул (с) ба вай чунин бахшиш кунанд, ҳиссаи ғанимат кам мешавад, бинобар ин, дархост намуданд, ки ғаниматҳоро дар миёнашон тақсим кунанд ва ҳар кас ҳиссаи худро бигирад. Онҳо дар хусуси ғанимат пинҳонӣ бо ҳам ҳар гуна суханҳо гуфтанд, ки ҳатто ин суханҳо ба Расулуллоҳ (с) расид. Пас, Пайғамбар (с) дар паҳлӯи шутуре истода, аз кӯҳони он як тори пашмро гирифтанд ва дар миёни ду ангушташон нигоҳ доштанд, сипас, онро бардоштанд ва гуфтанд:

" أَيُّهَا النَّاسُ وَاللهِ مَا لِي مِنْ فَيْئِكُمْ وَلَا هَذِهِ الْوَبْرَةُ إِلَّا الْخُمْسُ وَالْخُمْسُ مَرْدُودٌ عَلَيْكُمْ فَأَدُّوا الْخِيَاطَ وَالْـمَخِيطَ فَإِنَّ الْغَلُولَ يَكُونُ عَلَى أَهْلِهِ عَاراً وَنَاراً وَشَنَاراً يَوْمَ الْقِيَامَة"

"**Эй мардум, қасам ба Аллоҳ, ки аз ин ғанимати шумо ба ман ҷуз хумси (10) он ҳамин як тор пашм ҳам намерасад. Ин панҷяк ҳам ба шумо баргардонда мешавад. Пас, агар риштае ва сӯзанеро аз он гирифта бошед, баргардонед. Зеро хиёнат рӯзи қиёмат барои соҳибаш шармандагӣ, оташ ва шармсорист**".

Сипас фармуданд, ки ҳар кас аз ғанимат чизе гирифтааст, онро баргардонад, то ғаниматҳо бо адолат тақсим шавад. Сипас ғаниматро панҷ ҳисса карда, як ҳиссаи онро барои худ гирифтанд ва боқиро ба асҳоб тақсим карданд. Аз ҳиссаи худ бар насиби касоне ҳамроҳ карда доданд, ки то ҳамон рӯзҳо ашаддитарин душманон буданд. Чунончи, ба ҳиссаи Абӯсуфён, писараш Муовия, Ҳорис ибни Ҳорис, Ҳорис ибни Ҳишом, Суҳайл ибни Амр, Ҳувайтиб ибни Абдулъуззо, Ҳаким ибни Ҳизом, Ало ибни Ҷорияи Сақафӣ, Уяйна ибни Ҳисн, Ақраъ ибни Ҳобис, Молик ибни Авфи Насрӣ ва

Сафвон ибни Умайя садтой шутур зам намуданд, то қалбҳояшон ба дӯстӣ гирояд. Касоне, ки дар шараф аз инҳо пасттар буданд, ба онҳо панҷоҳтой шутур зиёдатӣ доданд ва ҳама ҳоҷоташонро раво сохтанд. Пайғамбар (с) он рӯз дар тақсими мол ғояти олиҳимматӣ, саховат, маҳорат ва сиёсатмадориро нишон доданд. Вале баъзе мусулмонон ҳикмату фарзонагии Пайғамбар (с)-ро аз ин саховат ва тақсими ғанимат идрок накарданд. Зеро ин иқдом ансориёнро ба ҳолате овард, ки онҳо бо якдигар дар бораи Расулуллоҳ (с) суханҳое ба забон оварданд ва баъзе ба ҳам гуфтанд: "Қасам ба Аллоҳ, ки Расулуллоҳ (с) акнун қавми худро ёфтанд". Ин ҳолат ба дилҳои онҳо таъсир карда буд. Саъд ибни Убода ин суханро ба Набӣ (с) расонид. Расулуллоҳ (с) ба вай гуфтанд:

"فَأَيْنَ أَنْتَ مِنْ ذَلِكَ يَا سَعْد"

"**Ту дар ин бора дар ҷониби кистӣ?**" Ӯ гуфт: "Ё Расулаллоҳ, ман ҳам, албатта, дар ҷониби қавми худ ҳастам" ва сухани қавми худро дастгирӣ намуд. Набӣ (с) ба вай фармуданд:

"فَاجْمَعْ لِي قَوْمَكَ فِي هَذِهِ الْـحَظِيرَةِ"

"**Пас, қавматро ба назди ман дар ин бошишгоҳ ҷамъ кун**". Саъд онҳоро ҷамъ овард. Расул (с) ба онҳо гуфтанд:

" يَا مَعْشَرَ الْأَنْصَارِ مَقَالَةٌ بَلَغَتْنِي عَنْكُمْ، وَجِدَةٌ وَجَدْتُمُوهَا عَلَيَّ فِي أَنْفُسِكُمْ، أَلَمْ آتِكُمْ ضُلَّالاً فَهَدَاكُم اللهُ وَعَالَةً فَأَغْنَاكُمُ اللهُ وَأَعْدَاءً فَأَلَّفَ اللهُ بَيْنَ قُلُوبِكُم"

"**Эй ҷамоати ансор, аз шумо ба ман суханҳое расиданд. Оё аз ман дилозурда шудед? Оё ҳангоме ки ба наздатон рафтам, дар гумроҳӣ набудед, Аллоҳ шуморо ҳидоят кард, бенаво набудед, Аллоҳ шуморо тавонгар сохт, ба якдигар душман набудед, Аллоҳ дилҳои шуморо ба якдигар ром кард?**" Онҳо ба Пайғамбар

(с) гуфтанд: "Бале, Аллоҳ ва Расулаш меҳрубонтарин ва бартаринанд". Пас, Расулуллоҳ (с) гуфтанд:

"أَلَا تَجِيبُونِي يَا مَعْشَرَ الْأَنْصَار"

"**Оё ба гуфтаи ман розӣ мешавед, эй ҷамоати ансор?"** Онҳо гуфтанд: "Ба кадом гуфтори шумо розӣ шавем, ё Расулаллоҳ? Аллоҳ ва Расулаш соҳиби фазлу марҳаматанд". Пас, Пайғамбар (с) фармуданд:

" أَمَا وَاللهِ لَوْ شِئْتُمْ لَقُلْتُمْ فَلَصَدَقْتُمْ وَلَصُدِقْتُمْ: أَتَيْتَنَا مُكَذَّباً فَصَدَّقْنَاكَ، وَمَخْذُولاً فَنَصَرْنَاكَ، وَطَرِيداً فَآوَيْنَاكَ، وَعَائِلاً فَآسَيْنَاكَ. أَوَجِدْتُمْ يَا مَعْشَرَ الْأَنْصَارِ فِي أَنْفُسِكُمْ فِي لُعَاعَةٍ مِنَ الدُّنْيَا تَأَلَّفْتُ بِهَا قَوْماً لِيُسْلِمُوا ووَكَلْتُكُمْ إِلَى إِسْلَامِكُمْ، أَلَا تَرْضَوْنَ يَا مَعْشَرَ الْأَنْصَارِ أَنْ يَذْهَبَ النَّاسُ بِالشَّاةِ وَالْبَعِيرِ وَتَرْجِعُوا بِرَسُولِ اللهِ إِلَى رِحَالِكُمْ، فَوَالَّذِي نَفْسُ مُحَمَّدٍ بِيَدِهِ لَوْلَا الْهِجْرَةُ لَكُنْتُ امْرَأً مِنَ الْأَنْصَارِ. وَلَوْ سَلَكَ النَّاسُ شِعْباً وَسَلَكَتِ الْأَنْصَارُ شِعْباً لَسَلَكْتُ شِعْبَ الْأَنْصَارِ، اَللَّهُمَّ ارْحَمِ الْأَنْصَارَ وَأَبْنَاءَ الْأَنْصَارِ وَأَبْنَاءَ أَبْنَاءِ الْأَنْصَار"

**"Аммо қасам ба Аллоҳ, ки агар бихоҳед мегӯед: "Шуморо таксиб карданд, ба назди мо омадед ва мо шуморо тасдиқ кардем, бемадад гузоштанд ва мо бароятон дасти ёрӣ дароз кардем, шуморо ронданд ва мо бароятон ҷой додем, бенаво будед ва мо шуморо ба оғӯш гирифтем" ва бешубҳа рост мегӯед. Оё шумо дар хусуси чизи ноарзандае аз дунё, ки бо туфайли он қавмеро ба Ислом ром кардам ва ба Исломи шумо эътимод намудам, дилозурда шудед? Эй ҷамоаи ансор, оё розӣ нестед, ки мардум бо гӯсфанду шутур бираванду шумо ба манзили хеш ҳамроҳи Расулуллоҳ (с) баргардед? Қасам ба худое, ки ҷони Муҳаммад ба дасти Ӯст, агар ҳиҷрат намебуд, албатта яке аз ансор мешудам. Агар мардум ба як дара мерафтанду ансор ба дараи дигар, ман бо ансор мерафтам. Худовандо, ансорро,**

**фарзандони ансорро ва фарзандони фарзандони ансорро раҳмат кун"**. Пайғамбар (с) суханашонро ҳанӯз ба анҷом нарасонда буданд, ки ансор сахт ба гиря афтоданд, ҳатто ришҳояшон бо ашк тар шуд ва гуфтанд: "Мо хушнуд ҳастем, ки Расулуллоҳ (с) бахшу насиби мо бошанд". Ҳамин тавр, онҳо ба қароргоҳашон баргаштанд. Расул (с) бо ҳамроҳии лашкар барои умра эҳром бастанд ва аз Ҷеърона ба Макка рафтанд. Баъд аз адои умра, Пайғамбар (с) Аттоб ибни Усайдро волии Макка таъйин карданд ва Муоз ибни Ҷабалро барои тарбияи сақофии мардум ва таълими аҳкоми Ислом ба онҳо вазифадор намуданд. Сипас Расулуллоҳ (с) ҳамроҳи ансор ва муҳоҷирин ба Мадина баргаштанд.

# ҒАЗВАИ ТАБУК

Ба Расулуллоҳ (с) аз кишвари Рум хабаре расид, ки Рум барои ҳуҷум ба сарзаминҳои шимоли Арабистон омодагӣ мебинад, то ба ин восита ёди ақибнишинии моҳиронаи мусулмононро дар размгоҳи Мӯъта аз хотири мардум бибарад. Азбаски ин хабар то як андоза муболиғаомез расида буд, Расулуллоҳ (с) қарор карданд, ки ба ин қувва худ рӯбарӯ шаванд. Бинобар ин, барои нобуд сохтани он чунон нақша тартиб доданд, ки дар дили раҳбарони душман ҳар як умеди ҳамлавар шудан бар мусулмонон ва ё бaромадан бар зидди онҳоро маҳв созад. Охирҳои тобистон ва аввалҳои тирамоҳ буд, гармои  шадиду сӯзон ҳукмфармоӣ мекард. Масофаи байни Мадина ва кишвари Шом хеле дарозу пурмашаққат буд, ки нерӯи ҷисмонӣ, хӯрокворӣ ва обро талаб мекард. Бинобар ин, мебоист, ки мардум аз ин кор огоҳ шавад ва мавзӯъ ба ҳеҷ кас махфӣ намонад, яъне мардум бояд ошкоро бидонанд, ки, Пайғамбар (с) бо қасди ҷанг бо румиҳо азми Рум намудаанд. Ин мухолифи нақшаҳои Расул (с) дар ғазваҳои пешин буд, зеро эшон нақша ва самти ҳаракати худро пинҳон медоштанд. Пайғамбар (с) бисёр вақтҳо ҳамроҳи лашкар барои фиреби душман бар хилофи самти ҳақиқие, ки мақсад доштанд, равона мешуданд, то хабари ҳамлаашон фош нашавад. Аммо ин дафъа аз рӯзи аввал эълон карданд, ки ба қасди ҷанг бо румиҳо азми Рум намудаанд. Бинобар ин, ба сӯи ҳамаи қабилаҳо одам фиристоданд, то ки онҳоро ба омодагӣ бихонанд ва ба қадри имкон лашкари бузурге муҷаҳҳаз гардад. Расул (с) ба назди мусулмонони сарватманд ҳам одам фиристода,

мефармуданд, то аз он молҳое, ки Аллоҳ аз фазли худ ба онҳо ато кардааст, сарф кунанд ва як лашкари аз ҷиҳати ҳам шумора ва ҳам омодагӣ бузург муҳайё шавад. Мусулмононро ташвиқ мекарданд, ки ба ин лашкар ҳамроҳ шаванд. Мусулмонон ин даъватро ҳар гуна пешвоз гирифтанд: онон ки ба Ислом бо қалбҳои пур аз ҳидояту нур омада буданд, ба даъвати Расулуллоҳ (с) бо хушнудиву чолокӣ лаббайк гуфтанд. Баъзе фақир буд, ки барои худ саворие надошт, баъзе тавонгар буд, ки молашро ба пеши Пайғамбар (с) оварда, онро дар роҳи Аллоҳ бо хушнудӣ ва хотирҷамъӣ тақдим мекард ва худро бо шавқу умеди шаҳид шудан дар роҳи Аллоҳ мебахшид. Аммо онон, ки ба дини Аллоҳ бо тамаи ғаниматҳои ҷанг ва аз тарси қуввати мусулмонон даромада буданд, сустӣ варзиданд, узр пеш оварданд ва бо ҳам махфиёна суханҳое гуфтанд. Онҳо даъвати Расул (с)-ро ба ин ғазваи ҷойи дур дар ин ҳавои гарм масхара мекарданд. Инҳо мунофиқон буданд. Ба якдигар мегуфтанд, ки дар ин гармо ба ҷанг наравед. Пас, сухани зерини Аллоҳс Таоло нозил шуд:

فَرِحَ الْمُخَلَّفُونَ بِمَقْعَدِهِمْ خِلاَفَ رَسُولِ اللّهِ وَكَرِهُواْ أَن يُجَاهِدُواْ بِأَمْوَالِهِمْ وَأَنفُسِهِمْ فِي سَبِيلِ اللّهِ وَقَالُواْ لاَ تَنفِرُواْ فِي الْحَرِّ قُلْ نَارُ جَهَنَّمَ أَشَدُّ حَرًّا لَّوْ كَانُوا يَفْقَهُونَ فَلْيَضْحَكُواْ قَلِيلاً وَلْيَبْكُواْ كَثِيراً جَزَاء بِمَا كَانُواْ يَكْسِبُونَ

"**Гуфтанд: "Дар ҳавои гарм ба ҷанг наравед!" Агар мефаҳманд, бигӯ: "Гармии оташи ҷаҳаннам бештар аст!" Ба ҷазои аъмоле, ки анҷом додаанд, бояд, ки андак биханданд ва фаровон бигирянд!**"

[9:81-82].

Дар ҳақиқат, Расул (с) ба яке аз одамони қабилаи Банӣ-Салама Ҷад ибни Қайс гуфтанд: "Эй Ҷад, имсол ба ҷанги банӣ-асфар меравӣ". Ӯ гуфт: "Ё Расулаллоҳ, ба ман рухсат диҳед, маро гирифтори фитна

накунед. Зеро қавми ман донистааст, ки ҳеҷ марде аз ман ба занон шавқмандтар нест. Ман метарсам, ки агар ба занони банӣ-асфар нигоҳ андозам, сабр карда наметавонам". Расулуллоҳ (с) аз ӯ рӯй гардониданд. Дар ҳаққи ӯ ин оят нозил шуд:

وَمِنْهُم مَّن يَقُولُ ائْذَن لِّي وَلاَ تَفْتِنِّي أَلاَ فِي الْفِتْنَةِ سَقَطُواْ وَإِنَّ جَهَنَّمَ لَمُحِيطَةٌ بِالْكَافِرِينَ

"**Баъзе аз онон мегӯянд: "Маро рухсат деҳ ва ба гуноҳ маяндоз". Огоҳ бош, ки инҳо худ дар гуноҳ афтодаанд ва ҷаҳаннам бар кофирон иҳота дорад**" [9:49].

Мунофиқон нафақат барои рафтан ба ҷанг сустӣ карданд, балки аз ин ҳад фаротар қадам гузоштанд ва мардумро барои сарпечӣ аз ҷанг тарғиб намуданд. Пас, Расул (с) ба қароре омаданд, ки бо онҳо дурүштӣ пеш гиранд ва бераҳмона дастонашонро боздоранд. Ҳамин тавр, ба Пайғамбар (с) хабар расид, ки чанд нафари онҳо дар хонаи Сувайлими яҳудӣ ҷамъ омада, садди роҳи мардум мешаванд, бар дилҳои онҳо ноумедӣ ва фикри саркашӣ аз ҷангро меандозанд. Расул (с) ба сӯи онҳо Талҳа ибни Убайдуллоҳро бо як гурӯҳи асҳоби худ фиристоданд. Ин гурӯҳ аз болои онҳо бар хонаи Сувайлим оташ сар дод. Нафаре аз пушти хона гурехт, ки пояш шикаст. Дигарон худро ба оташ зада, гурехтанд. Ин иқдом барои дигарон дарси ибрат шуд ва баъди ин ҳодиса дигар ҳеҷ кас ба чунин коре ҷуръат накард. Ин ҳушёрӣ ва дурүштӣ, ки Расул (с) пеш гирифтанд, дар омодасозии лашкар таъсир расонд. Ниҳоят, лашкари азиме ҷамъ омад, ки ададаш ба сӣ ҳазор мусулмон расид. Ин лашкар "ҷайши усра"11 номида шуд. Зеро он дар гармои сахт барои бархӯрд бо душмани калон, сар задан ба ҷанги аз Мадина хеле дур ва бо сарфу харҷи хеле калон, ки онро омодасозии чунин лашкар тақозо менамуд, омода шуд. Лашкар ҷамъ шуд. Абӯбакр ҳангоми набудани Расул (с) ба намози мардум имоматӣ карданд ва интизори бозгашти эшон аз тадбири корҳои Мадина истоданд. Пайғамбар (с) Муҳаммад ибни Масламаро ба ҷойи худ дар Мадина сардор таъйин

карданд. Нигоҳубини аҳли оила ва иҷрои корҳои дохили хонаашонро бар дӯши Алӣ ибни Абӯтолиб гузоштанд. Ба ҳар кори лозим фармуданд ва чораи ҳар масъалаи заруририро диданд. Сипас баргаштанд ва зимоми фармондеҳии лашкарро ба даст гирифтанд. Бо фармони эшон лашкар ба ҳаракат даромад. Чангу ғубор ба ҳаво хест, аспҳо шиҳа кашиданд ва лашкар дар пеши назари аҳли Мадина ба намоиш даромад. Занон ба болои боми хонаҳо баромаданд, то ин ҷайши бузургро, ки аз саҳро гузашта, сӯи Шом раҳсипор мегардад ва дар роҳи Аллоҳ аз гармову ташнагӣ ва гуруснагӣ намеҳаросад, бубинанд. Лашкар ба сӯи кишвари душман мерафт ва пешопеши он даҳ ҳазор сарбози савора дар ҳаракат буд. Манзараи лашкар бо ин қувваи ҳайратангез шавқи баъзе касонро, ки аз ҳамроҳӣ дар ин сафар сустӣ варзида буданд, барангехт. Пас, онҳо аз дунболи лашкар рафтанд ва беихтиёр ба он зам шуданд. Лашкар ба сӯи Табук равона буд. Қӯшунҳои Рум дар он ҷо қарор гирифта, барои ҳуҷум ба мусулмонон тайёрӣ медиданд. Вақте ки ба онҳо дар хусуси қувваи лашкари мусулмонон ва бисёрии ададИ лашкар иттилоъ расид, бисёр ба тарс афтоданд. Зеро диловариву қаҳрамониҳои мусулмононро дар ҷанги Мӯъта ба ёд оварданд, ки он гоҳ лашкар дорои ин адади бузург ва чунин омодагии ҳайратангез набуд. Иштироки бевоситаи Расул (с) ба сифати сарфармондеҳ дар ин ҷайш хавфи онҳоро дучанд афзуд. Бинобар ин, салоҳи кор дар он диданд, ки бо лашкари хеш ба дохили мамлакати Шом ақибнишинӣ кунанд ва дар қалъаҳо паноҳ баранд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Онҳо Табук, инчунин ҳама ҳудудҳои кишвари Шомро аз тарафи саҳро тарк карданд ва ақибнишиниро ба дохили мамлакат маъқул донистанд. Вақте ки хабари ақибнишинии лашкари Рум ва ба ҳаросу бим афтодани он ба Расул (с) расид, роҳро то Табук идома дода, Табукро забт карданд ва дар он ҷо қарор гирифтанд. То дохили кишвари Шом таъқиб кардани Румро дар ин вақти сол бемаврид донистанд. Дар Табук муддати қариб як моҳ истоданд, то ҳар кӣ аз аҳли ин минтақа бихоҳад, ки бо эшон даст ба гиребон шавад ва ё муқовимат нишон диҳад, бо вай

биҷанганд. Ҳамин тавр, ба амирони қабилаҳо ва шаҳрҳои тобеи Рум нома фиристоданд. Чунончи, ба ҳокими Айла Яҳна ибни Рӯъба, инчунин ба аҳли Ҷарбо ва аҳли Азраҳ мактуб фиристоданд, ки ба итоат дароянд, вагарна ба онҳо ҳуҷум хоҳанд кард. Онҳо таслим шуданд, сари итоат пеш оварданд ва бо Расул (с) сулҳ баста, ҷизя пардохтанд. Сипас Расул (с) ба Мадина баргаштанд ва диданд, ки мунофиқон дар Мадина набудани он касро ғанимат шумурда, ба заҳрпошӣ пардохтаанд ва барои таҷовузи мусулмонон қувва ҷамъ мекунанд. Як ҷамоаи онҳо дар Зуавон, ки байни он ва Мадина андак роҳ буд, масҷиде сохтанд. Дар ин масҷид мунофиқон ҷой гирифта, барои вайрон кардани каломи Аллоҳ мекӯшиданд ва бо ҳамин мехостанд, ки дар миёни мӯъминон ҷудоӣ афкананд. Ин ҷамоае, ки масҷид бунёд карданд, қабл аз ғазваи Табук аз Расул (с) хоҳиш намуда буданд, ки дар ин масҷид намоз гузоранд. Пайғамбар (с) талаби онҳоро то бозгашти сафар ба таъхир гузошта буданд. Чун баъди бозгашт аз корҳои мунофиқон хабардор шуданд ва ба он кас моҷарои масҷид ва мақсади ҳақиқии сохтумони он ваҳй шуд, ба сӯзондани масҷид фармуданд ва бар мунофиқон дуруштӣ нишон доданд. Ҳамин тавр, Расул (с) ба онҳо чунон зарба заданд, ки саропояшон ба ларза афтод. Онҳо сахт тарсида, худро ба канор кашиданд ва аз ин пас ба ягон кор даст зада натавонистанд.

Бо ғазваи Табук сухани Парвардигор дар тамоми нимҷазираи Арабистон пурра тантана кард. Расул (с) аз ҳар гуна таҷовуз осуда гаштанд. Намояндагони қабилаҳои араб ба ҳузури Расулуллоҳ (с) омада, сари итоат фуруд меоварданд ва барои Аллоҳ мусулмон шудани худро эълон мекарданд.

## *ҲУКМРОНИИ ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ БАР НИМҶАЗИРАИ АРАБИСТОН*

Бо ғазваи Табук Набӣ (с) ҷиҳати хориҷиро аз як ҷониб бо таъмини оромии сарҳадҳои давлат ва аз ҷониби дигар ба воситаи тарс андохтан ба дилҳои душманон мустаҳкам карданд. Барои мусулмонон нақшаеро тарҳрезӣ намуданд, ки баъд аз сари эшон тибқи он нақша даъвати исломиро берун аз нимҷазираи Арабистон ба олам интишор диҳанд. Бо интиҳои ғазваи Табук ҷануби нимҷазира, ки аз Яман, Ҳазрамавт ва Умон иборатанд, исломи худро эълон карданд ва ба итоати Давлати Исломӣ даромаданд. То соли нӯҳуми ҳиҷрӣ ҳайатҳои намояндагии қавмҳо яке паи дигар исломи худ ва исломи қавмашонро эълон карданд. Бо ҳамин, Давлати Исломӣ бар тамоми нимҷазираи Арабистон пурра ҳукмрон шуд ва бехатарии сарҳадҳои он аз ҷониби Рум таъмин гардид. Дар нимҷазира фақат мушрикон монда буданд, ки ҳанӯз ширки худро давом медоданд. Онҳо бар асоси аҳди Расул (с) метавонистанд, ки ба ҳаҷҷи Байтуллоҳи Ҳаром биёянд ва дар он ҷо бутҳоро бипарастанд. Зеро Расул (с) ба мардум аҳд дода буданд, ки ҳеҷ як озими Байтуллоҳ аз зиёрат боздошта намешавад ва бар ҳеҷ кас дар моҳи ҳаром хавфе таҳдид нахоҳад кард. Вақте ки тамоми нимҷазира ба итоати Муҳаммад (с) даромада, фармонбари аҳкоми Давлати Исломӣ шуданд, дар ин ҷо ҳанӯз мушриконе боқӣ монда буданд, ки ба ғайри Аллоҳ ибодат мекарданд. Пас, оё онҳо ба ҳоли худ гузошта мешаванд? Оё иҷозат дода мешавад, ки мусулмонони

аз ширку бутпарастӣ безор ба таври зиддиятнок бо мушрикони барподорандаи ин оин дар Байтуллоҳи Ҳаром бо ҳам ҷамъ оянд? Оё чӣ касе метавонад тасаввур кунад, ки дар гирди Байтуллоҳ ду ибодати ба ҳам мухолиф дар як вақт анҷом дода шавад, яъне яке дар ин ҷо бут шиканад ва дигаре бутҳои шикастаро бипарастад? Инак, мебоист, ки дар ҳама гӯшаҳои нимҷазира ин ширк решакан гардад ва мушрикон аз зиёрати Байтуллоҳ боздошта шаванд. Ҳамин тавр, баъди ғазваи Табук ва баъди ба Макка рафтани Абӯбакр ба сифати амири ҳаҷ сураи "Бароат", яъне "Тавба" нозил шуд. Пас, Набӣ (с) Алӣ ибни Абӯтолибро фиристоданд, то Абӯбакрро дарёбад, он гоҳ ба мардум ваъз гӯяд ва сураи "Тавба"-ро бихонад. Алӣ рафт ва ҳангоме ки мардум ба Мино ҷамъ шуданд, бо Абӯҳурайра паҳлӯ ба паҳлӯ истода, дар байни онҳо бо овози баланд сураи "Тавба"-ро аз аввал то ояти сию шашум тиловат кард:

بَرَاءةٌ مِّنَ اللّهِ وَرَسُولِهِ إِلَى الَّذِينَ عَاهَدتُّم مِّنَ الْمُشْرِكِينَ

"**Аллоҳу пайғамбараш безоранд аз мушриконе, ки бо онҳо паймон бастаед**" [9:1],

وَقَاتِلُواْ الْمُشْرِكِينَ كَآفَّةً كَمَا يُقَاتِلُونَكُمْ كَآفَّةً وَاعْلَمُواْ أَنَّ اللّهَ مَعَ الْمُتَّقِينَ

"**Ва ҳамчунон ки мушрикон ҳамагӣ ба ҷанги шумо бархостанд, ҳамагӣ ба ҷанги онҳо бархезед. Ва бидонед, ки Аллоҳ бо парҳезгорон аст!**" [9:36].

Вақте ки Алӣ ин оётро тиловат кард, андаке таваққуф намуда, сипас бо овози баланд ба одамон гуфт:

" أَيُّهَا النَّاسُ: إِنَّهُ لَا يَدْخُلُ الْجَنَّةَ كَافِرٌ، وَلَا يَحُجُّ بَعْدَ الْعَامِ مُشْرِكٌ، وَلَا يَطُوفُ بِالْبَيْتِ عُرْيَانٌ. وَمَنْ كَانَ لَهُ عِنْدَ رَسُولِ اللهِ عَهْدٌ فَهُوَ لَهُ إِلَى مُدَّتِهِ"

"**Эй мардум, бешак, кофир ба ҷаннат намедарояд. Баъди ин сол мушрик ба ҳаҷ намеояд ва Байтуллоҳро каси бараҳна тавоф намекунад. Ҳар кӣ бо Расулуллоҳ (с) аҳде дорад, аҳди ӯ то**

**муддати муайян идома меёбад**". Алӣ ин чор фармонро ба мардум расонид. Сипас эътиборан аз ҳамин рӯз чор моҳ ба мардум мӯҳлат доданд, то ҳар як қавм ба манзил ва кишвари худ бирасад. Аз ҳамон рӯз дигар мушрике ба ҳаҷ наомад ва бараҳнае Байтуллоҳро тавоф накард. Ҳамин тавр, бо қомат афрохтани давлате, ки бар асоси ақидаи исломӣ нашъунумӯ ёфтааст, фармони Парвардигор дар нимҷазираи Арабистон пурра амалӣ гашт. Бо нузули сураи "Бароат" ва ҳадгузорӣ дар нимҷазираи Арабистон бар мушрикон ташкили Давлати Исломӣ ба ҳадди комил расид, яъне бо ҳамин ҳар як фикри ғайриисломӣ ва ҳар як вуҷуди дигар ғайр аз ин давлат барҳам хӯрд ва давлат барои ба саросари олам паҳн кардани ин даъват омода шуд.

# ҶИҲОЗИ ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ

Расул (с) аз рӯзе, ки ба Мадина омаданд, зимоми ҳукумати мусулмононро ба даст гирифтанд, ба аҳволи онҳо расидагӣ карданд, корҳояшонро идора намуданд ва ҷомеаи исломиро ба вуҷуд оварданд. Бо яҳудиён, сипас бо Банӣ-Зумра ва Банӣ-Мудлиҷ, баъд аз он, бо Қурайш, бо аҳли Айла, Ҷарбо ва Азраҳ паймонҳо бастанд. Набӣ (с) ба мардумон аҳд доданд, ки ҳеҷ ҳоҷие аз зиёрати Байтуллоҳ боздошта намешавад ва дар моҳи ҳаром ба ҳеҷ кас хавфе таҳдид нахоҳад кард. Ҳамза ибни Абдулмутталиб, Убайда ибни Ҳорис ва Саъд ибни Абӯваққосро ҳамроҳи сарияҳо ба муҳорибаи Қурайш фиристоданд. Зайд ибни Ҳориса, Ҷаъфар ибни Абӯтолиб ва Абдуллоҳ ибни Равоҳаро ба муҳорибаи Рум фиристоданд. Абдураҳмон ибни Авфро ба муҳорибаи Давматулҷандал, Алӣ ибни Абӯтолиб, сипас Башир ибни Саъдро ба Фадак, Абӯсалама ибни Абдуласадро ба Қатнои Наҷд фиристоданд. Зайд ибни Ҳорисаро ба Банӣ-Салим, баъдтар ба Ҷузом, баъд аз ин, ба сӯи қабилаи Банӣ-Фазораи Водии Қуро, сипас ба Мадян фиристоданд. Амр ибни Осро ба Зоти Салосили замини Банӣ-Узра, ҳамчунин фармондеҳони дигарро ба минтақаҳои гуногун фиристоданд. Дар чандин ғазваҳо фармондеҳии лашкарро бевосита худ ба даст гирифта, ба муҳорибаҳои сахт низ даромаданд. Расул (с) ба вилоятҳо волиён ва ба ноҳияҳо омилҳоро таъйин карданд. Аттоб ибни Усайдро баъди фатҳ ба Макка, Бозон ибни Сосонро баъди мусулмон шуданаш ба

Яман, Муоз ибни Ҷабали Хазраҷиро ба Наҷд, Холид ибни Саид ибни Осро ба Санъо, Зиёд ибни Лабид ибни Саълабаи Ансориро ба Ҳазрамавт, Абӯмусои Ашъариро ба Забид ва Адан, Амр ибни Осро ба Умон, Муҳоҷир ибни Абӯумайяро ба Санъо, Адӣ ибни Ҳотимро ба Тай ва Ало ибни Ҳазрамиро ба Баҳрайн волӣ таъйин карданд. Абӯдуҷона омили Расул (с) дар Мадина буд. Пайғамбар (с) касонеро волӣ интихоб менамуданд, ки аз ӯҳдаи кори хеш бо хубӣ мебаромаданд ва дилҳои раиятро бо имон сероб месохтанд. Расул (с) аз онҳо дар бораи тариқати ҳукмронӣ суол мекарданд. Чунончи дар ривоят омадааст:

" قَالَ لِمُعَاذِ بْنِ جَبَلٍ الْخَزْرَجِيِّ حِينَ بَعَثَهُ إِلَى الْيَمَنِ "بِمَ تَحْكُمُ"، قَالَ بِكِتَابِ اللهِ، قَالَ: "فَإِنْ لَمْ تَجِدْ"، قَالَ بِسُنَّةِ رَسُولِ اللهِ، قَالَ: "فَإِنْ لَمْ تَجِدْ"، قَالَ أَجْتَهِدُ رَأْيِي. فَقَالَ: "اَلْحَمْدُ لِلهِ الَّذِي وَفَّقَ رَسُولَ رَسُولِ اللهِ لِمَا يُحِبُّهُ اللهُ وَرَسُولُهُ"

"**Пайғамбар (с) ҳангоми ба Яман фиристодани Муоз ибни Ҷабали Хазраҷӣ аз ӯ пурсиданд: "Бо чӣ ҳукм меронӣ?" Муоз дар ҷавоб гуфт: "Бо китоби Аллоҳ". Гуфтанд: "Агар аз он наёбӣ?" Муоз гуфт: "Бо суннати Расулуллоҳ". Гуфтанд: "Агар аз он ҳам наёбӣ?" Гуфт: "Бо раъйи худ иҷтиҳод мекунам". Он гоҳ Расул (с) гуфтанд: "Ҳамду сипос Аллоҳро, ки фиристодаи Расулуллоҳро бар роҳе муваффақ гардонид, ки онро Аллоҳ ва Расулаш дӯст медоранд**". Аз Пайғамбар (с) ривоят шуд, ки эшон Абон ибни Саидро бар Баҳрайн волӣ таъйин карданд ва ба вай фармуданд:

"اِسْتَوْصِ بِعَبْدِ الْقَيْسِ خَيْراً وَأَكْرِمْ سَرَاتَهُمْ"

"**Ба қавми Абдуқайс бо некӣ муомила кун ва бузургонашонро эҳтиром намо**".

Расул (с) сазовортарин шахсонеро, ки ба ислом даромада буданд, ба роҳбарии вилоятҳо мефиристоданд. Онҳоро мефармуданд, ки ба

навмусулмонон аҳкоми динро биомӯзонанд ва аз эшон закот бигиранд. Бисёр вақтҳо ҷамъоварии амволро бар ӯҳдаи волӣ мегузоштанд, ба вай мефармуданд, ки бо мардум бархӯрди некӯ кунад, ба онҳо Қуръонро таълим диҳад ва аҳкоми динро биомӯзонад. Ба волӣ васият мекарданд, ки агар мардум ҳақ бошанд, бо онҳо нармӣ нишон диҳад ва агар зулм варзанд, дуруштӣ ба кор барад, агар дар байни мардум ошуб бархезад, онҳоро аз даъвати қабилаву хешовандон боздорад ва даъвати онҳо танҳо ба сӯи Аллоҳи ягонаи бешарик бошад, инчунин аз амвол (ғанимат) хумс ва садақотеро, ки бар мусулмонон фарз гаштааст, бигирад. Дар хусуси аҳли китоб мефармуданд, ки ҳар касе аз яҳуд ё насоро холисона бо хоҳиши худ ба Ислом дарояд ва дини Исломро бипазирад, аз шумори мӯъминон аст. Ҳуқуқу вазифаҳои вай монанди ҳуқуқу вазифаҳои мусулмонон мебошад. Ҳар кӣ бар насроният ё яҳудияти худ бимонад, ӯ барои аз динаш баргаштан маҷбур карда намешавад. Аз ҷумла Набӣ (с) ҳангоми ба Яман фиристодани Муоз ба вай гуфтанд:

" إِنَّكَ تَـقْدَمُ عَلَى قَوْمٍ مِنْ أَهْلِ الْكِتَابِ، فَلْيَكُنْ أَوَّلَ مَا تَدْعُوهُمْ إِلَيْهِ عِبَادَةُ اللهِ تَعَالَى، فَإِذَا عَرَفُوا اللهَ تَعَالَى فَأَخْبِرْهُمْ أَنَّ اللهَ تَعَالَى فَرَضَ عَلَيْهِمْ زَكَاةً تُؤْخَذُ مِنْ أَغْنِيَائِهِمْ، وَتُرَدُّ عَلَى فُقَرَائِهِمْ. فَإِنْ هُمْ أَطَاعُوا لِذَلِكَ فَخُذْ مِنْهُمْ، وَتَوَقَّ كَرَائِمَ أَمْوَالِـهِمْ، وَاتَّقِ دَعْوَةَ الْـمَظْلُومِ فَإِنَّهُ لَيْسَ بَيْنَهَا وَبَيْنَ اللهِ حِجَابٌ"

**"Ту барои роҳбарии қавме аз аҳли китоб меравӣ. Пас, бояд пеш аз ҳама онҳоро ба ибодати Аллоҳ Таоло даъват бикунӣ. Агар Аллоҳ Таолоро бишиносанд, ба онҳо хабар бидеҳ, ки Аллоҳ Таоло бар онҳо закотро фарз гардондааст. Ин закот аз сарватмандони онҳо гирифта ва бар фақиронашон баргардонда мешавад. Агар итоат кунанд, аз онҳо бигир ва аз гирифтани молҳои беҳтаринашон парҳез намо. Аз дуои мазлум битарс, зеро байни дуои мазлум ва Аллоҳ пардае нест".**

Пайғамбар (с) дар баъзе ҳолатҳо барои ҷамъоварии молҳо каси махсусеро мефиристоданд. Чунончи ҳар сол Абдуллоҳ ибни Равоҳаро ба сӯи яҳудиёни Хайбар мефиристоданд, ки миқдори тахминии меваҳояшонро ҳисоб мекард. Яҳудиён ба назди Расулуллоҳ (с) аз сахтгирии ӯ дар тахминкунӣ шикоят бурданд. Онҳо бо қасди ришва додан ба Ибни Равоҳа миқдори зиёдеро аз заваролоти занонашон пешкаш намуданд ва гуфтанд: "Ин аз они ту, ба мо сахтгирӣ накун ва дар тақсимот бисёртар вогузор". Он гоҳ Абдуллоҳ гуфт: "Эй ҷамоати яҳуд, шумо ба ман нохуштарин махлуқоти Аллоҳ Таоло ҳастед. Вале ин чиз маро водор намесозад, ки бар шумо ситам кунам. Аммо ришва, ки пешниҳод мекунед, ҳаром аст ва мо ришва намехӯрем". Онҳо гуфтанд: "Осмонҳову замин бо ин барпо шудаанд". Расулуллоҳ (с) аз ҳоли волиёну омилон огоҳ мешуданд ва ба ахборе, ки аз онҳо мерасид, эътибор медоданд. Ало ибни Ҳазрамиро, ки омили эшон дар Баҳрайн буд, сабукдӯш сохтанд. Зеро намоёндагони Абдуқайс аз ӯ шикоят карданд. Пайғамбар (с) аз омилон ҳисоботи пурра талаб мекарданд ва аз даромаду баромади онҳо бохабар мешуданд. Чунончи, мардеро омили садақа (закот) таъйин карданд, чун баргашт ва аз вай ҳисобот гирифтанд, ӯ гуфт: "Ин аз они шумост ва инро ба ман ҳадя карданд". Пас, Набӣ (с) фармуданд:

" مَا بَالُ الرَّجُلِ نَسْتَعْمِلُهُ عَلَى الْعَمَلِ بِمَا وَلَّانَا اللهُ فَيَقُولُ هَذَا لَكُمْ وَهَذَا أُهْدِيَ إِلَيَّ، أَفَلَا قَعَدَ فِي بَيْتِ أَبِيهِ وَأُمِّهِ فَنَنْظُرَ أَيُهْدَى إِلَيْهِ أَمْ لَا"

"**Ҳақиқати ҳоли ин мард чист, ки чун ӯро ба коре гумоштем, ки Аллоҳ онро ба мо супурдааст, ӯ мегӯяд: "Ин аз они шумост ва инро ба ман ҳадя карданд". Магар дар хонаи падару модараш нанишаст, то бубинем, ки оё ба ӯ ҳадя медиҳанд ё на?"** ва боз фармуданд:

"مَنِ اسْتَعْمَلْنَاهُ عَلَى عَمَلٍ رَزَقْنَاهُ رِزْقًا فَمَا أَخَذَ بَعْدَ ذَلِكَ فَهُوَ غَلُولٌ"

"**Чун касеро ба коре бигуморем ва барои ӯ маоше муқаррар намоем, пас, беш аз он ҳар чӣ бигирад, ғалул, яъне хиёнат аст**". Аҳли Яман аз намози тӯлонӣ хондани Муоз шикоят карданд. Пас, Расул (с) ба ӯ танбеҳ доданд ва фармуданд:

"مَنْ أَمَّ فِي النَّاسِ فَلْيُخَفِّفْ"

"**Ҳар кӣ ба мардум имоматӣ кунад, намозро сабук хонад**". Пайғамбар (с) қозиёнро таъйин мекарданд, ки дар байни мардум ҳукм мебароварданд. Масалан, Алӣ ибни Абӯтолибро ба Яман ва Абдуллоҳ ибни Навфалро ба Мадина қозӣ таъйин карданд. Муоз ибни Ҷабал ва Абӯмусои Ашъариро ба Яман қозӣ фиристоданд ва аз ҳар ду пурсиданд:

"بِمَ تَحْكُمَانِ"

"**Бо чӣ ҳукм меронед?"**

Гуфтанд: "***Агар ҳукмро дар Китоб ва Суннат наёбем, корро бо кор қиёс мекунем. Кадом чиз ба ҳақ наздиктар бошад, ба ҳамон чиз амал мекунем***". Набӣ (с) сухани онҳоро тасдиқ карданд. Ин нишон медиҳад, ки Расулуллоҳ (с) қозиёнро интихоб менамуданд ва тариқати қозигии онҳоро мавриди таҳқиқ қарор медоданд. Набӣ (с) фақат бо таъйини қозиён кифоят наменварзиданд, балки ба мазолим ҳам аҳамият медоданд.

Муҳаммад (с) манфиатҳои мардумро идора мекарданд ва барои идораи ин манфиатҳо котиб таъйин менамуданд. Котибон дар вазифаи мудирони идораҳо буданд. Алӣ ибни Абӯтолиб, агар Расулуллоҳ (с) аҳде мебастанд, аҳдро ва агар сулҳ мебастанд, сулҳро менавишт. Муайқиб нигаҳдори мӯҳри эшон буд. Муайқиб ибни Абӯфотима котиби ғаниматҳо буд. Ҳузайфа ибни Ямон миқдори тахминии меваҳои Ҳиҷозро китобат мекард. Зубайр ибни Авом молҳои закотро менавишт. Муғира ибни Шуъба қарзҳо ва муомалотро менавишт. Шураҳбил ибни Ҳасана ба подшоҳон нома

менавишт. Расул (с) барои кулли манфиатҳо новобаста ба бисёрии онҳо котиб, яъне мудире таъйин мекарданд.

Расулуллоҳ (с) бо асҳоби худ бисёр маслиҳат мекарданд. Ҳамеша бо шахсони дурандешу ботаҷриба, ҳушманду доно, дар нерӯву имон шинохта ва дар роҳи нашри даъвати Ислом моҳиру устувор машварат меоростанд. Ин гуна ашхос аз ансор ҳафт нафар ва аз муҳоҷирин ҳафт нафар буданд, ки Ҳамза, Абӯбакр, Ҷаъфар, Умар, Алӣ, Ибни Масъуд, Сулаймон, Аммор, Ҳузайфа, Абӯзар, Миқдод ва Билол аз ҷумлаи онҳоянд. Расул (с) бо дигарон ҳам маслаҳат мекарданд, вале ба инҳо дар хусуси раъй бештар муроҷиат менамуданд. Бинобар ин, онҳо ба мақоми маҷлисе буданд, ки эшон дар ягон машварат ба он рӯ меоварданд.

Набӣ (с) бар дӯши мусулмонону ғайримусулмонон, барои замин, мева ва чорпоҳо молиёт мегузоштанд, ки он аз закот, ушр, файъ, хироҷ ва ҷизя иборат буд. Анфол ва ғаниматҳо низ аз молҳои байтулмол буданд. Закотро бар ҳашт гурӯҳе, ки дар Қуръон зикр гаштааст, тақсим мекарданд ва ба ғайри онҳо аз моли закот чизе дода намешуд. Барои корҳои давлатӣ аз моли закот ягон чиз сарф намекарданд. Барои идораи кору аҳволи мардум аз файъ, хироҷ, ҷизя ва ғаниматҳо сарф мешуд. Молиёти мазкур барои идораи давлат ва омодасозии лашкар басанда буд. Давлат эҳтиёҷи молиявиро ҳис намекард.

Ҳамин тавр, Расул (с) ҷиҳози Давлати Исломиро бо дасти худ барпо намуда, онро дар зиндагиашон ба итмом расонданд. Пайғамбар (с) раиси давлат буданд ва муовинон, волиён, қозиён, лашкар, мудирони идораҳо ва маҷлиси машваратӣ доштанд, ки ба он муроҷиат мекарданд. Ин ҷиҳоз дар шакл ва салоҳиятҳои худ тариқатест, ки бар он пайравӣ намудан воҷиб буда, ҷумлагӣ бо ҳадисҳои мутавотир исбот шудааст. Расулуллоҳ (с) аз рӯзи ба Мадина расидан то замони вафоти худ вазифаи раиси давлатро иҷро намуданд. Абӯбакр ва Умар муовинони эшон буданд. Саҳобагон баъди Пайғамбар (с) барои интихоби раиси давлат

иҷмоъ кардаанд, ки ӯ на дар рисолату нубувват, балки танҳо дар раёсати давлат халифаи Расул (с) бошад. Чунки пайғамбарӣ бо Муҳаммад (с) хотима ёфтааст. Инак, Расулуллоҳ (с) дар ҳаёти худ ҷиҳози давлатро пурра барпо карданд, шакли ҳокимият ва ҷиҳози давлатро баъди ҳаёташон комилан маълум ва бағоят намоён вогузоштанд.

# *ҲОЛАТИ ЯҲУД ДАР НАЗДИ ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ*

Яҳудиён дар назди Расул (с) эътиборе надоштанд. Он чӣ, ки муқовиматаш мавриди эътибор қарор дошт, ба таври умумӣ қабоили араб ва ба таври хусусӣ Қурайш буд. Бинобар ин, Расул (с) бо яҳудиён паймонҳое бастанд, ки фармонбарии онҳоро ба Расул (с) дарбар мегирифт ва дурӣ гузиданашонро аз ҳар як гурӯҳи мухолифи он кас лозим мегардонд. Вале онҳо чун пешрафти Давлати Ислом ва салтанати мусулмононро диданд, ба кину таъни мусулмонон бархостанд. Вақте ки ҷанги Бадр рух дод ва дар он мусулмонон дастболо шуданд, яҳудиён барои худ эҳсоси хатар намуданд ва ба бадгӯии мусулмонон лаб кушода, бар зидди Расул (с) забон як карданд. Ахбори яҳуд ба Расул (с) ва ба мусулмонон мерасид. Дилҳо бо кинаву душманӣ лабрез мегашт. Яҳудиён ва мусулмонон ҳар яке барои шикаст додани ҳамдигар фурсат меҷустанд. Густохии яҳудиён хеле афзуд. Чунончи Абӯифк, яке аз яҳудиёни Банӣ-Амр ибни Авф, шеърҳо фиристода, дар он Муҳаммад (с) ва мусулмононро таън мезад. Зане бо номи Асмо (12) бинти Марвон Исломро айбдор карда, ба Набӣ (с) озор мерасонид ва яҳудиёнро бар зидди эшон мебарангехт. Каъб ибни Ашраф дар васфи занони мусулмон шеърҳои ошиқона месуруд, ба Макка рафта, шеърҳо мехонд ва бар зидди Муҳаммад (с) мардумро ба шӯр меовард. Мусулмонон бар ин корҳо бардошт карда натавонистанд ва яҳудиёнро куштанд, то ки онҳоро аз густохӣ боздоранд. Вале онҳо бо вуҷуди дар зери хатар қарор гирифтан ба озори мусулмонон афзуданд. Пас, Расулуллоҳ (с) дар назди онҳо дархост

гузоштанд, ки аз озори мусулмонон даст бикашанд ва бар аҳдҳои хеш амал намоянд, вагарна он чи ба сари Қурайш омад, ба сари онҳо низ меояд. Яҳудиён ин таҳдиди Пайғамбар (с)-ро сабук шумориданд ва дар ҷавоб гуфтанд: "Мағрур нашав, эй Муҳаммад, ту ба қавме дучор шудӣ, ки ҷангро намедонад, пас, ин фурсатро ғанимат ёфтӣ. Мо, валлоҳ, ки агар бо ту биҷангем, он гоҳ медонӣ, ки чӣ гуна мардумонем". Баъд аз ин ҷуз ҷангидан бо онҳо чораи дигаре намонд. Ҳамин тавр, мусулмонон баромаданд, Банӣ-Қайнуқоъро дар иқоматгоҳаш понздаҳ рӯзи пайдарпай муҳосира карданд. Аз онҳо ҳеҷ кас намебаромад ва ҳеҷ кас барояшон таом намедаровард. Ниҳоят чорае ҷуз розӣ шудан ба қарори Муҳаммад (с) ва таслим шудан ба ҳукми он кас намонд. Сипас, Пайғамбар (с) ба онҳо иҷозат доданд, ки Мадинаро тарк кунанд ва онҳо берун шуда, то Водии Қуро рафтанд. Дар он ҷо як муддат истоданд, сипас, чизу чораашонро бардошта, ба сӯи шимол рафтанд ва ниҳоят ба Азруоти ҳудуди Шом расиданд. Дар натиҷаи аз Мадина рондани Банӣ-Қайнуқоъ қудрати яҳудиён суст шуд ва онҳо ба мусулмонон изҳори итоат карданд. Вале ин итоат аз тарси қуввату сахтгирии мусулмонон буд, зеро вақте ки фурсат даст дод, онҳо бори дуюм ба ҷунбиш даромаданд. Чунончи пас аз мағлубияти мусулмонон дар ҷанги Уҳуд кинаи қалби яҳуд аз нав ба ҳаракат омад ва онҳо барои қатли Расул (с) забон як карданд. Расул (с) ҳадафҳои онҳоро пай бурданд ва қарор карданд, ки барои донистани ҳақиқати ҳол ҳилае кор фармоянд. Ҳамин тавр, ҳамроҳи даҳ нафар мусулмонони шинохта, ки дар байни онҳо Абӯбакр, Умар ва Алӣ низ буд, ба сӯи Банӣ-Назир рафтанд. Инҳо худро хушнуду хушҳол вонамуд сохтанд. Вале Расул (с) дар аснои сӯҳбат бо баъзе яҳудиён зуд пай бурданд, ки онҳо якҷоя сӯиқасд ташкил карда истодаанд. Нафаре ба як сӯ мерафт, дигаре ба хонае, ки Расул (с) ба девори он такя карда буданд, медаромад. Чунин рафтор Пайғамбар (с)-ро ба шубҳа овард ва ахбори расидаро дар бораи суханҳо ва забонякҡуниҳои онҳо нисбат ба эшон қувват бахшид. Бинобар ин, саҳобагонро гузошта, фавран аз он ҷо дур шуданд. Саҳобагон гумон карданд, ки

Пайғамбар (с) барои ягон кор бархостаанд. Он гоҳ яҳудиён, ки пушаймон шуда, сару калобаи худро гум карда буданд, барои розӣ сохтани мусулмонон кӯшиш менамуданд. Лекин саҳобагон аз Расул (с) нигарон шуда, ба ҷустуҷӯ бархостанд ва эшонро аз масҷид ёфтанд. Чун ба хидмат ҳозир шуданд, Расул (с) ба онҳо аз рафтори яҳуд ба шубҳа афтодани хешро гуфтанд. Сипас, Муҳаммад ибни Масламаро фиристоданд ва фармуданд, ки яҳуди Банӣ-Назир аз ин сарзамин берун шавад. Онҳоро даҳ рӯз мӯҳлат доданд, баъд дар муҳосира гирифта, аз кишвар берун ронданд. Онҳо аз Мадина берун шуданд, баъзе дар Хайбар монданд ва дигарон ба Азруоти Шом рафтанд. Ҳамин тавр, поксозии Мадина аз фитнаи яҳуд ба итмом расид ва фақат яҳуди Банӣ-Қурайза боқӣ монд. Азбаски ин қабила аҳдро нашикаста буд, Набӣ (с) ба онҳо сару кор нагирифтанд. Лекин онҳо, вақте ки аҳволи Банӣ-Қайнуқоъ ва Банӣ-Назирро диданд, изҳори дӯстӣ намуданд. Вале ин тарзи муносибат муваққатӣ аз тарси зӯр ва нерӯи мусулмонон буд. Ҳамин ки фурсат ёфтанд ва диданд, ки аҳзоб барои нобуд сохтани мусулмонон омадааст, ба сухани Ҳуяй ибни Ахтаб гӯш дода, аҳди хеш шикастанд ва барои решакан кардани мусулмонон тайёр шуданд. Онҳо аз худ нокасиву хиёнат нишон доданд ва ба зишттарин шакл паймон шикастанд. Бинобар ин, Расулуллоҳ (с) баъди рафтани аҳзоб пешдастӣ намуда, ҳамроҳи мусулмонон бар яҳуди Банӣ-Қурайза ҳуҷум оварданд ва онҳоро муддати бисту панҷ шабонарӯз муҳосира карданд. Яҳудиён дар тӯли муддати ҳисор ҷуръати баромадан накарданд. Чун боварӣ ҳосил намуданд, ки қалъаҳо ба дарди онҳо намехӯрад, ба назди Расул (с) одам фиристоданд, ки ба сӯи мо Абӯлубобаро бифиристед, то дар кори худ бо ӯ машварат кунем. Абӯлубоба аз қабилаи Авс ва дар ҷоҳилият ҳампаймони онҳо буд. Вақте ки Абӯлубобаро диданд, мардон пеши ӯ бархостанд ва занону кӯдакон ба гиря даромаданд, то дилаш нарм гардад. Онҳо ба вай гуфтанд: "Эй Абӯлубоба, оё мо ба Муҳаммад таслим шавем?" Ӯ гуфт: "Оре" ва бо даст ба гулӯяш ишора кард, ки ин маънои кушта шуданро дошт. Вақте ки Абӯлубоба аз назди онҳо рафт, Каъб ибни

Асад ба онҳо баъзе раъйҳоро пешниҳод намуд, ки онҳо напазируфтанд. Пас, гуфт: "Ҷуз таслим шудан ба Муҳаммад чораи дигар надоред". Ҳамин тавр, онҳо ба назди Муҳаммад (с) вакил фиристоданд, ки рухсат диҳед, то мо ҳама молу мулк барои шумо бигузорем ва худ баромада, ба Азруот равем. Расул (с) ин пешниҳодро напазируфтанд ва гуфтанд, ки онҳо танҳо бояд таслим шаванд. Сипас, онҳо аз қабилаи Авс шафоат талабиданд, авсиён аз Расулуллоҳ (с) барои яҳудиён бахшиш хостанд. Расул (с) фармуданд:

"أَلَا تَرْضَوْنَ يَا مَعْشَرَ الْأَوْسِ أَنْ يَحْكُمَ فِيهِمْ رَجُلٌ مِنْكُمْ"

"**Эй ҷамоати Авс, оё розӣ мешавед, ки дар ҳаққи онҳо касе аз миёни шумо ҳукм кунад?"** Гуфтанд: "Бале". Расулуллоҳ (с) фармуданд:

"فَذَاكَ إِلَى سَعْدِ بْنِ مُعَاذٍ"

"**Он шахс Саъд ибни Муоз аст**". Пас, Саъд аз ҳар ду ҷониб розигӣ гирифт, ки ба ҳукми ӯ сар хам кунанд ва аз он розӣ шаванд. Вақте ки розӣ шуданд, ба Банӣ-Қурайза фармуд, ки таслим шаванд ва силоҳ ба замин гузоранд, онҳо чунин карданд. Пас, Саъд дар бораи онҳо ҳукм баровард ва гуфт, ки ҷанговарон кушта шаванд, молҳо тақсим ва фарзандону занонро асир гиранд. Вақте ки Расул (с) ин ҳукмро шуниданд, гуфтанд:

"لَقَدْ حَكَمْتَ فِيهِمْ بِحُكْمِ اللهِ مِنْ فَوْقِ سَبْعَةِ أَرْقِعَةٍ"

"**Дар ҳақиқат, ту дар бораи онҳо бо ҳукми Аллоҳ, ки аз болои ҳафт осмон меояд, ҳукм баровардӣ**". Баъд дар бозори Мадина бо фармони эшон хандақҳо канда шуд. Сипас, яҳудиёнро тӯда-тӯда оварданд ва сар бурида, ба ҳамон хандақҳо дафн карданд. Набӣ (с) молҳо, занон ва фарзандони Банӣ-Қурайзаро баъди баровардани хумс ба мусулмонон тақсим намуданд. Қисме аз ғаниматҳоро ба Саъд ибни Зайди Ансорӣ супорида, ӯро ба Наҷд фиристоданд. Вай

бо ин мол барои тақвияти нерӯи ҳарбии мусулмонон асп ва силоҳ харид.

Ҳамин тавр, Банӣ-Қурайза аз байн рафт, вале ҳамаи яҳудиён нобуд карда нашуданд. Дар ин ҷо қабилаи Хайбар вуҷуд дошт, ки пурзӯртарин қабилаи яҳудӣ ба шумор мерафт ва бо Расул (с) паймон набаста буд. Қабл аз паймони Ҳудайбия Хайбар бо Қурайш бар зидди Расул (с) забон як кард. Ҳастии он низ чун хор дар чашм ба давлат зиён меовард. Бинобар ин Расул (с), вақте ки сулҳи Ҳудайбияро ба анҷом расониданд, барои ба Хайбар зарбаи ҳалокатовар задан омодагӣ диданд. Ба мардум амр карданд, ки барои ғазваи Хайбар омода шаванд. Мусулмонон бо ҳазору шашсад ҷанговар, аз ҷумла сад сарбози савора, ки ҳама ба нусрати Аллоҳ бовар доштанд, ба сӯи Хайбар роҳ пеш гирифтанд ва дар назди қалъаҳои Хайбар омодаи ҷанг истоданд. Яҳудиён бо худ машварат оростанд. Бо дастури Салом ибни Мишкам молҳо ва аҳлу аёлашонро ба қалъаҳои Ватиҳ ва Салолим, захираи хӯрокворииро ба қалъаи Ноим дароварда, ҷанговарону аҳли ҳарб ба қалъаи Натот ҷо гирифтанд. Салом ибни Мишкам низ ба қалъа даромада, онҳоро ба ҷанг тарғиб мекард. Ду гурӯҳ дар атрофи қалъаи Натот, ки ҷойгоҳи ҷанговарон буд, бо ҳам бархӯрданд. Дар миёни онҳо задухӯрди шадид рух дод, ҳатто гуфта шудааст, ки ҳамон рӯз адади захмиён аз мусулмонон ба панҷоҳ нафар расида буд. Салом ибни Мишкам кушта шуд, роҳбарии яҳудиёнро Ҳорис ибни Абӯзайнаб ба даст гирифт ва аз қалъаи Ноим, ки дар он ҷо захираи хӯрокворӣ меистод, бо мақсади ҳамла ба қароргоҳи мусулмонон берун баромад. Ҷанговарони Хазраҷ ӯро шикаст дода, ночор сохтанд, ки ба ақиб, ба қалъа баргардад. Мусулмонон муҳосирароро бар қалъаҳои Хайбар танг гирифтанд. Яҳудиён дар мудофиа ҷонҳои худро аз даст медоданд. Рӯзҳо паиҳам мегузашт. Рӯзе Расул (с) Абӯбакрро барои фатҳи қалъаи Ноим фиристоданд. Абӯбакр ҷангид ва қалъаро фатҳ карда натавонист ва баргашт. Фардои он рӯз Умар ибни Хаттобро фиристоданд, ки кори ӯ низ монанди кори Абӯбакр анҷомид. Пас, Расулуллоҳ (с) фармуданд:

"لَأُعْطِيَنَّ الرَّايَةَ غَداً رَجُلاً يُحِبُّ اللهَ وَرَسُولَهُ يَفْتَحُ اللهُ عَلَى يَدَيْهِ لَيْسَ بِفَرَّار"

"**Фардо парчамро ба дасти касе хоҳам дод, ки Аллоҳ ва Расулашро дӯст медорад. Аллоҳ бо дасти ӯ фатҳ медиҳад, ӯ мардест, ки аз ҷанг намегурезад**". Пас, Алӣ ибни Абӯтолибро ба ҳузур хонданд ва ба он кас фармуданд:

"خُذْ هَذِهِ الرَّايَةَ فَامْضِ بِهَا حَتَّى يَفْتَحَ اللهُ عَلَيْكَ"

"**Ин роятро бо худ бигир ва бирав, то ки Аллоҳ бароят фатҳ бидиҳад**". Алӣ роятро бо худ бурд. Вақте ки ба қалъа наздик шуд, аҳли қалъа ба сӯи вай баромаданд ва бо онҳо ҷангид. Касе аз яҳудиён ба ӯ зарба зад, ки сипар аз дасташ афтод. Он гоҳ дареро, ки дар назди қалъа буд, бардошт, онро сипар кард ва то фатҳи қалъа ҷангид. Сипас, дарро чун кӯпрук гузошт ва мусулмонон аз болои он гузашта, ба дохили биноҳои қалъа даромаданд. Баъди қалъаи Ноим мусулмонон қалъаҳоро пайдарпай фатҳ карда, то қалъаҳои Ватиҳ ва Салолим расиданд. Ин ду қалъаи охирин хеле мустаҳкам буданд. Дар ин ҷо дилҳои яҳудро навмедӣ фаро гирифт ва бар ивази хунашонро нарехтани Муҳаммад (с) сулҳ хостанд. Расул (с) ин пешниҳодро пазируфтанд ва онҳоро дар заминҳояшон, ки бо ҳукми фатҳ ба ихтиёри эшон гузашта буд, вогузоштанд. Онҳо бинобар муқаррароти сулҳ дар ивази кори худ нисфи ҳосили ин заминҳоро соҳиб мешуданд. Ҳамин тавр, Хайбар фармонбардор шуд. Сипас, яҳудиёни Фадак, ки аҳволи Хайбарро шуниданд ва ба дилашон тарс афтод, бе ягон ҷанг бар ивази додани нисфи амволашон бо Расул (с) сулҳ бастанд. Расул (с) омодагӣ диданд, ки бо роҳи Водии Қуро ба сӯи Мадина биёянд. Дар роҳ яҳуди Таймо бе ягон ҷангу ҷидол ҷизяро бар дӯш гирифт. Ҳамин тавр, кулли яҳудиён ба салтанати Расул (с) сар хам карданд. Ҳама салтанати онҳо барҳам хӯрд. Расул (с), дар нимҷазираи Арабистон осуда гаштанд, салтанаташон барқарор шуд ва аз устувории вазъи дохилӣ комилан дилпур гаштанд.

# *ДАВОМЁБИИ ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ*

Расул (с) реҳлат карданд ва саҳобагон барои байъат бо халифаи Расулуллоҳ (с) дар раёсати давлат иҷмоъ намуданд. Мусулмонон то соли 1342ҳ – 1924м ҳеҷ гоҳ давлатро бе роҳбар нагузоштаанд. Онҳо роҳбари давлатро халифа, амирулмӯъминин, имом ё султон меномиданд. Ҳеҷ кас бе байъат халифа нашудааст. Давлати Исломӣ дар тӯли таърихи мавҷудияти худ то халифаи охирин, яъне то интиҳои Давлати Исломӣ бо ин роҳ рафт, яъне шахс танҳо ба воситаи байъат халифа мешуд. Дар ҳақиқат, байъат ба шаклҳои гуногун татбиқ шудааст. Чунончи, ба халифа бевосита байъат кардаанд; халифа на ба хешовандон, балки ба байъати каси дигар фармудааст; халифа ба байъати писар ё яке аз хешовандонаш фармудааст; халифа ба байъати бештар аз як нафар аз аҳли хонадони худ фармудааст. Лекин танҳо бо худи ин аҳд ё фармон номзад халифа намешуд, балки ӯ ҳангоми нишастан ба тахти хилофат байъат мегирифт. Халифае вуҷуд надорад, ки раёсати давлатро бидуни байъат ба даст дароварда бошад. Байъат низ ба таври гуногун гирифта шудааст. Масалан, халифа аз аҳли ҳал ва акд байъат гирифтааст; аз мардум гирифтааст; аз шайхулислом гирифтааст. Гоҳо байъат нодуруст гирифта шудааст, вале он ҳам байъат буд, на валиаҳдӣ, ки кас бо он ба хилофат ҳақдор шавад. Ҳар як халифа барои худ муовинонро таъйин мекард, ки онҳоро дар баъзе асрҳо вазирон, яъне ёварон меномиданд. Халифа волиён, қозиюлқузот13, фармондеҳони лашкар ва сардорони идораҳои давлатро таъйин мекард. Шакли ҳокимият дар тамоми асрҳо ҳамин

тавр идома ёфт. Чунончи, дар сохти он низ ҳеҷ дигаргуние ворид нагашт. Бинобар ин, асоси Давлати Исломӣ то он гоҳ, ки кофири истеъморгар Давлати Усмониро барҳам дода, олами исломиро ба давлатчаҳо тақсим кард, давом ёфт.

Дар Давлати Исломӣ дар асрҳои гуногун чанд ҳодисаҳои дохилӣ рух дод, ки онҳо на аз ангезаҳои ғайриисломӣ, балки аз фаҳмиши исломии вазъияте, ки дар замони ин ҳодиса ҳукмрон буд, сар задааст. Ин вазъиятшиносон барои тасҳеҳи вазъият мувофиқи фаҳми худашон ба амал даст заданд. Онон, ки вазъияти мавҷударо фаҳмида буданд, бо фаҳмиши худашон вазъиятро чунон ислоҳ карданд, ки ба фаҳмишашон мувофиқ меомад. Ҳамаи онҳо муҷтаҳид буданд ва фаҳмишашон дар бораи тариқати муолиҷа намудани вазъият аз тариқати мавҷуда фарқ дошт, ҳол он ки ҳар ду фаҳмиши исломӣ ва раъйи исломӣ буд. Аз ин рӯ, мебинем, ки онҳо на дар бораи маркази хилофат, балки дар бораи шахси халифа, на дар хусуси шакли ҳокимият, балки дар хусуси шахсе, ки ба сари ҳокимият меояд, ихтилоф кардаанд. Ихтилоф бо фурӯъ ва тафсилот маҳдуд буд, ба асосу пояҳо намегузашт. Ҳеҷ кас аз мусулмонон дар бораи Китобу суннат ихтилоф накард, балки ихтилоф дар фаҳмидани ин ду манбаъ буд. Онҳо на дар бораи интихоби халифа, балки дар бораи кӣ шудани халифа ихтилоф карданд. Мусулмонон дар хусуси воҷибии татбиқи пурраи Ислом ва интишор додани он ба олам ихтилоф накарданд. Тамоми онҳо бар ин асос рафтанд, аҳкоми Аллоҳро баҷо оварданд ва мардумро ба дини Аллоҳ даъват намуданд. Дуруст, баъзеи онҳо бо сабаби нодуруст фаҳмидан аҳкоми Исломро нодуруст татбиқ карданд ва баъзе қасдан нодуруст татбиқ карданд. Вале ҳамаи онҳо на чизи дигар, балки танҳо Исломро татбиқ мекарданд. Ҳамаи онҳо алоқаҳои худро бо давлатҳо, халқҳо ва умматҳои дигар бар асоси Ислом ва нашри даъвати исломӣ ба олам барпо менамуданд. Бинобар ин, ихтилофоти дохилӣ пеши роҳи футуҳотро нагирифт ва дар роҳи нашри Ислом монеа нашуд. Давлати Исломӣ дар тӯли таърихи худ то асри ёздаҳуми ҳиҷрии баробар бо асри ҳафдаҳуми милодӣ барои

нашри Ислом кишварҳоро пайваста фатҳ карда буд. Бинобар ин, Форс, Ҳинд ва Кавказ фатҳ гардид, ҳудуди Давлати Исломӣ дар шарқ то Чину Русия ва ҳатто то фаросӯи баҳри Каспий расид. Давлати Исломӣ дар шимол Шомро, дар ғарб Миср, Африкаи шимолӣ ва Испанияро фатҳ кард. Ҳамчунин Анозул, Балкан, ҷануб ва шарқи Аврупоро то шимоли баҳри Сиёҳ, аз он ҷумла Қрим ва ҷануби Украинаро фатҳ кард. Сипоҳиёни Ислом дар Австрия то деворҳои атрофи шаҳри Вена ба пеш рафтанд. Ин давлат аз футуҳот ва ҳамли даъвати исломӣ он гоҳ бозмонд, ки бар вай нотавонӣ сироят кард ва нодуруст фаҳмидани Ислом ғолиб омад. Оҷизии давлат аз фаҳми дурусти Ислом то ба ҳадде расид, ки дар татбиқи Ислом ба дудилагӣ афтод ва аз низомҳои дигар баҳри кӯмак ба орият чизҳоеро пазируфт, ки онҳоро "ба Ислом мухолиф нестанд" гуфта эътиқод мекард. Дар натиҷа ин давлат барҳам зада шуд.

Пешрафти Давлати Исломӣ бо нерӯи фикрӣ ва фаровонии қувваи эҷоду иҷтиҳод дар он ҳамқадам буд. Дар асри якум футуҳоти он афзуд ва иҷтиҳод дар арсаи он вусъат ёфт. Дар кишварҳои фатҳшуда ба муаммоҳои нав рӯбарӯ омада, ҳалли онҳоро истинбот кард. Дар натиҷаи татбиқи аҳкоми шаръӣ ба масъалаҳои наве, ки дар Форс, Ироқ, Шом, Миср, Испания, Ҳинд, Кавказ ва ҷойҳои дигар рух медод, тамоми аҳолии ин кишварҳо якборагӣ ба ҳисори Ислом даромаданд. Ин ҳолат дурустии истинбот ва қуввати эҷоду иҷтиҳодро нишон медиҳад. Зеро худи Ислом ба таври қатъӣ дуруст аст, вале танҳо дар натиҷаи фаҳми дуруст ҳангоми татбиқ ва омӯхтани аҳком мардум метавонанд, ки Исломро ба таври равшану ошкоро бишиносанд. Ин эҷодкорӣ, иҷтиҳод ва истинбот то асри панҷуми ҳиҷрӣ (ёздаҳуми милодӣ) идома ёфт. Пасон, эҷодкорӣ сусту иҷтиҳод кам гашт. Ин чиз сабаби заифшавии асоси давлат шуд. Сипас, ҷангҳои салибдорон сар зад ва мусулмонон то замони ба даст овардани ғалаба ба ҷанг машғул гаштанд. Баъд мамлукон ба сари ҳокимият омаданд, ки онҳо қудрати иҷтиҳод надоштанд ва ба афкор эътибор намедоданд. Дар натиҷа заъфи фикрӣ афзуд ва аз

пай сустии сиёсиро ба вуҷуд овард. Тохтутози муғул, партофта шудани китобҳои Ислом ба Даҷла ва нобуд шудани сарвати бузурги фикрӣ бо дасти муғулҳо бар оташи ин фурӯравӣ равған рехт. Иҷтиҳодро худи ҳамин заъфи фикрӣ боздошт. Баҳси масъалаҳои нав бо баровардани фатвоҳо ва таъвили нусус барканор гардид. Дар натиҷа, савияи фикрӣ дар давлат фурӯ рафт ва ба фурӯравии савияи сиёсӣ овард. Сипас, усмониҳо омада, ҳокимияти Давлати Исломиро ба даст гирифтанд ва бо нерӯи ҳарбӣ ва футуҳот машғул шуданд. Онҳо Истанбул ва Балканро фатҳ карда, бо гомҳои устувор ба Аврупо даромаданд, ки ин ҳол онҳоро давлати якуми ҷаҳон гардонид. Вале савияи фикрӣ баланд нашуд. Ин қудрати ҳарбӣ аз як ҷаҳише беш набуд, ки ягон асоси фикрӣ надошт. Дере нагузашта нерӯи он аз кишварҳои исломӣ андак-андак баромад ва ниҳоят ба анҷом расид. Лекин ин давлат ба ҳар ҳол даъвати исломиро ҳамл мекард ва Исломро интишор медод. Аз аҳолии кишварҳои фатҳшуда миллионҳо одамон ба Ислом даромаданд ва ҳанӯз мусулмонанд.

Оре, гуногунии фаҳмидани Ислом, табаннии аҳкоми муайян аз ҷониби халифа дар иқтисод ва соҳаҳои дигар, вале табаннӣ накардани аҳкоми муайян дар низоми ҳокимият ба баъзе ҳокимон, монанди халифаҳо ва волиён, асар дошт. Зеро онҳо ба ин васила барои бартофтани равиши ҳокимият ба таври дилхоҳ имкон меёфтанд, ки ба ягонагӣ ва нерӯи давлат таъсир мекард. Вале чунин тарзи ҳукмронӣ ба ҳастии давлат таъсир набахшид. Волигии умумӣ доштани волиён ва ба онҳо ҳамчун ноиб аз ҷониби халифа дода шудани салоҳиятҳои васеъ сабаб гашт, ки дар қалбҳояшон эҳсосоти сарварӣ ба ҷунбиш ояд. Бинобар ин, онҳо дар вилоятҳои худ дорои истиқлолияти нисбӣ шуданд, ки бо байъати халифа, дуо кардан аз минбарҳо дар ҳаққи халифа, зарб кардани пул бо номи ӯ ва монанди ин корҳои шаклӣ кифоят намуданд, вале зимоми ҳукм дар дасташон боқӣ монд. Вазъияти мазкур ин вилоятҳоро ба давлатҳои мустақил монанд кард, ки ҳамдониён, салҷуқиён ва ғайраҳо мисоли равшани онанд. Вале волигии умумӣ бо эътибори

вилояти умумии худ ба ваҳдати давлат таъсир набахшид. Зеро дар Миср волигӣ кардани Амр ибни Ос вилояти умумӣ буд, волигии Муовия ибни Абӯсуфён ҳам дар Шом волигии умумӣ буд. Бо вуҷуди ин, волӣ аз халифа бо ҳеҷ чиз алоҳида набуд. Ягонагии давлат бо туфайли қудрати халифаҳо нигоҳ дошта мешуд. Лекин вақте ки хулафо заиф шуданд ва аз волиён ин вазъиятро пазируфтанд, чунин манзара дар вилоятҳо рух дод. Ин манзара шакли давлати алоҳида гирифтани вилоят буд, ҳол он ки вай вилояти тобеъ ва як қисми вуҷуди давлат ба ҳисоб мерафт. Новобаста ба ин ҳама, ваҳдати давлат боқӣ монд. Аз ин рӯ, халифа волиро таъйин ва сабукдӯш мекард. Қудрати волӣ ба ҳар дараҷае расад ҳам, барои эътироф накардани халифа ҷуръат наменамуд. Давлати Исломӣ ҳеҷ гоҳ, ҳатто дар сахттарин замонҳои истиқлоли волиён ҳам иттиҳоди вилоятҳо нашудааст, балки он давлати ягонаи дорои халифаи ягона буд. Дар ҳама канорҳои давлат – дар марказ, вилоятҳо, шаҳрҳо, деҳаҳо ва деҳкадаҳо танҳо худи халифа соҳиби салоҳият буд.

Аммо масъалаи дар Андалус (Испания) ба вуҷуд омадани Хилофат ва дар Миср пайдо шудани давлати фотимиён аз мавзӯи волиён фарқ дорад. Чунки Андалусро волиён ба даст даровварда, онро мустақил карданд. Ба волӣ ҳамчун халифаи мусулмонон байъат накарданд, балки вай минбаъд барои аҳли ҳамон вилоят халифа номида шуд, на барои ҳамаи мусулмонон. Халифаи мусулмонон ҳамеша ягона ва ҳокимият дар ихтиёри вай буд. Ба вилояти Андалус ҳамчун вилояти берун аз ҳокимияти халифа нигоҳ карда шуд, чунончи ҳолати Эрон дар айёми Давлати Усмонӣ ҳамин гуна буд. Зеро дар Андалус халифаи дуюм вуҷуд надошт, балки вилояти аз ҳукми халифа берун ба ҳисоб мерафт. Аммо давлати фотимиёнро фирқаи исмоилия барпо карда буд, ки аз фирқаҳои кофир аст. Пас, кори онҳо ба ҳисоб гирифта намешавад ва давлати онҳо Давлати Исломӣ ё Хилофати Исломӣ ба шумор намеравад. Дар баробари хилофати аббосиён давлат барпо кардани онҳо бисёршавии Хилофат нест, зеро он Хилофати шаръӣ набуд. Он аз як кӯшиши

инқилобие иборат буд, ки ин фирқаи ботинӣ (14) барпо намуд, то Давлати Исломиро ба давлате тағйир диҳад, ки мувофиқи аҳкоми ботили онҳо амал кунад. Аз ин рӯ, Давлати Исломӣ дар ҳокимият ҳамчун давлати ягона ва ваҳдати ягона давом кард ва ба қисмҳо ҷудо нашуд, балки аз рӯи рағбат ба татбиқи фаҳмиши муайяни Ислом дар корҳои ҳокимият баҳри ба ҳокимият расидан кӯшишҳо сурат гирифт. Сипас, ин кӯшишҳо хотима ёфта, ягонагии Хилофат ва ваҳдати Давлати Исломӣ боқӣ монд. Аз корҳое, ки новобаста ба гуногунии вазъи ҳокимият бар ваҳдати давлати исломӣ далолат мекунад, ҳамин аст, ки мусулмон дар шарқу ғарби рӯи замин, дар ҳар ҷое, ки Ислом ҳукм меронд, аз як кишвар ба кишвари дигар бемалол сафар мекард, аз вай дар бораи кишвараш ва рухсатномаи сафар пурсида намешуд. Зеро сарзамини Ислом ягона аст. Ҳамин тариқ, Давлати Исломӣ мусулмононро дар ваҳдати ягона ҷамъ сохта, ҳамчун Давлати Исломӣ боқӣ монд. Ин давлат дар асрҳои гуногун ҳамеша пурзӯру пешрафта буд, то он ки вайро кофири истеъморгар соли 1924 – ҳангоми бо дасти Камоли Отатурк нобуд сохтани Хилофати Исломӣ ҳамчун Давлати Исломӣ барҳам дод.

# *СИЁСАТИ ДОХИЛИИ ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ*

Сиёсати дохилии Давлати Исломӣ иҷро кардани аҳкоми Ислом дар дохил аст. Давлати Исломӣ дар кишварҳое, ки тобеи ҳокимияти он буданд, аҳкоми Исломро дар амал ҷорӣ мекард. Чунончи, муомалотро ба тартиб меандохт, ҳудудро барпо менамуд, уқуботро иҷро мекард, ахлоқро нигоҳ медошт, дар иҷрои одобу маросимҳо ва ибодот кафил мешуд ва ҳама кору аҳволи шаҳрвандонро мувофиқи аҳкоми Ислом идора мекард. Дар ҳақиқат, Ислом кайфиятеро баён кард, ки ба воситаи он аҳкоми худро бар тамоми мардуми тобеи салтанаташ – хоҳ пайрави Ислом бошанд ва хоҳ на татбиқ мекунад. Давлати Исломӣ аҳкоми Исломро мутобиқи ин кайфият амалӣ месозад. Зеро, чунончи муолаҷаи муаммоҳо ҳукми шаръист, тариқати иҷро низ ҳукми шаръӣ мебошад. Тамоми инсоният ба Ислом хитоб карда шудааст. Зеро Аллоҳ ба Ислом ҷамии банӣ-одамро танҳо бо васфи инсонияти онҳо хитоб кардааст, на бо васфи дигар. Аллоҳ Таоло фармудааст:

يَا أَيُّهَا النَّاسُ اعْبُدُواْ رَبَّكُمُ الَّذِي خَلَقَكُمْ وَالَّذِينَ مِن قَبْلِكُمْ لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ

**"Эй мардум, Парвардигоратонро, ки шумо ва пешиниёнатонро биёфаридааст, бипарастед. Бошад ки парҳезгор шавед!"** [2:21],

يَا أَيُّهَا الْإِنسَانُ مَا غَرَّكَ بِرَبِّكَ الْكَرِيمِ

**"Эй одамӣ, чӣ чиз туро ба Парвардигори каримат мағрур кардааст?"** [82:6].

Олимони усули фиқҳ чунин эътибор кардаанд: ҳар як каси оқиле, ки хитобро мефаҳмад, хоҳ ӯ мусулмон бошад, хоҳ ғайримусулмон мухотаби аҳкоми шаръӣ ба шумор меравад. Имом Ғаззолӣ дар китоби "Алмустасфо мин илмил усул" гуфтааст: "Касе, ки ҳукми шаръӣ бар ӯ нигаронида шудааст, мукаллаф мебошад. Шарти мукаллаф ин аст, ки оқил бошад ва хитобро бифаҳмад. Аммо ба аҳлияти бар зимма собит шудани аҳком оем, ин аз инсон будан гирифта мешавад. Зеро бо ин сифат инсон барои қабули қуввати ақл тайёр мешавад, ки ба воситаи он таклифро мефаҳмад". Бинобар ин, ҷамии банӣ-башар бо хитоби даъват ва хитоби таклиф ба Ислом хонда шудаанд. Мақсад аз хитоби даъват ба қабули Ислом даъват кардани мардумон аст. Аммо мақсад аз хитоби таклиф маҷбур сохтани мардум ба амал кардан бо аҳкоми Ислом мебошад. Ин ба ҳамаи одамон тааллуқ дорад. Аммо нисбати касоне, ки Давлати Исломӣ бар онҳо ҳукм меронад, Ислом ҷамоатеро, ки тибқи ин низом бар он ҳукм ронда мешавад, новобаста ба тоифа ва ҷинсаш, ваҳдати инсонӣ медонад. Дар ин хусус танҳо шаҳрвандӣ шарт карда мешавад (он садоқат ба давлат ва низом аст). Дар Ислом ақаллиятҳо вуҷуд надоранд, балки кулли мардум фақат бо эътибори инсонӣ, модом ки шаҳрвандӣ доранд, шаҳрвандони Давлати Исломӣ мебошанд. Пас, ҳар кӣ дорои шаҳрвандии давлат аст, хоҳ ӯ мусулмон бошад, хоҳ ғайримусулмон аз ҳуқуқҳое, ки шариат барояш муайян намудааст, бархурдор мешавад. Ҳар кӣ шаҳрвандӣ надорад, агарчи ӯ мусулмон аст, аз ин ҳуқуқҳо маҳрум мегардад. Масалан, модари як марди мусулмон насронӣ, вале шаҳрванди Давлати Исломист, падараш мусулмон, вале шаҳрванди Давлати Исломӣ нест, дар чунин сурат модараш ҳақ дорад, ки аз ӯ нафақа бихоҳад, аммо падараш ин гуна ҳақ надорад. Пас, агар модараш аз вай нафақа бихоҳад, қозӣ ба вай ҳукм мекунад, ки модарашро нафақа диҳад. Зеро модараш шаҳрвандӣ дорад. Агар падараш аз вай нафақа бихоҳад, қозӣ нафақаро ба фоидаи падар ҳукм намекунад. Зеро падар шаҳрвандӣ надорад. Ҳамин тавр, қозӣ ҷамоатеро шаҳрванд ҳисобид, ки дар он бо Ислом ҳукм ронда

мешавад ва барои он ки ҳақдор шаванд, то кору аҳволашон тибқи аҳкоми Ислом нигоҳубин карда шавад, инчунин ба таври ҳамешагӣ дар Дорулислом зиндагонӣ кунанд, шаҳрвандиро дар байни онҳо умумӣ гардонид.

Ин нисбат ба назар афкандан ба онҳо аз ҷиҳати ҳокимият ва нигоҳубини кору аҳвол аст. Аммо аз ҷиҳати татбиқи аҳкоми Ислом чунин аст, ки ин нисбат ҷиҳати ташреии қонуниро фаро мегирад, на ҷиҳати рӯҳиро. Зеро Ислом ба низоме, ки бар онҳо татбиқ мешавад, бо эътибори ташреии қонунӣ менигарад, на бо эътибори динии рӯҳӣ, яъне бо эътибори аҳкоми шаръӣ нигоҳ меафканад, на бо эътибори ҷиҳати тадайюн (15). Сабаб он аст, ки дар нусуси шаръӣ ҷиҳати ташреӣ мулоҳаза карда шудааст, зеро насс барои ҳалли муаммо омадааст. Шореъ пайравӣ ба маъноҳоро қасд намудааст, на таваққуф бар нусусро. Бинобар ин, дар истинботи аҳком ҷиҳати иллати ҳукм риоя карда шудааст, яъне дар насс ҳангоми истинботи ҳукм ба ҷиҳати қонунгузорӣ риоя карда мешавад. Ҳангоме ки халифаи мусулмонон ба ин қонунгузорӣ амр мекунад, он ба қонун табдил меёбад, ки иҷрои он бар ҳама воҷиб мегардад. Аз ин рӯ, дар Давлати Исломӣ фармонбардории ҳамаи мардум ба аҳкоми шаръӣ кори ногузир аст. Пас, гиройиши эътиқодмандони Ислом, яъне мусулмонон ба Ислом бар онҳо лозим мегардонад, ки ҷамии аҳкоми Исломро бипазиранд. Зеро таслим шудан ба ақида таслим шудан ба тамоми аҳкоми аз он сарзананда мебошад. Эътиқоди мусулмонон ҷамии овардаҳои ин ақидаро ба таври ҳатмӣ бар онҳо лозим мегардонад. Бинобар ин, Ислом барои мусулмонон шариат аст, ки аз он қонунгузорӣ бармеояд, яъне динест, ки аз он қонун бармеояд. Мусулмонон маҷбуранд, ки ҳама аҳкоми Исломро чи ба алоқаҳои онҳо бо Аллоҳ тааллуқ дорад, яъне ба ибодот, чи ба алоқаҳои онҳо бо худашон тааллуқ дорад, яъне ба ахлоқ ва матъумот, чи ба алоқаҳои онҳо бо дигарон тааллуқ дорад, яъне ба муомалот ва уқубот барпо доранд. Мусулмонон дар хусуси ақидаи исломӣ ва дар хусуси манбаи далелҳои шаръӣ, қоидаҳои шаръӣ ва аҳкоми шаръӣ будани Китобу суннат иттифоқ кардаанд.

Дар ин хусус ҳеҷ яки онҳо мутлақо ихтилоф намекунанд. Лекин бо ҳукми иҷтиҳод дар фаҳмидани Китоб ва суннат ихтилоф мекунанд. Бо сабаби ҳамин ихтилоф мазҳабҳои гуногун ва фирқаҳои зиёд пайдо шуданд. Сабаб он аст, ки Ислом ба мусулмонон ҳаққи иҷтиҳод карданро дар истинботи аҳком додааст. Бо дигаргунии табиати фаҳмиш дар фаҳмидани афкори ба ақоид алоқаманд, дар кайфияти истинбот ва дар аҳкому раъйҳои истинботшуда ихтилоф рӯй дод. Ин ҳол сабаби пайдо шудани тоифаҳо ва мазҳабҳо гардид. Расулуллоҳ (с) ба иҷтиҳод тарғиб намуда, фармудаанд, ки агар ҳоким дар иҷтиҳод хато кунад, як савоб мегирад ва агар дуруст иҷтиҳод кунад, ду савоб мегирад. Ислом дари иҷтиҳодро кушода гузоштааст. Бинобар ин, мавҷуд будани аҳли суннат, шиа, мӯътазила ва дигар тоифаҳои исломӣ аҷиб нест. Ҳамчунин пайдо шудани шофеия, ҳанафия, моликия, ҷаъфария, зайдия ва мазҳабҳои дигари исломӣ ҳам ҳайратовар набувад. Ҳамаи тоифаҳои исломӣ ва мазҳабҳои исломӣ ба ақидаи ягона – ақидаи исломӣ эътиқод мекунанд. Ҷамии онҳо ба пайравии фармонҳои Аллоҳ ва вогузоштани боздоштҳои Ӯ хитоб карда шудаанд. Кулли онҳо ба пайравии ҳукми шаръӣ фармуда шудаанд, на ба пайравии мазҳаби муайян. Мазҳаб танҳо ба тарзи муайян фаҳмидани ҳукми шаръист, ки ба ин ҳукми шаръӣ каси ғайримуҷтаҳид ҳангоми қодир набудан ба иҷтиҳод тақлид мекунад. Бинобар ин, мусулмон ба ҳукми шаръӣ фармуда шудааст, на ба мазҳаб. Агар ба иҷтиҳод қодир бошад, ин ҳукмро бо иҷтиҳод мегирад ва агар қодир набошад, бо пайравӣ ё тақлид мегирад. Бинобар ин, ҳама фирқаҳо ва мазҳабҳое, ки ба ақидаи исломӣ ва Китобу суннат эътиқод мекунанд ва танҳо ҳамин дуро манбаи далелҳои шаръӣ, қоидаҳои шаръӣ ва аҳкоми шаръӣ медонанд, исломӣ мебошанд. Ҳамаи пайравони онҳо мусулмон ҳисобида мешаванд ва бар эшон аҳкоми Ислом иҷро карда мешавад. Давлат набояд ба ин фирқаҳои исломӣ ва барои пайравии мазҳабҳои фиқҳӣ, модом ки онҳо аз ақидаи исломӣ берун набароянд, зиддият нишон диҳад. Аммо агар ба таври ҷамоӣ ё ҷудогона аз ақидаи исломӣ берун бароянд, пас, ин баргашт аз

Ислом эътибор карда мешавад ва бар онҳо аҳкоми муртад татбиқ мегардад. Мусулмонон ба ҳамаи аҳкоми Ислом даъват шудаанд. Лекин баъзе аз ин аҳком қатъӣ ҳастанд, ки дар бораи онҳо танҳо раъйи ягона вуҷуд дорад. Масалан, буридани дасти дузд, ҳаромии рибо, воҷибии закот, панҷ вақт намози фарз ва ҳоказо. Пас, ин аҳком бар ҳамаи мусулмонон бо фаҳмиши ягона иҷро карда мешавад, чунки онҳо аҳкоми қатъӣ мебошад.

Дар ин ҷо аҳком, афкор ва раъйҳое ҳастанд, ки мусулмонон дар фаҳмидани онҳо ихтилоф кардаанд. Онҳоро ҳар як муҷтаҳид бар хилофи фаҳмиши муҷтаҳиди дигар фаҳмидааст. Масалан, сифатҳои халифа, гирифтани ушр аз замини хироҷӣ, иҷораи замин ва ғайра. Дар бораи ин аҳком ихтилоф рух додааст, ки халифа раъйеро аз байни онҳо қабул мекунад. Пас, итоат кардан ба ин раъй бар ҳама воҷиб мешавад. Он гоҳ ҳар кӣ раъйеро бар хилофи раъйи фармудаи имом (халифа) мефаҳмад, бояд раъйи худро бигузорад ва танҳо ба раъйи имом амал кунад. Зеро амри имом ихтилофро мебардорад ва дар ин хусус итоати амир воҷиб аст. Воҷиб аст, ки ҳамаи мусулмонон амри халифаро дар хусуси аҳкоми табанникардаи ӯ иҷро намоянд. Зеро амри халифа зоҳиран ва ботинан, яъне дар ҳолати пинҳону ошкоро эътиборнок мебошад. Ҳар кас ба ғайр аз ҳукми шаръие, ки имом табаннӣ карда ва ба он фармудааст, амал намояд, гунаҳкор мешавад. Зеро баъд аз амри халифа ҳукми шаръӣ дар ҳаққи мусулмонон ҳамон ҳукме мешавад, ки имом бар он фармудааст. Дигар аҳком барои мусулмонон ҳукми шаръӣ эътибор карда намешавад. Зеро ҳукми шаръӣ дар хусуси масъалаи ягона барои шахси ягона чанд адад буда наметавонад. Аммо халифа дар хусуси ақоид ягон ҳукмро табаннӣ намекунад, зеро ин табаннӣ мусулмононро дар боби ақоидашон ба ҳараҷ гирифтор мегардонад. Вале агар аҳли бидъат ва ҳаво ақоиди нодурустро ошкор созанд, модом ки ба сабаби эътиқод ба чунин ақоид кофир нашаванд, давлат онҳоро бо уқуботҳои боздоранда адаб медиҳад. Агар ин гуна ақоид эътиқодмандони худро ба куфр барад, он гоҳ бо онҳо ҳамчун муртад муомила карда мешавад. Ҳамчунин халифа дар хусуси

ибодот чизеро табаннӣ намекунад. Зеро ин табаннӣ барои мусулмонон дар ибодоти онҳо машаққат меорад. Бинобар ин, халифа дар ақоид мутлақо ба раъйи муайяне намефармояд, модом ки онҳо ақидаи исломӣ бошанд. Дар ибодот низ ҷуз закот, ҷиҳод ва муайянкунии ду ид ба ҳукми муайяне амр намекунад, модом ки ин ибодот аҳкоми шаръӣ бошанд. Дигар дар хусуси ҳама шакли муомалот, аз ҷумла савдо, иҷора, заношӯӣ, талоқ, нафақа, ширкат, кафолат ва ғайра, дар хусуси кулли уқубот, аз ҷумла ҳудуд ва таъзир, дар хусуси хӯрокҳо, пӯшокҳо ва ахлоқ ҳукмҳоро табаннӣ мекунад. Мусулмонон бояд ба халифа дар хусуси аҳкоме, ки ӯ табаннӣ кардааст, фармонбардорӣ бикунанд.

Дуруст, халифа аҳкоми ибодотро иҷро намуда, ба тарккунандаи намоз ва рӯзахӯри моҳи рамазон ҷазо медиҳад ва ҳама аҳкоми ибодотро монанди соири аҳком баробар иҷро мекунад. Ин иҷро вазифаи давлат аст. Зеро дар бораи воҷибияти намоз ҷои иҷтиҳод вуҷуд надорад ва он табаннӣ дар аҳкоми ибодот ба шумор намеравад, балки он иҷрои ҳукми шаръии дар назди ҳама қатъӣ мебошад. Халифа, чунончи барои иҷрои уқубот дар хусуси ҳар як ҳукм раъйи шаръиеро табаннӣ мекунад, барои иҷрои уқубот дар боби ибодот низ раъйи шаръиеро табаннӣ мекунад ва мардумро барои амал бо он маҷбур месозад. Ин ҳукмҳо ба мусулмонон тааллуқ дорад. Аммо ғайримусулмонон, ки ба ғайри ақидаи исломӣ пайравӣ мекунанд, инҳоанд:

**1. Фарзандони муртадҳо, ки баъди муртад шудани падаронашон таваллуд шудаанд. Пас, бо онҳо тибқи ҳолаташон, ки дар он ҳолат хоҳ мушрик бошанд хоҳ аҳли китоб монанди ғайримусулмонон муомила карда мешавад.**

**2. Онҳое, ки даъвои мусулмонӣ мекунанд, вале ақидаашон зидди ақидаи исломӣ аст, бо онҳо муомилаи муртадҳо карда мешавад.**

**3. Аҳли китоб.**

**4. Мушрикон, яъне бутпарастон, собииён, оташпарастон, ҳиндуён ва ҳамаи онҳое, ки аҳли китоб нестанд.**

Ду синфи охир дар эътиқод ва ибодоташон вогузор мешаванд. Онҳо дар масъалаҳои заношӯӣ ва талоқ мувофиқи дини худ рафтор мекунанд. Давлат барои онҳо аз байни худашон қозӣ таъйин мекунад, ки хусуматҳоро оид ба масъалаҳои мазкур, дар маҳкамаҳои давлат дида мебарояд. Аммо дар хусуси хӯроку пӯшок онҳо мувофиқи аҳкоми динашон дар зимни низоми умумӣ (яъне дар зимни низоме, ки шариати исломӣ ба он иҷозат медиҳад) муомила карда мешавад. Ба ғайри аҳли китоб ҳам монанди аҳли китоб муомила карда мешавад, зеро Пайғамбар (с) дар ҳаққи оташпарастон фармуда буданд:

"سُنُّوا بِهِمْ سُنَّةَ أَهْلِ الْكِتَابِ"

"**Бо онҳо ҳам монанди аҳли китоб кор бигиред**". Аммо муомалот ва чораҳои ҷазо бар ғайримусулмонон ҳам монанди мусулмонон баробар иҷро карда мешавад. Уқубот бар ғайримусулмонон низ монанди уқубот бар мусулмонон барпо карда мешавад. Муомалоти ғайримусулмонон монанди муомалоти мусулмонон бе ягон маҳдудият ва фарқгузорӣ дар миёни як шахс бо шахси дигар баробар иҷро ва бекор карда мешавад. Зеро ҳамаи онҳое, ки шаҳрвандӣ доранд, новобаста ба ихтилофи дин, ҷинс ва мазҳабашон, дар боби муомалот ва уқубот ба аҳкоми шариати исломӣ хитоб карда шудаанд, ба пайравии аҳком ва амал кардан бо онҳо таклиф шудаанд. Вале ин таклиф шудани онҳо фақат аз ҷиҳати ташреии қонунӣ мебошад, на аз ҷиҳати динии рӯҳӣ. Онҳо маҷбур карда намешаванд, ки ба ин аҳком эътиқод кунанд, зеро онҳо ба пазируфтани Ислом маҷбур карда намешаванд. Аллоҳ Таоло мефармояд:

لاَ إِكْرَاهَ فِي الدِّينِ

"**Дар дин ҳеҷ иҷборе нест**" [2:256].

Расулуллоҳ (с) нагузоштанд, ки аҳли китобро аз динашон баргардонанд. Вале онҳо маҷбур карда мешаванд, ки ба аҳкоми Ислом ҳамчун ташреъ ва қонуни иҷрояш ногузир итоат намоянд.

Хулоса ин аст, ки давлат дар сиёсати дохилии худ шариати исломиро бар ҳамаи касоне, ки шаҳрвандӣ доранд, хоҳ мусулмон бошанд, хоҳ ғайримусулмон ба тариқи зайл иҷро мекунад:

**а) Бар мусулмонон ҳамаи аҳкоми Ислом иҷро карда мешавад;**

**б) Ғайримусулмонон дар эътиқод ва ибодоти худ вогузошта мешаванд;**

**в) Бо ғайримусулмонон дар боби хӯроку пӯшок мувофиқи динашон дар зимни низоми умумӣ муомила карда мешавад;**

**г) Масъалаҳои заношӯӣ ва талоқ дар байни ғайримусулмонон мувофиқи динҳояшон аз ҷониби қозии худашон дар маҳкамаҳои давлат, на дар маҳкамаҳои хос, ҳаллу фасл мегардад. Чунин корҳо байни онҳо ва мусулмонон мувофиқи аҳкоми Ислом аз ҷониби қозии мусулмонон ҳаллу фасл мегардад;**

**д) Давлат боқии корҳои шариати исломиро, монанди муомалот, уқубот, низомҳои ҳокимият, иқтисод ва ғайра бар ҳамаи мусулмонону ғайримусулмонон баробар иҷро мекунад;**

**е) Тамоми мардум, ки шаҳрвандии исломӣ доранд, раияти давлат мебошанд, пас, нигоҳубини ҳамаи онҳо баробар, бе ягон фарқгузорӣ байни мусулмону ғайримусулмон, воҷиб аст.**

# *СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ*

Сиёсати хориҷӣ алоқаи давлат бо давлатҳо, халқҳо ва умматҳои дигар аст. Ин алоқаҳо нигоҳубини кору аҳволи хориҷии уммат мебошад. Сиёсати хориҷии Давлати Исломӣ алоқаи он бо давлатҳо, халқҳо ва умматҳои дигар буда, ин сиёсат бар асоси фикрати устувори тағйирнопазир барпо мегардад. Ин фикрати устувор нашри Ислом дар миёни тамоми умматҳо ва халқҳои олам аст. Ин кор асосест, ки бар он сиёсати хориҷии Давлати Исломӣ барпо мегардад. Асоси мазкур, ҳарчанд ба сари ҳокимият шахсони гуногун меоянд, ҳеҷ гоҳ тағйир намеёбад. Дар ҳақиқат, ин асос дар ҷамии асрҳо – аз он даме, ки Расул (с) дар Мадинаи мунаввара қарор гирифтанд, то барҳам хӯрдани Давлати Усмонӣ ҳамчун охирин Давлати Исломӣ мавҷуду пойдор буд ва мутлақо тағйир наёфт. Аз он гоҳ ки Расул (с) дар Мадина давлатро барпо намуданд, алоқаи Давлати Исломиро бо дигарон бар асоси интишор додани Ислом бунёд карданд. Ҳамин тавр, бо яҳудиён паймонҳо бастанд, то барои паҳн кардани даъват дар Ҳиҷоз фориғ гарданд. Сипас, бо Қурайш паймони Ҳудайбияро бастанд, то дар нимҷазираи Арабистон барои паҳнкунии даъват имкон биёбанд. Баъдтар ба давлатҳои хориҷ ва дохили нимҷазираи Арабистон номаҳо фиристода, онҳоро ба пазируфтани Ислом даъват намуданд, то ки бо ин давлатҳо бар асоси интишори Ислом алоқа барпо кунанд. Сипас, баъди Расул (с) хулафои эшон омаданд ва алоқаҳои худро бо ҳама давлатҳои дигар бар асоси паҳнкунии Ислом барпо намуда, ҳамли даъвати исломиро ба саросари олам сар карданд. Ҳокимоне,

ки зимоми ҳукуматро ба даст гирифтанд, дар интишору густариш додани Ислом аз якдигар фарқ мекарданд. Масалан, умавиён нисбат ба аббосиён кишварҳоро бисёртар фатҳ карданд ва Исломро ба хориҷ бештар паҳн намуданд. Усмониҳо ҳам нисбати мамлукон кишварҳоро бисёртар фатҳ карданд ва Исломро ба хориҷ бештар паҳн намуданд. Лекин ин тафовут аз ҷиҳати ба сиёсати хориҷии худ аҳамият додани давлат буд. Аммо интишори Ислом ҳамчун асос, ки бар ин асос алоқаи Давлати Исломӣ бо давлатҳо, халқҳо ва умматҳои дигар барпо мешуд, давом кард ва он дар назди ҳеҷ як халифа тағйир наёфт. Ҳастии давлат танҳо барои татбиқ кардани Ислом дар дохил ва ҳамли даъвати он ба саросари олам дар хориҷ буд. Бинобар ин, вазифаи Давлати Исломӣ дар хориҷ танҳо ҳамли даъвати исломӣ буд. Омиле, ки нашри Исломро асоси сиёсати хориҷӣ мегардонад, рисолати Муҳаммад алайҳиссалоту вассалом мебошад, ки барои тамоми инсоният омадааст. Аллоҳ Таоло мефармояд:

وَمَا أَرْسَلْنَاكَ إِلَّا كَافَّةً لِّلنَّاسِ بَشِيراً وَنَذِيرًا

"**Туро ба пайғамбарӣ фиристодем, бар ҳамаи мардум, муждадиҳандаву бимдиҳанда**" [34:28],

يَا أَيُّهَا النَّاسُ قَدْ جَاءتْكُم مَّوْعِظَةٌ مِّن رَّبِّكُمْ

"**Эй мардум, барои шумо аз ҷониби Парвардигоратон панде омад**" [10:57],

قُلْ يَا أَيُّهَا النَّاسُ إِنِّي رَسُولُ اللّهِ إِلَيْكُمْ جَمِيعًا

"**Бигӯ: "Эй мардум, ман фиристодаи Аллоҳ бар ҳамаи шумо ҳастам**" [7:158],

وَأُوحِيَ إِلَيَّ هَذَا الْقُرْآنُ لأُنذِرَكُم بِهِ وَمَن بَلَغَ أَئِنَّكُمْ لَتَشْهَدُونَ

"**Ва ин Қуръон бар ман ваҳй шудааст, то шуморо ва ҳар касро, ки ба Ӯ бирасад, бим диҳам**" [6:19],

يَا أَيُّهَا الرَّسُولُ بَلِّغْ مَا أُنزِلَ إِلَيْكَ مِن رَّبِّكَ وَإِن لَّمْ تَفْعَلْ فَمَا بَلَّغْتَ رِسَالَتَهُ

"**Эй пайғамбар, он чиро, ки аз Парвардигорат бар ту нозил шудааст, ба мардум бирасон. Агар чунин накунӣ, амри фиристодаи Ӯро адо накардаӣ**" [5:67].

Дар ҳақиқат, Расулуллоҳ (с) рисолатро ба мардумон расонданд ва гарчи худ ба Рафиқи Аъло пайвастанд, таблиғи рисолати эшон ба мардумон бо дасти мусулмонон идома ёфт. Ҳамли даъвати Ислом ба олам идомаи кори Расул (с) буд. Мусулмонон бо ин роҳ рафтанд ва ҳамли даъвати исломиро давом доданд. Дар ҳақиқат, Пайғамбар (с) дар ҳаҷҷи видоъ фармуда буданд:

"لِيُبَلِّغِ الشَّاهِدُ الْغَائِبَ فَرُبَّ مُبَلَّغٍ أَوْعَى مِنْ سَامِعٍ"

"**Бигзор ҳозирон ба ғоибон бирасонанд. Зеро басо шахсе, ки ба вай мерасад, аз шунаванда ҳушмандтар аст**" ва боз фармуданд:

"نَضَّرَ اللهُ امْرَأً سَمِعَ مَقَالَتِى فَوَعَاهَا ثُمَّ أَدَّاهَا إِلَى مَنْ لَمْ يَسْمَعْهَا"

"**Аллоҳ тозарӯй гардонад касеро, ки гуфтори маро шунавад ва дар ёд дорад, сипас, онро ба касе бирасонад, ки нашунидааст**". Ҳамин тариқ, нашри даъвати исломӣ дар айёми Расул (с) ва дар айёми хулафои баъд аз эшон асоси алоқаи Давлати Исломӣ бо давлатҳо, халқҳо ва умматҳои дигар буд. Ҳукми шаръӣ ҳамин аст. Ин бо Китоб, суннат ва иҷмои саҳобагон собит аст. Аз ин рӯ, сиёсати хориҷии Давлати Исломӣ ҳамли даъвати исломӣ ба саросари олам мебошад.

Ин сиёсати хориҷӣ бо тариқати устувори тағйирнопазир ба роҳ монда мешавад. Тариқати он ҷиҳод буда, бо тағйир ёфтани зимомдорони ҳокимият тағйир намеёбад. Ин тариқат дар ҳама асрҳо – аз рӯзи барпо шудани давлат дар Мадина бо дасти Расул (с)

то барҳам хӯрдани охирин Давлати Исломӣ пойдор мондааст ва мутлақо тағйир наёфтааст. Зеро Расул (с) аз ҳангоми дар Мадина барпо кардани давлат лашкарро омода намуданд ва барои нобуд сохтани монеаҳои моддӣ аз роҳи ин давлат ҷиҳодро оғоз карданд. Он вақт Қурайш монеаи моддӣ буд, ки дар роҳи даъвати исломӣ меистод. Пас, Расул (с) барои нобуд сохтани Қурайш тасмим гирифтанд. Сипас, Қурайшро ҳамчун ҳастие, ки дар роҳи даъват монеа мешуд, барҳам доданд, ҳастиҳои дигари роҳи даъватро низ нобуд сохтанд. Дар натиҷа Ислом дар тамоми нимҷазираи Арабистон паҳн гардид. Баъд аз он, Давлати Исломӣ дарҳои умматҳои дигарро низ кӯфт, то дар миёни онҳо Исломро густариш диҳад. Дар садри ҳар як уммат вуҷуди ҳукмронеро дид, ки ҳамчун монеаи моддӣ роҳи даъватро мегирифт. Аз ин рӯ, бартараф сохтани ин вуҷудҳо ва пайвастан ба худи халқ зарур буд, то ки ба воситаи ҳукмронии Ислом ба Ислом даъват мешуданд, адолати Исломро бо чашми худ медиданд, дар зери парчами он таъми осоиш ва шодмонии зиндагиро мечашиданд, ба Ислом бо некӯтарин роҳ, бе ягон зӯроварию фишор даъват мешуданд. Ҳамин тавр, ҷиҳод ҳамчун тариқати нашри Ислом давом кард. Ба воситаи ҷиҳод шаҳрҳо ва кишварҳо фатҳ гардид, мамлакатҳо ва давлатҳо барҳам хӯрд, Ислом ба халқҳо ва умматҳо ҳукмронӣ кард, Ислом интишор ёфт ва чун бо Ислом ҳукм ронда шуд, садҳо миллион башарият ба он пайравӣ намуданд. Тариқате, ки дар иҷрои сиёсати хориҷӣ ба он пайравӣ кардаанд, ҷиҳод мебошад. Ин тариқат устувори тағйирнопазир буд ва то абад тағйир нахоҳад ёфт. Ҷиҳод даъват ба Ислом, ҷанги бевосита дар роҳи Аллоҳ ё ёрӣ расондан ба воситаи мол, раъй ва афзоиш додани шумори мардум аст. Фарзияти ҷиҳод бо насси Қуръон ва ҳадис собит аст. Мусулмонон то душманро ба Ислом ё ҷизя таклиф намекарданд, бо вай ба ҷанг намепардохтанд. Ҳукми шаръӣ дар бораи ҷиҳод ин аст, ки агар мо душманони кофирро дар муҳосира гирем, онҳоро ба Ислом даъват мекунем. Агар онҳо ба Ислом дароянд, як ҷузъи уммати исломӣ мешаванд ва ҷангидан бар зидди онҳо ҳаром мегардад, рафту аз қабули Ислом

рӯй тобанд, аз онҳо ҷизя талаб карда мешавад. Агар онҳо ҷизяро диҳанд, бо пардохти ҷизя хунҳо ва молҳояшонро нигоҳ медоранд, кишварашон ба Дорулислом табдил меёбад, ки Ислом дар он ҳукмрон мегардад. Дар масъалаҳои адлу инсоф, ҳимоя, нигоҳубин ва мудофиа онҳо низ монанди мусулмонон ҳуқуқ ба даст меоранд. Аҳволи онҳо бо таъмин намудани ҳама гуна коре, ки дар зиндагониашон лозим аст, монанди аҳволи мусулмонон нигоҳубин карда мешавад. Садоқат ба давлат ва низом, ки бар мусулмонон воҷиб аст, бар онҳо низ лозим мегардад. Агар душман ҳам аз қабули Ислом ва ҳам аз пардохтани ҷизя саркашӣ кунад, он гоҳ ҷангидан бар зидди вай ҳалол мешавад. Бинобар ин, ҷанг қабл аз пешкаш намудани даъвати исломӣ ба аҳли кишвар ҳалол нест. Фақеҳон муайян кардаанд, ки ҷанги мо бар зидди касе, ки даъвати исломӣ ба вай нарасидааст, ҳалол намешавад. Бинобар ин, бояд пеш аз оғози ҷанг дар бораи Ислом раъйи умумиро ба вуҷуд овард, дар бораи даъвати исломӣ фикри саҳеҳро расонид, дар роҳи расондани аҳкоми Ислом ба мардум кӯшиш ба харҷ дод, то аҳолии кишвар ба шакли умумӣ бошад ҳам, идрок карда тавонанд, ки Ислом онҳоро раҳоӣ мебахшад. Давлати Исломӣ бояд ба амалҳои сиёсие иқдом намояд, ки баъзе ба маълумоти равшан додан дар бораи Ислом, интишори афкори Ислом, даъват ва ташвиқ кардан ба Ислом мутааллиқ бошад, баъзе ба намоиш додани нерӯ ва қудрати Давлати Исломӣ, инчунин ошкор сохтани салобат ва ҷуръати мусулмонон таъаллуқ дошта бошад. Расул (с) дар ин хусус чандин корҳоро ба сомон расонданд, ки ба қалби диёри ширк фиристодани доиёни Ислом аз он ҷумла мебошад. Чунончи, чил нафарро ба сӯи аҳолии Наҷд фиристоданд, то ба онҳо Исломро бирасонанд. Расул (с) қуввати давлатро ҳам намоиш медоданд, чунон ки рӯзи ғазваи Табук, қабл аз раҳсипор гаштан ба сӯи Табук дар Мадина лашкари мусулмононро ба намоиш баровrouteанд. Аз ин рӯ, Расул (с) мефармоянд:

"نُصِرْتُ بِالرُّعْبِ مَسِيرَةَ شَهْرٍ"

"**Ба ман нусрат дода шуд, ки аз масофаи якмоҳа бим андозам**".

Лашкари мусулмонон дар асрҳои гуногуни давраи мавҷудияти Давлати Исломӣ ҳайбатангез буд. Ҳатто аврупоиён бар ин андеша буданд, ки лашкари исломӣ абадан мағлуб намегардад. Ин андеша чандин аср бар онҳо ҳукмронӣ дошт. Аз ин лиҳоз, бояд корҳои сиёсиеро, ки ба паҳнкунии афкори исломӣ ва изҳори нерӯи давлат тааллуқ доранд, ба анҷом расонид ва сипас, бевосита ба ҷанг шурӯъ кард. Ҷиҳод, ҳарчанд тариқати устувори барои нашри Ислом тағйирнопазир аст, вале корҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои мақсаднок бояд пеш аз оғози ҷанг сурат гиранд. Ин амалҳо дар таҳкими алоқаи давлат бар равиши муайян бо давлатҳо, халқҳо ва умматҳои дигар аз ҷиҳати муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, алоқаҳои иқтисодӣ ва ғайра корҳои асосӣ мебошад, ки интишори Исломро осон мегардонад.

Бинобар ин, фикрати сиёсие, ки алоқаи Давлати Исломӣ бо давлатҳо, халқҳо ва умматҳои дигар бар он асос меёбад, дар байни онҳо паҳн кардани Ислом ва ба онҳо расонидани даъват мебошад. Тариқати ин фикрат ҷиҳод аст. Лекин дар ин ҷо нақшаҳо ва услубҳо мавҷуданд, ки онҳоро давлат ба роҳ мегузорад ва барои онҳо воситаҳои иҷроро омода месозад. Масалан, давлат бо баъзе душманон ба муддати муайян паймонҳои ҳамсоягии некӯ мебандад ва бо дигарон ҷанг мекунад, чунон ки Расулуллоҳ (с) дар рӯзҳои аввалини ба Мадина омадани худ ҳамин тавр амал карда буданд. Ё ин ки давлат бо ҳама душманони худ ҷанг эълон мекунад, чунон ки Абӯбакр ҳангоми лашкар фиристодан дар як вақт ба Ироқ ва Шом ҳамин гуна кор пеш гирифт. Ё худ давлат ба муддати муайяне паймонҳо мебандад, то имкон биёбад, ки дар бораи даъват раъйи умумиро ба вуҷуд биёрад, чунон ки Расул (с) дар паймони Ҳудайбия ҳамин тавр амал карданд. Давлат гоҳо ҳамчун воситаи тарсонидани душман ҷангҳои маҳаллиро ба кор меандохт, монанди сарияҳое, ки Расул (с) қабл аз ғазваи Бадр мефиристоданд, инчунин гурӯҳҳои тобистона ва зимистонае, ки дар замони умавиён ба сарҳадҳои Рум

фиристода мешуд. Гоҳо давлат тибқи тақозои манфиати даъват бо баъзе давлатҳо созишномаҳои тиҷорӣ баста, бо баъзе дигар намебандад. Гоҳо тибқи нақшае, ки барои даъват тартиб додааст, бо баъзе давлатҳо алоқа барпо мекунад ва бо баъзе дигар алоқа барпо намекунад. Гоҳо нисбати баъзе давлатҳо услубҳои даъват ва ташвиқотро ба кор мебарад, ки дар айни замон нисбат ба давлатҳои дигар услубҳои ошкорсозии нақшаҳо ва ҷанги сардро кор мефармояд. Инак, давлат нақшаҳоро ба роҳ мегузорад ва мувофиқи навъи кори муқарраршуда, инчунин тақозои манфиати даъват услубҳоро татбиқ мекунад. Ин нақшаҳову услубҳо кори нашри Ислом ва ҷиҳодро сабук мегардонад. Бинобар ин, нақшаҳо ва услубҳо дар сиёсати хориҷӣ амри зарурӣ аст. Дар олам пайдо кардани раъйи умумӣ дар бораи Ислом ва дар хусуси давлат низ зарурӣ аст. Лекин ҳамаи ин танҳо барои нашри Ислом ба воситаи тариқати интишори он ба ҳисоб меравад, ки ин тариқат ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ аст.

## *ФУТУҲОТИ ИСЛОМӢ БАРОИ НАШРИ ИСЛОМ АСТ*

Азбаски уммати исломӣ барои ба тамоми мардум расонидани даъвати исломӣ ӯҳдадор аст, бар мусулмонон лозим аст, ки бо олам робита барқарор намоянд. Бар Давлати Исломӣ ҳам лозим аст, ки чунин робитаро ба вуҷуд оварда, даъватро бирасонад ва тариқатеро, ки Ислом барои нашри ин даъват нишон додааст, пеш гирад. Аз ин рӯ, ногузир аст, ки Давлати Исломӣ кишварҳоро фатҳ намояд ва соҳиби футуҳоти бузург гардад. Ин футуҳот танҳо иҷрои амали воҷибе бар зиммаи мусулмонон аст. Ин воҷиб ба таври ҷолиби диққат ба мардум расонидани Ислом ба воситаи татбиқи аҳкоми Ислом ва паҳн кардани афкори он дар миёни мардум мебошад. Аз ин рӯ, футуҳоти исломӣ на барои истисмору мустамлика кардани халқҳо ва боигариҳои кишварҳои онҳо, балки барои ҳадафи ягона, яъне ба онҳо расонидани даъвати исломӣ буд, то аз ҳаёти шум ва низоми фосид, раҳоӣ биёбанд. Ин чиз дар нашъунамои Давлати Исломӣ, дар пешравии футуҳоти исломӣ ва дар фарзияти ҷиҳод ифода меёбад.

Давлати Исломӣ ҳамчун давлати қавиву устувор, вусъатёбу пешрав ва интишорёбандаву фотеҳ ба вуҷуд омад. Мояи пайдоиши он мояи давлати ҷаҳоншумул буд, на давлати маҳаллӣ, зеро ақидаи ин давлат ақидаи ҷаҳоншумул ва умумиинсонист. Низоми ин давлат ҳам низоми ҷаҳоншумул ва низоми умумиинсонист. Бинобар ин, табиӣ буд, ки интишор ёбад ва кишварҳоро фатҳ кунад. Зеро табиати пайдоиш ин хусусиятҳоро бар вай лозиму

ногузир месозад. Инак, мусулмонон ба Расул (с) бори дуюм дар Ақаба байъат медиҳанд. Байъат медиҳанд, ки ҳамроҳи эшон бо мардуми сурху сиёҳ меҷанганд, гарчи ин ба нобудии молҳо ва кушта шудани бузургонашон мебарад. Байъат медиҳанд, ки ҳангоми душвориву фаровонӣ ва хушҳоливу нохушӣ гўш меандозанд ва фармон мебаранд, ҳар куҷо ки бошанд, дар роҳи Аллоҳ аз маломати маломатгўе натарсида, сухани ҳақро мегўянд. Барои мурдан дар роҳи ҳимояи даъвати исломӣ бо Расулуллоҳ (с) байъат медиҳанд ва дар муқобили ин ҳама танҳо ҷаннатро ба даст меоранд. Инҳо сармояи лашкари давлати исломӣ буданд, ки Исломро ба олам нашр кард. Акнун лашкаре, ки чунин байъат додааст, чӣ гуна лашкар хоҳад буд? Чаро чунин лашкар ташкил карда шуд? Вазифаи муҳимми ҳарбии он чӣ буд, ки дар ин байъат намоён шудааст? Оё он вазифаи ҳамли даъвати Ислом нест? Онҳо танҳо барои даъват омаданд, барои даъват байъат доданд ва дар роҳи даъват барои мурдан омода шуданд.

Пайғамбар (с) нақшаи футуҳотро қабл аз реҳлати худ кашида буданд. Баъди дар нимҷазира барпо шудани Давлати Исломӣ Расул (с) соли ҳафтуми ҳиҷрӣ ба Хусрав, Қайсар ва подшоҳону амирони дигар нома фиристода, ҳамаи онҳоро ба Ислом даъват карданд, сипас ғазваҳои Мўътаву Табукро ташкил намуданд ва ниҳоят лашкари Усомаро муҷаҳҳаз сохтанд, ки ба ин воситаҳо нақшаи ба хориҷи нимҷазира паҳн кардани даъвати исломиро кашиданд. Баъд аз Расул (с) хулафои эшон аз пайи иҷрои ҳамин нақша бархоста, ба фатҳи кишварҳое оғоз намуданд, ки Расул (с) онҳоро ба Ислом хонда буданд. Сипас, футуҳоти исломӣ пай дар пай бар ҳамин асос идома ёфт. Бинобар ин, Давлати Исломӣ ҳангоми фатҳи олам байни фатҳи Миср бо вуҷуди сарватҳову осонии фатҳаш ва фатҳи Африқои шимолиро бо вуҷуди саҳроҳо, ноҳамвориҳо, факр, душвории фатҳ ва машаққати дар он ҷо паҳн кардани Ислом ҷудо насохт. Зеро давлати исломӣ фақат барои нашри Ислом ва ҳамли даъвати он кишваркушоӣ мекунад. Масъулияти нашр ва ҳамли даъвати исломӣ аз давлат тақозо мекунад, ки ба ҳар як кишвар: хоҳ

фақир бошаду хоҳ сарватманд, дарояд, бо ҳар як халқ: хоҳ он сар хам кунаду хоҳ муқовимат нишон диҳад, рӯбарӯ шавад. Зеро нашри Ислом ва ҳамли даъвати он ба мардумон фақр ё бениёзии ягон кишварро, даъватро пазируфтан ё рад кардани аҳолии онро ба назар намегирад. Чизи ягонае, ки ба эътибор мегирад, ҳамли даъвати исломӣ ҳамчун роҳнамоии фикрист, ки аз ин низомҳои ҳаёт сарчашма megиранд ва бояд ин даъват ба ҳама мардумон дар ҳама кишварҳо бирасад.

Дар ҳақиқат, Қуръони карим барои мусулмонон сабабҳои ҷангро ва фарзияти ҷиҳодро баён намуда, фармудааст, ки танҳо ҷангидан дар роҳи Ислом ва ҳамли рисолати он ба олам ҷиҳод мебошад. Дар Қуръон оятҳои равшани бисёр ҳастанд, ки ба мусулмонон ҷангиданро барои Ислом мефармоянд. Аллоҳ Таоло дар сураи "Анфол" фармудааст:

وَقَاتِلُوهُمْ حَتَّى لاَ تَكُونَ فِتْنَةٌ وَيَكُونَ الدِّينُ كُلُّهُ لِلّه

"**Бо онон набард кунед, то дигар фитнае набошад ва дини ҳама дини Аллоҳ гардад**" [8:39]. Дар сураи "Бақара" фармудааст:

وَقَاتِلُوهُمْ حَتَّى لاَ تَكُونَ فِتْنَةٌ وَيَكُونَ الدِّينُ لِلّه

"**Бо онҳо биҷангед то дигар фитнае набошад ва дин танҳо дини Аллоҳ шавад**" [2:193]. Дар сураи "Тавба" фармудааст:

قَاتِلُواْ الَّذِينَ لاَ يُؤْمِنُونَ بِاللّهِ وَلاَ بِالْيَوْمِ الآخِرِ وَلاَ يُحَرِّمُونَ مَا حَرَّمَ اللّهُ وَرَسُولُهُ وَلاَ يَدِينُونَ دِينَ الْحَقِّ مِنَ الَّذِينَ أُوتُواْ الْكِتَابَ حَتَّى يُعْطُواْ الْجِزْيَةَ عَن يَدٍ وَهُمْ صَاغِرُونَ

"**Бо касоне аз аҳли китоб, ки ба Аллоҳ ва рӯзи қиёмат имон намеоваранд ва чизҳоеро, ки Аллоҳу пайғамбараш ҳаром кардаст, бар худ ҳаром намекунанд ва дини ҳақро**

**намепазиранд, ҷанг кунед, то он гоҳ ки ба дасти худ дар айни хорӣ ҷизя бидиҳанд**" [9:29].

Ин оятҳо ва боз оятҳои дигар ба ҷиҳод фармудаанд, ба мусулмонон ғояи аз футуҳот пешбинишударо баён намудаанд ва ҳамин оятҳо онҳоро ба футуҳот водор сохтаанд.

Бинобар ин, Давлати Исломӣ бар асоси ҳамли даъвати исломӣ барпо шудааст, лашкари исломӣ низ барои ҳамли даъвати исломӣ ташкил ёфтааст, ки ҷиҳод дар роҳи он фарз гардидааст ва футуҳот мувофиқи он ба роҳ монда шудаанд. Инак, ҳамли даъвати исломӣ барои мусулмонон Давлати Исломиро бармегардонад.

# *МУСТАҲКАМСОЗИИ ФУТУҲОТИ ИСЛОМӢ*

Мусулмонон кишварҳоро фатҳ карда, дар ин кишварҳо бо Ислом ҳукм ронданд. Ислом ба мусулмонон фарз гардондааст, ки ҳокимият ва роҳбариро ба даст бигиранд, инчунин ҷоиз нест, ки ғайримусулмонон бар мусулмонон ҳукмронӣ намоянд. Аллоҳ Таоло дар сураи "Нисо" фармудааст:

وَلَن يَجْعَلَ اللّهُ لِلْكَافِرِينَ عَلَى الْمُؤْمِنِينَ سَبِيلاً

"**Аллоҳ ҳаргиз барои кофирон ба зиёни мусулмонон роҳе накушодааст**" [4:141].

Аллоҳ Таоло иззатро насиби мӯъминон гардондааст. Чунончи дар сураи "Мунофиқун" фармудааст:

وَلِلَّهِ الْعِزَّةُ وَلِرَسُولِهِ وَلِلْمُؤْمِنِينَ وَلَكِنَّ الْمُنَافِقِينَ لَا يَعْلَمُونَ

"**Иззат аз они Аллоҳ, расулаш ва мӯъминон аст, вале мунофиқон намедонанд**" [63:8].

Лекин Аллоҳ мусулмононро танҳо ҳамон гоҳ азизӣ бахшид ва ҳокимияту роҳбариро ба ихтиёрашон дод, ки дар вуҷуди онҳо нафсияи исломӣ ташаккул ёфт, яъне нафсияе, ки ҳокимиятро барои татбиқи Ислом ва ҳамли даъвати он ба кор мебарад, на барои ҳаваси ҳукмрониву салтанат. Аллоҳ Таоло мусулмононро он гоҳ арҷманд гардонид, ки онҳо соҳиби ақлияи исломӣ гаштанд, яъне ақлияе, ки маънои ҳокимиятро мефаҳмад ва дар назди Аллоҳ

ҳақиқати масъулияти худро дарк мекунад. Воқеан, нури Ислом дар корҳову суханҳои ин ҳокимон ва роҳбарон, инчунин дар татбиқи аҳком бар мардуме, ки дар зери ҳокимияташон мезистанд, падидор шуд. Натиҷаи татбиқи аҳкоми Ислом буд, ки мардум гурӯҳ-гурӯҳ ба дини Аллоҳ даромаданд, ақидаи исломиро пазируфтанд, мусулмон шуданду соҳиби иззат, роҳбарӣ ва ҳокимият гаштанд. Кишварҳояшон низ ба дорулислом ва сарзамини исломӣ табдил ёфт. Бо сабаби ҳукмронии Ислом дар ин сарзаминҳо ва ба дини ҷадид гаравидани аҳолӣ футуҳоти исломӣ дар он ҷо мустаҳкам гардид. Ҳатто ҳар як кишварро фатҳ кардани мусулмонон то рӯзи қиёмат ба фатҳи абадӣ табдил ёфт, ки рӯзгори ин кишварҳо ва аҳолии он ҷоро пурра дигаргун сохт. Чунончи он халқҳоро аз кофир ба мусулмон табдил дод, кишварҳояшонро низ аз дорулкуфр ба дорулислом мубаддал гардонид ва ин кишварҳо то аз байн рафтани ҳокимияти Ислом дорулислом буданд. Вале аҳолӣ чун пештара мусулмон боқӣ монд. Ин кишварҳо ҳатто баъди аз сар рафтани ҳукумати Ислом ва парешон шудани сояи давлат аз болои онҳо ҳанӯз ҳам кишварҳои исломӣ ҳастанд. Ҳарчанд Давлати Исломӣ аллакай барҳам хӯрдааст, кишварҳое, ки мусулмонон фатҳ кардаанд, ҳанӯз кишварҳои исломӣ мебошанд ва аҳолиашон ҳанӯз мусулмонанд. Ин кишварҳо ҳанӯз барои ба ин ҷойҳо баргаштани ҳукми Ислом ва дар сарзаминҳои онҳо паҳн шудани салтанати Давлати Исломӣ маҳалли сазовор ҳастанд. Якчанд омилҳо буданд, ки футуҳоти исломиро ба таври доимӣ мустаҳкам карданд ва дар кишварҳои фатҳшуда Исломро то рӯзи қиёмат устувор гардониданд. Чунончи қонунгузории исломӣ аз рӯзи аввал бар ҳамаи ин кишварҳо ҳукм ронданро осон кард; тариқати ҳукмронӣ ва сиёсатдонии ҳокимон аҳли ин кишварҳоро ба қабули Ислом омода сохт; ақидаи Ислом ва табаннии аҳком дар дилҳои касоне, ки мусулмон шуданд, Исломро ба таври абадӣ мустаҳкам ҷойгир кард. Ин корҳоро дар чанд нуқтаи зер ба таври умумӣ овардан мумкин аст:

1. Ислом дар ақида ақлӣ ва дар раъйҳову аҳком фикрӣ мебошад. Пас, Ислом ба ҳар як мўътақид фарз мегардонад, ки бо роҳи ақл имон биёрад ва аҳкоми онро бо ёрии ақл бифаҳмад. Аз ин рў, ҳангоме ки кас Исломро мепазирад, Ислом диққати ўро ба сўи махлуқоти Аллоҳ равона месозад, то ҳастии холиқи хешро идрок кунад, дар зеҳни ў фикри омўзиш ва истинботи аҳкоми шаръиро бармеангезад, то ба ин восита муаммоҳояшро ҳал намояд ва дар натиҷа ўро ба инсони фикрронанда табдил медиҳад. Ҳамин тавр, вақте ки ў ба Ислом ба шакли қатъӣ эътиқод мекунад, аҳкомашро мефаҳмад ва татбиқ мекунад, Ислом дар вуҷуди ў мустаҳкам ва абадӣ ҷой мегирад.

2. Ислом аз мусулмон хондану омўхтанро тақозо мекунад. Барои омўхтан ва фаҳмидани Ислом бо забон гуфтани калимаи шаҳодат басанда нест, балки Исломро бояд амиқ, равшан, огоҳона омўхт ва бо Ислом маърифатнок шуд. Ин омўзиш мусулмонро фарохбин мегардонад, донишашро мефизояд, ақлашро расо месозад ва ўро ба омўзгори дигарон табдил медиҳад.

3. Табиати мабдаъ ва аҳкоми шаръии Ислом воҷиб мегардонад, ки роҳи омўзиши он пешрафта, инчунин ба омўзанда ва ба муҳити зисти ў таъсирбахш бошад. Аз ин рў, мусулмонон Исломро барои амал меомўзанд, аҳкоми онро ба равиши фикрӣ азхуд мекунанд, ки чунин равиш ба дарёфтҳояшон таъсир мебахшад. Бинобар ин, онҳо ҳаёт ва вазифаҳои ҳаётиро дар партави фикри таъсирбахш ҳис мекунанд. Дар натиҷа, шавқу фидокорӣ ба Ислом, фикру дониши фарох ва биниши фарох дар мусулмонон ба назар мерасад. Чунки ақидаи исломӣ дар дилҳои онҳо мустаҳкам ҷой гирифтааст, онҳо раъйҳо, афкор ва аҳкоми Исломро баъди омўзишу баррасӣ танҳо барои амал пазируфтаанд.

Онҳо Исломро танҳо ҳамчун илм наомўхтанд. Вагарна ба китобҳое монанд мешуданд, ки аз маълумотҳо дар бораи Ислом иборатанд. Онҳо ба Ислом ҳамчун панду роҳнамоиҳои хушку холӣ гўш надоданд. Дар акси ҳол одамони рўякии аз ҳарорати имон маҳрум

мешуданд, балки онҳо аз ин ду ҷиҳати хатарнок канора гирифтанд: яке азхуд кардани Ислом ҳамчун ҳақиқатҳои хушке барои омӯзиш ва дуюм пазируфтани Ислом чун пандҳову роҳнамудҳои холӣ. Пиндорҳо ва аҳкомро дар чорчӯбаи тариқати Ислом қабул карданд, ки он бо амиқӣ, тафаҳҳум ва равшанӣ гирифтани Ислом аст, то онро дар майдони ҳаёт ба равиши амалӣ татбиқ кунанд.

4. Ислом тараққипарвар аст, аз дасти пайрави худ мегирад, то ӯро дар роҳи камолот равона созад. Ислом бар мусулмон амалҳои муайянеро фарз кард. Иҷрои ин амалҳо инсонро ба дараҷаи камолот мебардорад, ки ӯ дар он ҷо аз волоияти рӯҳӣ, осудагии қалб ва саодати ҳақиқӣ бархурдор мегардад. Амалҳои мазкур инсонро дар ин дараҷа устувор медорад, ки аз он фурӯ намеояд. Зеро агар ба пояи баланд расидан дар роҳи камолот душвор бошад, устувор истодан дар он поя боз ҳам душвортар аст. Бинобар ин, амалҳо доимӣ ҳастанд, на муваққата, то ки инсон ҳамеша дар ҳоли пешрафту тараққӣ бошад.

Ин амалҳо ибодотанд, ки баъзе фарз ва баъзе мандуб аст. Иҷрои амалҳои фарз аз тарафи ҳамаи мардум ҳадди умумии болоравиро ба вуҷуд меорад, ки он ногузир аст. Иҷрои амалҳои мандуб инсонро ба шитофтан дар роҳи камолот ташвиқ мекунад.

Барпо кардани ин ибодот кори сахту душвор, тоқатфарсову лоғаркунанда нест, дар анҷом додани онҳо маҳрумӣ аз матоъҳову лаззатҳои дунё, рӯй тофтан аз зебоиҳову хурсандиҳои он, шиканҷакунии ғаризаҳо ва мухолифати табиати инсон вуҷуд надорад. Ҳаргиз! Балки барпо доштани ин ибодот, агар фарз бошанд, барои ҳар як инсон новобаста ба дараҷаи қуввату иродаи ӯ кори осон аст. Онҳо инсонро аз зинати дунё бознамедоранд. Ҳамчунин мусулмонон ибодоти мандубро бо шавқу дилбохтагӣ баҷо меоранд ва мешитобанд, то онҳоро илова бар фарзҳо адо намоянд. Он гоҳ эшон ба таври амиқ пай мебаранд, ки аз хушнудии Аллоҳ баҳраманд мегарданд.

5. Мусулмонон кишварҳоро фатҳ мекарданд, то даъвати исломиро ба он ҷойҳо бирасонанд ва интишор диҳанд. Бинобар ин, онҳо худро сафирони раҳмат ва ҳидоят медонистанд, ба кишвар медаромаданд ва дар он ҷо бо Ислом ҳукм меронданд. Баробари ба зиммаи давлат гузаштани ҳимояи аҳолии кишвар онҳо дорои ҳуқуқ ва ўҳдадориҳои мусулмонон мешуданд. Ба кишварҳои фатҳшуда ҳуқуқу вазифаҳое, ки ҳар як кишвари дигари мусулмонон дар назди давлат дорад, дода мешуд. Ин кишвар ҳам ба як қисми Давлати Исломӣ табдил меёфт. Зеро дар Ислом низоми ҳокимият низоми ваҳдат аст. Аз ин рў, аҳолии кишварҳои фатҳшуда худро мустамлика ҳис намекарданд ва аз ҳеҷ ҷониб бўйи мустамликадорӣ ҳам ба машомашон намерасид. Бинобар ин, вақте ки мардумон ба таври амалӣ дар кайфияти ҳукмронии мусулмонон ҳақиқати Исломро диданд ва Исломро қабул карданд, ҳайратангез набуд.

6. Мабдаъ ва аҳкоми Ислом барои ҳамаи мардумон умумӣ мебошад ва омўхтани онҳо барои тамоми одамон мубоҳ аст, балки ба ҳамаи мардумон омўзондани онҳо фарз аст, то ҳаловати Исломро бичашанд ва ҳақиқатҳои онро идрок намоянд. Расул алайҳиссалоту вассалом волиёну ҳокимон ва муаллимонро мефиристоданд, ки ба мардум бо Ислом ҳукм меронданд ва Исломро меомўзонданд. Ҳамчунин мусулмонон ҳам баъди Пайғамбар (с) кишварҳоро фатҳ карда, бар онҳо ҳокимон ва муаллимонро таъйин менамуданд ва ба одамон Исломро фаҳмонда, аз аҳкоми Қуръон таълим медоданд. Пас, аҳолии кишварҳои фатҳшуда маърифатҳои исломиро пазируфтанд, то ин ки сақофаташон сақофати исломӣ гашт. Маорифи исломиро ҳатто он гурўҳҳое низ азхуд намуданд, ки худ Исломро қабул накарда буданд.

Шариати исломӣ шариати мукаммали умумиҷаҳонӣ мебошад. Бинобар ин, ҳангоме ки мусулмонон кишварҳоро фатҳ мекарданд, ба омўхтани қонунгузорӣ ва қонунҳои аҳолии кишвар мўҳтоҷ намешуданд, онҳо барои муолаҷаи муаммоҳои ҳаёт байни аҳкомеро, ки худ оварда буданд ва қонунҳоеро, ки пештар дар

кишвари фатҳшуда татбиқ мешуд, мувофиқ намекарданд. Балки эшон кишварро фатҳ карда, бо худ шариати мукаммалро мебурданд, пас, Исломро аз аввалин рӯзи фатҳи он кишвар татбиқ мекарданд. Тариқати мусулмонон дар татбиқ инқилобӣ буд, дар он татбиқи тадриҷӣ ё ислоҳсозӣ дида намешуд. Онҳо ба воқеъе, ки дучор мешуданд, эътибор намедоданд. Зеро онҳо кишварҳоро танҳо барои расонидани Ислом ва тағйир додани воқеи фасоду ҳаёти бесарусомони он кишварҳо фатҳ мекарданд. Ин рисолат тақозо менамояд, ки низоми пешин бартараф ва низоми нав ба таври фарогир татбиқ шавад. Аз ин рӯ, ҳукмронӣ бар кишварҳо аз рӯзи аввал барои онҳо осон ва ҳокимияташон комилан устувор буд. Онҳо аз ҳеҷ гуна "бӯҳрони қонунӣ" ва "давраи гузариш" душворӣ намекашиданд, зеро даъватро мерасонданд. Ин даъват ақида аст, ки аз он низомҳо, қонунҳо ва ҳукмҳо сарчашма мегиранд, ин даъват шариат аст, ки бар ҳамаи мардумон дар ҳар замону макон татбиқ мегардад.

# *ГУДОХТАН ВА БА УММАТИ ЯГОНА ТАБДИЛ ДОДАНИ ХАЛҚҲО*

Тамоми нимҷазираи Арабистон ба Ислом даромад, ширк дар он ҷо решакан гардид, ин нимҷазира ба дорулислом табдил ёфт, дигар дар тамоми гӯшаву канораҳои он бо Ислом ҳамчун ақида ва низом ҳукм ронда мешуд, Аллоҳ динро мукаммал кард, неъматашро ба мусулмонон пурра дод ва Исломро дини онҳо ихтиёр намуд, Расулуллоҳ (с) ба воситаи мактуб фиристодан ба подшоҳону ҳокимон, инчунин лашкар кашидан ба ҳудуди Рум дар ҷангҳои Мӯътаву Табук даъватро ба умматҳову халқҳои ҳамҷавор оғоз карданд ва ниҳоят пас аз анҷоми ин ҳама амрҳои бузург аз дунё реҳлат намуданд. Баъд аз Расул (с) хулафои рошидин омаданд ва футуҳот идома ёфт. Ҳамин тавр, Ироқро фатҳ карданд. Дар Ироқ насрониёну маздакиён ва зардуштиёни арабу форс бо ҳам омехта мезистанд. Форсро фатҳ карданд, ки дар он ҷо аҷамиён ва каме яҳудиёну румиҳо зиндагӣ ба сар мебурданд. Онҳо дар дини форсҳо буданд. Шом фатҳ карда шуд. Ин минтақа дар зери дасти Рум буд, ки бо ҳазорати румонӣ тарбия гирифта, аз дини насронӣ пайравӣ мекард. Дар Шом сурияғиҳо, арманиҳо, яҳудиён, як қисм румиҳо ва як қисм арабҳо истиқомат мекарданд. Миср фатҳ карда шуд. Дар Миср мисриҳо, як қисм яҳудиҳо ва як қисм румиҳо сукунат доштанд. Африкаи Шимолӣ фатҳ шуд. Дар он ҷо барбарҳо мезистанд ва дар зери дасти румиҳо буданд. Баъд аз хулафои рошидин умавиён омаданд. Онҳо Синд, Хоразм ва Самарқандро фатҳ карда, ин кишварҳоро ба ҳудуди заминҳои Давлати Исломӣ даровroutанд. Сипас, Андалус фатҳ гардид ва ба яке аз вилоятҳои

Давлати Исломӣ табдил ёфт. Миллат, забон, дин, урф, одат, қонун ва ҳазорати ин кишварҳо аз якдигар фарқ мекард ва табиист, ки онҳо ақлия ва нафсияҳои гуногун доштанд. Бинобар ин, ҷараёни пайвастан ба якдигар ва ташкил додани уммати ягонаи дорои дин, забон, ҳазорат ва қонуни ягона аз онҳо кори душвор ва амали пурмашаққат буд. Дар ин амр комёб гардидан чизи ғайриоддӣ ба ҳисоб рафта, он ғайр аз Ислом ба касе муяссар нагаштааст ва фақат Давлати Исломӣ онро дар амал иҷро намудааст. Зеро тамоми ин халқҳо, пас аз он ки рояти исломӣ бар онҳо соя афканд, Давлати Исломӣ бар онҳо ҳукмрон гашт ва эшон ба Ислом даромаданд, ба уммати ягона табдил ёфтанд, ки он уммати исломӣ мебошад. Ин табаддулот бо таъсири ҳукмронии Ислом бар ин халқҳо ва ақидаи исломиро пазируфтани онҳо рӯй дод. Дар гудозиши ин халқҳо якчанд омилҳо таъсир бахшид, ки муҳимтаринаш чаҳор кори зерин аст:

**1. Амрҳои Ислом;**

**2. Омехташавии мусулмонони фотеҳ бо халқҳои дигари фатҳшуда дар манзилу зиндагӣ;**

**3. Ба Ислом даромадани ҳамаи аҳолии кишварҳои фатҳшуда;**

**4. Инқилобе, ки дар мардуми мусулмоншуда рух дод ва онҳоро аз як ҳолат ба ҳолати дигар гузаронд.**

Амрҳои Ислом тақозо мекунад, ки мусулмонон ҳар чӣ метавонанд, ба Ислом даъват кунанд, даъвати онро бирасонанд ва ҳидояти онро густариш диҳанд. Ин кор ҷиҳод ва фатҳи кишварҳоро тақозо мекунад, то мардум ба фаҳмидани Ислом ва донистани ҳақиқати аҳкоми Ислом имкон биёбанд. Ҳамчунин тақозо мекунад, ки мардум ба ихтиёри худ вогузор шаванд, то ки агар бихоҳанд, Исломро бипазиранд ва агар нахоҳанд, дар дини худ бимонанд. Ислом кифоя донист, ки мардум дар боби муомалот ва уқубот ба аҳкоми шаръӣ сар хам кунанд, то ба воситаи ягонагии низоме, ки мушкилоташонро бо он муолиҷа менамоянд ва амалҳояшонро ба

танзим медароранд, дар корҳои мардум ҳамоҳангӣ рӯй диҳад. Илова бар ин, бояд ғайримусулмонон бидонанд, ки онҳо монанди мусулмонон, дар татбиқи низоми бар ҷомеа татбиқшаванда ҳамроҳи аҳли ҷомеа ширкат меварзанд, аз осудагӣ баҳраманд мешаванд ва дар сояи парчами Давлати Исломӣ умр ба сар мебаранд.

Амрҳои Ислом тақозо мекунад, ки ба зердастон на бо эътибори нажодӣ, фирқавӣ ва мазҳабӣ, балки бо эътибори инсонӣ бояд нигарист. Аз ин рӯ, ҳукмҳо бар мусулмону ғайримусулмон бе ягон ҷудокунӣ бо баробарӣ татбиқ мешавад. Аллоҳ Таоло дар сураи "Моида" фармудааст:

وَلاَ يَجْرِمَنَّكُمْ شَنَآنُ قَوْمٍ عَلَى أَلاَّ تَعْدِلُواْ اعْدِلُواْ هُوَ أَقْرَبُ لِلتَّقْوَى وَاتَّقُواْ اللّهَ إِنَّ اللّهَ خَبِيرٌ بِمَا تَعْمَلُونَ

"**Бадбинӣ бо гурӯҳи дигар водоратон накунад, ки адолат накунед. Адолат варзед, ки ба тақво наздиктар аст ва аз Аллоҳ битарсед, ки Ӯ ба ҳар коре, ки мекунед, огоҳ аст!**" [5:8].

Дар боби ҳукмронӣ ва қозигӣ ҳамаи мардум баробаранд. Бинобар ин, ҳоким ҳангоми ҳукмронӣ бар мардум танҳо ҷиҳати инсонии онҳоро ба назар гирифта, кору аҳволашонро нигоҳубин кунад, на ҷиҳати дигарро. Инчунин қозӣ ҳангоми қазоват дар байни мардум танҳо ба ҷиҳати инсонии шахсони додхоҳ эътибор нигаронида, даъвояшонро ҳал кунад, на ба ҷиҳати дигар. Низоми ҳокимият дар Ислом якпорчагии қисмҳои давлатро, инчунин ба воситаи сарфи мол аз байтулмоли давлат таъмин намудани талаботи ҳар як вилоятро, новобаста ба ин ки аз он вилоят молиёти кам ҷамъоварӣ мешавад ё зиёд, ба талаботи он вилоят пурра мерасад ё на, тақозо мекунад. Инчунин низоми ҳокимият дар Ислом тақозо мекунад, ки молия тавассути ҷамъ овардани молиёт аз ҳамаи вилоятҳо дар байтулмол ягона бошад. Ҳамин тавр, ҳамаи кишварҳои фатҳшуда

вилоятҳои давлати ягона мешавад, ки давлат дар идоракунӣ ҳатман ҳамаро ба кӯшиш дар роҳи омехташавӣ водор месозад.

Аммо омехташавии мусулмонони фотеҳ бо халқҳои дигар барои мусулмон шудан ва пайвастан бо соири мусулмонон аз бузургтарин омилҳои таъсирбахш буд. Зеро мусулмонон баъд аз фатҳи кишварҳо дар он ҷо сукунат варзида, ба аҳолӣ Исломро таълим доданд, онҳоро бо сақофати исломӣ тарбия карданд ва дар ҳамсоягӣ бо якдигар рӯз ба сар бурданд, ҳатто ки кишварҳо ба сукунатгоҳи ҳам фотеҳону ҳам мафтӯҳон табдил ёфт. Онҳо дар ҳама кору аҳволи ҳаёт иштирок намуда, ҳама сокинони кишвари ягонае гардиданд, ки бар онҳо аҳкоми ягона татбиқ мешуд. Онҳо ба ду гурӯҳ, яъне фотеҳу мафтӯҳ ва ғолибу мағлуб ҷудо нашуданд, балки ҳама шаҳрвандони давлат буданд, ки афроди он дар ҳама кору бори ҳаёт бо якдигар ҳамкорӣ мекарданд. Онҳо дар симои ҳокимон як навъ мардуми дигарро диданд, ки ҳанӯз чунин надида буданд. Ин ҳокимон мардуми кишвари фатҳшударо бо худ баробар медонистанд, чи дар кору аҳволи умумӣ ва чи дар ҳоҷоти хос ба хидмати мардум мешитофтанд. Ҳамин тавр, онҳо дар ҳокимон сифатҳои олиро диданд, ки ин сифатҳо ҳокимон ва Исломро маҳбуби онҳо гардонид. Ҳам ҳокимон ва ҳам мусулмонони дигар бо занони аҳли китоб хонавор шуда, забҳкарда ва таомашонро мехӯрданд. Чунин омехташавӣ омили мусулмон шудани мардум гардид. Зеро онҳо таъсири Исломро дар ҳокимон ва нури Исломро дар татбиқи низом диданд. Ҳамин тавр, ин халқҳо ба якдигар даромехтанд ва ба уммати ягона табдил ёфтанд.

Аммо ба Ислом даромадани кишварҳои фатҳшуда ба шакли умумӣ сурат гирифта буд. Аҳолии ҳар як сарзамин гурӯҳ-гурӯҳ ба дини Аллоҳ медаромад, ки ҳатто қисми хеле калони аҳолии кишварҳои фатҳшуда мусулмон шуданд. Ба Ислом даромадани ҷамоатҳои инсонҳо идома ёфт, тамоми мардум мусулмон шуданд ва Ислом дар байни фотеҳон маҳдуд намонд. Аҳолии кишварҳо ба сабаби

пазируфтани Ислом бо фотеҳон даромехтанд ва ба уммати ягона табдил ёфтанд.

Азбаски Ислом савияи ақлии мусулмонҳои навинро бардошт ва онҳоро соҳиби ақидаи исломӣ гардонд, дар вуҷудашон дигаргунии умумӣ падид омад. Зеро ақидаи исломӣ пойдевори фикрист, ки ҳамаи афкор бар он асос меёбад, дурустӣ ва нодурустии афкор бо ченаки ин пойдевор санҷида мешавад. Бинобар ин, Ислом онҳоро аз имони виҷдонӣ ба имони ақлӣ расонд, аз дараҷаи ибодати бутҳову оташ, аз сегонапарастӣ ва монанди он, аз пастнигоҳиву пастфикрӣ, ки ин ибодат тақозо мекунад, ба дараҷаи ибодати Аллоҳ ва ба рӯшанфикрию фарохнигоҳӣ, ки ибодати Аллоҳ тақозо мекунад, баровард. Акнун онҳо ба як ҳаёти дигар низ бовар мекарданд, азобу неъматҳои ин ҳаётро ҳамон тавре, ки Ислом дар Китобу суннат тавзеҳ додааст, тасаввур менамуданд. Дар натиҷа ба хулосае меомаданд, ки ҳаёти ҳақиқӣ ҳамон ҳаёт аст. Ҳамин тавр, ҳаёти дунё барои онҳо як маъно ва арзиши хоса пайдо кард, зеро ин ҳаёт роҳест ба сӯи ҳаёти дигари саодатмандона ва ҷовидона. Аз ин рӯ, онҳо ба ҳаёти дунё мароқ зоҳир намуданд, онро беэътибор нагузоштанд, асбоби онро ба даст гирифта, аз зинат ва ризқҳои ҳалолу покиза, ки Аллоҳ барои бандагонаш баровардааст, баҳраманд гаштанд. Ҳаёт дар назди онҳо миқёси дуруст ва тасвири ҳақиқӣ пайдо кард. Пештар миқёси ҳаёт, омили ба амал такондиҳанда, ғоя ва арзиши амал танҳо манфиат буд. Акнун ҳалолу ҳаром ба миқёси ҳаёт ва тасвири ҳаёт табдил ёфт, омили ба амал такондиҳанда фармонҳо ва боздоштҳои Аллоҳ шуданд, ғояи амал кардан мутобиқи фармонҳо ва боздоштҳои Аллоҳ розигии Аллоҳ шуд, ҳар чизе, ки ҳангоми даст задан ба иҷрои амал қасд карда мешуд, ба арзиши амал табдил ёфт. Бинобар ин, арзиши амалҳое, монанди намоз ё ҷиҳод, арзиши рӯҳӣ, арзиши амалҳое, монанди байъ ё иҷора, арзиши моддӣ ва арзиши амалҳое, монанди амонатгузорӣ ё меҳрубонӣ, арзиши ахлоқӣ шуд. Ҳамин тавр, мардум байни омили ба амал такондиҳанда ва байни арзишеро, ки амалро барои он анҷом медоданд, ҷудо карданд. Ислом ҳаётро

барояшон чунон тасвир кард, ки аз тасвири пешинаи он фарқ дошт, яъне ҳақиқати ҳаётро бо миқёсе, ки худ муқаррар сохта буд, ба таври ҳақиқӣ тасвир кард. Ин миқёс фармонҳо ва боздоштҳои Аллоҳ, яъне ҳалол ва ҳаром аст.

Ислом маънои ҳақиқии бахту саодатро ба онҳо омӯхт. Чунончи пештар хушбахтӣ дар назари онҳо қонеъгардонии талабот ва баҳраманд сохтани ҷасад аз лаззатҳо буд, акнун донистанд, ки хушбахтӣ ноил гаштан ба розигии Аллоҳ мебошад. Зеро хушбахтӣ осудагии доимии инсон аст. Осудагии доимӣ бо давидан аз паи лаззоту шаҳавот ба даст намеояд, балки онро танҳо бо роҳи расидан ба ризои Парвардигори оламиён метавон ба даст овард.

Ҳамин тавр, Ислом ба нигоҳи халқҳое, ки мусулмон шуданд, доир ба ҳаёт ва корҳое, ки дар ҳаёт анҷом мепазирад, таъсир расонид. Ислом мартабаи чизҳоро тағйир дода, мартабаи баъзеро бардошт ва мартабаи баъзе дигарро фуровард. Чунончи пештар ҳаёт барои инсон дар мартабаи аълотар ва мабдаъ нисбат ба ҳаёт дар мартабаи поёнтар қарор дошт. Ислом ин мартабаҳоро тағйир дода, мабдаъро дар мартабаи аввал ва ҳаётро дар мартабаи аз он поёнтар гузошт. Натиҷа чунон шуд, ки мусулмон ҳаёташро дигар дар роҳи Ислом мебахшид, зеро Ислом гаронбаҳотар аз ҳаёт аст. Пас, таҳаммули сахтиҳову душвориҳо дар роҳи Ислом аз боби авло мебошад. Ҳамин тавр, ашё дар ҳаёт ба мартабаҳои муносиб гузошта шуд ва ҳаёт волоият касб кард. Мусулмон дар ҳаёт аз осоиши доимӣ баҳраманд гашт. Барои тамоми олам мақсади олии ягона, беназир ва пойдору тағйирнаёбанда пешкаш карда шуд, ки он хушнудии Аллоҳ Таолост. Инак, мақсади олии инсонҳо тағйир ёфт. Пештар ин халқҳо мақсадҳои олии сершумор ва гуногун доштанд. Акнун мақсади олии онҳо ягонаи устувор гардид. Бо тағйир ёфтани мақсадҳои олии ин халқҳову умматҳо дар назди онҳо маънои ашё ва мафҳуми фазилатҳо нисбат ба маънову мафҳуми пешин тағйир ёфт. Шуҷоати шахсӣ, диловарии фардӣ, пуштибонии қавмӣ, фахрфурӯшӣ бо молу насаб, саховатмандӣ кардан то дараҷаи

исроф, ихлосмандӣ нисбат ба қабила ё қавм, сангдилӣ дар гирифтани интиқому қасос ва монанди ин асоси фазилатҳо ба шумор мерафт. Чун Ислом омад, ин корҳоро асоси фазилатҳо қарор надод ва онҳоро ба ҳоли худ ҳам нагузошт, балки онҳоро сифатҳое гардонид, ки инсон тибқи фармудаи Аллоҳ бо онҳо мавсуф шавад. Инсон танҳо ҷавобан ба фармони Аллоҳ Таоло бо ин сифатҳо мавсуф мешавад, на ба хотири фазилат будани онҳо, на барои манфиат, на барои он ки ифтихору сарбаландӣ меоранд ва на барои он ки расму анъана ва одобу одатҳои ҳазоратӣ ҳастанду бояд нигоҳ дошта шаванд. Сипас, Ислом воҷиб гардонид, ки инсон ба Аллоҳ ва фармону боздоштҳои Ӯ сар хам кунад. Пас, воҷиб аст, ки манфиатҳои шахс, қабила, халқ ва уммат танҳо фармонбари амрҳои Ислом бошад.

Ҳамин тариқ, Ислом ақлия (16) ва нафсия (17) и халқҳоеро, ки Исломро пазируфтанд, тағйир дод. Баъди ба Ислом даромадан шахсияти онҳо, нуқтаи назари онҳо дар бораи коинот, инсон ва ҳаёт, инчунин миқёсҳои онҳо барои тамоми ашёи ҳаёт нисбат ба ҳолати пешазисломии онҳо пурра дигаргун шуд. Онҳо акнун фаҳмиданд, ки ҳаёт дорои маънои хоса буда, он маъно сарбаландӣ ва камолот аст. Мақсади олии онҳо ягонаву устувор гашт, ки он ризои Аллоҳ аст. Ин мақсади олӣ, яъне ризои Аллоҳ саодатмандӣ буд, ки акнун ҳамеша аз пайи дарёфт намудани он мегаштанд. Ҳамин тавр, онҳо ба халқе табдил ёфтанд, ки аз халқи аввал фарқ дошт.

Бо сабаби тағйир ёфтани ин чор чиз ҳама халқҳои тобеи Давлати Исломӣ аз ҳолати аввала берун шуданд, афкор ва нуқтаи назари онҳо доир ба ҳаёт ба ҳам пайваст шуд, ҳатто ба фикри ягона ва нуқтаи назари ягона табдил ёфт. Ҳамчунин муолаҷоти муаммоҳои онҳо ба илоҷи ягона ва манфиатҳои онҳо ба манфиати ягона, яъне манфиати Ислом ҳамсон гашт. Ҳадафҳои онҳо низ дар ҳаёт ба ҳам пайванд хӯрд ва ҳадафи ягона, яъне олӣ кардани калимаи Аллоҳ

шуд. Ҳамин тавр, ҳатмӣ буд, ки тамоми ин халқҳо дар кураи Ислом гудохта шуда, ба уммати ягона, яъне уммати исломӣ табдил ёбанд.

# *ОМИЛҲОИ ЗАЪФИ ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ*

Давлати Исломӣ бар мабдаи Ислом асос меёбад. Ҳам қувват, ҳам бақо ва ҳам тараққиёти ин давлат танҳо дар ҳамин мабдаъ мебошад. Пас, мабдаи Ислом асоси мавҷудияти Давлати Исломист. Бинобар ин, Давлати Исломӣ бо қуввати Ислом қавӣ гардид ва дар муддати камтар аз як аср кишварҳои зиёди оламро фатҳ кард, ҳол он ки воситаи иртиботии он аспу шутур буд. Бо вуҷуди он ки воситаи нашри Ислом чандон васеъ набуд ва танҳо бо забону қалам маҳдуд мешуд, ҳамаи халқҳо ва умматҳои фатҳшуда дар муддати кӯтоҳ мусулмон шуданд. Вале омили асосие, ки тамоми ин дигаргуниҳоро бо суръат ба амал овард, Ислом мебошад, ки давлатро дорои чунин нерӯ гардонидааст.

Душманони Ислом инро дарк карданд ва донистанд, ки то замоне Ислом дар қалби мусулмонон ҷойгоҳи қавӣ дорад ва онро хуб мефаҳманду дуруст татбиқ мекунанд, кофирон ин давлатро ҳаргиз заиф гардонда наметавонанд. Бинобар ин, онҳо ба эҷоди воситаҳое пардохтанд, ки фаҳми Ислом ва татбиқи аҳкоми онро аз тарафи мусулмонон суст мегардонид.

Воситаҳои бисёрро барои сустгардонии фаҳмидани Ислом кор фармуданд, ки баъзе ба нусус ва баъзе ба забоне, ки воситаи баёни Ислом буд, инчунин баъзе ба мутобиқшавии Ислом ба воқеаҳои ҳаёт алоқа дошт. Ҳамин тавр, онҳо аз ҳадисҳои набавӣ истифода

карда, ба он ҳадисҳои бардурӯғро махфиёна ҳамроҳ намуданд, ки онҳоро Расул (с) нагуфта буданд. Вале душманон дар ин ҳадисҳо маъноҳои ғайриисломӣ ва пиндорҳои зиддиисломиро ҷо доданд, то мусулмонон онҳоро биёмӯзанд, амал кунанд ва аз Ислом дур шаванд. Воқеан, онҳо ҳадисҳои бардурӯғи бисёреро ба Расул (с) нисбат дода, ин ҳадисҳоро махфиёна ба ҳадисҳои дигар ҳамроҳ намуданд ва дар миёни мардум паҳн карданд. Лекин мусулмонон кирдори ин мулҳид18онро пай бурда, нақшаҳояшонро барҳам заданд. Олимон ва ровиёни ҳадис ба ҷамъоварии ҳадис пардохтанд, таърих ва сифоти ровиёни ҳадисро навиштанд, ҳадиси саҳеҳро аз ҳадиси заифу бардурӯғ ҷудо сохтанд. Дар натиҷа ҳадис муҳофизат карда шуд ва ривояти ҳадис бо ривояти табаа тобеин аз тобеин ва тобеин аз саҳоба маҳдуд гардид. Баъди инон дигар ҳеҷ як ривоят қабул карда нашуд. Ҳар як ровӣ муайян ва шинохта шуд. Табақаи китобҳои ҳадис маълум гашт. Ниҳоят барои мусулмон имкон пайдо шуд, ки агар ӯ ба ҳадисе амал кардан хоҳад, пас аз донистани санад ва матни он метавонад ҳадиси саҳеҳро аз ҳадиси заифу бардурӯғ бишносад. Илова бар ин, Давлати Исломӣ бар дасти ин мулҳидон бандҳои оҳанин зад ва бисёрии онҳоро бо ҷурми дурӯғ барбастан ба Расулуллоҳ (с) ба ҷазои қатл маҳкум сохт. Ҳамин тавр, фитнаи мазкур ба Ислом ва давлат ягон таъсири ҷиддӣ нарасонд. Пас аз ин, душманон ба сӯи забони арабӣ чашм ало карданд, зеро ба воситаи забони арабӣ Ислом баён мешуд. Онҳо барои аз Ислом ҷудо кардани ин забон мекӯшиданд. Лекин дар ибтидои кор комёб нагаштанд. Зеро мусулмонон ба кишварҳои фатҳшуда Китобу суннат ва забони арабиро бурда, дар баробари Қуръону ҳадис ба мардум забони арабиро низ меомӯхтанд. Мардум Исломро пазируфтанд ва забони арабиро он қадар мукаммал омӯхтанд, ки ҳатто ба дараҷаи устодӣ расиданд. Чунончи дар байни онҳо монанди Абӯҳанифа имомони муҷтаҳид, чун Башшор ибни Бард шоирони эҷодкор ва ба мисли Ибни Муқаффаъ нависандагони балеғ ба майдон омаданд. Кӯшиши мусулмонон барои омӯхтани забони арабӣ сахт буд. Имом Шофеӣ ба тарҷумаи Қуръон ва

хондани намоз бо забони ғайриарабӣ иҷозат надод. Шахсоне чун Абӯҳанифа, ки ба тарҷумаи Қуръон иҷозат медоданд, китоби тарҷумашударо мутлақо Қуръон наменомиданд. Ҳамин тариқ, ба забони арабӣ эътибори сахт дода мешуд. Зеро забони арабӣ дар Ислом як ҷузъи асосӣ ва яке аз шартҳои иҷтиҳод мебошад, ки фаҳмидани Ислом ва истинбот кардани аҳком аз манбаъҳои он фақат бо забони арабӣ ба амал меояд. Лекин баъди асри шашуми ҳиҷрӣ чун ҳокимият ба дасти касе гузашт, ки қадри забони арабиро намедонист, эътибор нисбат ба ин забон суст шуд ва аҳамияти он аз байн рафт. Бо ин сабаб иҷтиҳод барҳам хӯрд ва истинботи аҳком барои касоне, ки ин забонро намедонистанд, номумкин гардид. Дар натиҷа забони арабӣ аз Ислом ҷудо карда шуд ва давлат дар фаҳмидани аҳком, инчунин табиист, ки дар татбиқи аҳком ба ошуфтагӣ афтод. Аз ин рӯ, ҳолати мазкур ба давлат таъсири калон расонид, ки онро заиф сохт ва дар фаҳмидани рӯйдодҳои нав оҷиз гузошт. Дар натиҷа, вақте ки муаммо рух медод, ҳал намешуд ва ё нодуруст ҳал мешуд. Ҳамин тавр, ин вазъият дар назди давлат муаммоҳоро рӯиҳам анбошт, ки сабаби бемадорӣ ва нобудшавии давлат гардид.

Ин ҳама дар бораи нусуси Ислом ва забоне буд, ки Ислом бо воситаи он фаҳмида мешавад. Аммо мутобиқ сохтани Ислом бо воқеаҳои ҳаёт ин буд, ки аллакай дар асрҳои аввал барои мутобиқсозӣ байни фалсафаи ҳиндӣ ва Ислом кӯшишҳо сурат гирифтааст. Зуҳд, яъне тарки дунё ва талаби охират карданро гӯшанишинӣ ва азоб додани ҷасад маънидод намуданд. Дар натиҷа, бисёриҳо аз хушиҳои зиндагӣ ва даромехтан бо гирудори ҳаёт рӯ тофтанд. Ин ҳолат онҳоро дар киштзори Давлати Исломӣ ва дар майдони ҳаёти мусулмонон ғайрифаъол гардонид. Ҳамин тавр, давлат ҷаҳду тоқати зиёди фарзандони умматро аз даст дод, ки метавонист онро ба ҷои нигоҳ доштан дар шиканҷаи ҷасадҳо дар роҳи даъват ба Ислом кор фармояд.

Сипас, таҳоҷуми фарҳангӣ (19) аз Ғарб ба кишварҳои мусулмонон оғоз ёфт, ки ҳазорати зиддиисломиро интишор медод ва ба мусулмонон талқини дурӯғ мекард, ки Ғарб онро аз мусулмонон гирифтааст. Низомҳои зиддиисломиро оварда, мусулмононро бо фиреб мегуфтанд, ки ин бо аҳкоми Ислом мувофиқ аст. Қонунҳои мухолифи аҳкоми шаръиро пешкаш намуда, онро ба мусулмонон тавре вонамуд месохтанд, ки гӯё ба Ислом хилоф нест. Ин чиз ба мусулмонон сахт таъсир кард, ки ҳатто фарҳанги ғарбӣ бар онҳо ҳукмрон гашт ва ҳаётро иборат аз манфиат донистанд. Натиҷаи ҳамин буд, ки ҳатто дар замони Давлати усмонӣ баъзе низомҳои ғарбӣ қабул карда шуд. Пас, рибоғро таъвил карда, бонкҳо кушоданд, қонунҳои ғарбиро пазируфта, ҳадҳоро бекор карданд ва қонунҳои уқуботро ҳам аз Ғарб гирифтанд. Агарчи давлат бо ёрии фатвоҳо ба ҷоизии ин корҳо роҳ ёфта буд, ин корҳо барои давлат бадбахтии калоне шуд, ки онро аз ҳукмронӣ бо Ислом дур кард. Ин дуршавӣ ҳарорати имони давлатро паст гардонид ва табиист, ки аз роҳи ҳидоят берун баровард, инчунин сабаби заифгардӣ ва барҳамхӯрии он шуд.

Ин аз ҷиҳати фаҳмидан буд. Аммо аз ҷиҳати татбиқ, якчанд омил ба бадшавии татбиқ ёрӣ расонд. Аз ҷумла, ҳизбҳои сиёсие, ки амалӣ гаштани раъйҳои худро лозим медонистанд, бо мақсади татбиқи ин раъйҳо амалиётҳои ҳарбиро ҳамчун тариқати гирифтани ҳокимият баргузиданд, на умматро. Чунончи, аббосиҳо ошӯб ба роҳ андохта, бар Форсу Ироқ ҳукмрон шуданд. Ин вилоятҳоро нуқтаи такягоҳ қарор доданд, то аз ин ҷо ҳаракат кунанд ва давлатро ба даст даровaрда, ҳокимиятро дар ихтиёри Бани-Ҳошим супоранд. Сипас, фотимиҳо, ки Мисрро гирифта буданд, давлате барпо намуда, ҳамон Мисрро нуқтаи такягоҳ қарор доданд, то аз он ҷо ҳаракат кунанд ва Давлати Исломиро ба даст гирифта, бар асоси афкори исмоилияи мухолифи шариат ҳукумат ташкил диҳанд. Ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳолати якум садамаеро ба вуҷуд оварданд, ки футуҳотро дар ҳадде боздошт ва давлатро бо корҳои дохилӣ машғул сохт. Дар ҳолати дуюм байни ду давлат набардро ба вуҷуд

оварданд, ки ин чиз сабабгори дар ду давлат зистани мусулмонон гардид, ҳол он ки барои мусулмонон дар як вақт ташкил намудани беш аз як давлат ҷоиз нест. Бар асари ин корҳо давлат заиф шуд, аз футуҳот ва ҳамли даъват бозмонд. Вале омиле, ки ҳизбҳои сиёсиро ба интихоби чунин тариқат такон дод, пайравӣ ба тариқати аҳд додан барои халифа ва сипас, байъат кардан бо ӯ буд, ки ин амал аз тарафи халифаҳои умавӣ рух додааст. Дар ин тариқат умеди мунтазири байъат нишастан ва дар роҳи расидан ба ҳокимият ба байъат эътимод намудан вуҷуд надошт. Чунончи, Муовия ба хилофати писараш Язид аҳд дод ва сипас, барои ӯ байъат гирифт. Ҳамин тавр, ҳар як халифа ба шахси дилхоҳи баъд аз худ аҳд медод, сипас, мардум ба ӯ байъат мекарданд. Ин чиз мусулмононро ба байъати валиаҳди халифаи пешин равона сохт. Кам иттифоқ меафтод, ки онҳо бо шахси дигар байъат кунанд. Бинобар ин, тариқати мазкур ҳизбҳои сиёсиро маҷбур сохт, ки истифодаи қувваро ҳамчун тариқати расидан ба ҳокимият пеш гиранд. Гарчанд аҳд додан ҳам тариқате буд, ки Абӯбакр ҳангоми аҳд додан ба Умар кор фармудааст, нодуруст татбиқ кардани тариқати мазкур ба чунин натиҷаҳо оварда расонд. Зеро Абӯбакр дар хусуси шахсе, ки баъд аз он кас халифа мешуд, раъйи мусулмононро гирифт. Аз музокира ошкор гашт, ки номзадҳо ба мақоми хилофат Алӣ ва Умар мебошад. Сипас, Абӯбакр барои Умар аҳд дод ва ӯ номзад интихоб шуд. Баъди вафоти Абӯбакр байъат барои Умар анҷом пазируфт. Ин кори шаръист. Лекин хулафое, ки баъдтар ба дигарон аҳд доданд, татбиқи ин тариқатро вайрон карданд, чунки барои писар ё бародар ё яке аз аъзои оилаи худ ва гоҳо ба бештар аз як нафар аҳд доданд. Чунин татбиқи нодуруст сабаби маҳрумияти мусулмонон аз байъат додан ба шахси дилхоҳашон гардид, ки дар натиҷаи ин давлат заиф шуд. Ҳангоме ки давлат пурзӯр буд, таъсири ин корҳо чандон ба назар нарасид, вале минбаъд ҳангоми заифшавии давлат ин таъсир ошкор гардид.

Илова бар ин, мушкилоти давлат бо мавзӯи байъати халифа маҳдуд нашуд, балки асари он ба волиҳо ҳам гузашт. Чунончи

сукути Давлати аббосиҳо нисбат ба Абдурраҳмони Дохил (20) ва ӯро дар Андалус мустақил вогузоштан як қисми Давлати Исломиро ҷудо сохт, ки аз тарафи волиён ба таври алоҳида идора карда мешуд. Минбаъд ин волиён ба худ амирулмӯъминин унвон ниҳоданд. Андалус аз ҷисми давлат ҷудо нашуд, мусулмонони он ҷо низ аз мусулмонони дигар ҷудо нашуданд ва як ҷузъи уммати исломӣ боқӣ монданд, вале ин кишвар аз ҷиҳати идорӣ ҷудо шуд. Ҳолати мазкур ба заифшавӣ роҳ кушод ва дар натиҷа истилои онро аз тарафи куффор осон гардонид. Ҳамон вақт Давлати Исломӣ дар айни шӯҳрат ва авҷи қувват буд, вале Андалусро аз таҷовузи душман ва бархамхӯрӣ ҳимоя карда натавонист. Дар ғарби давлат ҳолат ҳамин буд. Аммо дар шарқ, азбаски ба волиён вилояти умумӣ ва салоҳиятҳои васеъ дода шуд, дар қалби онҳо эҳсосоти ҳукмронӣ ба ангезиш даромад ва дар тамаъи ҳокимият афтоданд. Ҳамин тавр, онҳо аз ҷиҳати идораи дохилӣ мустақил шуданд ва халифа ин корро пазируфт. Ин волиён аз минбарҳо дар ҳаққи халифа дуо мекарданд, дахлнопазирии ҳуқуқи таъйинро аз ҷониби халифа эълом медоштанд, пулҳоро бо номи халифа сикка мезаданд ва ба ӯ хироҷ мефиристоданду бас. Бинобар ин, вилоятҳо дар истиқлоли дохилӣ ба давлатчаҳо шабоҳат доштанд. Ҳолати салчуқиён, ҳамдониён ва дигар сулолаҳо ҳамин тавр буд. Ин ҳам яке аз сабабҳои заифгардӣ буд. Ҳамаи ин корҳо сабабгори заифгардии Давлати Исломӣ шудаанд. Ниҳоят, усмониҳо омаданд ва хилофатро ба даст гирифта, аксари кишварҳои исломиро дар зери салтанати худ муттаҳид сохтанд. Сипас, даъватро ба Аврупо расонда, футуҳотро аз нав оғоз намуданд. Вале ин ҳама пешравиҳо танҳо ба қувваи имони хулафои аввалини усмонӣ ва нерӯи лашкар такя мекард. Асоси ин корҳо фаҳмиши дурусти Ислом ва татбиқи пурраи он набуд. Бинобар ин, натиҷаеро, ки футуҳоти аввалин дода буд, футуҳоти усмониҳо надод. Қувват дар тамоми уммати исломӣ асос наёфта буд. Аз ин рӯ, дере нагузашта ин давлат ҳам заиф гардид, сипас, Давлати Исломӣ фурӯ афтод ва аз байн рафт. Бо таъсири омилҳои бисёре, ки рух медод ва ҳилаву найрангҳои гуногун, ки аз

тарафи душманони Ислом бар зидди ин давлат андешида мешуд, Давлати Исломӣ барҳам хӯрд. Омилҳои заифгардии давлат, ки сабаби барҳамхӯрии он гаштанд, дар ду омил хулоса карда мешавад: нотавонӣ дар фаҳмидани Ислом ва татбиқи нодурусти он. Бинобар ин, он чизе, ки Давлати Исломиро бозмегардонад, дуруст фаҳмидани Ислом аст. Он чизе, ки қудрати давлатро нигоҳ медорад, ҳамеша дуруст фаҳмидани Ислом, татбиқи дурусти Ислом дар дохил ва нашри даъвати он ба хориҷ мебошад.

# *ПАРОКАНДА ШУДАНИ ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ*

Дар Давлати Исломӣ нотавонии фикрӣ аз асри панҷуми ҳиҷрӣ – аз замоне, ки баъзе олимон ба бастани дари иҷтиҳод даъват намуданд, оғоз ёфт. Ин падида аз заифшавии давлат ҳушдор медод. Агарчи баъд аз ин ҳам муҷтаҳидон ба вуҷуд омаданд, лекин заъфи фикрӣ торафт пурзӯр шуда, ба ҳастии давлат таъсир расонд. Дар натиҷа парокандагӣ онро рахна кард ва тамоман заиф шуд. Вақте ки ҷангҳои салибдорон оғоз шуд, вазъият чунон буд, ки давлат дигар натавонист дар муқобили салибдорон устувор биистад. Давлат тақрибан ду асри пай дар пай гирифтори ҷангҳои давомнок гардид. Дар аввал пирӯзӣ ба ҷониби салибдорон буд. Бинобар ин, онҳо ба як қисми кишварҳои исломӣ ҳукмрон шуданд. Сипас, кишварҳои исломӣ тавонистанд, ки аз зери дасти онҳо раҳо ёбанд. Баъд аз он, ҳокимият ба дасти мамлукон гузашт, ки ба забони арабӣ ва ҷиҳатҳои фикрию ташреӣ бепарвоӣ карданд. Пас, дари иҷтиҳод баста шуд ва фаҳмидани Ислом суст гашт, олимон тақлидро ҳатмӣ гардонданд. Ҳамин тавр, нотавонии давлат афзуд. Истилои муғул мушт бар сари фитода буд, ки қуввати давлатро боз ҳам заифтар гардонд. Вале ин ҳама ба корҳои дохилии давлат таъсир расонданд, на ба корҳои хориҷӣ. Мавқеи байналхалқии он заиф нашуд. Давлати Исломӣ бо қувваву иқтидор ва ҳайбати худ боқӣ монд, ки қисми калонтарин ва пурзӯртарини кураи заминро фаро мегирифт. Давлати усмонӣ дар асри нӯҳуми ҳиҷрӣ – понздаҳуми милодӣ ҳукмронии бештари олами исломиро ба даст даровард. Дар асри даҳуми ҳиҷрӣ – шонздаҳуми милодӣ ба он

кишварҳои арабӣ ҳамроҳ шуданд, ки дар натиҷа қаламрави он хеле вусъат пайдо кард. Давлат ба пурзӯрсозии ҳокимият, ба тартибу интизоми лашкар ва ба шукӯҳу шаҳомати ҳукумат сахт аҳамият дода, ба футуҳот машғул шуд. Аммо ба забони арабӣ бепарвоӣ кард, ҳол он ки ин забон барои фаҳмидани Ислом зарурӣ ва яке аз шартҳои иҷтиҳод мебошад. Ба Ислом аз ҷиҳати фикр ва ташреъ эътибор дода нашуд. Бинобар ин, дараҷаи фикрӣ ва ташреии давлат паст шуд. Бо ин сабаб, давлат бо қувваи зоҳирӣ нерӯманд буд, вале дар хақиқат заифии он бо сабаби заифии фикрӣ ва ташреӣ ошкор ба назар мерасид. Давлати Исломӣ дар вақти худ ин нотавониро пай намебурд. Зеро он дар авҷи шӯҳрату азамат ва аз ҷиҳати нерӯи ҳарбӣ дар ғояти забардастӣ қарор дошт. Азбаски, фикр, қонунгузорӣ ва ҳазорати худро бо афкор, қонунгузорӣ ва ҳазорати Аврупо муқоиса карда, худро аз Аврупо бартар медид, ба ин нотавонӣ розӣ мешуд. Зеро Аврупо он гоҳ дар торикии ҷаҳолат ва зулмати нобасомониву ошуфтагӣ ба сахтӣ мезист, дар кӯшишҳои бедоршавӣ пешпо мехӯрд ва ҳар як ҳаракате, ки дар ин роҳ барпо мекард, ноком мегардид. Бинобар ин, вақте ки Давлати усмонӣ ҳолати худро бо ҳолати Аврупо муқоиса мекард, худро дар вазъи некӯ, бар низоми дуруст ва дорои ҳазорати воло медид. Ҳамин тавр, аз вазъияти дохилии худ бехабар монд, аз заъфи дохилӣ, шахшавии фикриву ташреӣ ва парешонии уммат огоҳ нашуд. Пирӯзӣ бар Аврупо, инчунин аз худ намудани Балкан ва қисмҳои ҷанубу шарқии Аврупо Давлати усмониро аз дидани нуқсонҳои дохилӣ оҷиз гардонда буд. Дар ҳақиқат, баъди ин комёбиҳо ҳама давлатҳои Аврупо аз Давлати усмонӣ ҳамчун Давлати Исломӣ ба биму тарс афтоданд. Ҳамаи онҳо ба хулосае омада буданд, ки лашкари исломӣ мағлубнашаванда аст ва ҳеҷ кас дар муқобили мусулмонон истода наметавонад.

Сипас, "масъалаи шарқӣ" ба миён омад, ки ҳамон вақт маънояш ҳимоя гирифтан аз хатари ҳуҷуми усмониён бо фармондеҳии Муҳаммади Фотеҳ дар асри нӯҳи ҳиҷрӣ (понздаҳи милодӣ) ва султонҳои баъди вай буд. Ин ҳуҷумҳо то охирҳои асри ёздаҳ бо

роҳбарии Сулаймони Қонунӣ идома ёфта, то миёнаҳои асри дувоздаҳи ҳиҷрӣ (ҳаждаҳи милодӣ) устувору қавӣ боқӣ монд. Дар ин муддат қуввати бардавомии Давлати Исломӣ омили фаъоле буд, ки ба давлат ин қувватро медод. Қуввати ақидаи мусулмонон, вуҷуд доштани пиндорҳои муайян дар бораи ҳаёт, гарчанд дар зеҳни мусулмонон тиpаву норавшан буд, мавҷудияти низоми Ислом дар ҳаёт, ҳарчанд нодуруст татбиқ мешуд, дар маҷмӯъ давлатро дастгирӣ карда, барқарориву тавонмандии онро таъмин намуданд. Дар ин ҷода вазъияти аз ҷиҳати фикриву ташреӣ бесарусомони Аврупо ба давлат кӯмак кард. Мумкин буд, ки давлат барои дуруст фаҳмидани Ислом ҳаракат кунад, ба забони арабӣ аҳамият диҳад, иҷтиҳодро дастгирӣ намояд, ба ҷиҳати фикрӣ ва ташреӣ эътиборро равона созад. Дар натиҷа, мустаҳкаму барқарор шавад, дар рӯи замин ба таври мукаммал пеш равад, бо ёрии Ислом гӯшаҳои дигари оламро фатҳ кунад, ба он Исломро бирасонад. Ҳамин тавр, худашро пойдор созад, оламро бо ҳазорати исломӣ обод кунад ва инсониятро аз банди фасоду шар бираҳонад. Аммо, мутаассифона, ҳеҷ як аз ин корҳо ба амал наомад. Ғайр аз бахшидани мансабҳои илмӣ ва таълимӣ ба баъзе арабҳо дигар ба забони арабӣ аҳамияте дода нашуд, ки ин дар тақвияти забон ва барангехтани фикр таъсире надошт. Зеро иқдоми мазкур ба зиндагардонии забон ва чунончи дар Давлати Исломӣ зарур аст, ба табдил додани забони арабӣ ба забони ягонаи давлатӣ хизмат накард. Нисбат ба ҷиҳати фикрӣ ва ҷиҳати фиқҳӣ низ коре ба анҷом нарасид. Бинобар ин, ин ҳаракати заифи нодуруст бетаъсир монд ва ҳолат дар роҳи каҷи худ идома ёфт. Чун нимаи дуюми асри дувоздаҳи ҳиҷрӣ (ҳаждаҳи милодӣ) фаро расид, ҳолат тағйир ёфт ва заифии дохилӣ падидор шуд. Зеро давлат бар боқимондаҳои низоми исломие, ки нодуруст татбиқ мешуд ва бар афкори ноустуворе, ки баъзе исломӣ ва баъзе афкори бегонаи ба Ислом даровардашуда буданд, такя мекард. Ҳокимият умуман нисбат ба худи низоми исломӣ бештар дар муҳити низоми исломӣ қарор дошт. Зеро бо туфайли набудани иҷтиҳод ва муҷтаҳидон афкори

исломӣ ғалат фаҳмида мешуд ва низоми Ислом нодуруст ба татбиқ мерасид.

Чун асри сездаҳи ҳиҷрӣ (нуздаҳи милодӣ) фаро расид, тарозуи таърих дар байни Давлати Исломӣ ва давлатҳои дигари ғайриисломӣ тағйир ёфт. Паллаи олами исломӣ торафт сабук гардида, паллаи давлатҳои аврупоӣ оҳиста-оҳиста вазнин шуд. Дар Аврупо бедорӣ оғоз ёфта буд. Натиҷаҳои бедорӣ намоён мегашт, натиҷаҳои шахшавии фикрӣ ва татбиқи нодурусти Ислом дар назари мусулмонон намудор мешуд. Зеро асри нуздаҳ шоҳиди инқилоби бузург ва тағйироти фарогир дар афкори аврупоӣ гардид, ки бо туфайли меҳнати бузурги файласуфон ва нависандагону муфаккирон баҳри эҳёи халқҳо ба вуҷуд омад. Сипас, ҳаракатҳои гуногун сар заданд, ки барои эҷоди раъйҳои навин оид ба нуқтаи назар дар бораи ҳаёт таъсир расонд. Яке аз муҳимтарини рӯйдодҳо табдил додани низомҳои сиёсӣ, қонунгузорӣ ва тамоми низомҳои ҳаёт буд. Салтанати истибдодӣ оҳиста-оҳиста дар Аврупо барҳам хӯрд ва ҷои онро низомҳои нави ҳукуматдорӣ гирифт, ки бар асоси ҳокимияти парлумонӣ ва сиёдати халқ барпо шуданд. Вазъияти мазкур ва инқилоби саноатӣ, ки рӯйдоди ҳамин аср буд, дар пешрафти бедоршавии Аврупо таъсири бузургу фаъол расонид. Бисёри ихтироот ҳам дар ин аср рӯй дод. Ҳамаи ин корҳо умуман дар пурзӯршавии Аврупо ва пешрафти фикриву моддии он таъсири фаъол дошт. Бо туфайли ин қувваҳои моддӣ ва пешрафти илмӣ паллаи олами аврупоӣ аз олами исломӣ дар мавқеи байналхалқӣ хеле гарон шуд. Дар натиҷа мафҳуми масъалаи шарқӣ тағйир ёфт. Акнун он на масъалаи ҳимояи Аврупо аз хатарҳои исломӣ, балки масъалаи боқӣ гузоштан ё тақсим кардани Давлати усмонӣ шуд. Давлатҳо тибқи ихтилоф дар бораи манфиат дар ин масъала низ ихтилоф карданд. Дигаргунӣ дар мафҳуми масъалаи шарқӣ, инчунин натиҷаи болоравии фикрӣ, пешрафти илмӣ, инқилоби саноатӣ дар аҳволи Аврупо ва заъфу парокандагие, ки дар Давлати усмониҳо ба вуҷуд омад, дар маҷмӯъ ба инқилоби сиёсии байни Давлати усмонӣ ва

давлатҳои куфр оварда расонид. Дар натиҷа, паллаи тарозуи аврупоиён гарон ва аз мусулмонон сабук шуд.

Сабаби ин инқилоби сиёсӣ дар шароити Аврупо кӯшиши муфаккирони он барои роҳ ёфтан ба як низоми ҳаёт буд. Дар ҳақиқат, аз тарафи аврупоиён пазируфта шудани нуқтаи назари муайян дар бораи ҳаёт, эътиқод ба ақидаи муайян ва барпо кардани низом бар асоси ин ақида пиндорҳои онҳоро дар бораи ашё ва дараҷаи қиматҳоро дар назди онҳо тамоман тағйир дод. Ин ҳолат дар ҳаёт дигаргуниҳои умумиро ба вуҷуд овард ва дар рух додани инқилоби саноии бузург ёрӣ кард. Ҳолати олами исломӣ ё Давлати усмонӣ, ки роҳбарии олами исломиро бар дӯш дошт, акси ҳолати Аврупо буд. Зеро ин давлат мебоист, ки ба аҳволи худ нигоҳи дуруст афканад, дар бораи мабдаи худ фикри амиқ ронад, афкорро барангезад, барои ба вуҷуд овардани иҷтиҳод бикӯшад, муаммоҳояшро мувофиқи аҳкоме, ки аз ақидаи худаш сарчашма гирифтааст, муолиҷа кунад ва ба илму саноат рӯй орад, вале ба ҷои ин ҳама аз дигаргуниҳои Аврупо ба ҳайрату изтироб афтода, аз ҳайрат дар ҷояш шах шуд. Дар натиҷа Давлати усмонӣ аз ҷиҳати илмӣ ва саноатӣ ақиб монд. Ҳамин тавр, дар тараққиёти моддӣ нисбат ба давлатҳои дигар қафомонда шуд. Сирри масъала он аст, ки Давлати усмонӣ Давлати Исломӣ ва халқҳое, ки дар зери ҳокимияти он мезистанд, мусулмон буданд. Ислом ақида ва низоми давлат буд, афкори Ислом афкори он, нуқтаи назари Ислом дар бораи ҳаёт нуқтаи назари он буд. Бинобар ин, давлат мебоист ба афкори наве, ки дар Аврупо пайдо шуда буд, нигоҳ афканад ва онҳоро бо қоидаи фикрии худаш муқоиса кунад, ба муаммоҳои нав аз нуқтаи назари исломӣ бингарад, сипас, бар афкор ва муаммоҳо бо иҷтиҳоди дуруст мувофиқи нуқтаи назари Ислом баҳо диҳад ва дар бораи онҳо аз ҷиҳати дурустиву нодурустӣ ҳукм барорад. Лекин давлат ин корро накард, зеро афкори исломии возеҳу равшан ва пиндорҳои муайян надошт. Инчунин ақидаи исломӣ дар назди вай асоси фикрие набуд, ки тамоми афкори дигар бар он бунёд гардад, балки он ақидаи тақлидӣ буд. Ҳамин тавр, асосе, ки

давлат бар он бунёд мешавад, яъне ақида ва афкор барои Давлати усмонӣ возеҳу равшан набуд. Низом бо сабаби набудани иҷтиҳод шах шуд. Ҳазорат, ки маҷмӯи пиндорҳо дар бораи ҳаёт аст, шакли муайян ва бо корҳои давлат ҳамбастагӣ надошт. Сабаби ин мушкилот фурӯравии фикрӣ ва мавҷуд набудани бедорӣ буд. Бинобар ин, мусулмонон дар баробари инқилоби фикрӣ ва саноатӣ, ки дар Аврупо мушоҳада намуданд, моту мабҳут монданд, дар бораи гирифтан ё тарк кардани он ба қароре наомаданд. Онҳо байни илм, саноат ва ихтироотро, ки гирифтанашон ҷоиз аст, байни фалсафаеро, ки нуқтаи назарро дар бораи ҳаёт муайян мекунад, инчунин байни ҳазоратро, ки маҷмӯи пиндорҳо дар бораи ҳаёт аст ва гирифтани ин ду ҷоиз нест, ҷудо карда натавонистанд. Бинобар ин, мусулмонон аз ҳаракату пешравӣ бозмонданд. Ин беҳаракатӣ сабаби бозистодани корвонашон гардид, ҳол он ки корвони давлатҳои аврупоӣ пеш мерафт. Ҳамаи ин корҳо бо сабаби дуруст нафаҳмидани Ислом, идрок накардани фарқи байни афкори аврупоӣ ва афкори исломӣ, ҷудо накардани байни илм, саноат ва ихтироотро, ки Ислом ба гирифтани онҳо тарғиб мекунад ва фалсафаву ҳазорату фикрро, ки Ислом аз гирифтани онҳо бозмедорад, рух дод.

Оре, Ислом бар усмониҳо норавшан гардид, ки онро дуруст нафаҳмиданд. Ин норавшанӣ уммат ва давлатро ба ҳолате андохт, ки ҳар гуна тарзи зиндагӣ пеш меомад, зиндагӣ мекарданд ва ба низоме, ки худ доштанд, эътибор намедоданд. Ҳол он ки душманонашон тибқи низоми муайян ҳаёт ба сар мебурданд. Ҳамин тавр, Аврупо новобаста ба чигунагии ақида ва фалсафааш соҳиби мабдаъ гардид. Уммати исломӣ, гарчи худ соҳиби мабдаи дуруст буд, дар хаёли мабдаъе мезист, ки он мабдаъ тӯли қарнҳо бар ин уммат пинҳона менигарист. Зеро дар вазъияти татбиқи нодурусти мабдаи худ умр ба сар мебурд. Бо вуҷуди он ки Расулуллоҳ (с) фармудаанд:

"تَرَكْتُ فِيكُمْ مَا إِنْ تَمَسَّكْتُمْ بِهِ لَنْ تَضِلُّوا كِتَابُ اللهِ وَسُنَّتِي"

"**Дар байни шумо Китоби Аллоҳ ва суннатамро вогузоштаам, ки агар ба онҳо чанг бизанед, ҳаргиз гумроҳ намегардед**", агарчи давлат Давлати Исломӣ ва уммат уммати исломӣ буд, гарчанд сарвати фикриву фиқҳӣ дар ҳудуди дастрас қарор дошт, давлат маънои ин ҳадисро нафаҳмид, то ба аслҳои Ислом бо ин эътибор, ки Ислом аз ақида ва низом иборат аст, баргардад ва ҳамчунин аз сарвате, ки умматҳои дигар ҳамтояшро надоранд, баҳра набурд.

Оре, давлат аз он баҳра набурд. Зеро вақте ки иҷтиҳод ва фаъолияти фикрӣ бозистод, пиндорҳои исломӣ дар зеҳни мусулмонон заиф гашт, маорифи исломӣ қафо монд, китобҳо ва сарватҳои илмӣ дар анборҳо монданд. Он гоҳ олимони муфаккир ҳам хеле кам буданд, рағбат ба ҷустуҷӯ ва пайгирии ҳақиқатҳо хеле коҳиш ёфта буд, маърифат барои амал кардан дар арсаи давлатдорӣ ва майдони ҳаёт омӯхта намешуд, зеро давлат инро дастгирӣ намекард. Ҳатто олимон илму сақофатро барои парвариш додани ақл меомӯхтанд ва инро талаби илм баҳри илм меномиданд ё онҳо илмро бо тамаъи ризқу рӯзӣ меомӯхтанд. Дар байни онҳо олимоне, ки илмро барои манфиати уммат ва давлат биҷӯянд, кам буданд. Бо ин сабаб, ягон ҳаракати илмӣ ё сақофӣ ва ё ташреӣ пайдо нашуд, дар натиҷа фаҳмидани Ислом дарҳам печид. Мусулмонон Исломро бештар ба маънои рӯҳӣ мефаҳмиданд, на ба маънои фикрӣ, сиёсӣ ва ташреӣ. Зеро фикрати асили Ислом ва тариқати он, ки ба воситаи ин тариқат фикрат амалӣ мешавад, норавшан буд. Аз ин рӯ, барои мусулмонон фаҳмидани Китобу суннат норавшан гардид ва эшон Исломро танҳо аз ҷиҳатҳои рӯҳӣ иборат донистанд. Онҳо мебоист, ки ба Ислом ҳамчун ақида ва низом барои тамоми корҳои ҳаёт бингаранд, вале ба ҷои ин Исломро монанди динҳои рӯҳӣ бо динҳои дигар аз ҷиҳати бартарият муқоиса мекарданд. Бинобар ин, тааҷҷубовар набуд, ки уммати исломӣ дар зери раҳбарии Давлати усмонӣ аз ҳаракати инқилобии Аврупо карахту ҳайрону нигарон шавад, аз тараққиёти фарогири иқтисодии Аврупо, аз ихтирооти сершумор ва аз ҳаракати саноатӣ, ки Аврупоро пеш бурд, мутаассир нагардад ва

қафо монад. Бале, қисман мутаассир шуд, вале ба шакли бетартибу парешон, ки фоидае надошт ва ба давлат имкони пешрафти моддиро надод. Ин таъсири ҷузъӣ ҳатто натавонист ҷараёни қафомониро, ки давлатро ба фурӯравӣ ва нотавонӣ мекашид, боздорад. Сабаб ин буд, ки мусулмонон илмро аз сақофат ва ҳазоратро аз маданият фарқ карда натавонистанд, дар натиҷа барои гирифтан ё тарк намудани онҳо ба ҳайрат афтоданд. Бисёр касон ҳамаи онҳоро ба Ислом зид медонистанд ва қабул намудани онҳоро ҳаром мехонданд. Ҳатто вақте ки чопхонаҳо пайдо шуданд ва давлат барои чоп кардани Қуръони карим тасмим гирифт, фақеҳон ин иқдомро ҳаром ҳукм карданд. Онҳо ба ҳаромии ҳар як чизи нав, ба куфри ҳар як омӯзандаи илмҳои табиӣ ва ба зиндиқиву мулҳидии ҳар як муфаккир фатво медоданд. Гурӯҳи андаке ҳам буданд, ки аз Ғарб гирифтани ҳама чиз – илм, сақофат, ҳазорат ва маданиятро зарур медонистанд. Ин гурӯҳро касоне ташкил медод, ки ё дар Аврупо ё дар мактабҳои миссионерӣ, ки дар дохили мамлакат аллакай фаъолият мекард, таълим гирифта буданд. Онҳо дар ибтидо чандон таъсире надоштанд. Оммаи мардум кӯшиши мувофиқгардонии Исломро бо сақофату илм ва ҳазорату маданияти Ғарб ҷонибдорӣ мекарданд. Дар ҳақиқат, дар давраҳои охирини Давлати усмонӣ фикрате бо мазмуни зайл ҳукмрон буд: "Ғарб ҳазораташро аз Ислом гирифтааст, Ислом пазируфтани чизеро, ки бо он мувофиқ аст ва амал карданро бо чизе, ки мухолифи он нест, бознамедорад". Ғарб дар интишор додани ин фикрат комёб гардид, ки ниҳоят ин фикрат ҳукмрон гашта, оммаи мардум, хусусан донишҷӯён ва бештари фақеҳону олимон онро қабул ва нашр карданд. Ин гурӯҳи уламоро олимони замонавӣ номида, ба онҳо унвони ислоҳгароёнро доданд. Азбаски дар байни сақофати ғарбӣ ва сақофати исломӣ зиддияти ҳақиқӣ мавҷуд аст, бинобар асоси ноҳамгунии ошкори сақофати ғарбӣ ва маъноҳои ба нуқтаи назари ҳаёт тааллуқдор, ки ин сақофат дарбар мегирад, бо сақофати исломӣ ва маъноҳои ба тарзи зиндагӣ тааллуқдор, ки ин дарбар мегирад, мувофиқ кардани байни Ислом ва афкори Ғарб

номумкин аст. Ин фаҳми ғалат сабаби аз Ислом дур шудани гурӯҳи номбурда гардид ва онҳоро ба шакли ошуфта ба афкори ғарбӣ наздик кард. Дар натиҷа онҳо ҳам аз фаҳмидани афкори Ғарб оҷиз шуданд ва ҳам аз Ислом дур гаштанд. Ин чиз дар беэътиноӣ нисбат ба ихтироот, улум ва саноат таъсири калон расонид. Инчунин дар нодуруст фаҳмидани Ислом таъсири бузурге гузошт, ки умматро ба маҷмӯаи дорои фикрҳои зиддиятнок табдил дода, давлатро ба ҳолате расонид, ки дигар дар фикри муайяне устувор истода натавонист. Инчунин умматро ба ҳолате гирифтор кард, ки аз гирифтани воситаҳои тараққиёт – илм, ихтироот ва саноат сар печид. Дар натиҷа Давлати Исломӣ ошкоро заиф гашта, ҳатто қуввати бозистодан накард ва аз ҳимояи худ ҳам оҷиз монд. Пас, бо туфайли ин нотавонӣ душманони Ислом як-як бурида гирифтани қисмҳои Давлати Исломиро сар карданд ва давлат дар баробари ин амали онҳо оҷизу таслим монд. Ҳуҷуми табширӣ (21) бо номи илм ба даруни уммат даромад, ба сафҳои он рахна андохт ва дар дохили кишварҳои исломӣ оташи фитнаро афрӯхт. Ҳаракатҳои гуногун, ки ҷисми давлатро нобуд месохтанд, комёб гардид. Дар ҳама гӯшаҳои давлат – дар Балкан, Туркия, кишварҳои арабӣ, Арманистон ва Курдистон фикрати миллатпарастӣ пайдо шуд. Соли 1914, ки давлат аллакай ба лаббаи ҷарии ҳалокат расида буд, бо ҳамин ҳол ба ҷанги якуми ҷаҳон ҳамроҳ шуда, аз ҷанг мағлуб баромад ва баъд аз ин тамоман барҳам дода шуд. Ҳамин тавр, Давлати Ислом аз байн рафт ва он орзуи палиде, ки Ғарб тӯли қарнҳо дар хоб медид, амалӣ шуд. Ин хоб нобуд кардани Давлати Исломӣ барои барҳам додани Ислом буд. Бо барҳам хӯрдани Давлати Исломӣ дар ҳамаи кишварҳои исломӣ ҳокимият ғайриисломӣ гашт ва акнун мусулмонон дар зери парчамҳои ғайриисломӣ зиндагонӣ мекунанд. Пас, корашон табоҳ ва ҳолашон хароб аст, дар сояи низоми куфр умр ба сар мебаранд ва ҳокимияти куфр бар сарашон ҳукм меронад.

# *ҲУҶУМИ ТАБШИРӢ*

Аврупо ба олами исломӣ бо номи илм ҳуҷуми табшириро оғоз намуд ва барои ин кор маблағи калон ҷудо кард. Бо ибораи дигар, Аврупо дар зери ниқоби илм ва инсондӯстӣ бо роҳи табшир ба ҳуҷуми истеъморгарона гузашт. Он мехост, ки бо ин восита дар мамлакат барои сохтани идораҳои иттилоотии (22) сиёсӣ ва марказҳои истеъмори сақофӣ имкон ёбад, то ки онҳо пешоҳангони истеъмори ғарбӣ бошанд. Ҳамин тавр, барои ин истеъмор майдон васеъ ва дарвозаи олами исломӣ калон кушода шуд, дар бисёри кишварҳои исломӣ ҷамъиятҳои табширӣ паҳн гардид. Калонтарини онҳо ҷамъиятҳои англисӣ, франсузӣ ва амрикоӣ буд. Ба воситаи ин ҷамъиятҳо нуфузи франсузӣ ва англисӣ дохил шуд ва ин ҷамъиятҳо бо гузашти замон пешбарандаи ҳаракатҳои миллатгароӣ гардид. Ин ҷамъиятҳо раҳнамоии донишҷӯёни мусулмон ё раҳнамоии миллатгароии арабӣ ва туркиро бо ду мақсади асосӣ ба даст даровroutерданд. Якум, ҷудо кардани арабҳо аз Давлати усмонии мусулмон барои тамоман нобуд сохтани Давлати Ислом. Онҳо барои барангехтани ғурури миллӣ ба ин давлат "Туркия" ном гузоштанд. Дуюм, аз робитаи ҳақиқӣ, яъне робитаи Ислом, ки мусулмонон ғайр аз ин робитаи дигареро эътироф намекарданд, дур кардани мусулмонон. Кофирон нақшаи якумро амалӣ сохтанд, вале дар нақшаи дуюм ба мақсад нарасиданд ва он чун пештара пойдор монд. Бинобар ин, раҳнамоӣ ба сӯи

миллатгарой дар миёни туркҳо, арабҳо, форсҳо ва ғайраҳо ваҳдати мусулмононро аз ҳам гусаста, эшонро аз мабдаашон гумроҳ мекунад. Ин ҷамъиятҳои табширӣ якчанд марҳиларо тай кард ва таъсири он дар олами исломӣ хеле назаррас аст. Нотавонӣ ва фурӯравӣ, ки имрӯз дарди онро мекашем, самараи талхи ин фаъолият аст. Зеро ин ҷамъиятҳо хишти аввалин буданд, ки истеъмор барои бунёд кардани девор дар байни мову бедорӣ гузоштааст ва байни мову мабдаамон – Исломро бо ин девор ҷудо кардааст. Он чӣ, ки аврупоиёнро ба фикри ташкил кардани ҷамъиятҳои табширӣ дар олами исломӣ водор сохт, аламе буд, ки аз салобат ва шикебоии мусулмонон дар ҷиҳод ҳангоми ҷангҳои салибдорон кашидаанд. Зеро ғарбиён ҳангоми дар майдони набард бо мусулмонон вохӯрдан мувофиқи раъйи худ ба ду кор эътимод карданд. Онҳо барои батамом барҳам додани Ислом ва мусулмонон бар ду кор зерин аҳамияти калон доданд:

Якум, онҳо бар насрониҳое, ки дар олами исломӣ сукунат доштанд, эътимод карданд, зеро дар кишварҳои исломӣ, хусусан дар кишвари Шом насрониён хеле бисёр буданд. Ин насрониён дини худро маҳкам медоштанд. Бинобар ин, ғарбиён инҳоро бародарони динӣ ҳисобида, гумон намуданд, ки онҳо бар зидди мусулмонон хоҳанд баромад ва бар суди салибдорон ва зиёни мусулмонон ҷосусӣ хоҳанд кард. Зеро ғарбиён ин ҷангро ҳамчун ҷанги динӣ барангехта буданд.

Дуюм, онҳо ба бисёрии адад ва бузургии қувваашон такя мекарданд. Он вақт мусулмонон пароканда ва номуттаҳид мезистанд, ба вуҷуди онҳо харобӣ роҳ ёфта буд. Бинобар ин, душманон гумон карданд, ки агар мусулмононро дар зарбаи якум шикаст диҳанд, то абад онҳоро фармонбардори худ месозанд, он гоҳ барҳам додани мусулмонон ва динашон осон мегардад. Лекин фолашон барбод рафт ва гумонашон нодуруст баромад. Чун дар аснои ҷанг диданд, ки насрониёни араб аз ҷониби мусулмонон ҷангида истодаанд, онҳоро даҳшати бузурге фаро гирифт.

Ташвиқоти салибдорон ба насрониёни кишварҳои исломӣ таъсир накард. Онҳо дар сафи мусулмонон истода ҷанг мекарданд, зеро дар дорулислом сукунат доштанд ва бар онҳо низоми исломӣ татбиқ мешуд. Онҳо аз ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мусулмонон бархӯрдор буданд. Мусулмон аз таоми насронӣ мехӯрд, бо зани насрония издивоҷ мекард, бо наздикони зан робитаи хешутаборӣ ба роҳ мемонд. Мусулмонону насрониён дар майдони ҳаёт ҳамдилона мезистанд, зеро Ислом тамоми ҳуқуқҳояшонро ҳимоя мекард. Халифаҳо ва ҳокимон низ дар ин чорчӯба амал мекарданд. Дар Давлати Ислом кор ҳамин тавр буд. Ибни Ҳазм гуфта буд: "Агар душман ба кишвари мо ҳамлавар шавад ва ба аҳли зимма дар ҳамсоягии мо ҳуҷум кунад, дар роҳи ҳимоя ва мудофиаи онҳо мурдан яке аз ҳуқуқҳои аҳли зимма бар ӯҳдаи мо мебошад. Ҳар як кӯтоҳӣ дар ин кор, беэътиборӣ кардан ба ҳуқуқи зиммиён аст". Қарофӣ мегӯяд: "Аз вазифаҳои мусулмон дар назди аҳли зимма ин аст, ки бо заифони онҳо меҳрубонӣ кунад, ҳоҷати фақиронашонро бароварад, ба гуруснагони онҳо таом диҳад, бараҳнагонашонро бипӯшонад, бо онҳо бо сухани мулоим гуфтугӯ кунад, озори ҳамсояи зиммиро, бо вуҷуди тавони бартарафсозии он, аз ҷиҳати мулоимхӯӣ таҳаммул кунад, на аз ҷиҳати тарс ва таъзим, дар ҳама корҳо онҳоро холисона роҳнамоӣ кунад, озори касонро аз онҳо боздорад, мол, оила, обрӯ ва ҳама ҳуқуқу манфиатҳояшонро ҳимоя намояд, бо онҳо ҳар як муомиларо бо ахлоқи писандида анҷом диҳад". Ин ҳама, ба равиши табиӣ насрониёнро дар мудофиа бо мусулмонон ҳамдаст гардонид. Салибдорон чун диданд, ки дар масъалаи дуюм гумонашон амалӣ нашуд, дučанд ба даҳшат афтоданд. Ҳодиса чунин рух дод, ки салибдорон кишвари Шомро истило карда, мусулмононро шикасти сахт доданд ва ба зишттарин корҳо даст заданд. Аввалин муомилае, ки бо мусулмонон анҷом доданд, аз диёр рондани онҳо буд. Онҳо дар ҳама ҷангҳои худ бо мусулмонон ҳамин тарз рафтор карданд. Чунин тарзи рафтори салибиён то имрӯз идома дорад, ки Фаластин намунаи ошкори он аст. Онҳо гумон мекарданд, ки кор ба фоидаи онҳо анҷом

пазируфтааст ва акнун мусулмонон қад рост карда наметавонанд. Вале мусулмонон барои берун рондани онҳо аз кишвар ҳамеша тасмим доштанд. Ҳарчанд онҳо муддати қариб ду аср ин ҷо монда, дар кишварҳои мусулмонон шоҳигариҳо ва аморатҳо барпо карданд, дар ниҳоят бо дасти мусулмонон мағлуб гаштанд ва аз ин диёр ронда шуданд.

Кофирон пас аз пажӯҳишу пайгириҳо дарёфтанд, ки сирри ин ҳама муваффақиятҳои мусулмонон танҳо дар Ислом аст, зеро ақидаи Ислом манбаи ин қувваи бузурги мусулмонон мебошад. Аҳкоми Ислом ҳуқуқи ғайримусулмононро ҳам пурра кафолат карда буд, ки дар натиҷа ин ҳамбастагии миёни шаҳрвандонро ба вуҷуд овард. Бинобар ин, кофири истеъморгар роҳеро ҷуст, ки ба воситаи он дар олами исломӣ тохтутоз кунад. Пас, дарёфт, ки роҳи беҳтарин барои ҷалб кардани насрониён, барои ангехтани шакку шубҳа дар қалби мусулмонон нисбат ба динашон ва суст кардани эътиқодашон ҳуҷуми сақофӣ бо роҳи табшир аст, яъне бо ҳамин тариқ метавонанд, ки дар байни мусулмонон ва дигар шаҳрвандони Давлати Исломӣ ҷудоӣ андохта, нерӯи мусулмононро заиф созанд.

Салибдорон ин нақшаро амалан иҷро карданд. Дар охирҳои асри шонздаҳи милодӣ дар Малта маркази калоне барои табшир таъсис намуданд ва онро пойгоҳи ҳуҷуми табширии худ бар олами исломӣ қарор доданд, ки аз ин ҷо қувваҳои табшириро мефиристоданд. Онҳо чун дар ин ҷо побарҷо шуданд ва чанд муддате истоданд, зарурати густариш додани фаъолияти худро ҳис карданд. Бинобар ин, соли 1625 ба кишвари Шом рафта, дар роҳи таъсиси ҳаракатҳои табширӣ кӯшиш ба харҷ доданд. Лекин фаъолияти онҳо хеле маҳдуд буд, ки танҳо таъсиси мактабҳои хурд ва нашри баъзе китобҳои диниро дарбар мегирифт. Онҳо машаққатҳои калонро, аз қабили таъқиб, рӯйгардонӣ ва зиддияти омма, паси сар карданд. Вале то соли 1773 устувор истоданд, ки он гоҳ ҷамъиятҳои табширии ясуиён бекор карда шуда, ғайр аз баъзе ҷамъиятҳои табширии заифи чун ҷамъияти мубашширони озориён муасисаҳои

онҳо баста шуд. Бо вуҷуди фаъолияти ин ҷамъиятҳо таъсири табшир ва мубашширон қатъ шуд ва онҳо то соли 1820 танҳо дар Малта вуҷуд доштанд. Ҳамон сол аввалин маркази табшир дар Байрут таъсис ёфт ва дар он ҷо фаъолиятро сар кард. Онҳо бо вуҷуди душвориҳои зиёд кори худро давом доданд. Онҳо аввалиндараҷа ба табшир ва сақофати динӣ эътибор нигаронданд. Ба таълим чандон эътибор надоданд. Соли 1834 сафарбарсозии табширӣ тамоми кишвари Шомро дарбар гирифт. Пас, дар деҳаи Антураи Лубнон як куллия (23) кушода шуд. Ирсолияти (24) амрикоӣ барои табъу нашри китобҳо матбааи худро аз Малта ба Байрут кӯчонид. Мубашшири машҳури амрикоӣ Эйлӣ Смит фаъолияти ошкоро кард. Ин мубашшир дар Малта довталабона ба табшир машғул шуда, ба кори матбааи ирсолият раҳбарӣ мекард. Соли 1827 ба Байрут омад. Лекин як сол ҳам нагузашта ўро тарсу бим ва дилтангӣ фаро гирифт ва сабру тоқат накарда ба Малта бозгашт. Пас, соли 1834 боз ба Байрут омад ва ҳамроҳи занаш мактаби занона кушод. Майдони фаъолияташ васеъ шуд. Вай ҳаёти худро ба ваҷҳи хос барои ҳаракат кардан дар Байрут ва ба ваҷҳи умумӣ барои кор бурдан дар кишвари Шом бахшид. Ҳамин тавр, тамоми ин кӯшишҳо дар раванди ҳаракатҳои табшир ёрӣ дод. Чун Иброҳим-пошо дар Сурия ба татбиқи барномаи таълими ибтидоӣ пардохт, ки он аз барномаи таълимии Миср ва дар асл аз барномаи таълими ибтидоии Фаронса гирифта шуда буд, барои ин мубашширон фурсати муносиб фаро расид. Онҳо ин фурсатро ғанимат дониста, дар ҳаракати таълимӣ аз нуқтаи назари табширӣ саҳм гузоштанд. Пас, ҳаракати табъу нашр густариш ёфт. Бо ҳамин, ҳаракати табширӣ фаъол гардид ва дар ҳаракати таълимӣ ошкоро ширкат варзид. Онҳо тавонистанд, ки ба воситаи фаъолияти худ бо номи озодии динӣ дар қалби шаҳрвандони Давлати Исломӣ нисбат ба якдигар кина барангезанд ва дар байни мусулмонон, насрониён ва дурузиҳо фаъолияти динии вобаста ба ақидаро ба вуҷуд биёранд.

Ҳангоме ки Иброҳим-пошо соли 1840 аз Шом рафт, дар кишвар нооромӣ, бенизомӣ ва бетартибӣ паҳн гардид ва мардум ба гурӯҳҳо тақсим шуданд. Намояндагони аҷнабӣ, хусусан аъзоёни фиристодагони табширӣ дар кишвар заиф шудани нуфузи Давлати усмониро ғанимат дониста, афрӯхтани оташи фитнаро оғоз намуданд. Пас аз гузашти як сол, яъне соли 1841 дар кӯҳи Лубнон байни насрониҳо ва дурузиҳо бархӯрдҳои хатарнок ба вуқӯъ омад, ки нохушиҳои бисёре овард. Ҳатто Давлати усмонӣ бо таъсири фишори давлатҳои аҷнабӣ маҷбур шуд, ки барои Лубнон низоми наве гузорад. Бинобар ин низом Лубнон ба ду қисм ҷудо шуда, ба яке насрониён ва ба қисми дигар дурузиҳо ҳукм меронданд ва барои ҳар як қисм ҳоким таъйин мешуд. Давлат бо ин роҳ мехост, ки бархӯрдҳои байни ду тоифаро бартараф созад. Лекин ин низом комёб нагардид, чунки он табиӣ набуд. Англия ва Фаронса ба ин ихтилоф дахолат карданд. Ҳар вақте, ки ҳокимон барои хомӯш кардани ин фитна мекӯшиданд, англисҳо ва франсузҳо оташи ин фитнаро аланга медоданд. Англисҳо ва франсузҳо аз бархӯрди байни тоифаҳо барои дахолат дар корҳои Лубнон баҳона ёфтанд. Франсузҳо ҷониби марониҳоро ва англисҳо ҷониби дурузиҳоро гирифтанд. Ин чиз соли 1845 сабаби авҷгирии дубораи бетартибиҳо дар шакли мудҳиш гардид, ки ин дафъа ҳамлаву таҷовуз савмиаву калисоҳоро низ фаро гирифт. Онҳо аз қатлу ғорат ва ба дор овехтан ҳам кор гирифтанд. Ин ҳол Давлати усмониро маҷбур кард, ки нозири корҳои хориҷиро ба Лубнон бифиристад. Ба вай барои бартараф кардани фитна салоҳиятҳои мутлақ дода шуд. Вале вай ҳолатро андаке нарм карда бошад ҳам, ягон кори муҳимеро ба сомон расонда натавонист. Лекин мубашширон фаъолияташонро пурзӯр карданд. Соли 1857 дар байни тоифаи марониҳо фикри шӯриш ва бархӯрдҳои мусаллаҳ пайдо шуд. Роҳбарони динии марониҳо деҳқононро бар зидди заминдорон барангехта, дар Лубнони шимолӣ бар онҳо ҳуҷуми сахте оварданд ва дар он ҷо оташи шӯриш аланга гирифт. Пас, шӯриш ба сӯи ҷануб тӯл кашид ва деҳқонони насронӣ бар зидди заминдорони дурузиҳо

бархостанд. Англия ва Фаронса ҷамоаҳои худро дастгирӣ мекард. Англисҳо дурузиҳоро, французҳо насрониҳоро дастгирӣ менамуданд. Бо ин сабаб фитна доман зада, тамоми Лубнонро фаро гирифт. Дурузиҳо ба қатли ҳамаи насрониҳо пардохтанд, ки байни арбобони дин ва дигарон фарқ намегузоштанд. Дар оқибати ин бераҳмӣ, ки ба табиати нооромиҳо табдил ёфт, ҳазорон насрониён кушта ва ронда шуданд. Сипас, мавҷи бетартибиҳо ба ҳамаи кишвари Шом кӯчид. Дар Димишқ байни мусулмонон ва насрониҳо мавҷи адоват бархост, ки дар натиҷа моҳи июли соли 1860 мусулмонон ба деҳаи насрониён ҳамлавар шуда, куштори калоне барпо намуданд. Бо ин куштор харобкорӣ, вайронгарӣ ва бетартибиҳо низ ҳамроҳ шуданд ва давлат маҷбур шуд, ки фитнаро бо ёрии қувва хомӯш кунад. Агарчи фитна хомӯш шуд ва дар остонаи анҷом ёфтан қарор дошт, давлатҳои ғарбӣ ин фурсатро барои дахолат ба корҳои дохилии Шом ғанимат дониста, киштиҳои ҳарбии худро ба соҳилҳои Шом фиристоданд. Моҳи августи худи ҳамин сол Фаронса аскарони пиёдагарди артиши французиро фиристод, ки онҳо ба Байрут фуромада, барои хомӯшкунии шӯриш кор оғоз карданд. Ҳамин тавр, барои Давлати усмонӣ дар Сурия фитнае рӯй дод, ки онро давлатҳои ғарбӣ барои дахолати худ эҷод карданд. Пас, онҳо дахолат намуда, давлатро маҷбур сохтанд, ки розӣ шавад, то барои Сурия низоми хосе ҷорӣ кунанд. Ин низом Сурияро ба ду вилоят тақсим мекард ва ба Лубнон имтиёзҳои хосе дода мешуд. Пас, Лубнонро аз қисмҳои дигари кишварҳои шомӣ ҷудо карда, ба вай мақоми мухторият доданд, ки аз низоми маҳаллии идора бархӯрдор мешуд. Сарварии ин низом ба дасти ҳокими масеҳӣ буд ва маҷлиси идорие, ки аз ҷониби сокинон намояндагӣ мекард, ба вай ёрӣ медод. Аз он вақт давлатҳои аҷнабӣ ба кори Лубнон дахолат намуда, онро барои худ марказ қарор доданд. Инак, Лубнон оғози кӯпруке буд, ки аҷнабиён аз он ба қалби Давлати усмонӣ ва кишварҳои исломӣ даромаданд.

Дар ин асно корҳои табшир намуди дигар гирифтанд, ки пеш дида нашуда буд. Мубашширон бо ҳаракати мактабҳо, корҳои табшир,

чопхонаҳо ва дармонгоҳҳо кифоя накарданд, балки ба таъсиси ҷамъиятҳо гузаштанд. Соли 1842 дар таҳти сарварии ирсолиёти амрикоӣ бо барномаи он барои таъсиси ҷамъияти илмӣ лаҷна25е ташкил карда шуд. Ин лаҷна дар ҷодаи худ панҷ сол ҳаракат кард, ва ниҳоят соли 1847 ба таъсиси ҷамъияте ноил гардид, ки "Ҷамъияти фанҳо ва илмҳо" ном дошт. Аъзои он ҷамъият Носифи Ёзиҷӣ ва Петруси Бустонӣ, аз насрониҳои Лубнон, ки ҳамчун насрониҳои араб аъзо гирифта шуданд, Эйлӣ Смит, Корнелиус Ван Дик аз амрикоиён ва полковник Черчилл аз англисҳо буданд. Ҳадафҳои ин ҷамъият дар аввали кор норавшан буд, лекин зоҳиран он дар байни калонсолон, инчунин дар миёни хурдсолон дар мактабҳо ба нашри илм машғул мешуд. Ҳам ба калонсолон ва ҳам ба хурдсолон бо равиши хос мувофиқи нақшаи табширӣ бо сақофати ғарбӣ сақофат дода мешуд. Бо вуҷуди фаъолияти аъзоёни ин ҷамъият ва кӯшишҳои зиёди онҳо дар ин роҳ ба ин ҷамъият дар давоми ду сол аз тамоми кишвари Шом танҳо панҷоҳ аъзои амалкунанда ҳамроҳ шуд, ки ҳамаи онҳо насронӣ ва аксари онҳо аз сокинони Байрут буданд. Ба ҷамъият аз мусулмонон ё аз дурузиҳо ягон кас аъзо нашуд. Барои тавсеа ва фаъолгардонии ин ҷамъият меҳнати калон сарф шуд, вале он самарае надод. Ҷамъият баъди панҷ соли таъсиси худ барҳам хӯрд ва асари ягонае, ки дар байни мубашширон гузошт, рағбат барои таъсиси ҷамъиятҳо буд. Бинобар ин, соли 1850 бо номи "Ҷамъияти шарқӣ" ҷамъияти дигаре таъсис ёфт, ки онро ясуиён дар таҳти роҳбарии папаи ясуии франсӣ Анрӣ Де Брунер таъсис доданд. Ҳамаи аъзоёни ин ҷамъият насронӣ буданд. Ҷамъият аз роҳи ҷамъияти илмҳо ва фанҳо дур рафт. Вале дур зиндагӣ накард ва андаке баъди барҳамхӯрии ҷамъияти якум аз байн рафт. Сипас, чанд ҷамъияти дигар таъсис ёфт, ки ҳамаи он пурра ба нокомӣ дучор шуд. Ниҳоят соли 1857 ҷамъияте бо услуби нав таъсис ёфт. Ба инобат гирифта шуд, ки дар ин ҷамъият аз аҷнабиён мутлақо ҳеҷ кас даровarda нашавад, зеро кулли асосгузорони он аз арабҳо иборат буданд. Ҳамин тавр, ин ҷамъият тавонист, ки ба сафи аъзоёни худ баъзе мусулмонон ва

дурузиҳоро бо эътибори араб будани онҳо ҳамроҳ кунад. Ин ҷамъият бо номи "Ҷамъияти илмии Сурия" таъсис ёфт ва аз ҷиҳати бартарии фаъолияти худ, намоён шудан дар шакли ҷамъияти арабӣ ва дида нашудани ғарбиҳо дар сафи аъзоҳои он дар байни мардум таъсир гузошта тавонист. Дар натиҷа гурӯҳи калоне ба аъзогии он даромад, ки ададашон ба яксаду панҷоҳ нафар расид. Дар байни аъзоёни идораи ин ҷамъият шахсони намоёни араб, монанди Муҳаммад Арслон аз дурузиҳо ва Ҳусайн Байҳам аз мусулмонон низ буданд. Инчунин ба ин ҷамъият аз ҳама тоифаи насрониҳои араб низ зам шуданд, ки машҳуртарини онҳо Иброҳими Ёзиҷӣ ва писари Петруси Бустонӣ ба шумор мерафт. Ин ҷамъият нисбат ба ҷамъиятҳои дигар дарозтар умр дид. Дар барномаҳои он мусолиҳаи байни тоифаҳо ва дар дилҳо барангехтани миллатгароии арабӣ мавҷуд буд. Лекин ғояи махфии он бо номи илм истеъмори табширӣ буда, дар шакли барангехтани сақофат ва ҳазорати ғарбӣ намоён мегардид. Сипас, соли 1875 дар Байрут бар асоси фикрати сиёсӣ ҷамъияти пинҳонӣ таъсис ёфт, ки фикрати миллатгароии арабиро меангехт. Асосгузорони он панҷ нафар ҷавон буданд, ки дар куллияи протестантии Байрут илм мегирифтанд. Инҳо ҳама аз ҷумлаи насрониҳое ба ҳисоб мерафтанд, ки ташкилотҳои табширӣ ба онҳо таъсир расонда тавониста буданд. Ин ҷавонон ҷамъияти мазкурро таъсис доданд ва баъд аз андак муддат тавонистанд, ки шумори камеро ба сафи худ ҳамроҳ кунанд. Агарчи ин ҷамъият дар баёнотҳои шифоҳиву хаттии худ ба миллатгароии арабӣ, инчунин ба истиқлоли сиёсии арабҳо, хусусан Сурия ва Лубнон даъват мекард, лекин дар фаъолият, барнома ва хабарҳое, ки аз он мерасид, намоён мешуд, ки он мақсади ба дилҳо андохтани рағбатҳои норавшан ва орзуҳои мубҳамро пеш гирифтааст. Ин ҷамъият ба миллатпарастӣ, арабгарой ва арабигардонӣ даъват мекард, кинаву адоватро нисбат ба Давлати усмонӣ мешӯронид, онро "Туркия" меномид ва барои ҷудо кардани дин аз давлат, инчунин асос кардани миллатпарастии арабӣ мекӯшид. Агарчи ин ҷамъият ҷомаи

арабгарой пӯшида буд, раҳбарони он бештар дар нашрияҳояшон, ба таъбири худи онҳо, "Туркия"-ро муттаҳам мекарданд, ки гӯё он Хилофати Исломиро аз арабҳо бо зӯрӣ кашида гирифтааст, ба шариати покизаи исломӣ таҷовуз кардааст ва дар дин ба бепарвой роҳ додааст. Гуфтаҳои боло бар ғояе далолат мекунад, ки ин ҷамъият баҳри он таъсис ёфтааст. Ин ғоя ба вуҷуд овардани ҷунбишу бетартибиҳо бар зидди Давлати Исломӣ, ба шакку шубҳа андохтани мардум дар бораи дини Ислом ва ташкил кардани ҳаракатҳои сиёсӣ дар асоси ғайриисломӣ мебошад. Омӯзандаи таърихи ин ҳаракатҳо ба хулосае меояд, ки ин ҳаракатҳоро ғарбиён асос гузоштаанд, зери назорат гирифтаанд, раҳбарӣ намудаанд, ба онҳо аҳамият додаанд ва дар бораи онҳо ҳисоботҳо навиштаанд. Консули Британиё дар Байрут 28 июли соли 1880 ба ҳукумати худ барқияе фиристод. Вай навишта буд: "Варақаҳои инқилобӣ пайдо шудаанд, ки шояд онҳоро Мидҳат содир карда бошад. Бо вуҷуди ин, оромӣ ҳукмрон аст. Тафсилот ба воситаи почта фиристода мешавад". Ин барқия баъди тақсим шудани варақаҳо ва часпондани он ба деворҳо дар кӯчаҳои Байрут аз тарафи ҷамъияти мазкур навишта шуда буд. Ба дунболи ин барқия аз консулҳои британӣ дар Байрут ва Димишқ чанд мактуб омад. Мактубҳо нусхаи варақаҳоеро, ки ин ҷамъият паҳн мекард, ҳамроҳ дошт. Ин мактубҳо монанди як гузориш доир ба ҷамъияте буд, ки дар куллияи протестантӣ тавлид ёфта, дар кишвари Шом фаъолият мекард. Агарчи чунин ҳаракатҳо дар кишварҳои дигари арабӣ низ вуҷуд дошт, фаъолият дар кишвари Шом намоёнтар буд. Соли 1882 вакили британӣ дар Ҷидда ба ҳукумати худ дар бораи ҳаракати арабӣ мактубе навишт, ки фикри болоро тасдиқ мекунад. Дар он омадааст: "Вале ба ман маълумот расид, ки баъзе зеҳнҳо, ҳатто дар худи Макка низ бо фикрати озодӣ ба ҷунбиш омадаанд. Баъди шунидани ин хабар аз баъзе ишораҳо чунин маълумам гашт: Дар он ҷо нақшае ороста шудааст, ки тибқи он Наҷдро бо кишвари Мобайнаннаҳрайн, яъне ҷануби Ироқ муттаҳид карда, бар он ҷо Мансур-пошоро ва Асирро бо Яман муттаҳид карда, бар он ҷо Алӣ

ибни Обидро менишонанд". Ба ин ҳаракатҳо натанҳо англисҳо, балки французҳо низ аҳамияти калон нигаронда буданд. Соли 1882 навиштаи яке аз французҳои сокини Байрут бар он далолат мекунад, ки Фаронса ба ин ҳаракатҳо чӣ қадар аҳамият додааст. Вай гуфта буд: "Рӯҳияи истиқлол хеле васеъ паҳн шудааст. Ҳангоми иқомати худ дар Байрут ҷавонони мусулмонро дидам, ки ба ташкили ҷамъиятҳо доир ба таъсиси мактабҳо, беморхонаҳо, инчунин бедоргардонии кишвар сахт ҳаракат мекунанд. Ҷолиби диққат он аст, ки ин ҳаракат аз ҳар як таъсири тоифапарастӣ озод мебошад. Зеро вай ба қароре омадааст, ки насрониҳоро ба аъзогии худ қабул намояд ва дар корҳои миллӣ ба кӯмаки онҳо эътимод кунад". Боз як французи дигар аз Бағдод навиштааст: "Дар ҳар ҷо бо ҳамон нисбат ба эҳсосоти умумии устувор – "написандидани туркҳо" рӯбарӯ меоям. Аммо фикри ба ҷо овардани амали муштараки мураттаб барои барафкандани душмани манфур ҳоло дар даври ташаккул аст. Дар уфуқи дур шабаҳи ҳаракати арабии навзод намудор мегардад. Ин мардуме, ки то ҳол ба кори худ соҳиб нест, рӯзҳои наздик ба талаби мақоми табиии худ дар олами исломӣ ва таъйини раванди ояндаи ин олам хоҳад бархост". Ба ҳуҷуми табширӣ бо номи дин ва илм натанҳо Амрико, Фаронса ва Британиё, балки бисёр давлатҳои ғайриисломии дигар низ эътибор доданд. Аз ҷумла, Русияи подшоҳӣ ҳам вакилони табшириро фиристод. Инчунин кишвари Шомро фиристодагони Пруссия (Олмон), ки аз роҳибаҳо (Кобзер Вадт) ташкил меёфт, қасд карданд ва ҳамроҳи фиристодагони дигар дар табшир саҳм гузоштанд. Агарчи бо эътибори манфиатҳои байналхалқӣ нисбат ба барномаҳои сиёсӣ дар афкори сиёсии байни фиристодагони табширӣ ва намояндагони ғарбӣ зиддиятҳо вуҷуд дошт, онҳо дар бораи ғоя иттифоқ карда буданд. Ин ғоя даъват ба дини масеҳӣ, густариши сақофати ғарбӣ дар шарқ, ба шакку шубҳа андохтани мусулмонон дар хусуси динашон, нафратнок кардани онҳо аз дини худ, водор намудани онҳо ба нописандии таърихи худ ва эҳтироми Ғарбу ҳазорати ғарбӣ буд. Онҳо Ислом ва мусулмононро хеле бад

медиданд, таҳқир мекарданд ва чунончи ҳар як аврупоӣ ҳамин хел раъй дорад, "барбарҳои ақибмонда" меҳисобиданд. Бо вуҷуди ин ҳама, чи тавре ки мебинем, ба натиҷаҳое расиданд, ки сабаби побарҷо шудани куфр ва истеъмор дар кишварҳои мо гашт.

# *АДОВАТИ САЛИБДОРОН*

Яке аз олимони франсуз Алконт Анрӣ Де Кострӣ дар китоби худ бо номи "Ислом", ки соли 1896 навишта буд, овардааст: "Намедонам, ки агар мусулмонон аз қиссаҳои асрҳои миёна огоҳ шаванд ва бифаҳманд, ки дар таронаҳои суханварони масеҳӣ чӣ маъно вуҷуд дорад, чӣ мегуфта бошанд? Зеро ҳамаи таронаҳои мо, ҳатто таронаҳое, ки қабл аз асри дувоздаҳи милодӣ пайдо шудаанд, аз фикри ягона эҷод шуда, сабабгори ҷангҳои салибӣ буданд. Ҳамаи онҳо бо сабаби тамоман надонистани дини мусулмонон саршор аз кинаву адоват нисбат ба мусулмонон аст. Дар натиҷаи ин таронаҳо дар ақлҳо қиссаҳои зидди ин дин мустаҳкам ҷой гирифта, дар зеҳнҳо ин хатоҳо устувор гаштанд. Баъзеи онҳо ҳанӯз то имрӯз пойдор мондаанд. Ҳар як таронасаро мусулмононро мушрикони беимон ва бутпарастони аз дин бурунрафта меҳисобид". Мусулмонон ва дини эшон дар асрҳои миёна аз тарафи арбобони дини насронӣ дар Аврупо бо сифатҳои беҳад зишт васф мешуд. Ин сифатҳоро барои шӯрондани кинаю адоват бар зидди мусулмонон кор мефармуданд. Дар натиҷа олами насронӣ барангехта шуд ва ҷангҳои салибдорон рух дод. Баъди гузаштани чанд аср интиҳои ин ҷангҳо мусулмонон дар асри понздаҳи милодӣ сар бардошта, ба Ғарб ҳуҷум карданд. Он гоҳ Давлати Исломӣ Қустантинияро фатҳ кард. Сипас, дар қарни шонздаҳ ҷануб ва шарқи Аврупоро фатҳ карда, ба он ҷо Исломро расонд. Дар натиҷа ба дини Аллоҳ миллионҳо одамон аз Албания, Югославия, Булғория ва ғайра даромаданд. Пас, адовати салибдорон тоза шуд ва "масъалаи

шарқӣ" ба вуҷуд омад. Ин масъала кӯшише аз ҷониби Аврупо барои баргардондани лашкари исломӣ, боздоштани фатҳи исломӣ ва дафъ кардани хатари мусулмонон фаҳмида мешуд. Ин адовати кӯҳнаи дилҳои аврупоиён нисбат ба Ислом ва мусулмонон ҳамаи насрониёни Аврупоро водор сохт, ки ба кишварҳои Ислом бо номи мактабҳо, беморхонаҳо, ҷамъиятҳо ва анҷуманҳо ҳаракатҳои табширӣ бифиристанд, дар ин ҷода молҳои беҳисоб ва меҳнати калон сарф кунанд, новобаста ба гуногунии манфиатҳо ва ихтилофоти сиёсиашон бар иҷрои ин нақша иттифоқ банданд, бар ин кор ҳамаи давлатҳо ва халқҳо ҷамъ шуда, чунон ки вазифаи намояндагон ва мубашширон аст, инро аз вазифаи консулҳо ва сафоратхонаҳои худ қарор диҳанд.

Адовати салибдоронае, ки дар дилҳои тамоми ғарбиён, аз ҷумла Аврупо ва алалхусус Бритониё пинҳон буд, адовати кӯҳна, кинаи палид ва нақшаҳои ҷаҳаннамиро барои барҳам додани Ислом ва мусулмонон ба вуҷуд овард ва сабаби хор гаштани мо дар диёри худ чунин шуд. Агар лорд Ленбӣ ҳангоми фатҳи Қудс, ки соли 1917 ба ин шаҳр даромад, гуфт: "Танҳо имрӯз ҷангҳои салибдорон ба анҷом расид", пас, ин ифодаи ростини сирри дил, шиддати душманӣ ва кинаи дар сина нуҳуфтаи ӯст. Ин таъбири дили ҳар як аврупоист, ки ба майдони ҷанги сақофӣ ё ҳарбии зидди мусулмонон по мегузорад. Бешак, рост гуфтааст Аллоҳ дар он ҷо, ки мефармояд:

قَدْ بَدَتِ الْبَغْضَاء مِنْ أَفْوَاهِهِمْ وَمَا تُخْفِي صُدُورُهُمْ أَكْبَرُ

"**Ва душманӣ аз гуфторашон ошкор аст ва он кина, ки дар дил доранд, бештар аст аз он чӣ ба забон меоваранд**" [3:118].

Сухане, ки аз даҳони лорд Ленбӣ ошкор гашт, ҷуз душманӣ чизе дигар нест ва он чӣ давлаташ – Бритониё дар сина пинҳон медорад, бешубҳа, аз он ҳам бузургтар аст. Он чӣ, ки дар дили ҳар як аврупоӣ ниҳон аст, ҳамин тавр аст. Ин кинахоҳӣ аз замонҳои салибдорон тӯл кашид ва то имрӯз давом дорад. Таъқиб, хорӣ, истеъмор ва

торочшавӣ, ки мо гирифтор ҳастем, илова бар ҷиҳати сиёсӣ, ки ҳамроҳ дорад, интиқом гирифтан бахусус аз мо – мусулмонон мебошад.

Профессор Леополд Вайс дар китоби худ бо номи "Ислом дар чорроҳа" мегӯяд: "Бедорӣ ё эҳёи улум ва фунуни аврупоӣ бо кӯмаки васеи манбаъҳои исломӣ, алалхусус арабӣ ба амал омада, бештар ба алоқаи моддии байни шарқу ғарб вобастагӣ дорад. Аз ин алоқа Аврупо нисбат ба олами исломӣ бисёртар истифода бурдааст. Лекин Аврупо ин некиро эътироф накард. Агар медонист, аз адовате, ки ба Ислом дорад, даст мекашид. Вале кор баръакс шуд. Ин адоват бо гузашти замон афзуд, сипас, ба одат табдил ёфт. Ҳар гоҳ ки калимаи "мусулмон" зикр меёфт, ин адоват шуури ҳамагонро фаро мегирифт. Ин адоват дар миёни онҳо зарбулмасал шуд ва ҳатто дар қалби ҳар як аврупоӣ: чи мард ва чи зан, ҷой гирифт. Аз ҳама ғарибтараш он аст, ки ин адоват баъди ҳама гуна давраҳои табаддулоти сақофӣ низ зинда монд. Сипас, ҳангоме ки Аврупо ба фирқаҳо тақсим шуд ва ҳар як фирқа ба сӯи фирқаи дигар яроқ бардошт, замони ислоҳи динӣ омад, вале адоват барои Ислом дар тамоми Аврупо умумӣ буд. Баъд аз он, замони барҳамхӯрии шуури динӣ фаро расид. Лекин адоват барои Ислом давом кард. Аз намоёнтарини ҳақоиқи ин душманӣ файласуф ва шоири француз Волтер мебошад. Вай дар асри ҳаҷдаҳ аз ашаддитарин душманони насроният ва калисои он буд. Дар айни замон ба Ислом ва пайғамбари Ислом душмании беканор дошт. Баъди чанд давр замоне омад, ки олимони Ғарб омӯхтани сақофатҳои аҷнабиро оғоз намуда, ба онҳо бо як хайрхоҳӣ менигаристанд. Аммо дар масъалаҳое, ки ба Ислом алоқа дошт, ҳақиршумории тақлидӣ дар шакли тарафкашии номаъқул ба баҳсҳои илмиашон низ рахна мекард. Ба болои ин тарқиши фарохе, ки таърих байни Аврупову олами исломӣ канда буд, пуле сохта нашуд ва ду канори он ба ҳам напайваст. Сипас, хордошти Ислом дар тафкири аврупоӣ бахши асосиро ишғол намуд". Бинобар ин асосҳо ҷамъиятҳои табширӣ барпо шуданд, ки мо ба онҳо ишора кардем. Пас, ҳадафи онҳо

тарғиб кардан ба диёнати насронӣ, ба шубҳа андохтани мусулмонон дар хусуси динашон, эҷод кардани нафрат нисбат ба динашон дар дили онҳо ва нишон додани Ислом ҳамчун сабаби заифии онҳо буд ва ҳамчунин ҳадафҳои сиёсиро дарбар мегирифт. Бинобар ин, натиҷаҳои ин ҷамъиятҳо дар ҷиҳатҳои сиёсӣ ва шубҳаангезӣ бисёр зишт буданд. Ҳатто онҳо ба натиҷаҳои аз чашмдошти худ зиёдтар расиданд. Ҳаракатҳои табширӣ бар асоси нобуд кардани Ислом бунёд мешуданд, ба воситаи айбдор кардани Ислом, барангехтани муаммоҳо перомуни Ислом ва аҳкоми он кор мебурданд, то мардумро аз роҳи Аллоҳ боздоранд ва мусулмононро аз динашон дур созанд. Аз паси ин ҳаракатҳои табширӣ ҳаракатҳои шарқшиносӣ ва шарқшиносон пайдо шуданд, ки ба сӯи ҳамин ҳадаф аз худи ҳамин камон равона гардида буданд.

Ҳамаи нерӯҳо дар Аврупо ҳангоми ҷанги салибдорон муттаҳид шуд. Аврупо ин ҷангро аввало аз ҷиҳати сақофӣ ба воситаи тамоман заҳролуд кардани ақл бо роҳи зишт нишон додани аҳкоми Ислом ва ғояи он ба роҳ монд. Инчунин дар ин ҷанг аз услуби заҳролудсозии зеҳни мусулмонон ба воситаи суханҳои аҷнабӣ, ки бо номи баҳси илмӣ ва ҳақиқати илмӣ дар бораи Ислом ва таърихи мусулмонон мегӯянд, кор гирифт. Албатта ин як заҳри сақофӣ буд, ки аз ҷангҳои салибдорон хатарноктар аст. Чунон ки табшириҳо бо номи илм ва инсоният заҳр мепошиданд, шарқшиносон ин амалро бо номи шарқшиносӣ анҷом медоданд. Профессор Леополд Вайс мегӯяд: "**Воқеан, шарқшиносони аввалини асрҳои нав мубашширони насронӣ буданд, ки дар кишварҳои исломӣ таълим медоданд. Сурати вайроншуда, ки шарқшиносон аз таълимот ва таърихи Ислом сохта буданд, бар он асосе омода шуда буд, ки дар муносибати аврупоиён нисбат ба "бутпарастон", яъне мусулмонон таъсирро кафолат мекард. Бо вуҷуди он ки улуми шарқшиносӣ аз нуфузи табшир озод шуд ва барояш аз ҳамияти динии ҷоҳилона, ки самти нодуруст дорад, узре намондааст, ин каҷравии ақлӣ идома меёбад. Аммо ҳамла кардани шарқшиносон ба Ислом як ғаризаи меросӣ ва**

**хусусияти табиист, ки решаи он аз таассуроти ҷангҳои салибдорон об мехӯрад**". Ин адовати меросӣ ҳанӯз дар дили ғарбиён бар зидди мусулмонон оташи кинаро меафрӯзад, Исломро ҳатто дар кишварҳои исломӣ барои мусулмонон ва дигарон "алобуҷи (26)и инсоният" ё деви даҳшатнок нишон медиҳад, ки гӯё роҳи тараққиёти инсониятро мегирад. Онҳо бо ин восита хавфи ҳақиқии худро аз Ислом пинҳон мекунанд. Зеро агар Ислом дар дилҳо ҷой гирад, ҳукмронии кофири истеъморгар аз олами исломӣ бардошта мешавад ва Давлати Исломӣ даъвати исломиро аз нав ба саросари олам паҳн мекунад. Иншоаллоҳ, ин рӯзи муборак, ки ҳам барои инсоният ва ҳам барои худи Ғарб судбахш аст, албатта бозояд! Фаъолияти мубашширон ва дигарон ҳасрати дилҳояшон хоҳад гашт.

إِنَّ الَّذِينَ كَفَرُواْ يُنفِقُونَ أَمْوَالَهُمْ لِيَصُدُّواْ عَن سَبِيلِ اللّهِ فَسَيُنفِقُونَهَا ثُمَّ تَكُونُ عَلَيْهِمْ حَسْرَةً ثُمَّ يُغْلَبُونَ وَالَّذِينَ كَفَرُواْ إِلَى جَهَنَّمَ يُحْشَرُونَ

"**Кофирон амволашонро харҷ мекунанд, то мардумро аз роҳи Аллоҳ боздоранд. Амволашонро харҷ хоҳанд кард ва ҳасрат хоҳанд бурд, сипас мағлуб мешаванд. Ва кофиронро дар ҷаҳаннам гирд меоваранд!**" [8:36].

Ин адовати меросӣ ҳанӯз ҳар як ҳаракати зидди Ислом ва мусулмононро дастгирӣ мекунад. Агар як ғарбӣ дар хусуси дини оташпарастӣ, ё ҳиндуӣ ва ё коммунизм таҳқиқот анҷом диҳад, дар кори ӯ ягон тарафкашӣ ё адоватро намебинед, дар айни вақт агар дар бораи Ислом баҳс ронад, мебинед, ки дар ин баҳс нишонаҳои душманӣ, кина, нафрат ва нохушнудӣ пайдо мешавад. Ҳарчанд мусулмонон сахт шикаст хӯрда, бар онҳо кофири истеъморгар ғолиб омадааст, лекин ходимони калисои ғарбӣ ва аз пайи онҳо истеъмор пайваста бар зидди Ислом амалиёти гуногун эҷод мекунанд. Онҳо ҳаргиз аз таъни Ислом ва мусулмонон хаста намешаванд, ба Муҳаммад (с) ва асҳоби кином бӯҳтон мезананд, ба таърихи Ислом ва мусулмонон айбҳо мечаспонанд. Ҳамаи ин

корҳоро барои интиқом гирифтан аз мусулмонон ва устувор сохтани қадамҳои истеъмору истеъморгарон барпо мекунанд.

# *ОСОРИ ҲУҶУМИ ТАБШИРӢ*

Ин ҳуҷумҳои табширӣ барои истеъмори аврупоӣ аломатҳои роҳнамо буданд, то Аврупо баъд аз фатҳи сақофии олами исломӣ онро аз ҷиҳати сиёсӣ низ ба зери тасарруф дарорад. Мусулмонон ҳангоми фатҳи Истанбул, Балкан ва даровардани Ислом ба Аврупо нашркунандагони мафкураи исломӣ барои Ғарб буданд. Сипас, кишварҳои исломӣ ҳадафи Ғарб қарор гирифтанд, ки он мафкураи худро ба ин кишварҳо ҳамл мекард, ин кишварҳоро ба саҳнаи намоиши ҳазорат ва пиндорҳои худ дар бораи ҳаёт табдил медод ва ин корҳоро бо воситаҳои гуногун дар зери номи илм, инсондӯстӣ ва табшири динӣ амалӣ месохт. Ғарб, ҳангоме ки бар зидди Ислом ҳамла оғоз намуд, бо интишори ҳазорат ва пиндорҳои худ қаноатманд нашуда, балки ба ҳазорат ва пиндорҳои исломӣ дар бораи ҳаёт забони таън дароз кард. Ин таъну маломат ба гурӯҳи зиёиён ва сиёсатмадорон, ҳатто ба нашркунандагони сақофати исломӣ ва оммаи мусулмонон ҳам таъсири сахт расонид.

Аммо зиёиён аз кадом манбаъ таъсир гирифтанд? Истеъмор пеш аз истило кардан дар мактабҳои табширӣ ва пас аз истило кардан дар ҳама мактабҳо бар асоси фалсафа, ҳазорат ва пиндорҳои хоси худ дар бораи ҳаёт дастурҳои таълим ва сақофатро таҳия сохт. Сипас, шахсияти ғарбиро асос ва манбаи тарбияи сақофии мо қарор дод. Инчунин таърих, бедорӣ ва муҳиташро манбаи аслӣ гардонд, то ки ақлҳоямонро бо он пур кунем. Ғарб бо ин ҳам кифоят накард, балки ба тафсилоти дастурҳо дахолат намуд, то як ҷузъи он низ аз

асоси умумӣ, яъне аз фалсафа ва ҳазорати вай берун намонад. Ин дахолат умумӣ буд, ки ҳатто дарсҳои дини исломӣ ва таърихи исломиро низ дарбар гирифт. Дастури ин дарсҳо бар асоси ғарбӣ ва мувофиқи пиндорҳои Ғарб тартиб дода шуданд. Бинобар ин, дини Ислом дар мактабҳои исломӣ, чунончи Ғарб нисбат ба дин мепиндорад, ҳамчун фанни рӯҳиву ахлоқӣ омӯхта мешуд. Исломро тавре меомӯзонданд, ки аз ҳаёт ва ҳақиқати пиндорҳои он доир ба ҳаёт хеле дур буд. Чунончи дар бораи ҳаёти Наполеон ё Бисмарк дарс медоданд, дар бораи ҳаёти Расул (с) низ ҷудо аз нубувват ва рисолати эшон ба фарзандони мо дарс дода мешуд, ки дар қалби онҳо ягон дарёфт ё фикреро барнамеангехт. Мавзӯи ибодот ва ахлоқ, ки дастури дин онҳоро дарбар мегирифт, аз нуқтаи назари манфиат таълим дода мешуд. Ҳамин тавр, таълими дини Ислом ҳам мувофиқи пиндорҳои ғарбӣ ба роҳ монда шуд. Дар таърихи Ислом бӯҳтонҳое таълим дода мешуд, ки аз мақсадҳои нопок ва фаҳмишоти нодуруст сар мезад ва тарҳи онҳоро бо номи ҳақиқати таърихӣ ва баҳси илмӣ доираҳои сиёҳ меафкананд. Аз миёни мусулмонон зиёиёне ба воя расиданд, ки дар асоси услуб ва дастури табширӣ таърихро меомӯхтанд ва таърихномаҳо менавиштанд. Ин худ об рехтан бар осиёи душман буд. Ҳамин тариқ, тамоми барномаҳо пурра бар асоси фалсафаи ғарбӣ ва мувофиқи дастурҳои Ғарб тарҳрезӣ шуданд. Аз ин рӯ, аксари зиёиён пайравон ва шогирдони сақофати ғарбӣ гаштанд. Онҳо ин сақофатро меписандиданд, ба он шефта мешуданд ва дар ҳаёт тибқи пиндорҳои он рафтор мекарданд. Ҳатто бисёрии онҳо, агар сақофати исломӣ ба сақофати ғарбӣ зид меомад, сақофати исломиро инкор мекарданд. Онҳо ба дастпарварони сақофати ғарбӣ табдил ёфтанд, ки дигар дар дилҳояшон нуқтаи назари Ғарб ҳукмрон гашт, ба ин сақофати ғарбӣ тамоман ихлос бастанд, ки онҳоро ба муқаддасшумории аҷнабӣ ва паҳнкунии ҳазорати он равона сохт. Бисёрии онҳо хӯву хислати ғарбиёна гирифтанд. Онҳо монанди ғарбиҳо ба Ислом ва сақофати исломӣ нафрат пайдо карданд. Онҳо монанди як ғарбӣ ба Ислом ва сақофати он лаимона

душманӣ меварзиданд. Ин зиёиён Ислом ва сақофати исломиро сабаби ақибмонии мусулмонон донистанд, чунончи ҳамин гуна эътиқод ба онҳо талқин карда мешуд. Аз ин лиҳоз, ҳамлаҳои табширӣ, ҳангоме ки гурӯҳи зиёиёни мусулмон ба онҳо ҳамроҳ шуданд ва бар зидди Ислому сақофати исломӣ размхоҳ гаштанд, комёбии бемисл ба даст даровард.

Ин ҳолат илова бар зиёиёне, ки дар Аврупо ва мактабҳои аҷнабӣ тарбият гирифта буданд, гурӯҳи мубаллиғони сақофати исломиро низ шомил шуд. Ҳуҷуми истеъмори ғарбӣ бо силоҳи таънаву маломат ба сӯи дини Ислом онҳоро ба даҳшат андохт, пас, ҳар чизе, ки ба дасташон меафтод, барои гардонидани ин ҳуҷум ҳаво медоданд ва дурустӣ ё нодурустии ин раддияҳоро ба назар намегирифтанд. Айбҳое, ки аҷнабӣ ба Ислом мегузошт, хоҳ аз қадриятҳои Ислом бошаду хоҳ бӯҳтон дар ин бора намеандешиданд. Онҳо бо ин раддияҳо зимнан ба айбдории Ислом иқрор шуданд, пас, нусуси Исломро бо равиши ба пиндорҳои Ғарб мувофиқ таъвил карданд. Ҳамин тавр, онҳо ба ҳуҷумҳо раддияҳои норавшан медоданд, ки он ба ивази рад кардан бештар ба ҳуҷуми табширӣ ёрӣ медод. Аз ин ҳам бадтар он, ки ҳазорати ғарбии ба ҳазорати исломӣ зид ба пиндорҳои онҳо табдил ёфт, ки онро мепазируфтанд ва бо дурӯғу бӯҳтон ба Ислом нисбат медоданд. Бар аксари онҳо чунин фикр ҳукмфармо гашт, ки Ғарб ҳазорати худро аз Ислом ва мусулмонон гирифтааст. Онҳо бо вуҷуди зиддияти мутлақи байни Ислом ва ҳазорати ғарбӣ аҳкоми Исломро мувофиқи ин ҳазорат таъвил мекарданд. Ҳамин тавр, вақте гуфтанд, ки ақида ва ҳазорати исломӣ бо ҳазорати ғарбӣ мувофиқ меояд, ҳазорати ғарбиро пурра қабул карданд ва бо он розӣ шуданд, яъне онҳо ҳазорати ғарбиро қабул карда, аз ҳазорати исломии худ даст кашиданд, ки истеъмор ё Ғарб ҳангоми тасмим гирифтан ба ҳамлаҳои табширӣ ва истеъморгарона айнан ҳамин чизро ҳадаф қарор дода буд. Бо туфайли пайдо шудани зиёиёни бо сақофати аҷнабӣ парваришёфта ва сақофати исломиро нодуруст фаҳмидани зиёиён дар зеҳни мусулмонон дар бораи ҳаёт

пиндорҳои ғарбӣ пайдо шуд, инчунин дар кишвари мусулмонон ҳазорати моддапарастии ғарбӣ ҳукмрон гардид ва ҳаёти ҷомеа тобеи ҳазорат ва пиндорҳои ғарбӣ шуд. Оммаи мусулмонон идрок намекарданд, ки низоми демократӣ дар ҳокимият ва низоми сармоядорӣ дар иқтисод низомҳои куфр мебошад. Агарчи додгоҳ дар байни онҳо бо ғайри нозилкардаи Аллоҳ додгустарӣ мекард, аз ин чиз мутаассир намешуданд, ҳол он ки сухани зерини Аллоҳро медонистанд:

وَمَن لَّمْ يَحْكُم بِمَا أَنزَلَ اللّهُ فَأُوْلَـئِكَ هُمُ الْكَافِرُونَ

"**Ва ҳар кӣ мувофиқи оёте, ки Аллоҳ нозил кардааст, ҳукм накунад, кофир аст**" [5:44].

Азбаски ҳазорати ғарбӣ, ки ба ҷудо кардани дин аз давлат асос меёбад, бар ҷомеаҳои мусулмонон ҳукмфармо гашт ва пиндорҳои моддапарастии ғарбӣ дар муҳитҳои зисти эшон ҳукмронӣ пайдо кард, мусулмонон ба чунин ҳолат гирифтор шуданд. Онҳо, агар ба Аллоҳ эътиқод кунанд ва танҳо намозҳояшонро бигузоранд, агарчи корҳои дунявиро мувофиқи хоҳишу ихтиёри худ идора кунанд, мепиндоранд, ки вазифаҳои диниро ба ҷо овардаанд. Зеро онҳо аз пиндорҳои ғарбии монанди "Ҳаққи подшоҳро ба подшоҳ ва ҳаққи Худоро ба Худо бидеҳ" таъсир гирифта буданд. Онҳо аз пиндорҳои исломӣ, ки подшоҳ ва ҳама чизҳои подшоҳро аз они Худо мегардонад, намозу савдову иҷораву ҳаволаву ҳокимияту таълиму ҳамаро бо фармонҳо ва боздоштҳои Аллоҳ мутобиқ месозад, таъсир нагирифтанд. Оре, онҳо агарчи суханҳои зерини Аллоҳ Таолоро хонда буданд, аз ин пиндорҳо мутаассир нашуданд:

وَأَنِ احْكُم بَيْنَهُم بِمَا أَنزَلَ اللّهُ

"**Миёнашон мувофиқи он чӣ, ки Аллоҳ нозил кардааст, ҳукм кун**" [5:49],

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ إِذَا تَدَايَنتُم بِدَيْنٍ إِلَى أَجَلٍ مُّسَمًّى فَاكْتُبُوهُ

**"Эй касоне, ки имон овардаед, чун қарзе то муддати муайян ба якдигар диҳед, онро бинависед"** [2:282],

وَمَن يُشَاقِقِ الرَّسُولَ مِن بَعْدِ مَا تَبَيَّنَ لَهُ الْهُدَى وَيَتَّبِعْ غَيْرَ سَبِيلِ الْمُؤْمِنِينَ نُوَلِّهِ مَا تَوَلَّى وَنُصْلِهِ جَهَنَّمَ وَسَاءتْ مَصِيراً

**"Ҳар кӣ пас аз ошкор шудани роҳи ҳидоят бо пайғамбар мухолифат варзад ва аз роҳе ғайри роҳи мӯъминон пайравӣ кунад, ба он сӯе, ки писанди ӯст, бигардонем ва ба ҷаҳаннамаш партоем. Ва ҷаҳаннам саранҷоми бадест!"** [4:115],

وَمَا كَانَ الْمُؤْمِنُونَ لِيَنفِرُواْ كَآفَّةً فَلَوْلاَ نَفَرَ مِن كُلِّ فِرْقَةٍ مِّنْهُمْ طَآئِفَةٌ لِّيَتَفَقَّهُواْ فِي الدِّينِ وَلِيُنذِرُواْ قَوْمَهُمْ إِذَا رَجَعُواْ إِلَيْهِمْ لَعَلَّهُمْ يَحْذَرُونَ

**"Ва натавонанд мӯъминон, ки ҳамагӣ ба сафар раванд. Чаро аз ҳар гурӯҳе дастае ба сафар нараванд, то дониши дини хешро биёмӯзанд ва чун бозгаштанд, мардуми худро ҳушдор диҳанд, бошад, ки аз зишткорӣ ҳазар кунанд?"** [9:122].

Оре, онҳо, агарчи Қуръон хонда буданд, аз ин пиндорҳо, ки дар оёти Қуръон омадааст, мутаассир нашуданд. Зеро оёти Қуръонро, чунончи мусулмон бояд зиндаву тапанда ва барои амал кардан дар майдони ҳаёт бихонад, нахонданд. Баръакс оётро дар ҳолате мехонданд, ки бар онҳо пиндорҳои Ғарб ҳукм меронд. Пас, онҳо аз ҷиҳати рӯҳонияти ин оёт таъсир мегиранд ва байни зеҳнҳои худ ва мафҳумҳову мазмунҳои он монеа мегузоранд. Сабаби ин ҳама ҳукмронии ҳазорати ғарбӣ ва пиндорҳои Ғарб бар онҳо буд. Ин гуфтаҳо ба оммаи халқ ва зиёиёне тааллуқ доранд, ки бо сақофати исломӣ ва аҷнабӣ тарбият гирифтаанд.

Аммо нисбат ба вазъияти сиёсатмадорон бало умумӣ ва мусибат калонтар аст. Зеро аз замоне, ки истеъмор ин сиёсатмадоронро ҷамъ карда, бар зидди Давлати усмонӣ барангехт, ба ин кор моил

кард ва ваъдаҳо дод, ҳол он ки шайтон ба онҳо танҳо ваъдаи бардурӯғ медиҳад, аз ҳамон дам инҷониб дар корвони ин аҷнабӣ тибқи нақшаҳои аҷнабӣ ҳаракат мекунанд. Онҳо дар замони Давлати усмонӣ ба ҷониби аҷнабӣ гузаштанд ва бар зидди давлати худ ба вай ёрӣ доданд, ҳол он ки дар Ислом ин як кори ноҷоиз аст. Лекин онҳо ба ин разолат даст заданд ва онро мояи ифтихори худ қарор доданд, ки ҳамеша ёд мекунанд ва ҳамчун ид ҳар сол ҷашн мегиранд. Онҳо ҳамон вақт ба ҷои мубориза бурдан бо табақаи ҳукмрон барои ислоҳи давлат бо душмани кофир зидди тамоми давлат ҳаракат карданд, ки дар натиҷа кишварҳояшон аз тарафи кофири истеъморгар истило шуд ва самараҳои талх ба бор овард. Сипас, сиёсатмадорон ба ҷои кӯмак ва дастгирии халқ бар зидди кофири истеъморгар ба истеъморгар бар зидди халқ ёрӣ расонданд. Дар ҳақиқат, онҳо аз кофир то он ҳадде мутаассир гаштанд, ки шахсияти исломиашон маҳв шуд. Кофири истеъморгар афкори онҳоро бо раъйҳои сиёсӣ ва фалсафӣ заҳролуд сохт, ки нуқтаи назарашонро дар бораи ҳаёт ва ҷиҳод табоҳ гардонид. Ҳамаи ин ба тамоман вайрон шудани муҳити исломӣ ва дар ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёт ба дарҳам печидани фикрҳо овард.

Онҳо ба ҷои ҷиҳод музокирароро гузоштанд ва ба қоидаи "гир ва талаб кун", ки дар кишварҳо барои истеъмор аз лашкари анбӯҳ ҳам муфидтар ҳисобида мешавад, имон оварданд. Онҳо кӯмак хостан аз кофири истеъморгар ва бовар карданро ба вай ҳадафи худ қарор дода надонистанд, ки ин гуноҳи бузург аст ва худкушии сиёсӣ ба шумор меравад. Онҳо розӣ шуданд, ки дар асоси маҳалпарастии танг ҳаракат кунанд ва онро майдони фаъолияти сиёсии худ қарор бидиҳанд, вале ғофил монданд, ки ин маҳалпарастӣ ҳаракати сиёсиро бенатиҷа мегардонад. Зеро маҳалпарастӣ, ҳарчанд кишварҳои маҳал васеъ бошанд, наметавонад масъулияти вазнини сиёсӣ ва ғайрисиёсиеро, ки ҳаёти солим тақозо мекунад, бар ӯҳда гирад.

Онҳо бо ҳамаи ин корҳо кифоят накарданд, балки манфиатҳои шахсии хешро маркази огоҳии шахсии худ ва давлатҳои аҷнабиро маркази огоҳии умумии худ қарор доданд. Ҳамин тавр, онҳо маркази огоҳии табиии худ, яъне мабдаи худро гум карданд. Бо гум кардани маркази огоҳии табиӣ онҳо аз имконияти комёбии ҳаракати худ маҳрум шуданд, ҳарчанд онҳо дар ин роҳ бо ихлос мекӯшиданд ва меҳнат сарф мекарданд. Бинобар ин, ҳама ҳаракатҳои сиёсӣ ҳаракатҳои бесамар шуданд. Ҳар як бедории уммат ба ҳаракати бесарусомони зиддиятнок табдил ёфта, монанди ҳаракати ҷонвари сарбурида бо хомӯшшавӣ, навмедӣ ва батамом таслимшавӣ ба анҷом мерасид. Сабаб он аст, ки раҳбарони ҳаракатҳои сиёсӣ маркази ҳушёрии табиии худро гум карданд. Бинобар ин, маркази ҳушёрии худро гум кардани уммат табиӣ буд. Ҳамин тавр, афкори сиёсатмадорон бо раъйҳои нодуруст заҳролуд гаштанд, чунонки бо мабдаъҳои аҷнабӣ заҳролуд шуда буданд. Зеро дар кишварҳои исломӣ ҳаракатҳое бо номи миллатгароӣ ва сотсиализм, ватанпарастӣ ва коммунизм, дини рӯҳӣ ва ахлоқ ва бо номи таълиму иршод ташкил шуданд. Ин ҳаракатҳо болои сӯхта намакоб ва муаммои нав ба болои муаммоҳои дигари ҷомеа гаштанд, ки ҷомеа дар зери бори онҳо беҳол мешуд. Натиҷаи фаъолияти ин ҳаракатҳо нокомӣ ва давр задан дар гирди худ буд. Зеро онҳо мувофиқи пиндорҳои ҳазорати ғарбӣ, ки аз ҳуҷуми табширӣ таъсир гирифта буд, рафтор карданд ва зеҳни умматро дар бораи ҳаёт тамоман ба сӯи пиндорҳои ғарбӣ равона сохтанд. Ғайр аз ин, дарёфтҳои ҷӯшони умматро бо корҳои бенафъ ва холӣ аз хайр банд карданд. Онҳо имкон доданд, ки истеъмор дар кишварҳои исломӣ устувор гардад ва боқӣ бимонад. Ҳамин тавр, комёбии ҳуҷуми табширӣ беназир буд.

# *ҲУҶУМИ СИЁСӢ БА ОЛАМИ ИСЛОМӢ*

Сабаби ҳақиқии ҳуҷум ба Андалус интиқомест, ки бо туфайли ҷангҳои салибӣ дар дилҳои ғарбиён реша давондааст. Зеро Ғарб, вақте ки дар ҷангҳои салибдорон бо зудӣ шикаст хӯрд ва аз олами исломӣ шармандавор ронда шуд, дар ҷони вай аз ин мағлубият як сӯзише монд ва қалбаш бо кинаву адовату бадбинии мусулмонон лабрез шуд. Бори дуюм бар зидди шарқ ҷанг сар кардан барои вай душвор буд. Зеро қуввати шарқ бо вуҷуди гуногунии аҳолии он барои боздоштан ва бартараф намудани кӯшишҳои Ғарб кифоят мекард. Пас, Ғарб дид, ки ин интиқом дар Андалус бо осонӣ муяссар мегардад. Бинобар ин, ба сӯи Андалус ҳамла оғоз кард ва онро ба таври ваҳшиёна истило кард. Ғарб дар ин ниқорҷӯӣ маҳкамаҳои тафтиш, дастгоҳҳои сарбурӣ ва оташхонаҳоро кор фармуд, ки ин аз ваҳшонияти даррандагон ҳам афзунтар буд ва барои Ғарб нанг ба шумор мерафт. Азбаски мусулмонон дар нусрати Андалус сустӣ карданд, Ғарб интиқомгирии худро тӯл кашонид. Ҳол он ки мусулмонон нерӯманд буданд ва дар вазъияти ҳарбии барои нусрати ин сарзамин кофӣ қарор доштанд, вале онҳо худдорӣ варзида, ин кишварро ҳамчун луқмаи чарбу нарм барои душман вогузоштанд. Ҳамин тавр, онҳо Ғарбро умедвор сохтанд, ки дар бораи қадами дуюм барои интиқомгирӣ фикр кунад. Агар нерӯи мусулмонон, хусусан Давлати усмонӣ намебуд, ҳуҷумҳои ғарбиён ба кишварҳои мусулмонон пай дар пай рух медод. Лекин нерӯи мусулмонон, ҳуҷум ба Аврупо ва фатҳи он аз ҷониби усмониҳо ғарбиҳоро тарсонд ва водор сохт, ки ба ҳуҷуми зидди мусулмонон

нашитобанд, то дар ҷанги дуюми салибдорон шикаст нахӯранд. Бинобар ин, ҳамлаи Ғарб ба сарзаминҳои Ислом то мобаъди нимаи дуюми асри ҳаҷдаҳ бозистод. Он гоҳ карахтӣ тамоми олами исломиро фаро гирифта буд, ки дигар ба ҳамли даъвати исломӣ машғул намешуд. Бинобар ин, ҳарорати Ислом аз дилҳо рахт баст ва дар натиҷаи он ҳайбати мусулмонон аз қалби душманонашон бардошта шуд. Он гоҳ ҳамлаҳои сақофӣ ва табширӣ дар олами исломӣ ба ҷунбиш даромад ва дар паҳлӯи он ҳуҷумҳои сиёсӣ низ оғоз шуданд, то сарзаминҳои Исломро ба қисмҳо ҷудо карда, олами исломиро пароканда созанд ва тамоман барҳам диҳанд. Ин орзуи ғарбиҳо ҷомаи амал пӯшид ва онҳо ба комёбии бузург ноил гардиданд.

Русия дар замони Екатерина (1762-1796) бар зидди усмониҳо ҷангида, бар онҳо ғолиб омад ва баъзе заминҳояшонро азхуд карда, шаҳри Азов, нимҷазираи Қрим ва тамоми ҳавзаҳои шимолии баҳри Сиёҳро ба даст даровард. Дар нимҷазираи Қрим шаҳри Севастополро бунёд кард ва онро пойгоҳи худ қарор дод. Инчунин дар лаби баҳри Сиёҳ бандари тиҷоратии Одессаро бунёд гузошт. Русия дар сиёсати хориҷии Давлати усмонӣ як омили муҳим гардид ва дар аморатҳои румонӣ пешво шуд. Вай худро ҳомии масеҳиёни Давлати усмонӣ меҳисобид. Сипас, соли 1884 аз Туркия Туркистонро ҷудо карда гирифт. Баъд аз он, Кавказро пурра ба зери тасаллути худ даровард.

Кор танҳо бо Русия маҳдуд нагардид, балки давлатҳои дигари ғарбиро низ дарбар гирифт. Дар аввалҳои июли соли 1798 Наполеон ба Миср ҳамла овард ва онро ишғол кард. Дар феврали соли 1799 ба қисми ҷанубии кишвари Шом ҳуҷум карда, ба шаҳрҳои Ғазза, Рамла ва Ёффа истило ёфт ва то қалъаҳои Акко расид. Лекин ин ҳамлаи ӯ ноком гашт, ки аввал ба Миср ва сипас аз он ҷо ба Фаронса ақиб нишаст. Ҳамлаи соли 1801 низ ноком гардид. Бо вуҷуди нокомии худ ин ҳамла ба Давлати усмонӣ таъсир кард ва вуҷуди онро сахт ба ларза овард. Давлатҳои дигар ҳам ба олами

исломӣ пай дар пай ҳамлавар шуда, қисмҳои онро ба тасарруфи худ медароварданд. Французҳо соли 1830 Ҷазоирро ишғол карданд ва аз паи истилои Тунис шуда, дар ин роҳ кор бурданд ва ҳатто соли 1881 онро истило карданд. Баъд аз ин, соли 1912 ба истилои Марокаш даст ёфтанд. Инчунин Италия соли 1911 Тароблусро ишғол кард. Ҳамин тавр, тақсимот, ҷудо кардан аз ҳокимияти Ислом, тобеъ кардан ба ҳокимияти куфр ва истеъмори шимоли Африқо пурра ба анҷом расид.

Ғарбиҳо бо ин кор кифоят наварзиданд, балки бо истилои қисмҳои боқимондаи олами исломӣ истилогариро такмил бахшиданд. Британиё соли 1839 Аданро забт кард, Лаҳҷ ва нӯҳ сарзамини дигарро аз сарҳадҳои Ямани ҷанубӣ то шарқи нимҷазираи Арабистон ба зери тасарруф даровარда, ҳудуди мустаъмараи худро вусъат дод. Англисҳо пеш аз ин ҳодиса муддати тӯлонӣ бар Ҳиндустон даст ёфта, онро мустамлика намуданд ва аз зери ҳукмронии мусулмонон кашида гирифта, фармонравоии худро ба навъи хоса барпо намуда буданд. Азбаски мусулмонон дар Ҳиндустон соҳиби салтанат буданд, англисҳо бо сабаби мустамлика кардан онро аз дасти мусулмонон кашида гирифтанд ва барои аз ҳар ҷиҳат суст кардани мавқеи онҳо дар ин кишвар ба фаъолият шурӯъ намуданд. Сипас, соли 1882 Британиё Мисрро ва соли 1898 Судонро ишғол кард. Инчунин Ҳолланд бар ҷазираҳои шарқи Ҳинд ҳукмронӣ мекард. Афғонистон ва Эрон низ дар зери фишори англисҳо ва русҳо монд. Ҳамлаи ғарбиён дар сартосари олами исломӣ шиддат гирифт. Ҳатто тамоми ин олам ҳис кард, ки дар зери истибдоди Ғарб дар маърази фурӯпошӣ қарор дорад ва ҳамлаи салибдорон равнақи тоза ёфта, ғалабаҳои пай дар пай ба даст даровардааст. Олами исломӣ барои боздоштани ишғолгарии Ғарб дар ин ҳад ва ё сабук гардонидани бори фишори он ба ҷунбиш даромад. Дар бисёр ҷойҳо ҳаракатҳои муқовимати зидди ғарбиён рух дод. Дар Ҷазоир шӯриш бархост. Дар Ҳиндустон мусулмонон сар бардоштанд. Дар Судон маҳдииён бархостанд ва шӯриши санусиён аланга гирифт. Ҳамаи ин далолат мекард, ки ҳарчанд

олами исломӣ карахт ва заиф бошад, дар вуҷудаш нерӯи ҳаётӣ ҷой дорад. Вале ҳамаи ин ҳаракатҳо батамом ноком гардиданд ва олами исломиро халос карда натавонистанд. Ғарб дар ин ҳуҷум аз ҳадди худ гузашта, ҳуҷумҳои сиёсӣ ва сақофиро идома дод. Вай бо тақсим ва азхуд кардани олами исломӣ маҳдуд нагашт, балки барои барҳам додани Давлати усмонӣ ҳамчун таҷассумгари давлати исломии мусулмонон ҳаракат мекард. Бинобар ин, дар дохили ин давлат ҳаракатҳои миллатпарастиро ба вуҷуд овард. Зеро давлатҳои аҷнабӣ аз соли 1804 инҷониб дар миёни халқҳои Балкан шӯриш барангехта, ин шӯришҳоро пуштибонӣ менамуд, ки ин шӯришҳо соли 1878 бо истиқлолият ба анҷом расид. Инчунин ин давлатҳо Юнонро аз соли 1821 ба шӯриш тарғиб мекард, ки ниҳоят шӯриши онҳо бо сабаби дахолати аҷнабиён соли 1830 бо мустақил шудани Юнон аз Туркия хотима ёфт. Кишварҳои дигари Балкан ҳам пай дар пай шӯриш бардоштанд, ки ҳатто сояи Давлати усмонӣ ҳамчун Давлати Исломӣ аз Балкан, Крит, Кипр ва бисёр ҷазираҳои баҳри Миёназамин бардошта шуд. Ғарбиҳо дар Балкан ва ҷазираҳои баҳри Миёназамин ба мусулмонон навъҳои гуногуни ваҳшониятро кор фармуданд ва бисёрии онҳоро аз диёрашон ронданд. Дар натиҷа бисёр мусулмонон барои нигоҳ доштани динашон аз чанголи кофирони дарранда ба фирор маҷбур шуданд ва ба кишварҳои араб ҳамчун кишварҳои исломӣ ва як ҷузъи Давлати Исломӣ паноҳ бурданд. Черкесҳо, бушноқҳо, чеченҳо ва халқҳои дигар фарзандони ҳамон мусулмонони қаҳрамон ҳастанд, ки ба итоати ҳокимияти куфр розӣ нашуда, бо дини худ ба сӯи диёри Ислом ва ҳокимияти исломӣ фирор карданд.

Кор бо ин маҳдуд нашуд, балки ғарбиён бо воситаҳои махфӣ дар дохили давлат дар байни туркҳо ва арабҳо ба ташвиқи ҳаракатҳои ҷудоихоҳи мусулмонон камар бастанд. Ҳамин тавр, онҳо ҳаракатҳои миллатпарастиро натанҳо шавқманд намуданд, балки дар ташкили ҳизбҳои сиёсии туркиву арабӣ, монанди "Туркияи ҷавон", Ҳизби иттиҳод ва тараққӣ, Ҳизби истиқлоли арабӣ, Ҳизби Аҳд ва ғайра ёрӣ доданд. Ин кор дар дохили давлат бетартибӣ ва

ларзишро ба вуҷуд овард, ки дар асари чунин ҳодисаҳои дохилӣ ва ҳуҷумҳои хориҷӣ ин ларзиш густариш ёфт. Чун ҷанги якуми ҷаҳон оғоз шуд, барои Ғарби кофир фурсат фаро расид, то бар олами исломӣ ҳамла оварад, сарзаминҳои боқимондаи онро ишғол кунад ва Давлати Исломиро барҳам дода, тамоман нобуд созад. Давлати усмонӣ ба ҷанги якуми ҷаҳон даромад, ки бо пирӯзии ҳампаймонон ва шикасти он ба анҷом расид. Дар натиҷа ғарбиҳо тамоми олами исломиро ҳамчун ғанимат дар байни худ тақсим карданд. Аз он танҳо кишвари туркҳо боқӣ монд, ки ба вай "Туркия" ном ниҳоданд. Туркия баъд аз анҷоми ҷанг дар соли 1918 то соли 1921 дар зери дасти ҳампаймонон боқӣ монд ва танҳо баъди кафолати барҳам додани Давлати Ислом дар назди ҳампаймонон истиқлолиятро ба даст оварда тавонист.

# *БАРҲАМ ДОДАНИ ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ*

Ҷанги якуми ҷаҳон анҷом ёфт ва баъд аз он ки ҳампаймонон ғалабаи бемисл ба даст овvarданд, дар байни иштирокчиёни ҷанг оташбас эълон шуд. Давлати усмонӣ фурӯ пошид ва ба қисмҳои хурд тақсим шуд. Ҳампаймонон тамоми кишварҳои арабиро, монанди Миср, Сурия, Фаластин, шарқи Урдун ва Ироқ ба зери султаи худ дароварда, аз давлат ҷудо карданд. Дар дасти усмониҳо ҷуз кишвари туркҳо, яъне "Туркия" дигар кишвар намонд. Ҳатто ҳампаймонон ба худи Туркия ҳам даромаданд. Киштиҳои ҳарбии англисӣ Босфорро азхуд кард. Лашкари англис як қисми пойтахт, ҳама қалъаҳои Дарданел ва ҷойҳои муҳими ҳарбиро дар тамоми гӯшаву канори Туркия ишғол намуд. Лашкари француз як қисми Истанбулро ишғол кард ва кӯчаҳо аз сарбозони сенегалии французҳо пур шуд. Лашкари Италия Биро ва хатҳои роҳи оҳанро ба зери тасарруф гирифтанд. Афсарони ҳампаймонон корҳои пулис, посбонони ватан ва бандарҳоро назорат мекарданд. Онҳо қалъаҳоро аз аслиҳа холӣ карданд ва пароканда сохтани як қисми лашкари туркиро оғоз намуданд. Ҷамъияти иттиҳод ва тараққӣ пароканда шуд. Ҷамол-пошо ва Анвар-пошо ба хориҷи мамлакат фирор карданд. Аъзои боқимондаи ҷамъият пинҳон шуданд. Барои иҷрои фармонҳои душмани ишғолгар бо сарварии Тавфиқ-пошо як ҳукумати нотавоне ташкил шуд. Ҳамон вақт халифа Ваҳидуддин буд. Ӯ медид, ки дар воқеъ чӣ рух медиҳад. Бинобар ин, зарур

донист, ки бо услуби оқилона вазъиятро раҳо бахшад. Ҳамин тавр, парлумонро пароканда сохт ва раёсати вазоратро ба холистарин дӯстонаш Фарид супорид. Фарид бар ин раъй буд, ки бо ҳампаймонон муомилаи зебо кунад ва аз муқовимат, хусусан дар ҳолате, ки ҷанг хотима ёфтааст, худдорӣ намояд, то сабаби вайроншавии мамлакат нагардад. Халифа нуқтаи назари Фаридро дастгирӣ кард. Ин нақша иҷро шуд. Аҳвол ҳамин тавр давом кард, яъне кишвар дар зери ҳукмронии ҳампаймонон монд. Туркия то нимаи соли 1919 беҳаракат истод, пас, аҳвол тағйир ёфт ва дар мавқеи ҳампаймонон сустӣ пайдо шуд. Дар байни халқҳои Италиё, Фаронса ва Англия душвориҳои дохилии то он дараҷа ҷиддӣ рӯй дод, ки бими пароканда шудани сафҳои дохилии онҳоро ба миён овард. Ихтилоф ба миёни худи ҳампаймонон ҳам роҳ ёфт ва дар Истанбул дар байни вакилон ба шакли ошкоро намоён гашт. Чунончи ошкоро бо ҳам низоъ мекарданд ва дар болои ғанимат кашмакаш менамуданд. Ҳар яки онҳо аз марказҳои ҳарбӣ ва имтиёзоти иқтисодӣ тамаъ мекард, ки ба ҳиссаи беҳтару бештар соҳиб шавад. Барои Туркия имконият фароҳам омад, ки тамоми тавоноии охирини худро сарф карда, аз ин ҳолати ногувор раҳоӣ ёбад. Зеро заифӣ ва ихтилофи ҳампаймонон то он ҳадде расид, ки ҳар яке аз давлатҳои ҳампаймон туркҳоро бар зидди давлатҳои дигар барангехта, алайҳи онҳо ёрӣ медод. Ҳанӯз анҷумани сулҳ баргузор ва шартҳои сулҳ гузошта нашуда буд. Бинобар ин, дар уфуқ шарораҳои умед падидор гашта, дар қалби мардум боварӣ пайдо шуд, ки метавонанд як ҳаракати муқовимати ҷиддӣ ташкил намоянд. Англисҳо аз Мустафо Камол хостанд, ки тибқи сиёсати онҳо рафтор кунад, нақшаҳояшонро амалӣ созад ва бо барҳам додани Давлати Хилофат ба орзуяшон ҷомаи амал пӯшонад. Дар Истанбул зиёда аз даҳ ҷамъиятҳои пинҳонӣ ташкил ёфтанд, ки мақсади онҳо дуздидани аслиҳа ва анборҳое, ки дар зери тобеияти душман қарор доранд ва ба созмонҳои пинҳонии дар дохили кишвар амалкунанда фиристодани он муҳимот буд. Баъзе расмиён дар ин кор кӯмак мекарданд. Вакили вазорати ҳарбӣ Исмат, раиси

ситодҳои ҳарбӣ Фавзӣ, вазири корҳои дохилӣ Фатҳӣ ва вазири нерӯи баҳрӣ Рауф – ҳама ба ин ҳаракатҳо ёрӣ медоданд. Бинобар ин, ҷамъиятҳои гуногун барпо шуданд, ки вазифаашон ба таври пинҳонӣ зидди душман мубориза бурдан буд. Ҷамъияти иттиҳод ва тараққӣ боз ба ҷунбиш омад ва баъзе сарбозони низомӣ низ ба ин ҳаракатҳо ҳамроҳ шуданд. Сипас, онҳо ба ҳаракати ягона ҷамъ шуданд, ки ба он Мустафо Камол раҳбарӣ кард. Вай барои зиддият ба ҳампаймонон ва аз кишвар рондани онҳо, агар ба кори ин ҳаракат лашкари халифа монеъгӣ кунад, барои мухолифат бо ин лашкар ба по хест. Мустафо Камол дар ин кор ба комёбии бузург ноил гардид. Сипас, ба чунин хулоса омад, ки ҳукумати марказӣ ва султон дар Истанбул ба зери ҳукмронии ҳампаймонон афтодаанд ва бояд дар Анозул (27) ҳукумати миллӣ барпо карда шавад.

Мустафо Камол бар ин асос шӯриши худро, ки бар он ҷомаи миллӣ пӯшонида буд, оғоз кард ва ин шӯриш бо нобуд кардани Хилофат ва аз қисмҳои дигари Давлати усмонӣ ҷудо кардани Туркия ба охир расид. Аз воқеаҳое, ки дар ҳаракати Мустафо Камол ҳангоми шӯриши ӯ рӯй доданд, ба шакли кушоду ошкоро дида мешавад, ки англисҳо барои ташкили ин шӯриш ҳама чизро омода сохта, Мустафо Камолро барои амалӣ гардонидани он фиристодаанд.

Мустафо Камол дар Сивос анҷумани миллӣ гузаронид, ки дар он воситаҳо ва услубҳои кафолатдиҳанда барои нигаҳдории истиқлолияти Туркия баррасӣ гардид. Анҷуман қарорҳо қабул кард, кумитаи иҷроиро интихоб намуд ва Мустафо Камолро раиси ин кумита таъйин кард. Ин анҷуман ба султон огоҳинома фиристода, дархост намуд, ки Фарид аз раёсати вазорат сабукдӯш гардад ва барои парлумони нави озод интихобот гузаронида шавад. Султон дар зери ин фишор маҷбур шуд, ки ба талаботи анҷуман сар бниҳад. Пас, ӯ сарвазирро аз кор гирифта, ба ҷояш Алӣ Ризоро таъйин кард ва ба гузаронидани интихоботи нав фармуд, ки дар маъракаи он иштирокчиёни анҷуман ҳамчун гурӯҳи хостгори раҳонидани мамлакат фаъолона ҳаракат карда, дар

парлумони нав аксарияти курсиҳоро ба даст оварданд ва пирӯз шуданд.

Пас аз ин комёбӣ анҷуман ва аъзоёни он ба Анқара кӯчид. Аз ҳамон вақт инҷониб Анқара маркази фаъолияти онҳо гардид. Намояндагони анҷуман дар Анқара як ҷамъомад гузаронда, дар он пешниҳод карданд, ки парлумон дар Истанбул ҷамъ биёяд ва баъд аз он ки аъзоёни он ба намояндагони расмӣ табдил ёфтанд, анҷуман пароканда шавад. Лекин Мустафо Камол ба ин ду фикр зид баромад ва гуфт: "Анҷуман бояд то замони маълум шудани дараҷаи адолати парлумон ва равшан шудани сиёсати он идома ёбад. Аммо ба пойтахт кӯчидан ҷуз ҳамоқат чизи дигар нест. Агар шумо ин корро кунед, албатта дар зери дасти душмани аҷнабӣ қарор мегиред. Зеро англисҳо ҳанӯз бар мамлакат ҳукм меронанд ва бо зудӣ сохторҳо ба корҳои шумо дахолат мекунанд, шояд ки шуморо ба ҳабс гиранд. Бинобар ин, мебояд, ки парлумон дар ин ҷо дар Анқара ташкил карда шавад, то он озоди мустақил бимонад". Мустафо Камол дар раъйи худ сахт исрор варзид, вале ба қонеъ гардонидани намояндагон муваффақ нашуд. Намояндагон ба пойтахт рафта, ба халифа садоқати худро изҳор намуданд. Сипас, онҳо ба кори худ шурӯъ намуданд. Ин ҳодиса дар моҳи январи соли 1920 рух дод.

Султон кӯшиш намуд, ки намояндагонро ҷонибдори иродаи худ кунад, вале намояндагон розӣ нашуданд ва побандии худро ба ҳуқуқҳои мамлакат изҳор карданд. Вақте ки дар зери фишори сахт монданд, барои соҳиб шудан ба раъйи умумӣ "аҳдномаи миллӣ"-ро, ки дар анҷумани Сивос тасдиқ карда буданд, паҳн намуданд. Ин аҳднома шартҳоеро дарбар гирифта буд, ки дар асоси онҳо сулҳро мепазируфтанд. Муҳимтарини шартҳо дар дохили сарҳадҳои муайян озоду мустақил шудани Туркия буд. Ин чиз ҳампаймононро, хусусан англисҳоро хеле шод кард. Зеро онҳо барои ин қарор ва қабул шудани он аз ҷониби худи аҳли кишвар кӯшиш ба харҷ медоданд. Чун мулоҳаза мешавад, ҳамаи кишварҳое,

ки бар онҳо Давлати усмонӣ ҳамчун Давлати Исломӣ ҳукм меронд, дар охирҳои ҷанги якуми ҷаҳон барои худ "аҳдномаи миллӣ" қабул карда буданд, ки ҳама матни ягона доштанд. Ин матн истиқлоли бахше буд, ки ҳампаймонон кишвари алоҳида шудани онро хоста буданд. Чунончи, аҳдномаи миллии Ироқ истиқлолияти Ироқро дарбар мегирифт. Аҳдномаҳои миллии Сурия, Фаластин, Миср ва дигарон ҳам истиқлолияти онҳоро дарбар мегирифт. Аз ин лиҳоз, аз аҳдномаи миллии туркон хурсанд шудани ҳампаймонон, алалхусус англисҳо як кори табиӣ буд. Зеро қабули аҳднома мувофиқи хости онҳо буд ва нақша доштанд, ки пайвандҳои вуҷуди Давлати усманиро қатъ созанд, онро ба якчанд давлат тақсим кунанд, то ки аз нав давлати ягонаи қавӣ нагардад ва давлати мусулмонон барҳам хӯрад. Агар ин аҳднома намебуд, ки бо тасдиқи он ҳампаймонон дар ҳама ҷо комёб гардиданд, кор ранги дигар мегирифт. Чунки Давлати усмонӣ давлати ягона буда, ҳамаи вилоятҳои он як ҷузъи он эътибор карда мешуданд ва ин давлат бар асоси низоми ваҳдат идора мешуд, на бо низоми иттиҳод. Пас, дар ин ҷо байни Ҳиҷоз ва Туркия, байни шаҳристони Қудс ва шаҳристони Искандаруна фарқе вуҷуд надошт, зеро ҳамаи онҳо давлати ягона буданд. Мағлубияти Туркия бо мағлубияти Олмон баробар буд. Зеро ин ду давлат дар ҷанг ҳампаймон буданд ва бояд шартҳои сулҳи яке ба дигаре ҳам мувофиқ меомад. Агар мардуми Олмон барои як ваҷаб замини кишвари худ ба саҳлангорӣ роҳ надоданд ва он кишвар тақсим нашуд, пас, бояд дар Давлати усмонӣ ҳам кор ҳамин гуна ранг мегирифт ва тақсим кардани он мумкин набуд. Ҳампаймонон инро медонистанд ва дар ин бора ҳазор гуна ҳисобу китоб мекарданд. Аммо худи усмониҳо – ҳам туркҳо ва ҳам арабҳо баробар талаб карданд, ки давлаташон ба бахшҳо тақсим шавад. Ҳампаймонон дарҳол инро қабул ва дастгирӣ карданд. Хусусан, инро маркази давлат "Туркия" талаб мекард, ки он дар давлат аксарияти ҳокимиятро таҷассум менамуд.

Бинобар ин, ҳампаймонон аҳдномаи миллии туркиро ғалабаи қатъии худ донистанд. Баъди паҳн шудани аҳднома онҳо бояд

ихтиёри муборизаро ба туркҳо гузошта, аз ҳама ҷо мерафтанд. Нерӯҳои англисӣ ва франсузӣ аз дохили мамлакат рафт. Азми туркҳо шиддат ёфт. Дар кишвар ҳаракати муқовимати зидди душман оғоз шуда, ба шӯриши зидди султон табдил ёфт. Дар натиҷа султон лашкар омода сохта, бар зидди ҳаракат ҳамла кард ва онро барҳам дод. Ҳамаи мардум ҷонибдори султон буданд. Танҳо Анқара, ки маркази шӯриш буд, бар зидди султон меистод. Ҳатто худи Анқара низ дар арафаи сарнагуншавӣ қарор дошт. Деҳаҳои атрофи Анқара пай дар пай ба зери парчами султон даромада, ба лашкари халифа ҳамроҳ мешуданд. Мустафо Камол ва ҳамроҳони ӯ дар Анқара дар вазъияти хеле душвор монданд. Лекин Мустафо Камол барои мубориза бурдан тасмим гирифт ва дар қалби ватанпарастон оташи ҷасоратро аз нав барангехт. Бинобар ин, азму қарори онҳо боз пурзӯр гашт. Дар минтақаҳо ва деҳаҳои Туркия овозаҳо паҳн шуд, ки англисҳо ба пойтахт ҳамла меоранд, ватанпарастонро ба ҳабс мегиранд ва бинои парлумонро бо қувва мебанданд, инчунин султон ва ҳукуматаш дар ин кор ба онҳо кӯмак хоҳад кард. Вазъият тағйир ёфт, мардум аз султон рӯй гардонданд. Раъйи умумӣ ба сӯи ватанпарастони Анқара моил шуд. Мардону занон ихтиёран барои дифои Туркия ба сӯи Анқара мешитофтанд. Бисёриҳо аз лашкари халифа гурехта, ба лашкари Мустафо Камол, ки маркази таваҷҷӯҳ ва орзую умеди туркҳо гашта буд, ҳамроҳ мешуданд. Ҷабҳаи вай қавӣ гашт ва аксари кишвар ба зери дасташ гузашт. Он гоҳ варақае ба нашр расонд, ки ба интихоботи ҷамъияти ватанпарастӣ даъват мекард ва маркази ҷамъият Анқара мешуд. Интихобот баргузор гардид. Баъд аз ин намояндагони нав ҷамъ шуда, ба худ "Ҷамъияти калони ватанпарастӣ" ном гузоштанд ва худро ҳукумати қонунӣ ҳисобиданд. Сипас, Мустафо Камолро раиси ин ҷамъият интихоб карданд ва Анқара ба маркази ҳукумати ватанпарастӣ табдил ёфт. Ба вай ҳамаи туркон ҳамроҳ шуданд. Мустафо Камол бархоста, лашкари боқимондаи халифаро торумор кард ва ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима бахшид. Сипас, барои набарди зидди Юнон фориғ гашта, бо онҳо ба ҷангҳои хунин даромад. Дар

аввал ғалаба ба ҷониби юнониҳо буд. Баъдтар кор ранги дигар гирифт ва паллаи тарозуи вай вазнин шуд. Чун августи соли 1921 фаро расид, Мустафо Камол ба ҳуҷуми пуршиддат гузашт ва задухӯрд бо ғалабаи вай бар юнониҳо, ки Измир ва баъзе соҳилҳои Туркияро забт карда буданд, анҷом ёфт. Дар аввалҳои сентябри соли 1921 ба назди Исмат-пошо намоянда фиристод, то Ҳаррингтонро барои ба тафсилотҳо созиш кардан пешвоз гирад. Он гоҳ ҳампаймонон розӣ шуданд, ки юнониҳоро аз Трис бароранд ва худашон Қустантиния ва тамоми Туркияро тарк кунанд. Аз мушоҳадаи ҳаракатҳои Мустафо Камол ошкор мегардад, ки чунин ризоияти ҳампаймонон бар ивази ҳокимияти исломиро барҳам додани Мустафо Камол воқеъ шуда буд. Бинобар ин, ҳангоме ки ҷамъияти ватанпарастӣ баъди ба даст даровардани ғалабаҳо дар бораи корҳои минбаъдаи Туркия бо Мустафо Камол мунозара кард, ӯ дар ҷавоб гуфт: "Ман ба иттифоқи давлатҳои исломӣ ва ҳатто ба иттифоқи халқҳои усмонӣ боварӣ надорам. Ҳар яки мо бояд дорои раъйи худ бошем. Аммо ҳукумат бояд бо як сиёсати устувори муайяни бар ҳақиқатҳо бунёдёфта побанд шавад, ки соҳиби мақсади ягона бошад. Ин мақсад ҳимоя кардани ҳаёти ватан ва дар дохили сарҳадҳои табиии худ мустақил будани он аст. Дарёфтҳо ва хаёлҳои хом набояд ба сиёсати мо таъсир расонанд, аз хобу хаёлот дур бошем. Зеро ин дар гузашта бар мо бори гаронро андӯхт".

Ҳамин тавр, вай ошкор кард, ки на чун уммати исломӣ, балки ҳамчун халқи туркӣ истиқлоли Туркияро мехоҳад. Баъзе намояндагон ва сиёсатмадорон аз вай талаб карданд, ки дар бораи чигунагии шакли ҳокимияти ҳукумати нави Туркия раъйи худро баён кунад. Зеро барои Туркия мавҷудияти ду ҳокимият маъқул нест, чунончи он гоҳ вазъияти ҳукмрон ҳамин тавр буд, яъне ҳукумати муваққати соҳиби салтанати қароргоҳаш Анқара ва ҳукумати бо ном расмии пойтахт, ки ба он султон ва вазиронаш раҳбарӣ мекарданд. Сиёсатмадорон раъйи Мустафо Камолро дар хусуси ин вазъият сахт талаб карданд. Вай ниятҳояшро пинҳон дошта, ба онҳо ҷавоб надод. Бар зидди халифа Ваҳидуддин овозаҳо

барангехта мешуд, ки гӯё ӯ гумоштаи англисҳо ва юнониҳо бошад. Ҳамин тавр, халқро бар зидди ӯ шӯронданд. Дар аснои ин муҳити шӯрангези барои Мустафо Камол мусоид ва барои султон номусоид Мустафо Камол барои баён кардани нақшаи худ дар бораи султон ва ҳукумат ҷамъияти ватанпарастиро ҷамъ кард. Вай медонист, ки худаш барои сабукдӯш сохтани Ваҳидуддин ва бекор намудани салтанат намояндагонро қаноатманд карда метавонад, лекин ҷуръат намекунад, ки бар зидди Хилофат ҳамлавар шавад, зеро мумкин буд, ки ин ҳамла ба дарёфтҳои исломии тамоми мардум зарба бизанад. Бинобар ин, вай Хилофатро бекор накард ва бар зидди он набаромад, балки аз салтанат ҷудо кардани Хилофатро, бекор кардани салтанатро ва сабукдӯш кардани Ваҳидуддинро пешниҳод намуд. Намояндагон бо шунидани ин пешниҳод хомӯш монданд ва хатари ин пешниҳодро, ки тасдиқи он талаб карда мешуд, идрок карданд. Намояндагон хостанд, ки ин масъаларо ба муҳокима гузоранд, вале Мустафо Камол аз ин муҳокима тарсид ва талаб кард, ки бар ин пешниҳод раъй диҳанд. Вайро дар ин хусус ҳаштод нафар намояндагон, ки тарафдорони шахсии вай буданд, дастгирӣ намуданд. Вале маҷлис онро рад кард ва пешниҳодро барои баррасӣ ба комиссияи корҳои қонунӣ супорид. Вақте ки комиссия рӯзи оянда ҷамъ омад, Мустафо Камол ба ҷамъомадгоҳ ҳозир шуд ва ба назорати кори он пардохт. Комиссия ин пешниҳодро якчанд соат баррасӣ кард. Аъзои комиссия, ки аз олимону ҳимоятгарон иборат буданд, ин пешниҳодро ба нусуси шаръӣ муқоиса намуданд ва мухолифати онро бо шариат маълум сохтанд. Зеро дар Ислом салтанати динӣ ва замонавӣ вуҷуд надорад. Салтанат ва хилофат чизи ягона ҳаст, дин як чиз ва давлат чизи дигар нест, ин гуна сухан вуҷуд надорад, балки дар ин ҷо низоми Ислом вуҷуд дорад, ки давлат як қисми ин низом дониста мешавад ва барои татбиқи он ташкил меёбад. Бинобар ин, комиссияи қонунӣ ягон асосе наёфт, ки ин ҷудосозӣ, ҳатто ин баҳсро сафед кунад. Чунки нусуси Ислом дар ин хусус кушоду равшананд. Аз ин рӯ, барои рад кардани пешниҳод тасмим гирифт.

Лекин Мустафо Камол ба воситаи ҷудо кардани салтанат аз хилофат ҷудо кардани динро аз давлат мехост, ки ин муқаддимаи бекоркунии хилофат буд. Вай нақшеро иҷро мекард, ки Британиё барояш омода сохта буд, то бо ёрии он Давлати Хилофатро барҳам диҳад. Ин кӯшишҳо ҷавоби талаби ҳампаймонон буд, ки мехостанд ба ин восита охирин Давлати Исломиро бо дасти аҳолии худаш барҳам диҳанд. Бинобар ин, Мустафо Камол, вақте ки мунозараҳо ва раванди комиссияро дид, асабҳояшро идора карда натавонист ва якбора аз ҷо ҷаҳида, ба болои харак баромад. Вай сахт ба ғазаб омад ва мунозираҳои комиссияро бурида, фарёд кашид: "Ҷанобҳо, султони усмонӣ ҳокимиятро аз халқ бо зӯрӣ кашида гирифтааст. Халқ ҳам онро аз вай бо зӯрӣ бармегардонад. Салтанат бояд аз хилофат ҷудо карда шавад ва хилофат ҳам бекор карда шавад. Хоҳ шумо бар ин розӣ мешавед, хоҳ на, ин кор ба зудӣ рух медиҳад. Ҳама гап дар он аст, ки сарҳои баъзе шумо дар зимни ин кор аз тан ҷудо хоҳад шуд". Вай бо оҳанги диктаторӣ сухан меронд. Пас, комиссия ҷамъомадро қатъ намуд. Сипас, фавран ҷамъияти ватанпарастӣ барои баррасии ин пешниҳод даъват шуд. Ҳангоми мунозираи он ба Мустафо Камол равшан гашт, ки андешаи аксарият ба сӯи рад кардани ин пешниҳод моил мешуд. Бинобар ин, вай ба атрофи худ ҷонибдоронашро ҷамъ оварда, талаб намуд, ки ба пешниҳод бо як бор бардоштани дастҳо раъй диҳанд. Намояндагон аз ин кор эътироз карданд ва гуфтанд: "Агар гирифтани раъй лозим бошад, бояд ном ба ном хонда гирифта шавад". Мустафо Камол инро рад кард ва бо оҳанги таҳдидомез фарёд кашид: "Ман боварӣ дорам, ки маҷлис пешниҳодро бо як овоз қабул хоҳад кард. Гирифтани овозҳо бо бардоштани дастҳо кифоя аст". Таклиф ба овоз гузошта шуд. Ба он ҷуз шумори андак дигар ҳеҷ кас овоз надод. Лекин натиҷа чунин эълон шуд, ки маҷлис пешниҳодро бо як овоз тасдиқ кардааст. Намояндагон аз ин эълон ба даҳшат омаданд ва баъзе ба болои харакҳо ҷаҳида, бо ҳаяҷон фарёд карданд: "Ин нодуруст аст, мо розӣ нашудаем". Тарафдорони душмани дин ба сӯи онҳо фарёд кашида, хомӯш

мекарданд ва ҳақорат медоданд. Вале раис бори дигар эълон кард, ки ҷамъияти калони ватанпарастии Туркия бо як овоз бекор кардани салтанатро тасдиқ намуд. Ҳамин тавр, маҷлис ба охир расид. Мустафо Камол дар иҳотаи тарафдоронаш толорро тарк кард. Вақте ки халифа Ваҳидуддин ин хабарро шунид, аз тарс гурехт. Бо эълони гурехтани халифа писари бародараш Абдулмаҷид халифаи мусулмонон эълон шуд, ки дигар дар ихтиёри вай ҳеҷ гуна салтанат намонда буд. Ҳамин тавр, халифа бе ҳукумат ва мамлакат бидуни ҳокими шаръӣ монд.

Агар салатанат аз хилофат ҷудо карда шуда бошад, пас, кӣ ҳукм меронад? Мустафо Камол барои ҷудо кардани салтанат аз хилофат хеле ташна буд. Бо ин сабаб, вай қабл аз муайян кардани шакли ҳокимияте, ки ҳукумати Туркия бар он бино мешуд, ба барҳам додани хилофат кӯшид. Бинобар ин, баъди бекор кардани салтанат дар бораи шакли ҳукумати нав ба муайян кардани қарор шурӯъ намуд. Агар Мустафо Камол вазорат ташкил кунад, вай раиси ҳукумати конститутсионӣ мешавад ва халифа соҳиби салтанат боқӣ мемонад, пас, қарори бекор кардани салтанат бетаъсир мешавад. Мустафо Камол ташкил кардани вазоратро напазируфт. Вай мақсадашро пинҳон дошт. Баъд аз он, ба воситаи қувва ва сохторе, ки дар ихтиёр дошт ва ба воситаи он ба халқ ҳукм меронд, ҳизберо ташкил карда, онро "ҳизби халқӣ" номид. Бо ин восита вай мехост, ки раъйи умумиро ба ҷониби худ бартобад. Лекин новобаста ба ин, аксарияти мутлақ дар ҷамъияти ватанӣ баъди эълони аз хилофат ҷудо кардани салтанат бар зидди вай буданд. Бинобар ин, вай дар бораи эълони шакли ҳукумате, ки худаш тасдиқ намудааст, яъне ҷумҳурият эълон кардани Туркия ва раиси он эълон кардани худ фикррониро оғоз намуд. Мустафо Камол ҳаракат кард, ки ҷамъияти ватаниро дар ҳолати ногувор андозад. Дар натиҷаи ин амал вазорати ҳукмрон ба истеъфо баромад ва истеъфои худро ба ҷамъияти ватанӣ тақдим намуд. Ҷамъият касеро наёфт, ки сарвазир гузорад. Баъди ин вазъияти барои ҷамъият хеле сахт номзадии Мустафо Камол ба раёсати вазорат

пешниҳод карда шуд. Ҷамъият душвории вазъиятро ба ҳисоб гирифта, пешниҳодро пазируфт ва аз Мустафо Камол талаб кард, ки раҳбарии вазоратро ба даст гирад ва мамлакатро аз вазъият бираҳонад. Вай дар аввал аз қабули ин пешниҳод худдорӣ нишон дод ва сипас, онро пазируфта, ба минбар баромад ва ба намояндагон гуфт: "Ба талаби ман одам фиристодед, то вазъиятро аз ин душворӣ бираҳонам. Лекин ин душвориро худи шумо пайдо кардаед. Манбаи ин вазъияти танг кори гузаранда нест, балки хатои асосӣ дар ҳукумати мост. Зеро ҷамъияти ватанӣ дар як вақт ҳам вазифаи сохтори қонунгузор ва ҳам сохтори иҷроияро баҷо меорад. Ҳар як намоянда аз байни шумо мекӯшад, ки дар баровардани ҳар як қарори вазорат ширкат варзад ва ба ҳар як идораи ҳукумат, ҳар як қарори вазир ангушт расонад. Ҷанобҳо, дар чунин ҳолат ягон вазир масъулиятро ба дӯш гирифта ва мансабро қабул карда наметавонад. Бояд бифаҳмед, ки бар чунин асос ҳукумат ба вуҷуд овардан амри муҳол аст. Агар ба вуҷуд ояд ҳам, на ҳукумат, балки як чизи бесарусомон мешавад. Мо бояд ин вазъиятро тағйир диҳем. Бинобар ин, қарор мекунам, ки Туркия ба ҷумҳурият табдил ёбад ва раиси он бо роҳи интихобот ихтиёр карда шавад". Чун ӯ суханашро ба охир расонид, фармонеро эълон намуданд, ки дар бораи ҷумҳурият кардани Туркия ва президенти аввалини ҷумҳурияти Туркия интихоб шудани Мустафо Камол пешакӣ тайёр шуда буд. Ҳамин тавр, вай худро ҳокими қонунии мамлакат кард.

Лекин корҳо, чунонки Мустафо Камол мехост, пеш нарафт. Зеро халқи турк халқи мусулмон аст. Коре, ки Мустафо Камол кард, зидди Ислом буд. Бинобар ин, дар кишвар бо ин мазмун фикре ҳукмрон шуд, ки Мустафо Камол барҳам додани Исломро мехоҳад. Ин фикрро рафтору кирдори худи Мустафо Камол таъйид менамуд. Зеро вай дар ҳаёти шахсии худ ба ҳар як аҳкоми шаръӣ мухолиф баромада, Исломро хуш намедид, кулли анъанаҳои муқаддаси мусулмононро масхара мекард. Ҳамаи мардум боварӣ ҳосил карданд, ки ҳокимони нави Анқара кофирони нафриншуда

будаанд. Мардум ба атрофи халифа Абдулмаҷид ҷамъ мешуданд, мекӯшиданд, ки ба вай салтанатро баргардонанд ва ӯро боз ҳукмрон созанд, то ин муртадҳоро нобуд кунад. Он гоҳ Мустафо Камол хатари бузургро идрок намуд ва дид, ки аксарияти халқ ӯро намеписандад, бо бединӣ, куфр ва муртадӣ бадном мекунад. Вай дар ин бора фикр карда, бар зидди халифа ва хилофат ба ташвиқот пардохт, диловарии ҷамъияти ватаниро барангехт. Ҳамин тавр, ҷамъият қонунеро ба тасвиб расонд, ки тибқи он ҳар як зиддият ба ҷумҳурият ва ҳар як майл ба султон хиёнат ҳисоб ёфта, муртакиби ин хиёнат ба марг маҳкум мешуд. Сипас, дар ҳар як маҷлис, хусусан дар маҷлисҳои ҷамъияти ватанӣ дар бораи зарарҳои хилофат ҳарф мезад ва барои бекоркунии хилофат замина омода месохт. Чун баъзе намояндагон гуфтанд, ки хилофат аз ҷиҳати дипломатӣ барои Туркия фоидаовар аст, Мустафо Камол ба онҳо зид баромада, ба ҷамъияти ватанӣ гуфт: "Оё туркони деҳотӣ тӯли панҷ аср барои хилофат, Ислом ва одамони дин ҷангида, ҳалок нашуданд? Акнун вақти он аст, ки Туркия ба манфиатҳои худ рӯ оварад ва аз ҳиндувону арабҳо рӯй тофта, худро аз пешвоии мусулмонон бираҳонад".

Ҳамин тариқ, Мустафо Камол ташвиқоти худро бар зидди хилофат идома медод ва зарарҳои онро барои туркҳо баён менамуд. Инчунин зарарҳои худи халифаро тавзеҳ медод, тарафдорони ӯро хоин тасвир мекард ва онҳоро гумоштаҳои англис нишон медод. Вай бо ин корҳо кифоят накард, балки зидди дасгирикунандагони хилофат мавҷи терррорро ба вуҷуд овард. Чун яке аз намояндагон дар бораи зарурати хилофат ва ҳимояи дин ошкоро сухан гуфт, Мустафо Камол ба қатли вай фармон дод ва шахсе аз пайравони Мустафо Камол ӯро ҳамон шаб, ҳангоми аз маҷлисгоҳи ҷамъияти ватанӣ ба хонааш баргаштан ноҷавонмардона ба қатл расонид. Чун як намоянда аз масоили исломӣ сухан ба миён овард, Мустафо Камол ӯро ба назди худ ҳозир кард ва ба ӯ гуфт: "Агар бори дигар бо чунин суханҳо даҳон кушоӣ, ба дор хоҳамат овехт". Ҳамин тавр, вай дар саросари кишвар даҳшатро ҳукмфармо гардонд. Баъд аз ин ба

ҳокими Истанбул хабар фиристод ва ба вай фармуд, ки бояд намоишҳои дабдабанокро дар атрофи халифа ҳангоми адои намози ҷумъа бекор кунад ва мартабаи халифаро ба дараҷаи паст фуроварад. Пайравони халифаро огоҳӣ дод, ки бояд аз ӯ дур шаванд. Чун аз тарафдорони Мустафо Камол баъзе мӯътадилон ин фитнаро фаҳмиданд, ҳамияти исломии онҳо ба шӯр омад ва хавф бурданд, ки хилофат бекор карда мешавад. Бинобар ин, аз Мустафо Камол хостанд, ки худ халифаи мусулмонон шавад. Вай таклифро напазируфт. Сипас, ба назди вай ду ҳайати намояндагӣ – яке аз Миср, дигаре аз Ҳиндустон омада, ду бор такрор ба такрор хоҳиш намуданд, ки худро халифаи мусулмонон эълон кунад. Вале вай хоҳишро рад кард ва зарбаи шикanандаи худро барои эълони бекоркунии хилофат омода сохт. Дар миёни халқ, лашкар ва ҷамъияти ватанӣ, ба гумони худаш, нисбат ба аҷнабиён, душманон ва ҳампаймони онҳо халифа нафрат ва ғазабро барангехт. Барангехтани нафрат нисбат ба аҷнабиён фиребе буд, ки вай ба ин восита мехост халифаро ба ҳампаймонӣ бо аҷнабиён муттаҳам созад ва бар зидди ӯ нафратро барангезад. Мустафо Камол муҳитро бо овозаҳои зидди халифа заҳролуд сохт. Вақте ки ин муҳит бар мамлакат ҳукмрон шуд, Мустафо Камол 3 марти соли 1924 ба ҷамъияти ватанӣ қарореро тақдим намуд, ки ба бекор кардани Хилофат, рондани халифа аз мамлакат ва ҷудо кардани дин аз давлат мефармуд. Ҳангоми тақдим намудани ин қарор Мустафо Камол ба намояндагон гуфт: "Чӣ қадар гарон бошад ҳам, бояд ҷумҳурияти дархавфмонда нигоҳ дошта шавад ва бар асоси устувор барпо гардад, халифа ва боқимондаҳои оли Усмон барҳам дода шаванд, маҳкамаҳои кӯҳнаи динӣ ва қонунҳояшон ба маҳкамаҳо ва қонунҳои замонавӣ табдил ёбад, мактабҳои пешвоёни дин ҷойи худро барои мактабҳои бединонаи ҳукумат холӣ кунанд". Сипас, зидди дин ва касоне, ки онҳоро диндор меномид, ба ҳамла гузашт. Бо зӯри ҳокимияти диктаторона ин қарорро аз тарафи ҷамъияти ватанӣ тасдиқ кунонд. Сипас, ба ҳокими Истанбул фармон фиристод, ки халифа Абдулмаҷид бояд Туркияро пеш аз бомдоди

рӯзи оянда тарк кунад. Ҳоким ҳамроҳи дастаи посбонони пулис ва лашкар дар ними шаб ба қасри халифа рафт. Онҳо халифаро маҷбуран ба мошин савор карда, ба буруни марз гузаронданд. Онҳо ба халифа рухсат надоданд, ки ғайр аз як ҷомадон бо баъзе либосҳо ва камтар пул бо худ ягон чизи дигар бигирад.

Инак, Мустафо Камол Давлати Исломӣ ва низоми исломиро барҳам дод, давлати сармоядорӣ ва низоми сармоядориро барпо кард. Ҳамин тавр, Давлати Исломиро нобуд сохта, ба он орзуи кофирон, ки аз давраи ҷангҳои салибдорон дар дил доштанд, ҷомаи амал пӯшонд. Ин орзу барҳам додани Давлати Исломӣ буд.

# МОНЕАГУЗОРӢ ДАР РОҲИ БАРПОШАВИИ ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ

Ҷанги якуми ҷаҳон ба поён расид. Ҳампаймонон ҳама кишварҳои Давлати Исломиро ишғол карданд. Нияти онҳо батамом барҳам додани ин давлат ва гирифтани роҳи барпошавии он буд. Вақте ки онҳо Давлати Исломиро батамом нобуд сохтанд, акнун барои пешгирии барпо шудани он дар ягон қисми олами исломӣ ба ҳаракат даромаданд. Онҳо барои кафолати аз нав барқарор нашудани Давлати Исломӣ чандин нақшаҳо кашиданд ва чандин услубҳоро ба кор бурданд. Онҳо ҳамеша барои ин ғоя фаъолият мекунанд.

Аз замоне ки кофири истеъморгар кишварҳои мусулмононро ишғол кард, бинобар асосҳое, ки ба нақша гирифта буд, дар ин кишварҳо ба таҳкими ҳукмронии худ шурӯъ намуд. Кофири ғоратгар кишварҳоеро, ки дар зери ҳукми Давлати Исломӣ буд, соли 1918 ишғол карда, то соли 1922 дар ин кишварҳо аҳкоми ҳарбиро ҷорӣ намуд. Пас, то соли 1924 дар баъзеи ин кишварҳо бо номи мандат28 ва дар баъзеи дигар бо номи истиқлолият ҳокимияташро мустаҳкам кард. Дар соли 1924 душман, хусусан Британиё якчанд амалро ба анҷом расонид, ки ба воситаи он ҳар чизи ба барпо шудани Давлати Исломӣ бурданаш шубҳадорро нобуд сохт. Ҳамон сол Мустафо Камол Хилофати давлати усмониро бо ёрии кофири истеъморгар бекор кард ва Туркияро ба ҷумҳурии

демократӣ табдил ёфт. Вай хилофатро барҳам дод, то ки дар роҳи баргаштани Давлати Исломӣ дигар шарораи умед боқӣ намонад. Ҳамон сол Ҳусайн ибни Алӣ аз Ҳиҷоз рафт ва дар Кипр ба ҳабс гирифта шуд, чунки ӯ барои ба даст гирифтани мансаби хилофат кӯшиш мекард. Худи ҳамон сол англисҳо ба воситаи гумоштаҳои худ ба анҷумани хилофат, ки дар Қоҳира баргузор шуд, дахолат намуданд ва барои парокандаву ноком гардидани он кор бурданд. Боз худи ҳамон сол англисҳо дар Ҳиндустон барои аз байн бурдани "Ҷамъияти хилофат", бенатиҷа сохтани талошҳои он ва ба ҷониби ватанпарастӣ ва миллатпарастӣ баргардондани самти фаъолияти он кӯшиш ба харҷ доданд. Ҳамон сол дар Миср бо таъсири кофири истеъморгар аз тарафи баъзе уламои "Азҳар" китобҳое ба табъ расид, ки ба ҷудо кардани давлат аз дин даъват менамуд ва даъво мекард, ки дар Ислом асосҳои ҳокимият вуҷуд надорад. Ҳамин тавр, чунон тасвир менамуданд, ки гӯё Ислом дини коҳинӣ аст ва дар он оид ба мавзӯи ҳокимият ва давлат чизе наомадааст. Ҳамон сол ва соли баъдина дар кишварҳои арабӣ перомуни ду мавзӯъ: оё иттиҳоди давлатҳои арабӣ дурусттар ва имконпазиртар аст ё иттиҳоди давлатҳои исломӣ, кашмакашҳои бесамар ба миён омад ва муддате рӯзномаву маҷаллаҳо дар хусуси ин мавзӯъ саргарм гашт. Ҳол он ки ҳар ду иттиҳод: ҳам иттиҳоди давлатҳои исломӣ ва ҳам иттиҳоди давлатҳои арабӣ нодуруст буда, дар роҳи барпошавии Давлати Исломӣ монеа мешавад. Вале кофири истеъморгар ин кашмакашро ба вуҷуд овард, то ки зеҳнҳоро аз Давлати Исломӣ ба сӯи дигар тобад. Ҳамин тавр, кофир тавонист, ки дар кишварҳои исломӣ фикрати Хилофат ва фикрати Давлати Исломиро аз зеҳнҳо дур андозад.

Истеъморгарон пеш аз истило кардани кишварҳои исломӣ дар байни ҷавонони турк лафзҳои миллатгароии туркиро интишор медоданд. Аз ҷумла мегуфтанд, ки Туркия бори халқҳои ғайритуркиро ба дӯш гирифтааст ва вақти он фаро расидааст, ки дӯши худро аз ин бор холӣ намояд. Ҳамин тавр, бо мақсади фаъолият дар роҳи миллатгароии туркӣ ва истиқлолияти Туркия

аз кишварҳои ғайритуркӣ ҳизбҳои сиёсӣ ташкил доданд. Дар байни ҷавонони араб лафзҳои миллатгароии арабиро талқин менамуданд ва мегуфтанд, ки Туркия давлати истеъморгар аст, барои арабҳо вақти он расидааст, ки аз зулми истеъморгарони турк худро раҳо созанд. Инчунин барои фаъолият дар роҳи ваҳдати арабӣ ва истиқлоли арабҳо аҳзоби сиёсӣ ташкил карданд. То фаро расидани замони истило кофири истилогар ғояҳои миллатгароиро паҳн кард ва ин ғояҳо ҷойгузини Ислом шуданд. Ҳамин тавр, туркҳо дар асоси мафкураи милливу ватанпарастӣ мустақил шуданд. Арабҳо низ барои ба даст овардани худмухторӣ бар асоси миллӣ ва ватанпарастӣ фаъолият мекарданд. Калимаи миллатгароӣ ва ватанпарастӣ пош хӯрда, фазоро пур кард ва он як нишони фахру арҷмандӣ гардид. Истеъморгар бо ин ҳам кифоят накард, балки перомуни мавзӯи ҳокимият дар Ислом ва дар бораи Ислом пиндорҳои нодурустро густариш дод. Низоми ҳокимияти Ислом, яъне Хилофатро монанди ҳукмронии папа, яъне ҳокимияти динии коҳинӣ тасвир кард, ки ҳатто мусулмонон аз гуфтани калимаи халифа ва аз талаби Хилофат хиҷолат мекашиданд. Дар байни мусулмонон як урфи омм пайдо шуд, ки гӯё талаб кардани Хилофат ақибмондагиву карахтист ва набояд ин кор аз тарафи шахси зиёӣ рух диҳад, инчунин набояд шахси муфаккир дар ин хусус сухан гӯяд.

Дар ин муҳити миллатгароӣ ва ватанпарастӣ кишварҳои исломӣ ба давлатчаҳо тақсим шуданд ва аҳолии ҳар як кишвар ин тақсимотро мустаҳкам мекард. Дар натиҷа Давлати усмонӣ ба якчанд порча тақсим шуд, ки аз Туркия, Миср, Ироқ, Сурия, Лубнон, Фаластин, Шарқи Урдун, Ҳиҷоз, Наҷд ва Яман иборат буд. Гумоштаҳои ин кофири истеъморгар ва дигар афроди хушгумон, ки дар ин қисматҳо бо сиёсат машғул буданд, бо талаби истиқлоли ҳар як кишвар ва ё истиқлоли як қисм аз қисми дигар, ки барои онҳо лоиҳаи сохтумони давлат матраҳ шуда буд, анҷуманҳо мегузаронданд. Дар ҳамин асос давлатҳои Туркия, Ироқ, Миср, Сурия ва ғайраҳо барпо шуд. Сипас, кофирон дар Фаластин барои

яҳудиён ватани миллӣ сохтанд, ки минбаъд дар зери номи давлат ба вуҷуди мустақил табдил ёфт, то он гузаргоҳи истеъмор бошад ва мусулмонон аз истеъморгарони ғарбӣ, монанди Британиё, Амрико ва Фаронса ғофил монда, бо он машғул гарданд. Инчунин мақсади дигар ин буд, ки вуҷуди мазкур бояд дар роҳи аз нав барпо гаштани Давлати Исломӣ монеа шавад. Ҳамин тавр, вазъияти ҷуғрофӣ ва муҳити умумӣ дар роҳи озодии мусулмонон як монеаи мустаҳкам гашт.

Кофир дар иқтисод низоми сармоядорӣ, дар ҳокимият низоми демократӣ, дар идора ва қазо қонунҳои ғарбиро татбиқ намуда, ҳазорат ва пиндорҳои худро дар бораи ҳаёт ба зеҳни мардум мустаҳкам ҷой кард. Вай барои устувор сохтани нуқтаи назари худ доир ба ҳаёт кӯшишҳо ба харҷ дод, то тарзи зиндагонии мусулмонон низ ба тарзи зиндагонии ғарбӣ табдил ёбад. Вай дар ин ҷода ба комёбии бузург ноил гардид. Чунончи, Мисрро ҳукумати подшоҳӣ таъйин карда, сипас дар он ҷо низоми шоҳии парлумонӣ барпо намуд, дар Ироқ ҳам низоми шоҳии парлумонӣ барпо намуд, дар Лубнон ва Сурия низоми ҷумҳурият, аммо дар Шарқи Урдун аморат барпо кард. Дар Фаластин ҳокимияти мандатӣ ташкил дод, ки дар зери номи давлат бо барпо шудани низоми демократии парлумонии байни яҳудиён ба анҷом расид. Қисми боқимондаи Фаластинро бо Шарқи Урдун ҳамроҳ карда, Урдунро подшоҳии парлумонӣ гардонид. Дар Ҳиҷоз ва Яман подшоҳии истибдодӣ29 барпо намуд. Дар Туркия ҷумҳурияти президентӣ ва дар Афғонистон подшоҳии меросӣ барпо карда, Эронро барои мустаҳкам доштани низоми императорӣ тарғиб намуд. Ҳиндустонро дар зери мустамликаи худ нигоҳ дошта, сипас онро ба ду давлат тақсим кард. Ҳамин тавр, кофири истеъморгар дар кишварҳои мусулмонон танҳо низоми худро татбиқ кард ва бо татбиқи он дар дилҳо фикрати ба ҳаёт баргаштани ҳокимияти Исломро заиф сохт. Вай бо ин низ қаноатманд нашуд, балки ба дили аҳолии кишварҳо муҳофизати низомеро, ки худ барпо намудааст, ҷо кард. Чунончи, аҳолии ҳар яке аз ин минтақаҳо танҳо

минтақаи худро давлат ҳисобида, истиқлолияти онро аз минтақаҳои дигар зарур донистанд. Дар натиҷа ироқӣ дар Туркия ва суриягӣ дар Миср аҷнабӣ шуд. Ҳамин тавр, ҳокими ҳар як кишвар бештар аз соҳибони низоми сармоядории демократӣ ҳомии он шуданд ва посбонии низому дустуреро, ки истеъморгар барояшон барпо кардааст, ба ўҳда гирифтанд. Ҳокимон тағйир додани низому дустури мазкурро ҳаракати ғайриқонунӣ ҳисобида, ба ин гуна ҳаракат ҳамон қонуни ҷазоеро, таъйин карданд, ки истеъморгар барои иҷро гузоштааст.

Истеъмор, ки пештар барои татбиқи қонунҳои ғарбӣ бар кишварҳои мусулмонон ба воситаи гумоштаҳои худ дар ин кишварҳо ҳаракат мекард, акнун бевосита ба татбиқи онҳо пардохт, яъне ин кофир аз аввали нимаи дуюми асри нуздаҳ дар роҳи ба кишварҳои исломӣ даровардани қонунҳои ғарбӣ ҳаракат кард. Масалан, дар Миср барои даровардани қонуни дунявии франсузӣ ба тарғиб пардохт, то ин қонун ҷои аҳкоми шаръиро бигирад ва дар ин кор комёб ҳам гардид. Миср аз соли 1883 ба татбиқи қонуни франсузӣ сар кард. Дар ҳақиқат, Миср қонуни қадими франсузиро тарҷума ва қабул карда буд ва он дар маҳкамаҳо ба ҷои аҳкоми шаръӣ татбиқ мешуд. Дар Давлати усмонӣ аз соли 1856 барои гирифтани қонунҳои ғарбӣ ҳаракат сар шуд, вале бо сабаби мавҷудияти Хилофати Исломӣ дар Давлати усмонӣ ба он осонӣ, ки дар Миср муяссар гашта буд, рўбарў нашуд. Лекин пофишории кофирон ва дастгирии гумоштаҳо ба онҳо имкон дод, ки қонуни ҷазо, қонунҳои ҳуқуқ ва тиҷоратро ба воситаи фатво гирифтан, ки "онҳо ба Ислом зид нестанд" мегуфтанд, ворид намоянд. Ҳамин тавр, фикрати қонунгузорӣ ба миёни онҳо роҳ ёфт. Пас, "Маҷалла" ҳамчун маҷмўи қонунҳои иборат аз аҳкоми шаръӣ таълиф гардид. Маҳкамаҳо ба ду қисм ҷудо шуданд: якум – маҳкамаҳои шаръӣ, ки бо аҳкоми шаръии дорои шакли қонун кор мебарад ва дуюм – маҳкамаҳои низомӣ. Маҳкамаҳои низомӣ мувофиқи қонунҳои ғарбие, ки уламо онҳоро "ба Ислом хилоф нестанд" гуфта фатво додаанд ва қонунҳои шаръие, ки дар шакли

тақлид ба қонунҳои ғарбӣ гузошта шудаанд, ҳукм мебарорад. Ин тарзи муносибат бо қонун буд. Акнун бо дустур[30] чӣ гуна муносибат сурат гирифт? Дар баробари оғози кӯшиш барои гирифтани қонунҳо кӯшиши ба вуҷуд овардани дустур барои давлат ва аз конститутсияи франсузӣ гирифтани он низ оғоз шуда буд. Ин кӯшиш қариб ки соли 1878 комёб гардад, лекин нерӯи муқовимати мусулмонон онро боздошта, хомӯш кард. Вале кӯшиши пайвастаи кофири истеъморгар, комёбии гумоштаҳо ва касони заҳролуда бо сақофати он ба ҳаракати дустур имкон дод, ки бори дигар пайдо шавад, комрон гардад ва соли 1908 дар давлат дустурро амалӣ созад. Баъд аз вазъи қонунҳо ва амалӣ гаштани дустур дар Давлати усмонӣ ғайр аз нимҷазираи Арабистон ва Афғонистон дигар тамоми кишварҳои исломӣ бар асоси қонунҳои ғарбӣ кор пеш гирифтанд. Ҳангоме ки кофири истеъморгар кишварҳоро ишғол намуд, ҳамаи қонунҳои ғарбиро бевосита ҳамчун қонунҳои дунявии аз Ислом тамоман бегона татбиқ кард. Ҳамин тавр, аҳкоми шаръӣ вогузошта шуд, ки дар натиҷаи ин ҳама ҳокимияти куфр мустаҳкам гашт ва ҳокимияти Исломро барканор сохт. Дар ин ҷода якчанд омилҳо ба кофир мусоидат намуд. Аз ҷумла вай аркони ҳокимияти худро устувор сохта, тамоми корҳоро бар асоси сиёсати таълим ва дастурҳои тарбиявӣ, ки худ тарҳрезӣ ва вазъ намуда буд, барпо кард, ки то имрӯз дар ҷамии мамлакатҳои исломӣ татбиқ мешавад. Дар натиҷа як сипоҳи бузурги муаллимон пайдо шуд, ки аксари онҳо ин барномаҳоро посбонӣ ва ҳимоя мекунанд, бисёрии онҳо зимоми раҳбариро ба ӯҳда доранд ва мувофиқи хоҳиши кофири бадбахти истеъморгар ҳаракат мекунанд. Сиёсати таълим ва дастурҳои он бар ду асос барпо ва гузошта шуданд. Якум, аз ҳаёт ҷудо кардани дин ва табиист, ки ҷудогии байни давлат ва дин низ аз он бармеояд. Ин қоида ногузир месозад, ки фарзандони мусулмонон бар зидди барпошавии Давлати Исломӣ мубориза баранд. Зеро барпошавии Давлати Исломӣ ба асосе, ки мусулмонон тибқи сиёсати он таълим гирифтаанд, зид мебошад. Дуюм, шахсияти кофири истеъморгарро

манбаи асосии донишу маълумотҳое қарор додан аст, ки бо он донишу маълумотҳо ақлҳои наврасон пур мешавад. Ин асос тақозо мекунад, ки мусулмонон кофири истеъморгарро ҳурмат кунанд, бузург шуморанд, ба вай монанд шаванд ва тақлид намоянд, ҳарчанд ки он аз як кофири истеъморгар беш нест. Асоси мазкур инчунин тақозо мекунад, ки мусулмон мусулмонро ҳақир шуморад, аз ӯ дурӣ ҷӯяд, безор шавад ва аз намуна гирифтани тарзи зиндагии мусулмон худдорӣ варзад, бар зидди Давлати Ислом мубориза барад ва онро раҷъият (31) донад. Истеъморгар бо барномаи мактабҳое, ки бар онҳо худаш ё ҳукуматҳои гумоштааш раҳбарӣ мекунанд, кифоят накард, балки ба сӯи онҳо мактабҳои табшириро, ки маҳз бар асоси истеъморгарӣ барпо шудааст ва донишкадаҳои сақофиро, ки роҳнишондодҳои сиёсиву сақофии хато ва ғалатро ба ӯҳда гирифтааст, фиристод. Бо ҳамин, муҳити фикрии мадрасаҳову донишкадаҳо мухталифу гуногун гашта, ба уммат сақофатеро дод, ки онро аз фикрронӣ дар бораи Давлати Исломӣ дур месохт ва дар байни уммат ва ҳаракати барқарорсозии Давлати Исломӣ монеа мешуд.

Дар қатори ин корҳо дар ҳамаи кишварҳои исломӣ дастурҳои сиёсии бар асоси ҷудо кардани дин аз ҳаёт пайдо шуд. Дар байни зиёиён ҷудо кардани дин аз давлат ва дар миёни оммаи халқ ҷудо кардани дин аз сиёсат ҳукмрон гардид. Дар натиҷа гурӯҳҳои зиёиёне пайдо шуданд, ки сабаби ақибмонии мусулмононро дар маҳкам доштани дин медиданд, инчунин миллатпарастӣ ва ҳаракатро дар ин ҷода роҳи ягонаи бедоршавӣ гумон мекарданд. Ҳамин тавр, гурӯҳҳое низ ёфт шуданд ва даъво карданд, ки сабаби ақибмонии мусулмонон ахлоқ аст. Пас, бинобар асоси якум гурӯҳбандиҳои ҳизбии бо ном сиёсӣ ташкил шуд, ки барои миллатпарастӣ ва ватанпарастӣ ҳаракат мекард, бар асоси Ислом ҳаракат карданро фитнаи истеъморгарона, иртиҷоъпарастӣ ва карахтӣ дониста, онро сабаби ақибмонӣ ва пастравӣ меҳисобид. Бар асоси дуюм, яъне бар асоси ахлоқ ва ваъзу иршод низ гурӯҳбандиҳои ҷамъиятӣ ташкил шуд. Ин гурӯҳбандиҳо барои

фазилату хулқ ҳаракат мекард ва дар назди худ шарт гузошта буд, ки ба сиёсат дахолат намекунад. Ҳамин тавр, ҳизбҳо ва ҷамъиятҳои мазкур дар роҳи кӯшишу талош барои эҷоди Давлати Исломӣ ба монеаҳои амалӣ табдил ёфт. Зеро онҳо зеҳнҳоро бартофтанд ва зеҳнҳо аз ҳаракати сиёсии шаръан воҷиб, ки он барқарорсозии Давлати Исломӣ мебошад, ба сӯи ҳаракати маҳз ахлоқӣ тоб хӯрд. Ҳол он ки ахлоқ натиҷаи ҳатмии татбиқ шудани аҳкоми Ислом аз тарафи мусулмон ва натиҷаи табиии барқароршавии ҳокимияти Ислом аст. Бинобар ин, ҳизбҳо бар асоси мустамликадорӣ барпо шуда, ба Ислом зид мебошад ва роҳи барқарорсозии Давлати Исломиро мегирад.

Дар баробари ин дастурҳои сиёсӣ қонунҳое содир шуданд, ки дастурҳоро ҳимоя ва иҷрои онҳоро таъмин мекард. Ҳамин тавр, қонунҳое вазъ шуд, ки ба ташкили ҳизбҳо ё ҳаракатҳои сиёсии исломӣ роҳ намедиҳад. Ин қонунҳо дар маҷмӯъ мусулмононро яке аз тоифаҳо ҳисобид, ҳол он ки мусулмонон қариб тамоми аҳолии кишварҳои мусулмоннишинро ташкил медиҳанд. Мазмуни баъзе нусуси ин қонунҳо шарт мегузошт, ки бояд низоми ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ демократӣ бошад ва узвият дар онҳо амалан ба тоифаи муайян барканор нагардад, яъне дар кишварҳои исломӣ ба ташкилёбии ҳизбҳо ё ҳаракатҳои исломӣ рухсат дода намешавад, то ки Давлати Исломӣ аз нав барқарор нагардад. Мусулмонон танҳо ба ташкил кардани ҷамъиятҳои хайрия ва монанди он ҳақ доранд ва барои онҳо ҳаракати сиёсӣ бар асоси Ислом манъ шудааст. Баъзе қонунҳо ташкил кардани ҳизбҳои сиёсии исломиро ҷиноят меҳисобад, ки барои он ҷазо дода мешавад. Ҳамин тавр, дастурҳои сиёсие, ки бар асоси гирифтани роҳи ташкилёбии Давлати Исломӣ вазъ гаштаанд, бо қонунҳои сохта мустаҳкам карда шуд.

Истеъмор бо ин ҳам кифоят накард, балки таваҷҷӯҳи мусулмононро аз фикрронӣ дар бораи Давлати Исломӣ ба сӯи корҳои ночизе равона сохт, ки бо онҳо саргарм мешуданд. Чунончи, кофир ба таъсиси анҷуманҳои исломӣ мусоидат намуд, то ба ин

восита уммати исломиро аз ҳаракати ҳақиқии даъвати исломӣ ва аз оғози ҳаёти исломии нав дар сояи Давлати Исломӣ дур созад. Ин анҷуманҳо танҳо эҳсосоти мусулмононро таскин мебахшид, чунончи қарорҳо қабул мекард, ин қарорҳо дар рӯзномаҳо ба нашр мерасид ва дар радиою телевизион пахш мегашт, вале ягон қарор иҷро намешуд, балки барои иҷрои он касе ҳаракат ҳам намекард. Сипас, истеъмор баъзе нависандагон ва нотиқонро тарғиб намуд, то баён созанд, ки ба вуҷуд омадани Давлати Исломӣ хатарнок аст ва дар Ислом низоми ҳокимият вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, китобҳо ва рисолаҳои баъзе мусулмонони гумошта ба табъ расид, ки даъвати ин истеъморро пеш мебурданд, то мусулмононро гумроҳ созанд, аз дин ва аз фаъолият барои оғози ҳаёти нав мувофиқи аҳкоми ин дин ба сӯи дигар битобанд. Истеъмор аз он рӯзе, ки Давлати Исломиро барҳам дод, то ҳол пайваста дар роҳи барпошавии он монеаҳо эҷод мекунад ва аз лаҳзае, ки ин давлатро маҳв сохт, барои гирифтани роҳи пайдошавии он тамоми ҷидду ҷаҳди худро сарф мекунад.

# *БАРПО КАРДАНИ ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ БАР МУСУЛМОНОН ФАРЗ АСТ*

Давлат аз сездаҳ дастгоҳ иборат аст: халифа, муовинон (вазирони тафвиз), вазирони танфиз, волиён, амири ҷиҳод, амнияти дохилӣ, корҳои хориҷӣ, саноат, қазо, манфиатҳои мардум, байтулмол, иттилоот ва маҷлиси уммат (шӯро ва муҳосаба). Агар давлат ин сездаҳ дастгоҳро пурра таъсис диҳад, дастгоҳи вай мукаммал мешавад. Агар яке аз онҳо таъсис наёбад, дастгоҳ номукаммал мешавад, вале давлат Давлати Исломӣ боқӣ мемонад. Норасоии ягон рукни дастгоҳ, модом ки ин норасоӣ халифа набошад, зарар надорад, зеро халифа дар дастгоҳи давлат рукни асосӣ аст. Аммо асосҳои ҳокимият дар Давлати Исломӣ чаҳор чиз аст: насб (32)и халифаи ягона, бояд салтанат (33) аз они уммат бошад, сиёдат34 аз они шариат бошад, халифа аҳкоми шаръиро табаннӣ кунад, яъне онро ба қонунҳо табдил диҳад. Агар яке аз ин чаҳор асос мавҷуд набошад, ҳокимият ғайриисломӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, мавҷудияти мукаммали асоси чаҳоргона зарур аст. Асос дар Давлати Исломӣ халифа мебошад. Дигарон ноибон ё мушовирони ӯ ҳастанд. Бинобар ин, Давлати Исломӣ халифа аст, ки Исломро татбиқ мекунад. Хилофат ё имомат ҳақдор шудан ба тасарруфи умумӣ аз болои мусулмонон аст. Хилофат аз аҳкоми шаръист, на аз ақоид. Зеро он аз фурӯоти аҳкомест, ки ба корҳои бандагон тааллуқ дорад.

Насби халифа бар мусулмонон фарз аст. Барои мусулмонон ҳалол нест, ки беш аз ду шаб бе байъат зиндагонӣ кунанд. Агар мусулмонон се рӯз бе халифа монанд, то барпо кардани халифа ҳама гунаҳкор мешаванд. Онҳо то тамоми қуввашонро барои барпо кардани халифа сарф насозанд ва то онро барпо кардани он пайваста ҳаракат накунанд, гуноҳ аз эшон соқит намешавад. Воҷибии насби халифа бо Китоб, суннат ва иҷмои саҳобагон собит шудааст. Аллоҳ Таоло дар Қуръон ба Расулуллоҳ (с) фармудааст, ки дар байни мусулмонон бо шариате, ки ба эшон нозил шудааст, ҳукм биронанд. Амри мазкур қатъӣ аст. Аллоҳ Таоло фармуд:

فَاحْكُم بَيْنَهُم بِمَا أَنزَلَ اللّهُ وَلاَ تَتَّبِعْ أَهْوَاءهُمْ عَمَّا جَاءكَ مِنَ الْحَقِّ

"**Пас, мувофиқи он чӣ Аллоҳ нозил кардааст, дар миёнашон ҳукм кун ва аз паи хоҳишҳояшон марав, то он чиро аз ҳақ бар ту нозил шудааст, тарк кунӣ**" [5:48].

Аллоҳ Таоло боз фармуд:

وَأَنِ احْكُم بَيْنَهُم بِمَا أَنزَلَ اللّهُ وَلاَ تَتَّبِعْ أَهْوَاءهُمْ وَاحْذَرْهُمْ أَن يَفْتِنُوكَ عَن بَعْضِ مَا أَنزَلَ اللّهُ إِلَيْكَ

"**Миёнашон мувофиқи он чӣ Аллоҳ нозил кардааст, ҳукм кун ва аз хостҳошон пайравӣ макун ва аз онҳо бипарҳез, ки мабодо бифиребандат, то аз баъзе аз чизҳое, ки Аллоҳ бар ту нозил кардааст, рӯй гардонӣ**" [5:49].

Хитоб ба Расул (с), модом ки далели хитобро ба он кас хоскунанда наояд, хитоб ба тамоми уммати исломӣ аст. Дар ин ҷо далел наомадааст. Пас, хитобе, ки дар оятҳои мазкур ворид шудааст, хитоб ба тамоми мусулмонон барои барпо кардани ҳокимият мебошад. Барпо кардани халифа барпо кадани ҳокимият ва салтанат аст. Аммо далелҳо аз суннат ба тариқи зайл омадааст: Аҳмад ва Табаронӣ ривоят кардаанд:

"وَمَنْ مَاتَ وَلَيْسَ فِي عُنُقِهِ بَيْعَةٌ مَاتَ مِيتَةً جَاهِلِيَّةً"

"**Ҳар кӣ бимирад ва дар гарданаш байъате набошад, бо марги ҷоҳилият мурдааст**".

Ҳар ду инро аз ҳадиси Муовия ривоят кардаанд. Муслим дар "Саҳеҳ"-и худ аз Ибни Умар овардааст:

" سَمِعْتُ رَسُولَ اللَّهِ يَقُولُ "مَنْ خَلَعَ يَدًا مِنْ طَاعَةٍ لَقِيَ اللَّهَ يَوْمَ الْقِيَامَةِ لاَ حُجَّةَ لَهُ وَمَنْ مَاتَ وَلَيْسَ فِي عُنُقِهِ بَيْعَةٌ مَاتَ مِيتَةً جَاهِلِيَّةً"

"**Аз Расулуллоҳ (с) шунидам, ки мегуфтанд: "Ҳар кӣ аз итоати Аллоҳ даст кашад, рӯзи қиёмат ба Аллоҳ бе ягон ҳуҷҷате рӯбарӯ меояд. Ҳар кӣ бимирад ва дар гарданаш байъате набошад, бо марги ҷоҳилият мурдааст**".

Ҳишом ибни Урва аз Абӯсолиҳ, ӯ аз Абӯҳурайра ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ (с) фармудаанд:

" سَيَلِيكُمْ بَعْدِي وُلَاةٌ فَيَلِيكُمُ الْبَرّ بِبِرِّهِ وَيَلِيكُمُ الْفَاجِرُ بِفُجُورِهِ فَاسْمَعُوا لَهُمْ وَأَطِيعُوا فِي كُلِّ مَا وَافَقَ الْحَقَّ فَإِنْ أَحْسَنُوا فَلَكُمْ وَإِنْ أَسَاءُوا فَلَكُمْ وَعَلَيْهِم"

"**Ба шумо баъди ман волиён раҳбарӣ хоҳанд кард. Пас, накӯкор бо некии худ ва табаҳкор бо табаҳкории худ раҳбарӣ мекунад. Пас, шумо ба онҳо гӯш андозед ва дар ҳар коре, ки ба ҳақ мувофиқ меояд, итоат кунед. Агар некӣ кунанд, ба фоидаи (ҳамаи) шумо хоҳад буд ва агар бадӣ кунанд, ба фоидаи шумо ва зарари онҳост**". Аммо далел аз иҷмоъ ин аст, ки саҳобагон, чунончи аз ҳадиси "сақифа (35) и Банӣ-Соида" дар "Саҳеҳайн" (36) бармеояд, баъди вафоти Набӣ (с) насби халифаро муҳимтарин вазифа донистанд. Баъди вафоти тамоми халифаҳо низ ҳолат ҳамин тавр буд. Бо роҳи тавотур нақл шудааст, ки саҳобагон бар воҷибии насби халифа иҷмоъ кардаанд, ҳатто онро муҳимтарини

воҷибот ҳисобидаанд. Ин чиз далели қатъӣ эътибор карда мешавад. Инчунин саҳобагон иҷмоъ кардаанд, ки уммат набояд ҳеҷ гоҳ бе халифа бимонад ва ин иҷмоъ низ бо роҳи тавотур ворид шудааст. Бинобар ин, насби имом, яъне барпо кардан ва ҳоким мондани ӯ бар уммат воҷиб аст. Пас, аз замони вафоти Пайғамбар (с) то рӯзи қиёмат тамоми уммат дар ин хусус мавриди хитоб қарор дорад.

Қабл аз дафни Расулуллоҳ (с) ба насб ва байъати халифа пардохтани саҳобагон дараҷаи лозимияту қатъияти барпо намудани халифа ва то чӣ андоза ба ин зарурат сарфаҳм рафтани саҳобагонро возеҳ месозад. Ҳатмияти масъалаи мазкур аз ҳодисаи Умар ибни Хаттоб низ равшан мегардад. Чунончи, ҳангоме ки ӯ захмӣ шуд ва дар остонаи марг афтод, мусулмонон талаб карданд, ки касеро ба ҷои худ халифа таъйин намояд, вале он кас талабро напазируфт. Азбаски мардум дар талаби хеш сахт исрор варзиданд, Умар (р) шаш нафарро таъйин кард, яъне шумораи номзадҳоро бо шаш нафар маҳдуд сохт, ки мебоист аз байни онҳо як нафар халифа интихоб шавад. Умар (р) бо ин ҳам кифоят накард, балки мӯҳлати ниҳоиро се рӯз муайян намуд. Сипас, васият кард, ки агар баъди се рӯз ҳам ба интихоби халифа иттифоқ карда нашавад, бояд мухолиф ба қатл бирасад. Инчунин қотили мухолифро низ ба онҳо муаррифӣ кард, ҳол он ки номзадҳои шашгона, чун Алӣ, Усмон, Абдурраҳмон ибни Авф, Зубайр ибни Аввом, Талҳа ибни Убайдуллоҳ ва Саъд ибни Абӯваққос ҳама аҳли шӯро ва кибори саҳоба буданд. Агар яке аз ин шаш нафар бо сабаби иттифоқ накардан ба интихоби халифае кушта шавад, пас, ин амр ба зарурати ҳатмии интихоби халифа далолат мекунад.

Илова бар ин, бисёри воҷиботи шаръӣ, аз ҷумла иҷрои аҳком, барпо доштани ҳудуд, посбонии марзҳо, омодасозии лашкар, бартараф кардани низоъҳои байни бандагон, ҳифзи амният ва умури дигари ба ин монанд, ки дар байни оммаи мардум рух

медиҳад, ба халифа вобаста мебошад. Аз ин рӯ, насби халифа воҷиб аст.

Талаб кардани хилофат макрӯҳ нест. Саҳобагон (р) ва аҳли шӯро дар сақифа барои хилофат кашмакаш карда буданд. Ин амали онҳоро ҳеҷ кас мутлақо инкор накард, балки иҷмои саҳобагони пешқадам бар қабули ин кашмакаш собит шудааст.

Тибқи сухани зерини Расулуллоҳ (с) барои тамоми мусулмонон танҳо як халифа интихоб мешавад:

"إِذَا بُويِعَ لِخَلِيفَتَيْنِ فَاقْتُلُوا الآخِرَ مِنْهُمَا"

"**Агар ба ду халифа байъат карда шавад, дуюми онҳоро бикушед**".

Инро Муслим аз ҳадиси Абӯсаиди Худрӣ ривоят кардааст. Пайғамбар (с) боз фармудаанд:

" وَمَنْ بَايَعَ إِمَامًا فَأَعْطَاهُ صَفْقَةَ يَدِهِ وَثَمَرَةَ قَلْبِهِ فَلْيُطِعْهُ إِنِ اسْتَطَاعَ فَإِنْ جَاءَ آخَرُ يُنَازِعُهُ فَاضْرِبُوا عُنُقَ الآخَرِ"

"**Ҳар кӣ бо имоме аз самими қалб байъат кунад, бояд ба қадри имконаш ба ӯ итоат кунад. Агар каси дигар ояду дар ин хусус бо ӯ ситеза кунад, гардани дуюмро бибуред**".

Дар ривояти дигар омадааст:

"فَاضْرِبُوهُ بِالسَّيْفِ كَائِنًا مَنْ كَانَ"

"**Ҳар кӣ бошад, ӯро бо шамшер бизанед**". Амр ба куштани нафари дуюм ба он мазмун аст, ки агар ӯ бо роҳи дигар аз ситеза барнагардад, кушта шавад. Агар якчанд нафар ҷамъ оянд, ки дар онҳо сифатҳои халифа пурра ёфт гардад, пас, касе халифа мешавад, ки аксарият бо ӯ байъат додаанд. Мухолифи аксарият боғӣ мебошад. Агар онҳо дар вуҷуд ҷамъ оянд, ҳукм ҳамин тавр аст, на

дар бастани ақди хилофат барои ҳар яки онҳо. Аммо агар ақди хилофат ба як нафаре баста шавад, ки шартҳои хилофат дар он пурра ёфт гардидааст, сипас, аксарият ба каси дигар байъат диҳанд, нафари якум халифа мешавад ва рад кардани нафари дуюм воҷиб мегардад. Шартҳое, ки бояд дар халифа пурра ёфт шавад, ин аст: Ислом, мард будан, балоғат, ақл, адл, қудрат ва озодӣ, яъне халифа бояд мард, мусулмон, болиғ, оқил, адл, озод ва қодир бошад. Шарти мусулмон будани халифа сухани зерини Аллоҳ Таолост:

**وَلَن يَجْعَلَ اللّهُ لِلْكَافِرِينَ عَلَى الْمُؤْمِنِينَ سَبِيلاً**

"**Ва Ӯ ҳаргиз барои кофирон ба зиёни мусулмонон роҳе накушодааст**" [4:141]. Шарти мард будани халифа сухани зерини Пайғамбар (с) аст:

**"لَنْ يُفْلِحَ قَوْمٌ وَلَّوْا أَمْرَهُمُ امْرَأَةً"**

"**Қавме, ки занро ҳокими худ таъйин кардааст, ҳаргиз комёб намегардад**". Шарти болиғ ва оқил будани халифа низ сухани Расулуллоҳ (с) аст:

**" رُفِعَ الْقَلَمُ عَنْ ثَلاَثٍ عَنِ النَّائِمِ حَتَّى يَسْتَيْقِظَ وَعَنِ الصَّبِىِّ حَتَّى يَحْتَلِمَ وَعَنِ الْـمَجْنُونِ حَتَّى يَعْقِلَ"**

"**Қалам аз се кас бардошта шудааст: аз хуфта, то ки ӯ бедор шавад; аз кӯдак, то ки ӯ ба балоғат расад ва аз девона, то ки ӯ ба ақл ояд**". Касе, ки аз ӯ қалам бардошта шудааст, шаръан ғайримукаллаф аст. Аз ин рӯ, дуруст нест, ки ғайримукаллаф халифа ё ягон ҳокими дигар шавад, зеро ӯ соҳибихтиёр нест.

Аммо адл барои бастани ақди хилофат ва давомнокии он шарти лозимӣ мебошад. Зеро Аллоҳ Таоло дар гувоҳ адлро шарт кардааст. Чунончи фармудааст:

**وَأَشْهِدُوا ذَوَيْ عَدْلٍ مِّنكُمْ**

"**Ва ду тан одил аз худатонро ба гувоҳӣ гиред**" [65:2]. Бузургтарин гувоҳ халифа аст, пас авлост, ки вай беш аз ҳама соҳиби адл бошад.

Сабаби шарти озодӣ дар мансаби хилофат он аст, ки ғулом мулки хоҷааш аст. Бинобар ин, бо ихтиёри худ ба коре даст зада наметавонад ва аз боби авлост, ки кори каси дигарро тасарруф карда наметавонад. Пас, ӯ бар мардум ҳукмронӣ карда наметавонад.

Аммо қудрат аз он ҷиҳат шарт аст, ки кас агар аз анҷом додани таклифе оҷиз бошад, дархост намудани иҷрои ин таклиф аз вай беҳуда аст ва ин кор сабаби бепарвоӣ ба аҳком ва зоеъшавии ҳуқуқ мегардад. Ислом ба ин чиз иҷозат намедиҳад.

Ин шартҳои устувори халифа аст. Аммо шартҳои дигаре, ки фақеҳон зикр кардаанд, монанди шуҷоат, илм, қурайшӣ ё аз хонадони Фотима будан ва ғайра, шартҳои бастани ақди хилофат нест ва ягон далели саҳеҳ наомадааст, ки инро шарти бастани ақди хилофат ва дурустии байъат гӯяд. Бинобар ин, сифатҳои мазкур аз шартҳои дурустии инъиқод ва байъат эътибор карда намешавад. Пас, саҳеҳ аст, ки ба ҳар як марди мусулмон, болиғ, оқил, одил, озод ва қодир ҳамчун халифаи мусулмонон байъат дода шавад. Барои халифа ғайр аз ин шартҳо ягон шарти дигар вуҷуд надорад.

Бинобар ин, барпо намудани Давлати Исломӣ бар ҳамаи мусулмонон фарз мебошад. Ин чиз бо Китоб, суннат ва иҷмои саҳобагон собит шудааст. Мусулмонон дар кишварҳои худ ба нуфузи куфр мутеъ гаштаанд ва бар эшон аҳкоми куфр татбиқ мешавад, сарзаминашон пеш дорулислом буд, акнун ба дорулкуфр табдил ёфтааст, гарчанд кишварҳояшон исломист, худ тобеият, яъне шаҳрвандии исломӣ надоранд, ҳол он ки зиндагӣ дар дорулислом, инчунин шаҳрвандии исломӣ доштан барояшон воҷиб мебошад ва воҷиботи мазкур танҳо бо сабаби барқарор сохтани Давлати Исломӣ иҷро мегардад, пас, агар барои барқарор сохтани

Давлати Исломӣ ва байъат додан ба халифае, ки Исломро татбиқ мекунад ва даъвати онро ба олам интишор медиҳад, ҳаракат накунанд, ҳамеша гунаҳкор боқӣ мемонанд.

# *ДУШВОРИҲОИ БАРПО ШУДАНИ ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ*

Барпо шудани Давлати Исломӣ бо осонӣ муяссар намегардад, зеро азнавсаркунии ҳаёти исломӣ кори саҳлу андак нест. Оре, дар роҳи барпо шудани Давлати Исломӣ монеаҳои гуногун ва бузург пеш меояд, ки онро мебояд бартараф кард, дар роҳи азнавсаркунии ҳаёти исломӣ машаққатҳои зиёд рӯбарӯ мешавад, ки онро бурдборона мебояд паси сар гузошт. Зеро масъала бо барпо шудани ким-кадом давлат ва ё давлати бо ном исломӣ алоқаманд нест, балки масъала ба барпо шудани он Давлати Исломӣ алоқа дорад, ки Исломро ҳамчун низоми аз ақидаи исломӣ сарчашмагиранда ва ҳамчун аҳкоми шаръӣ бо эътибори он ки ҳукми Аллоҳ аст, татбиқ мекунад. Ҳамин тавр, ҳаёти исломиро дар дохил пурра аз нав оғоз намуда, даъвати исломиро дар хориҷ ба тамоми мардумон мерасонад. Ин Давлати Исломӣ бояд бар асоси ақидаи исломӣ ва афкоре, ки бар ин ақида асос ёфтааст ё аз ҳамин ақида берун омадааст, барпо шавад, сипас, бар қонунҳо ва низомҳое барпо шавад, ки он низ аз ақидаи исломӣ сарчашма гирад. Дар натиҷа ангезаҳои ин ҳаёт аз қаъри дил зинда гардад, он гоҳ ақлия ва нафсияи исломӣ ба вуҷуд ояд, ки иҷрои ихтиёрии низом ва қонунҳоро баробар аз ҷониби ҳар як ҳокиму маҳкум бо шавқу хушнудӣ таъмин кунад. Ин давлат бояд ҳам дар миёни уммате, ки онро барпо мекунад ва ҳам дар миёни фармонравоёне, ки кору

аҳволи умматро нигоҳубин мекунанд, исломӣ бошад. Ин давлат бояд дар тамоми ҳаёти худ исломӣ бошад, азнавсаркунии ҳаёти исломиро тарзе ба амал барорад, ки ба уммат имкони ба саросари олам расондани рисолаташро бидиҳад, ба ғайримусулмонон ҳам имкони дар Давлати Ислом дидани нури Исломро фароҳам биёрад, то ки гурӯҳ-гурӯҳ ба дини Аллоҳ дароянд. Бинобар ин, машаққатҳое, ки дар роҳи азнавсаркунии ҳаёти исломӣ ё барпо шудани Давлати Исломӣ пеш меояд, бисёр аст, ки бояд дониста ва бартараф карда шавад. Муҳимтарин душвориҳо ин аст:

1. Мавҷудияти афкори ғайриисломӣ ва таҳоҷуми он ба олами исломӣ. Зеро олами исломӣ даври фурӯравиро аз сар гузаронид. Дар ин давр бо сабаби ақибмонии умумии худ пастфикр, бемаърифат ва заифул-ақлия буд. Дар чунин вазъият ба таҳоҷуми афкори ғайриисломӣ, ки бо афкори Ислом зид буд, дар бораи ҳаёт, моқабли ҳаёт ва мобаъди он бар асоси ғалат ва фаҳмиши нодуруст барпо шуда буд, дучор гашт. Пас, ин афкор замини ҳосилхези холӣ аз муқовиматро ёфт ва дар он ҷой гирифт. Ҳамин тавр, ақлияи мусулмонон, алалхусус тӯдаи зиёиён бо ин афкор пур шуд. Дар натиҷа дар байни уммат ақлияи сиёсие пайдо шуд, ки ба тақлид розӣ, аз созандагӣ дур, барои қабули фикрати исломӣ аз ҷиҳати сиёсӣ нотайёр, аз идроки ҳақиқати ин фикрат, хусусан ҷиҳати сиёсии он оҷиз буд. Аз ин рӯ, даъвати исломӣ бояд даъват ба Ислом ва ба азнавсаркунии ҳаёти исломӣ бошад, яъне ғайримусулмононро ба воситаи шарҳи афкори Ислом ба сӯи Ислом бихонем, аммо мусулмононро тавассути фаҳмондани Ислом ба фаъолият барои азнавсаркунии ҳаёти исломӣ даъват намоем. Ин амр тақозо мекунад, ки дигар афкори дурӯғини ғайриисломӣ ва натиҷаҳои хатарноки онро баён созем, даъват роҳи сиёсиро пеш гирад, барои тарбияи уммат бо сақофати исломӣ, ки дар он ҷиҳати сиёсӣ ҳукмрон аст, кӯшиш ба харҷ дода шавад. Бо ин роҳ мо метавонем мушкилотро бартараф намоем.

2. Барномаҳои таълимие, ки бар асоси нақшаи истеъмор матраҳ гаштааст ва тариқате, ки барномаҳои мазкур дар мактабҳо ва донишгоҳҳо аз рӯи он татбиқ мешавад. Инчунин шахсоне, ки ин донишгоҳҳо барои раҳбарӣ дар соҳаи ҳокимият, идора, қазо, таълим, тиб ва дигар соҳаҳои ҳаёт бо ақлияи махсус тарбия намудааст, ки ин ашхос бо таъсири ин ақлия мувофиқи нақшае, ки кофири истеъморгар мехоҳад, ҳаракат мекунанд. Ҳатто чунонки мебинем, дар соҳаи ҳокимият кормандони истеъмор ба кадрҳое, ки аз мусулмонон тарбия намуданд, иваз карда шуданд. Кори онҳо посбонии сарҳадҳо, қонунҳо, сақофат, сиёсат, низом, ҳазорат ва ғайра, ки истеъмор барпо намудааст, инчунин мудофиа кардани ин чизҳо монанди истеъморгар ё аз он ҳам сахттар мебошад. Роҳи бартараф сохтани ин душворӣ парда бардоштан аз рӯи корҳои ҳамин ҳокимон, кормандон ва ғайраҳо дар назди худи онҳо ва тамоми мардум мебошад, то ки зиштии ҷиҳати истеъморгаронаи ин корҳо ошкор гардад, он гоҳ ашхоси номбурда аз дифои он чӣ, ки истеъмор барпо намудааст, даст кашанд ва даъват ба сӯи ин мусулмонон роҳ биёбад.

3. Давомнокии татбиқи барномаҳои таълимӣ бар асоси нақшаи кофири истеъморгар ва мувофиқи тариқати дилхоҳи он. Ин ҳол бисёри ҷавонони хатмкарда ва ҳанӯз донишҷӯро ба самти мухолифи Ислом равона мекунад. Мо азибораи барномаҳои таълим барномаҳои илмӣ ва саноатиро дар назар надорем, чунки ин барномаҳо оламшумул аст ва ба ягон халқу миллат хос нест, балки он барои ҷамии мардумон баробар мебошад. Мақсади мо аз барномаҳои таълим барномаҳои сақофист, ки ба нуқтаи назар дар бораи ҳаёт таъсир мебахшад. Ҳамин чиз барномаҳои таълимро дар роҳи азнавсаркунии ҳаёти исломӣ ба душворӣ табдил додааст. Ин донишҳо таърих, адабиёт, фалсафа ва ташреъ (37) мебошад. Зеро таърих шарҳи воқеии ҳаёт ва адабиёт тасвири шуурии он аст, фалсафа фикри аслӣ буда, бар вай нуқтаи назар доир ба ҳаёт барпо мегардад, ташреъ муолаҷоти амалии муаммоҳои ҳаёт, инчунин воситаи танзими алоқаҳои шахсҳо ва ҷамоатҳост. Дар ҳақиқат,

кофири истеъморгар бо воситаи ин сақофат ақлияи мусулмононро бо як тарзи хоса ташаккул додааст, ки баъзеи онҳо зарурати ҳастии Исломро дар ҳаёти худ ва ҳаёти уммат ҳис намекунад. Баъзеи дигарро чунон тарбия додааст, ки шоистагии Исломро барои муоличаи муаммоҳои ҳаёт инкор намуда, нисбат ба он душманӣ меварзад. Пас, тағйир додани чунин ақлия, инчунин тарбия кардани ҷавонон бо афкори исломӣ ва аҳкоми шаръӣ дар шакли муракказ (38) ва ҷамоӣ берун аз мактабу донишгоҳҳо амри ногузир аст, то ки бартараф сохтани душвории мазкур имконпазир гардад.

4. Бузург доштани умумӣ ва ҷаҳонӣ донистани баъзе фанҳои сақофӣ, ба монанди сотсиология, психология, ва педагогика (39). Зеро мардумон ин фанҳоро илм меҳисобанд, ҳақиқатҳоеро, ки бо роҳи ин фанҳо ҳосил шудаанд, натиҷаи таҷрибаҳо медонанд ва онро ба таври умумӣ бузург медоранд. Ҳар чиро, ки ин донишҳо пешкаш созад, ҳамчун масоили раднопазир бечунучаро қабул карда, дар корҳои ҳаёт ҳакам месозанд. Ин фанҳо дар мактабҳо ва донишгоҳҳои мо ҳамчун илм омӯхта мешавад. Мо онҳоро дар ҳаёт татбиқ мекунем, дар корҳои ҳаёт аз он баҳра мебарем. Ҳамин тавр, гуфтаҳои олимони соҳаи психология, сотсиология ва педагогика нисбат ба гуфтаҳои Қуръону ҳадис бештар далел оварда мешавад. Аз ин лиҳоз, бо сабаби омӯзишу бузургдошти ин илмҳо ва ҳакам қарор додани онҳо дар корҳои ҳаёт дар назди мо афкор ва дидгоҳҳои нодуруст ба вуҷуд омад, ки ҳатто пазируфтани сухани мухолифи фикри онҳо душвор гашт. Ин фанҳо умуман ба сӯи ҷудо кардани дин аз ҳаёт ва мубориза бар зидди барпо шудани Давлати Исломӣ мебарад.

Ҳақиқатан, ин фанҳо сақофат аст, на илм. Зеро он бо роҳи мулоҳаза ва тадқиқот ҳосил мешавад, дар он таҷрибаҳо вуҷуд надорад. Бар мардум татбиқ кардани он таҷриба ҳисобида намешавад, балки он мулоҳазаҳое мебошад, ки дар болои шахсони гуногун дар шароит ва вазъиятҳои гуногун такрор ба такрор дида шудааст. Бинобар ин, он чун таҷрибаи озмоишгаре, ки чизеро дар

худ таҷриба мекунад ё дар болои чиз таҷриба мегузаронад, нест, балки мулоҳаза ва тадқиқот аст. Пас, он ба доираи сақофат дохил мешавад, на ба доираи илм. Илова бар ин, он тахминӣ буда, ҳам эҳтимоли дурустӣ ва ҳам эҳтимоли нодурустӣ дорад, зеро бар асоси нодуруст барпо шудааст. Асоси бинои он нигоҳ ба шахс ва ҷомеа аст, яъне он бар нигоҳи шахсӣ барпо шудааст. Аз ин рӯ, нигоҳи он аз шахс ба оила, аз оила ба ҷамоат ва аз ҷамоат ба ҷомеа мекӯчад, зеро гумон мекунад, ки ҷомеа аз шахсҳо таркиб ёфтааст. Бинобар ин, фанҳои мазкур ҷомеаро ҷудогона меҳисобад ва мегӯяд, ки агар як чиз ба як ҷомеа рост ояд, ба ҷомеаи дигар рост намеояд. Ҳақиқат ин аст, ки ҷомеа аз инсонҳо, афкор, дарёфтҳо ва низомҳо таркиб ёфта, афкор ва муолиҷоте, ки дар як ҷо барои инсон шоиста аст, дар ҳама ҷо барои инсонҳо шоиста мебошад ва ҷомеаҳои гуногун, вақте ки афкор, дарёфтҳо ва низомҳоро ислоҳ мекунанд, ба ҷомеаи ягона табдил меёбанд. Дар натиҷаи нигоҳи нодуруст ба ҷомеа дар соҳаи педагогика назариёти хатои тарбиявӣ ва дар соҳаи психология ҳам назариёти хато пайдо шуд, зеро ҳар ду бар асоси ҳамин нигоҳ барпо шудааст. Педагогика ва сотсиология бар асоси илми психология низ такя мекунад. Ҳол он ки худи психология умуман аз ду ҷиҳат хатост: Якум, психология чунин меҳисобад, ки майна аз минтақаҳои алоҳида иборат аст ва ҳар як минтақаи он қобилияти хоса дорад, баъзе майнаҳо қобилияте дорад, ки ин қобилият дар майнаҳои дигар мавҷуд нест. Ҳол он ки дар ҳақиқат майна ягона аст. Ноҳамгунӣ ва носозгорӣ, ки дар фикрҳо ба мушоҳида мерасад, ба тафовуту ихтилофи маҳсусот ва маълумоти собиқа вобастагӣ дорад. Инчунин дар як майна қобилияте вуҷуд надорад, ки он дар майнаи дигар ёфт нагардад, балки дар ҳамаи майнаҳо ҳангоми пурра ёфт шудани воқеи маҳсус, узвҳои ҳис ва маълумоти собиқа барои майна қобилияти фикррронӣ дар бораи ҳама чиз ёфт мешавад. Лекин майнаҳо аз ҷиҳати қуввати вобастан ва қуввати эҳсос фарқ мекунад, чунончи чашмҳо аз ҷиҳати қувват ва заъфи бинои бо ҳам тафовут доранд. Бинобар ин, ба ҳар як шахс маълумоти дилхоҳ додан мумкин аст, вай қобилияти азхудкунии

онро дорад. Пас, "қобилиятҳо", ки дар психология омадааст, беасос мебошад. Дуюм, психология даъво мекунад, ки ғаризаҳо бисёр аст, аммо баъзе кашф шуда, баъзе дигар кашф нашудааст. Олимон бар асоси ҳамин мафҳуми ғаризаҳо назарияҳои хаторо барпо кардаанд. Дар ҳақиқат, аз мушоҳадаи ҳиссии пай дар пай ё аз такрори амал маълум мешавад, ки дар вуҷуди инсон тавоноии ҳаётӣ мавҷуд аст ва он ду падида дорад. Падидаи якум ҳатман қонеъгардониро талаб мекунад ва агар қонеъ гардонда нашавад, инсон ба ҳалокат мерасад, падидаи дуюм низ қонеъгардониро талаб мекунад, вале қонеъ гардонида нашавад ҳам, инсон зинда мемонад, танҳо бо сабаби қонеъ нагардондан безобитагӣ рух медиҳад. Падидаи якум, монанди гуруснагӣ, ташнагӣ ва қазои ҳоҷат эҳтиёҷоти узвӣ ва падидаи дуюм, ғаризаҳо, яъне ғаризаи тадайюн, ғаризаи навъ ва ғаризаи бақо мебошад. Ин ғаризаҳо ҳисси оҷизӣ, ҳисси боқӣ мондани навъ ва ҳисси боқӣ мондани ҷисм буда, ғаризаи дигар вуҷуд надорад. Он чӣ, ки ҷуз ин се ғариза дида мешавад, намудҳои ин се ғариза аст. Масалан, тарс, сарварӣ ва мулкдорӣ намудҳои ғаризаи бақо, муқаддасшуморӣ ва ибодат намудҳои ғаризаи тадайюн, падарӣ ва бародарӣ намудҳои ғаризаи навъ мебошад. Бинобар ин, ғаризаҳо ва майнаро ба равиши хато фаҳмидани психология боиси хатогии назарияҳое гашт, ки психология бар асоси он барпо шудааст. Азбаски педагогика ҳам аз психология таъсир гирифтааст, ин чиз ба хато будани педагогика низ сабаб шуд.

Бинобар ин, сотсиология, педагогика ва психология фанҳои сақофӣ буда, дар таркиби он фикрҳои зидди фикрати исломӣ мавҷуд аст. Он умуман хато мебошад. Идомаи бузургдошт ва ҳакамсозии он ба пайдоиши душворие мебарад, ки дар роҳи фаъолият барои барқарорсозии Давлати Исломӣ қарор мегирад. Аз ин рӯ, бояд гуфт, ки он фанҳои сақофӣ буда, илм нест, он тахминӣ аст, на ҳақиқатҳои қатъӣ. Азбаски фанҳои мазкур бар асосҳои нодуруст барпо шудааст, дар ҳаёт ҳакам шуда наметавонад, балки Ислом ҳакам мешавад.

5. Ҳаёти ғайриисломӣ ба сар бурдани ҷомеа дар олами исломӣ ва тарзи зиндагонии ба Ислом зид. Зеро дастгоҳи давлат ва низоми ҳокимият, ки дастгоҳ бар он бунёд мешавад, ҷомеа ва асосҳои ҳаёт, ки ин ҷомеа бо ҳама унсурҳои худ бар он бино меёбад, тамоюли нафсӣ, ки мусулмонон аз рӯи он амал мекунад, пойдевори aқлӣ, ки тарзи тафаккури мусулмонон бар он бунёд мегардад, ҳама бар пиндорҳои зидди пиндорҳои исломӣ дар бораи ҳаёт асос ёфтааст. Модом ки ин асос тағйир дода нашавад ва ин пиндорҳои хато дуруст карда нашавад, сахт душвор аст, ки ҳаёти инсонҳо дар ҷомеа, дастгоҳи давлат, унсурҳои ҷомеа ва тамоюлоти нафсониву aқлонӣ, ки бар мусулмонон ҳукмфармоӣ мекунад, тағйир ёбад.

6. Дурии фосилаи байни мусулмонон ва ҳокимияти исломӣ, хусусан дар сиёсати ҳукм ва сиёсати мол. Ин ҳол дар бораи ҳаёти исломӣ тасаввури мусулмононро суст ва тасаввури ғайримусулмононро баръакс месозад. Хусусан мусулмонон як муддат чунон зиндагӣ ба сар бурданд, ки дар ин муддат Ислом аз тарафи ҳокимон бар онҳо бад татбиқ шуд. Инчунин онҳо аз замони барҳамхӯрии Хилофат то имрӯз дар зери ҳокимияти душманонашон бар асоси низоме, ки дар ҳама соҳа, алалхусус дар сиёсати ҳукм ва сиёсати мол ба Ислом зид аст, ҳаёт ба сар мебаранд. Аз ин лиҳоз, мардум бояд аз воқеи бад, ки дар он зиндагӣ мекунанд, боло бароянд, ҳаётеро, ки дар он бояд умр ба сар баранд, тасаввур кунанд, воқеи худро дигаргун созанд ва ин воқеъро ба он ҳаёт табдил диҳанд. Онҳо бояд тасаввур кунанд, ки ин табдилдиҳӣ пурра ва тақсимнашаванда бошад, Ислом дар равиши инқилобӣ (яъне якуякбора) татбиқ шавад, на бо тақсимкунию дарзбеҳзанӣ. Ҳамин тавр, тасаввури воқеи ҳаёте, ки дар он рӯз Ислом арҷманд мегардад, ба онҳо наздик бошад.

7. Дар кишварҳои исломӣ мавҷуд будани ҳукуматҳое, ки бар асоси демократӣ барпо шудааст, бар халқ тамоман низоми сармоядорро татбиқ мекунад, бо давлатҳои ғарбӣ аз ҷиҳати сиёсӣ вобастагӣ дорад ва бар маҳалпарастиву тақсимкунӣ бунёд ёфтааст. Ин ҳам

фаъолиятро дар роҳи азнавсаркунии ҳаёти исломӣ душвор месозад, зеро фаъолияти мазкур он гоҳ самара медиҳад, ки ҳамаи кишварҳои исломиро дарбар гирад. Ислом рухсат намедиҳад, ки кишварҳои исломӣ ба якчанд давлат тақсим шавад, балки лозим мегардонад, ки онҳо давлати ягона бошанд. Ин илтизом фарогир будани даъват, фаъолият ва татбиқро тақозо мекунад, инчунин ҳукуматҳоро, агарчи раҳбарони он мусулмонанд, ба майдони мубориза бар зидди даъвати исломӣ мекашонад. Бинобар ин, ҳамли даъвати исломӣ дар ҳама минтақаҳо зарур аст, агарчанде ки ба таҳаммули душвориҳо ва сахтиҳое мебарад, ки дар кишварҳои исломӣ аз зиддияти ҳукуматҳо сар мезанад.

8. Мавҷуд будани раъйи умумӣ дар бораи ватанпарастӣ, миллатгароӣ ва сотсиализм, инчунин таъсиси ҳаракатҳои сиёсӣ дар асоси ватанпарастӣ, миллатгароӣ ва сотсиализм. Зеро истилои кишварҳои исломӣ аз тарафи Ғарб, ҷилави ҳокимиятро ба даст гирифтани вай дар ин кишварҳо ва бар онҳо низоми сармоядориро татбиқ кардан дар дилҳои мардум майли ҳимояи ҷонро барангехт. Дар натиҷа эҳсосоти ватанпарастии мардум барои ҳимояи сарзаминҳое, ки дар он ҷойҳо умр ба сар мебурданд, пайдо шуд. Инчунин таъсири ин кирдорҳои Ғарб дар байни халқҳо барои дифои ҷон, оила ва қавм, барои кӯшиши ҳукмрон гардондани онҳо таассуби нажодиро барангехт. Баъд аз ин падидаҳо барои аз кишвар рондани душман бо номи ватанпарастӣ ва барои бар кишвар ҳукмрон кардани аҳолии он бо номи миллатпарастӣ дар ҳар кишваре ҳаракатҳои сиёсӣ пайдо шуд. Сипас, ношоистагӣ ва фасоди низоми сармоядорӣ ба мардум ошкор гашт ва дар байни онҳо даъват ба сӯи сотсиализм паҳн шуд. Дар натиҷа барои таъмири сармоядорӣ бо номи сотсиализм гурӯҳбандиҳо ташкил ёфт. Ин гурӯбандиҳо дар бораи низоми ҳаёт ҷуз тасаввури рӯякии хом дигар чизе надошт, ки ҳолати мазкур онро аз мабдаъ ва мабдаи оламшумули Ислом дур кард.

## *ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ ЧӢ ГУНА БАРПО МЕШАВАД?!*

Қувваи фикрати исломӣ, ки бо тариқати исломӣ мепайвандад, агар ин фикрат дар қалбҳо кошта шавад, дар нафсҳо дохил шавад ва дар мусулмонон таҷассум ёбад ва сипас ба Исломи зинда, ки дар ҳаёт амал мекунад, табдил ёбад, барои барпо шудани Давлати Исломӣ ва азнавсаркунии ҳаёти исломӣ кифоя аст. Бо вуҷуди ин, бояд қабл аз барпо шудани давлат корҳои бузурге ба итмом расад ва барои азнавсаркунии ҳаёти исломӣ ҷидду ҷаҳди беандоза ба кор бурда шавад. Бинобар ин, рағбатҳои хушку холӣ ва некбинӣ барои барпошавии ин давлат кифоя намекунад, иштиёқу орзуи пуч барои оғози ҳаёти исломии нав кофӣ нест. Бинобар ин, вазифаи зарууртарин дуруст арзёбӣ кардани монеаҳои бузургест, ки дар муқобили Ислом қарор мегирад, то нобуд сохтани он имконпазир гардад. Огоҳ сохтани мусулмонон аз гаронии паёмаде, ки муборизони роҳи ғояи мазкур онро интизоранд, лозимтарин ашё ба шумор меравад. Инчунин дар бораи ҳар як раъйе, ки доир ба ин амри муҳим пешниҳод мегардад, махсусан муфаккирон бо эҳсоси баланди масъулиятшиносӣ диққат равона созанд, то қавлу амал дар роҳи дурусту рост бо огоҳӣ, ирода, қатъият ва шуҷоат пеш равад. Донистан лозим аст, ки раҳравони ҷодаи азнавсаркунии ҳаёти исломӣ дар санглохи сахту ноҳамвор баҳри худ пайроҳа мекананд, вале зоғнӯлҳояшон буррову гаронвазн ва барои шикастани харсангҳои роҳ кофист. Онҳо масъалаи басо нозукро муолиҷа мекунанд, лекин нармии онҳо басанда аст, ки ин масъаларо бо накӯӣ ҳал созанд. Раҳравони ин ҷода ба душвориҳои

калон дучор мегарданд, вале онҳоро бартараф месозанд ва аз тариқати худ берун намераванд, зеро он тариқати Расулуллоҳ (с) мебошад, шеваи рафтори ин тариқат саҳеҳ аст, ки натиҷаҳоро қатъии бешубҳа мегардонад ва пирӯзӣ дар он бешак ба даст меояд. Ин тариқатест, ки мусулмонон бояд дар он бо диққат қадам гузоранд, пайравӣ ба Расул (с) бояд дуруст ва рафтор ҳам бо рафтори он кас мувофиқ бошад, то ин ки роҳрав налағжад. Зеро ҳар як хато дар қиёс ва ҳар як беруншавӣ аз роҳ сабаби лағзиш ва шикаст хӯрдан дар фаъолият мешавад. Бинобар ин, таъсиси анҷуманҳое, ки ба Хилофат даъват мекунад, роҳи барпо шудани Давлати Исломӣ нест, кӯшиши муттаҳидсозии давлатҳое, ки бар халқҳои исломӣ ҳукм меронанд, воситаи барқарорсозии Давлати Исломӣ нахоҳад буд. Инчунин баргузор гаштани анҷуманҳо барои халқҳои исломӣ ҳаёти исломиро аз нав нахоҳад овард. Ин корҳо ва корҳои ба ин монанд роҳ нест, балки ин воситаҳои машғулкунанда аст, ки эҳсосоти мусулмонон бо он ором мегирад. Ҳамин тавр, захираи ғайрату шуҷоати онҳо холӣ мешавад ва баъд аз он, аз ҳаракат бозмемонад. Илова бар ин, амалҳои мазкур ба тариқати Ислом мухолиф аст. Лекин роҳи ягонаи барпо шудани Давлати Исломӣ ҳамли даъвати исломӣ ва фаъолият барои азнавсаркунии ҳаёти исломӣ мебошад. Ин роҳ тақозо мекунад, ки кишварҳои исломӣ чун ваҳдати ягона гирифта шаванд, чунки мусулмонон уммати ягона ҳастанд, уммат маҷмӯаи инсонист, ки онро ақидаи ягона ҷамъ месозад ва низоми уммат аз ҳамин ақида сарчашма мегирад. Аз ин рӯ, рух додани ҳодисаи дилхоҳ дар як гӯшаи кишвари исломӣ ба дигар кишварҳои исломӣ таъсир мерасонад ва дар он ҷойҳо дарёфтҳо ва афкорро бармеангезад. Бинобар ин, ҳамаи кишварҳои исломӣ бояд ҳамчун мамлакати ягона гирифта шавад ва даъват ба ҳамаи онҳо расонда шавад, то ки ҷомеаи онҳо мутаассир гардад. Зеро ҷомеаи ягонае, ки аз як уммат ташкил меёбад, монанди оби дар дег аст. Агар шумо ба зери он оташ афрӯзед, об гарм мешавад, пас, ба дараҷаи ҷӯшиш мерасад, сипас, ин ҷӯшиш ба бухор, ки ҳаракатдиҳанда аст, табдил меёбад. Ҳамин

тавр, ҳаракат ва ҷунбиш рӯй медиҳад. Ҷомеае, ки ба он мабдаи Исломро мегузоред, низ ҳамчунин аст. Ҳамин тавр, ҳарорати мабдаъ дар ҷомеа гармшавӣ ва баъдтар ҷӯшишро ба вуҷуд меорад. Сипас, ин ҷӯшиш ба нерӯе табдил меёбад, ки ҷомеаро ба ҳаракат ва амал такон медиҳад. Бинобар ин, бояд даъват ба тамоми гӯшаву канори олами исломӣ бирасад, то ки барои азнавсаркунии ҳаёти исломӣ ба фаъолият пардозад. Ин кор ба воситаи китобҳо, рисолаҳо, вохӯриҳо ва ҳама воситаҳои даъват, хусусан ба воситаи вохӯриҳо муяссар мегардад, зеро вохӯриву гуфтушунид судмандтарин роҳи даъват аст. Вале бо ин шакли кушод расондани даъват танҳо барои дар ҷомеа пайдо кардани аланга аст, то ки ҷомеа аз ҳолати карахтӣ ба ҳолати ҷунбиш гузарад. Ин ҷунбиш танҳо ҳамон вақт метавонад ба ҷӯшиш, сипас, ба ҳаракат табдил ёбад, ки даъвати амалӣ дар раҳнамоии сиёсии худ бо фаъолият дар як ё якчанд минтақае барканор мешавад, ки аз он ҷо ҳаракат оғоз меёбад. Сипас, аз ин ҷо даъват ба қисмҳои дигари олами исломӣ паҳн мешавад. Баъд, ин минтақа ё якчанд минтақа нуқтаи такягоҳ интихоб мегардад, ки дар он ҷо Давлати Исломӣ барпо мешавад ва аз он ҷо дар роҳи ташкили Давлати бузурги Ислом болоравӣ оғоз меёбад. Ин давлат рисолати Исломро ба саросари олам паҳн мекунад. Ин кор мутобиқи суннати Пайғамбар (с) мебошад, зеро он кас даъвати худро ба ҳамаи мардумон расонда буданд. Он гоҳ гомҳои таблиғ дар роҳи амалӣ гузошта мешуд. Чунончи Расулуллоҳ (с) аҳолии Макка ва ҳамаи арабҳоро дар мавсими ҳаҷ даъват карданд. Даъваташон дар ҷамии гӯшаву канорҳои нимҷазира паҳн мешуд. Гӯё Пайғамбар (с) ба зери деги ҷомеа дар нимҷазираи Арабистон оташе меафрӯхтанд, ки дар тамоми арабҳо ҳароратро пайдо мекард. Расул (с) дар мавсими ҳаҷ бо арабҳо вохӯрда, онҳоро ба Ислом даъват мекарданд, инчунин ба бошишгоҳҳои қабилаҳо рафта, бо ин восита Исломро ба онҳо мерасонданд. Илова бар ин, даъват ба воситаи бархӯрди байни Расул (с) ва Қурайш ба тамоми арабҳо мерасид, зеро акси садои ин бархӯрдҳо гӯшҳои арабҳоро пур мекард ва дар миёни онҳо хоҳиши огоҳшавӣ ва пурсуҷӯро

бармеангехт. Бо вуҷуди ба арабҳо расондани даъват майдони фаъолияти даъват дар Макка маҳдуд буд. Сипас, ин майдон то Мадина доман густурд, ҳатто дар Ҳиҷоз Давлати Исломӣ таъсис ёфт. Он гоҳ ҳарорати даъват ва пирӯзии Расул (с) дар миёни арабҳо ҷӯшиш ва сипас, ҳаракатро пайдо кард, ки дар натиҷа ҳама имон оварданд, Давлати Ислом тамоми нимҷазираи Арабистонро фаро гирифт ва рисолати Исломро ба саросари олам паҳн намуд. Аз ин рӯ, бар мо лозим аст, ки ҳамли даъвати исломӣ ва фаъолият барои azнавсаркунии ҳаёти исломиро тариқати барпошавии Давлати Исломӣ қабул кунем, ҷамии кишварҳои исломиро ҷомеаи ягона ва ҳадафи даъват қарор диҳем. Вале бояд майдони фаъолиятро дар як ё якчанд минтақа барканор созем, то ки дар он ҷо мардумро бо Ислом тарбия намоем, Ислом дар байни онҳо зинда гардад ва онҳо бо Ислом ва барои он зиндагонӣ кунанд. Мо бояд дар он ҷо ваъйи умумӣ доир ба Ислом ва раъйи умумӣ ба ҷонибдории Ислом пайдо кунем, то ки ҳангоми интиқол додани даъват ба марҳилаи таъсиррасонӣ ва созандагӣ дар байни аҳли даъват ва ҷомеа мувофиқати самараноки фаъолу таъсирбахш ҳосил шавад. Ин таъсиррасонӣ ҳаракати муборизаест, ки ҳадафи он эҷоди Давлати Исломист ва ин давлат бояд аз миёни уммате, ки дар ин минтақа ё минтақаҳо зиндагӣ мекунад, ба вуҷуд ояд. Он гоҳ даъват аз як фикрати зеҳнӣ ба вуҷуди ҷамъиятӣ ва аз як ҳаракати мардумӣ ба давлат табдил меёбад. Ҳамин тавр, даъват марҳилаҳои худро тай мекунад, яъне он аз нуқтаи ибтидо ба нуқтаи паҳншавӣ, баъд аз он, ба нуқтаи такягоҳ гузашта, дар як давлати мукаммал унсурҳои давлат ва нерӯи даъватро сарҷамъ месозад. Акнун даври амалие сар мешавад, ки дар ин давр шариат бар ин давлат ва бар мусулмононе, ки берун аз минтақаҳои ҳудуди салтанати ин давлат зиндагӣ мекунанд, корҳоеро воҷиб мегардонад. Аммо ҳукмронии комил бо он чӣ, ки Аллоҳ нозил кардааст, инчунин табдил додани муттаҳидсозии минтақаҳои дигар бо давлат ё муттаҳидшавии давлат бо минтақаҳои дигар ба як қисми сиёсати дохилӣ аз масъалаҳоест, ки шариат бар ин давлат воҷиб гардонидааст. Сипас,

давлат бояд дар тамоми минтақаҳои исломӣ, хусусан дар минтақаҳои ҳаммарз бевосита ба ҳамли даъват ва ба тарғибу ташвиқ барои азнавсаркунии ҳаёти исломӣ шурӯъ намояд, сарҳадҳои сиёсии сохтаро, ки истеъмор дар байни ин минтақаҳо гузошта, ҳокимони кишварҳои тобеи худро бар ин сарҳадҳои сиёсӣ посбон кардааст, аз байн бардорад. Бинобар ин, лозим аст, ки ин давлат сарҳадҳои зикршударо бекор кунад, агарчи кишварҳои ҳаммарз инро нахоҳад ҳам, рухсатномаҳои убуру мурур (40) ва марказҳои андозситониро (41) бекор кунад, дарҳоро ба рӯи минтақаҳои исломӣ кушода гузорад. Ҳамин тавр, тамоми сокинони минтақаҳои исломӣ ҳис мекунанд, ки ин давлат Давлати Исломист ва бо чашми худ татбиқ ва иҷрои аҳкоми Исломро мебинанд. Аммо масъалаи кишварҳое, ки дар онҳо Ислом татбиқ намегардад ва шаръан дорулкуфр эътибор карда мешавад, чунин аст: Фаъолият дар роҳи табдил додани ин кишварҳо ба дорулислом, инчунин даъвату тарғибот барои ба зери ҳокимияти давлати исломӣ даровардани он аз воҷиботест, ки шариат иҷрои онро бар дӯши мусулмонон ниҳодааст. Ҳамин тавр, ҷомеа дар ҳама минтақаҳои олами исломӣ дар ҳолати ҷӯшиш қарор гирифта, ин ҳолат ҷомеаро ба ҳаракати дуруст такон медиҳад, ки бо ёрии ин ҳаракат ҳамаи мусулмонон дар давлати ягона муттаҳид мешаванд ва он Давлати бузурги Ислом ба вуҷуд меояд. Чун ин Давлати Исломӣ пайдо шуд, намояндаву таҷассумгари мафкураи оламшумул мегардад, воломақом ва соҳиби нуфуз мешавад, ки ин барои вай дар роҳи ҳамли даъват ва фаъолият барои раҳобахшии олам аз бадиҳо имкон фароҳам меорад.

Дар гузашта уммати исломӣ берун аз сарзаминҳои нимҷазираи Арабистон сукунат надошт, ададаш ҳам аз чанд миллион беш набуд. Бо вуҷуди ин, вақте ки ин уммат Исломро пазируфта, даъватро густариш дод, дар баробари ду ӯрдугоҳ, ки он замон мавҷуд буд, як нерӯи ҷаҳониро ба вуҷуд оварда, ба ҳар дуи онҳо зарба зад, кишварҳояшро забт кард ва Исломро дар қисми бештари аҳолинишини рӯи замин паҳн намуд. Агар уммати исломии имрӯза,

ки қариб чоряки шумораи аҳолии оламро ташкил медиҳад ва дар кишварҳои ба ҳам пайваста сукунат меварзад, кишвари ягона созад, дар бораи мақому манзалати он чӣ андешае метавонем кунем? Ҳол он ки аз Марокаш то Ҳиндустону Индонезия дар ихтиёри ин уммат аст, гӯшаҳои аз ҷиҳати сарват ва иқлим беҳтарини дунёро дар даст дорад ва соҳиби мабдаи ягонаи дуруст мебошад. Пас, ин уммат, бешубҳа, дар ҳама соҳа нисбат ба тамоми давлатҳои бузург як ҷабҳаи пурқудраттаринро ташкил медиҳад. Бинобар ин, ба ҳар як мусулмон воҷиб аст, ки аз ҳамин лаҳза барои эҷоди Давлати исломии бузург, ки рисолати Исломро ба олам паҳн мекунад, ба фаъолият шурӯъ намояд. Ин фаъолияти худро бояд бо ҳамли даъвати исломӣ ва мубориза барои азнавсаркунии ҳаёти исломӣ дар тамоми кишварҳои исломӣ оғоз кунад, майдони фаъолиятро дар як ё якчанд минтақа маҳдуд созад, то ки он ҷо барои оғози фаъолияти ҷиддӣ нуқтаи такягоҳ гардад. Лозим аст, ки мусулмон чунин ғояи бузургро ҳадафи худ қарор бидиҳад, бо ин роҳи амалии равшан, ки ҳаракат кардан дар он ҳатмист, ҳаракат кунад, дар роҳи расидан ба ин ғоя ҳар як сахтиро таҳаммул намояд, барои он тамоми кӯшишу ғайрати хешро сарф созад, ба Аллоҳ таваккул намуда, пеш равад ва ба ивази ин корҳо ғайр аз расидан ба хушнудии Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таоло дар талаби ҳеҷ подоши дигар нагардад.

# *ЛОИҲАИ ДУСТУРИ ДАВЛАТИ ХИЛОФАТ*

Ин дустури Давлати Хилофат аст. Онро ба мусулмононе, ки барои бунёд кардани Давлати Хилофат ва баргардондани ҳукмронӣ бо шариати Аллоҳ фаъолият мекунанд, пешкаш менамоем, то онҳо воқеъ, шакл ва низомҳои (қонунҳои) Давлати Исломиро, инчунин низомҳо (қонунҳо) ва аҳкоми Исломро тасаввур карда тавонанд.

Ин дустур дустури исломӣ аст, ки аз ақидаи исломӣ сарчашма гирифтааст ва аз аҳкоми шаръӣ бинобар қувваи далел таҳия шудааст.

Дар таҳияи ин дустур ба Китоби Аллоҳ ва суннати Расул, инчунин ба иҷмои саҳобагон ва қиёс, ки Китобу суннат ба ин ду иршод мекунад, такя шуд.

Ин дустури исломии маҳз аст ва дар он ягон чизи ғайриисломӣ нест. Ин дустуре нест, ки ба табақаи муайян ё кишвари муайян хос бошад. Ин дустур барои Давлати Хилофат дар олами исломӣ, балки дар тамоми ҷаҳон таҳия шудааст. Зеро Давлати Хилофат Исломро ҳамчун рисолати нуру ҳидоят ба тамоми ҷаҳон мерасонад, инчунин барои идора кардани корҳои ҷаҳон, ба оғӯши худ гирифтани ҷаҳон ва татбиқ кардани аҳкоми Ислом дар ҷаҳон кор мебарад.

Ҳизби Таҳрир ин лоиҳаро ба мусулмонон тақдим мекунад ва аз Аллоҳ мепурсад, ки мусулмононро мукаррам гардонад ва

амалишавии ғояи мӯъминонеро, ки дар роҳи бунёд кардани Хилофати рошида ва баргардондани ҳукмронӣ бо шариати Аллоҳ саъю талош меварзанд, суръат бахшад, то ин лоиҳа ба дустури Давлати Хилофат табдил ёбад.

Ин кор ба Аллоҳ душвор нест.

Аҳкоми умумӣ

Модда 1. Ақидаи исломӣ асоси давлат аст. Бинобар ин, барои пайдо шудани ягон чиз дар таркибу ҷиҳози давлат, ё дар муҳосаба карда шудани он ва ё дар тамоми корҳои тааллуқдори давлат фақат ақидаи исломӣ асос карда мешавад. Дар айни вақт ақидаи исломӣ асоси дустур ва қонунҳост, яъне ба мавҷуд будани ягон чизи алоқадори ҳар дуи онҳо танҳо он гоҳ рухсат дода мешавад, ки агар он аз ақидаи исломӣ сарчашма гирад.

Модда 2. Дорулислом кишварест, ки дар он аҳкоми Ислом татбиқ мешавад ва амнияти он бо Ислом аст. Дорулкуфр кишварест, ки дар он низомҳои куфр татбиқ мешавад ё ки амнияти он бо Ислом нест.

Модда 3. Халифа аҳкоми шаръии муайянеро табаннӣ карда, онҳоро ҳамчун дустур ва қонунҳо ба роҳ мемонад. Агар халифа ягон ҳукми шаръиро табаннӣ карда, танҳо ин ҳукм ба ҳукми шаръӣ табдил меёбад, ки ба он амал кардан воҷиб аст. Он гоҳ ин ҳукм ба қонуни амалӣ табдил меёбад, ки дар зоҳиру ботин ба он итоат кардан барои ҳар як шаҳрванд воҷиб аст.

Модда 4. Халифа ғайр аз закот ва ҷиҳод дар дигар ибодатҳо ягон ҳукми шаръии муайянеро табаннӣ намекунад. Ӯ дар фикрҳои тааллуқдори ақидаи исломӣ ягон чизро табаннӣ намекунад.

Модда 5. Ҳамаи онон, ки дар таҳти тобеияти Ислом қарор доранд (яъне шаҳрванди Давлати Исломӣ мебошанд), аз ҳуқуқ ва маҷбуриятҳои шаръӣ баҳраманд мешаванд.

Модда 6. Ба давлат ҷоиз нест, ки дар ҳокимият, қазо, идораи корҳо ё соҳаҳои монанди ин байни шаҳрвандонро ҷудо кунад. Балки воҷиб аст, ки қатъи назар аз нажод, ранги пӯст, дин ва миллат ба ҳама бо як назар нигоҳ кунад.

Модда 7. Давлат хоҳ мусулмон бошанд, хоҳ ғайримусулмон ба тамоми инсонҳое, ки дорои тобеияти Ислом (яъне шаҳрванди Давлати Исломӣ) мебошанд, шариати исломиро ба тарзи зерин татбиқ мекунад:

а) Ба мусулмонон тамоми аҳкоми Ислом бе ягон истисно иҷро карда мешавад.

б) Ғайримусулмонон мувофиқи низоми умумӣ дар эътиқод ва ибодатҳои худ вогузошта мешаванд.

в) Ба муртадҳое, ки аз Ислом баргаштаанд, агар худи онҳо муртад бошанд, ҳукми муртад татбиқ карда мешавад. Агар онҳо фарзандони муртадҳо бошанд ва ғайримусулмон таваллуд шуда бошанд, аз рӯи мушрик, аҳли китоб будани онҳо муомилаи ғайримусулмон карда мешавад.

г) Ба ғайримусулмонон дар корҳои тааллуқдори хӯрокворӣ ва либосҳо дар доираи иҷозатдодаи аҳкоми шариат мувофиқи динҳояшон муомила карда мешавад.

д) Дар байни ғайримусулмонон корҳои издивоҷ (никоҳ) ва талоқ мувофиқи динҳояшон ҳал карда мешавад. Аммо муносибатҳои байни онҳову мусулмонон аз рӯи аҳкоми Ислом ҳукм карда мешавад.

е) Давлат боқимондаи аҳкоми шаръиро ва тамоми корҳои шариати исломиро оид ба муомилот, уқубот (чораҳои ҷазо), баййинот (ҳуҷҷатҳои исботкунандаи ҷиноят), низомҳои ҳокимияту иқтисод ва ғайра ба ҳама: мусулмонон ва ғайримусулмонон яксон иҷро мекунад. Ҳамчунин ба ҳар яки муоҳидон (кофире, ки дар асоси аҳд дар Давлати Исломӣ зиндагӣ мекунад ва ҷизя медиҳад),

мустаъминон (кофире, ки амонӣ мепурсад ё амонӣ дода шудааст) ва сархамшавандагони ҳокимияти Ислом ин аҳкомро татбиқ мекунад, чунон ки ба ҳар як фарди раият иҷро мекунад. Фақат сафирон, консулҳо, ходимони ваколатхона ва монанди инҳо, ки дорои дахлнопазирии дипломатӣ мебошанд, аз ин мустасноянд.

Модда 8. Забони арабӣ забони ягонаи Ислом аст. Давлат танҳо ин забонро истифода мебарад.

Модда 9. Иҷтиҳод фарзи кифоя аст. Ҳар як мусулмоне, ки тамоми шартҳои иҷтиҳодро ба ҷо оварда метавонад, ҳуқуқи иҷтиҳод карданро дорад.

Модда 10. Ҳамаи мусулмонон масъулиятҳои исломиро бар зиммаи худ мегиранд. Пас, дар Ислом "арбобони дин" вуҷуд надоранд. Манъ кардани ҳар як ҳолате, ки мавҷудияти "арбобони дин"-ро ифода мекунад, вазифаи давлат мебошад.

Модда 11. Бурдани даъвати исломӣ вазифаи асосии давлат аст.

Модда 12. Барои аҳкоми шаръӣ фақат Китоб, суннат, иҷмои саҳобагон ва қиёс далелҳои эътиборнок мебошанд.

Модда 13. Дар асл ҳар як шахс бегуноҳ аст. Ҳеҷ кас бе ҳукми маҳкама ҷазо дода намешавад. Шиканҷа кардани касе мутлақо ҷоиз нест. Ҳар як инсоне, ки инро мекунад, ҷазо дода мешавад.

Модда 14. Асос дар корҳо бо ҳукми шаръӣ маҳдуд шудан аст. Бинобар ин, бе донистани ҳукм коре анҷом дода намешавад. Асос дар чизҳо мубоҳист, агар ба ҳаром карда шудани он далел наомада бошад.

Модда 15. Воситае, ки ба ҳаром мебарад, агар эҳтимоли ба ҳаром бурдани он аниқ бошад, ҳаром аст. Агар гумон бурда шавад, ки он ба ҳаром мебарад, ҳаром нест.

Низоми ҳокимият

Модда 16. Низоми ҳокимият низоми ваҳдат аст. Он низоми иттиҳод (иттифоқ) нест.

Модда 17. Ҳокимият мутамарказ аст, аммо корҳои идорӣ (маъмурӣ) мутамарказ нестанд.

Модда 18. Ҳокимон чоранд: Халифа, муовини тафвиз, волӣ ва омил. ғайр аз инҳо ҳоким нестанд, балки онҳо шахсони масъул эътибор карда мешаванд.

Модда 19. Ба ҳокимият ё ба ҳар як амали таъаллуқдори ҳокимият фақат марди озод, болиғ, оқил, одил ва тавоно мутасаддӣ мешавад. ғайр аз ин, мусулмон будани ӯ низ шарт аст.

Модда 20. Муҳосаба кардани ҳокимон ҳуқуқи мусулмонон ва барояшон фарзи кифоя аст. Ғайримусулмонони раият (яъне шаҳрвандони ғайримусулмон) ҳақ доранд, ки аз зулми ҳокимон ва ба онҳо бад татбиқ шудани аҳкоми Ислом шикоят кунанд.

Модда 21. Мусулмонон ҳақ доранд, ки барои муҳосабаи ҳокимон ва ё барои ба воситаи уммат бадастории ҳокимият ҳизбҳои сиёсӣ ташкил кунанд. Ба шарте ки асоси ин ҳизбҳо бояд ақидаи исломӣ ва ҳукмҳои табанникардаи онҳо аҳкоми шаръӣ бошанд. Ташкил кардани ҳизб ба ягон рухсате мӯҳтоҷ нест. Ҳар як гурӯҳбандие, ки ба асоси ғайриисломӣ барпо мешавад, манъ карда мешавад.

Модда 22. Низоми ҳокимият ба асоси чор қоидаи зерин бунёд мегардад:

1. Сиёдат аз они шариат аст, на аз они халқ.

2. Ҳокимият аз они уммат (яъне ҳаққи уммат) аст.

3. Интихоб кардани халифаи ягона ба мусулмонон фарз аст.

4. Танҳо халифа ҳақдор аст, ки аҳкоми шаръиро табаннӣ кунад. Маҳз ӯ дустур ва қонунҳои дигарро ба роҳ мемонад.

Модда 23. Давлат бар сездаҳ асос барпо мегардад:

1. Халифа
2. Муовинон (вазирони тафвиз)
3. Вазирони танфиз
4. Волиён
5. Амири ҷиҳод
6. Амнияти дохилӣ
7. Корҳои хориҷӣ
8. Саноат
9. Қазо
10. Манфиатҳои мардум
11. Байтулмол
12. Иттилоот
13. Маҷлиси уммат (шӯро ва муҳосаба).

Халифа

Модда 24. Халифа дар ҳокимият ва дар иҷро кардани шариат вакили уммат аст.

Модда 25. Хилофат ақди ризоият ва ихтиёр аст. Пас, ҳеҷ кас ба қабули он ва барои интихоб кардани каси ба Хилофат роҳбарикунанда маҷбур карда намешавад.

Модда 26. Новобаста аз мард ё зан будан ҳар як мусулмони солимақл ва болиғ ҳақ дорад, ки халифаро интихоб кунад ва ба ӯ байъат диҳад. ғайримусулмонон аз ин ҳуқуқ маҳруманд.

Модда 27. Агар ба касе тавассути байъати шахсоне, ки байъати инъиқод (ақдбандӣ)-ро ба амал меоранд, ақд (аҳд)-и хилофат дода шавад, дар ин ҳол байъати дигарон на байъати инъиқод, балки

байъати итоат мешавад. Бинобар ин, тамоми шахсҳое, ки аломатҳои беитоатӣ мушоҳида мешавад, ба байъат додан маҷбур карда мешаванд.

Модда 28. Танҳо шахсе, ки аз ҷониби мусулмонон интихоб мегардад, халифа мешавад. Агар аҳди хилофат монанди дигар ақдҳои Ислом бо роҳи шаръӣ анҷом наёбад, ҳеҷ кас ба ҳуқуқҳои хилофат соҳиб намешавад.

Модда 29. Дар минтақа ё давлате, ки ба халифа байъати инъиқод (ақдбандӣ) дода мешавад, шарт аст, ки ҳокимият (салтанат) мустақил бошад ва фақат ба мусулмонон такя кунад, на ба ягон давлати кофир. Ҳамчунин амнияти дохилӣ ва хориҷии ин давлат бояд дар дасти мусулмонон бошад, на дар дасти кофирон. Аммо дар байъати итоат, ки аз кишварҳои дигар талаб карда мешавад, ин чиз шарт нест.

Модда 30. Шахсе, ки байъати хилофат дода мешавад, бояд шартҳои инъиқод (ақдбандӣ)-ро пурра дар худ муҷассам кунад, гарчи шартҳои афзалиятро надошта бошад ҳам. Чунки дар байъат шартҳои инъиқод ба эътибор гирифта мешавад.

Модда 31. Барои баста шудани аҳди раиси давлат ба халифа ӯ бояд ҳафт сифат дошта бошад (яъне ба ӯ ҳафт шарт гузошта мешавад). Ӯ бояд мард, мусулмон, озод, болиғ, солимақл (оқил), одил ва қодир (яъне ба ҳукмронӣ тавоно) бошад.

Модда 32. Агар мансаби хилофат бо сабаби вафоти халифа ё истеъфои ӯ (аз мансаб даст кашидани ӯ) ва ё аз кор гирифта шудани ӯ холӣ шавад, аз рӯзи холӣ шудани мансаби Хилофат дар давоми се рӯз ба ҷои ӯ интихоб кардани халифае воҷиб аст.

Модда 33. Баъд аз холӣ шудани мансаби хилофат амири муваққата таъин мешавад, то корҳои мусулмононро сарварӣ намояд ва корҳои интихоби халифаи навро пеш барад. Таъин кардани амири муваққата ба тарзи зерин рух медиҳад:

а) Халифа, вақте ки наздикшавии вафоташро ҳис мекунад ё ихтиёран ба тарки хилофат қарор намояд, салоҳият дорад, ки амири муваққатаро таъин намояд;

б) Агар халифа вафот кунад ё пеш аз таъин кардани амири муваққата сабукдӯш гардад ё мансаби хилофат бо сабаби дигар ҷуз вафоткунӣ ё сабукдӯшкунӣ холӣ шавад, калонсолтарини муовинон амири муваққата таъин мегардад. Агар ин муовин хоҳад, ки ба хилофат номзади худро гузорад, муовине, ки синнаш ба ӯ наздик аст, амири муваққата таъин мегардад ва ҳоказо;

в) Агар ҳамаи муовинон номзади худро гузоштан хоҳанд, калонсолтарини муовинони танфиз таъин мегардад. Агар ӯ низ номзади худро гузоштан хоҳад, муовине, ки синнаш ба ӯ наздик аст, таъин мегардад ва ҳоказо;

г) Агар ҳамаи муовинони танфиз номзади худро гузоштан хоҳанд, хурдсолтарини онҳо амири муваққата таъин мегардад;

д) Амири муваққата дар табаннӣ кардани аҳком салоҳият надорад;

е) Амири муваққата тамоми тавони худро сарф менамояд, то дар тӯли се рӯз корҳои интихоби халифаи навро ба сомон расонад. Кашол додани корҳои интихоби халифаи нав беш аз се рӯз ҷоиз нест, ҷуз дар ҳолати мавҷуд будани сабаби қавӣ, ки Маҳкамаи мазолим онро маъқул донад.

Модда 34. Тариқати интихоб кардани халифа байъат аст. Корҳои интихоби халифа ва байъатдиҳӣ ба ӯ ба тарзи зерин рух медиҳад:

а) Маҳкамаи мазолим эълон мекунад, ки мансаби хилофат холӣ шудааст;

б) Амири муваққата корҳои муҳими интихоботро сарварӣ менамояд ва дарҳол эълон мекунад, ки дари номзадгузорӣ кушода аст;

в) Бо қарори Маҳкамаи мазолим талаби номзадҳое, ки шартҳои инъиқодро пурра доранд, пазируфта ва боқимонда рад карда мешавад;

г) Узвҳои мусулмони Маҷлиси уммат шумораи номзадҳоеро, ки Маҳкамаи мазолим талабҳояшонро пазируфтааст, ду бор маҳдуд месозад. Бори аввал бо овози аксарият шаш нафарро аз байни номзадҳо интихоб мекунанд ва бори дигар бо овози аксарият ду нафарро аз байни шаш нафар интихоб мекунанд;

д) Бо эълон кардани номи ду нафар интихоб кардани яке аз онҳо талаб карда мешавад;

е) Натиҷаи интихобот эълон карда мешавад ва мусулмонон шахсеро, ки бештари овози интихобкунандагонро ба даст даровардааст, медонанд:

ё) Мусулмононро ба байъатдиҳӣ ба шахсе, ки бештари овозҳоро соҳиб шудааст, бо шарти амалкунӣ ба Китоби Аллоҳ ва суннати Расул (с) тарғиб мекунанд;

ҷ) Баробари итмоми байъат ба мардум эълон мекунанд, ки кӣ халифа интихоб шудааст, то хабар дар бораи интихоб шудани ӯ ба тамоми уммат бирасад. Ҳангоми эълонкунӣ ном ва соҳиби сифатҳои шоистаи хилофат будани ӯ низ зикр мегардад;

з) Баробари итмоми корҳои интихоби халифаи нав сарварии амири муваққата ба охир мерасад.

Моддаи 35. Халифаро уммат интихоб мекунад, вале уммат халифаеро, ки ба ӯ бо роҳи шаръӣ байъати инъиқод дода шудааст, сабукдӯш карда наметавонад.

Моддаи 36. Халифа ба салоҳиятҳои зерин соҳиб аст:

а) Халифа аҳкоми шаръиро, ки барои сарварии корҳои уммат лозим аст, табаннӣ мекунад. Ӯ аҳкоми шаръиро, ки бо иҷтиҳоди саҳеҳ аз Китоби Аллоҳ ва суннати Расулаш истинбот шудааст,

табаннӣ мекунад, то онро ба қувваи қонунӣ дарорад. Ин аҳкоми шаръӣ он гоҳ ба қонунҳое табдил меёбад, ки итоат кардан ба он воҷиб аст ва мухолифат бо он ҷоиз нест;

б) Халифа ба сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат масъул аст. Ӯ сарфармондеҳии артишро ба даст мегирад. Эълони ҷанг, сулҳ, сулҳи муваққата ва бастани созишномаҳои дигар дар ихтиёри ӯст;

в) Халифа ҳақ дорад, ки сафирони аҷнабиро қабул ва рад кунад, инчунин сафирони мусулмонро таъйин ва сабукдӯш кунад;

г) Халифа муовинон ва волиёнро таъйин ва сабукдӯш мекунад. Ҳамаи муовинон ва волиён дар назди Маҷлиси уммат масъуланд, чунон ки дар назди халифа масъуланд;

д) Халифа қозиюлқузот ва қозиёнро таъйин ва сабукдӯш мекунад. Қозии мазолим, ки масъалаеро бар зидди халифа, муовинон ва қозиюлқузот баррасӣ мекунад, аз ин мустасност, зеро дар ин ҳолат халифа қозии мазолимро сабукдӯш карда наметавонад. Инчунин халифа мудирони идораҳо, фармондеҳони артиш ва амирони парчамдорро таъйин ва сабукдӯш мекунад. Ҳамаи онҳо дар назди халифа масъуланд, аммо дар назди Маҷлиси уммат масъул нестанд;

е) Халифа аҳкоми шаръиеро, ки буҷети давлатро муқаррар месозад, табаннӣ мекунад. Инчунин ӯ қисмҳои буҷет ва маблағҳоеро, ки барои ҳар як ҷиҳат лозим аст, чи ба даромадҳо вобаста бошад, чи ба сарфу харҷ муқаррар мекунад.

Моддаи 37. Халифа дар табаннӣ ба аҳкоми шаръӣ маҳдуд аст. Табаннӣ кардани ҳукмҳое, ки бо роҳи истинботи ҳақиқӣ аз далелҳои шаръӣ тартиб дода нашудаанд, барои халифа ҳаром аст. Ӯ бо аҳкоми табанникардаи худ ва бо роҳи истинботе, ки барои худ муайян кардааст, маҳдуд аст. Пас, барои ӯ табаннӣ кардани ҳукми хилофи роҳи пешгирифтаи худ ва додани фармони зидди ҳукмҳои табанникардаи худ ҷоиз нест.

Моддаи 38. Халифа дар идораи корҳои раият мувофиқи раъй ва иҷтиҳоди худ салоҳияти мутлақ дорад. Ӯ ҳақ дорад тамоми корҳои мубоҳро, ки барои бурдани корҳои давлат ва идораи корҳои раият лозиманд, табаннӣ кунад. Бо ҳуҷҷати манфиат бар хилофи ягон ҳукми шаръӣ кор бурдани ӯ ҷоиз нест. Бинобар ин, ӯ бо ҳуҷҷати кам будани маҳсулоти хӯрокворӣ як оиларо аз таваллуди бештар аз як фарзанд манъ намекунад. Ҳамчунин бо ҳуҷҷати пешгирии истисмор (эксплуататсия) ба мардум нархро муайян намекунад, бо ҳуҷҷати идораи корҳо ё манфиат кофирро ё занро волӣ таъин намекунад. Анҷом додани монанди ин корҳое, ки ба аҳкоми шаръӣ зид мебошанд, ҷоиз нест. Бинобар ин, ҳалолро ҳаром ва ҳаромро ҳалол кардани ӯ ҷоиз намешавад.

Моддаи 39. Барои халифа муддати маҳдуде нест. Модом ки халифа шариатро муҳофиза ва ҳукмҳои онро иҷро мекунад ва ба иҷрои корҳои давлат қодир аст, агар аҳволи ӯ то андозаи аз Хилофат берункунанда тағйир наёбад, дар мақоми худ боқӣ мемонад. Агар аҳволи ӯ то андозаи мазкур тағйир ёбад, дарҳол аз кор озод кардани ӯ воҷиб мешавад.

Моддаи 40. Корҳое, ки сабаби тағйирёбии аҳволи халифа мегарданд ва бо ин ӯ аз Хилофат берун мешавад, сето мебошанд:

а) Агар яке аз шартҳои инъиқоди Хилофат вайрон шавад, яъне агар ӯ муртад шавад, ё ошкоро фосиқӣ кунад, ё девона шавад ва ё монанди инҳо содир шаванд. Чунки инҳо аз шартҳои инъиқод (ақдбандӣ) ва доимият мебошанд.

б) Агар бо ягон сабаб аз иҷрои вазифаи Хилофат оҷиз шуда монад.

в) Агар зӯрӣ (фишор)-е ба вуҷуд ояд, ки ӯро аз корбарӣ бо раъйи худ дар асоси шариат дар роҳи манфиатҳои мусулмонон оҷиз карда мемонад. Агар касе ба ӯ то андозаи фишор орад, ки ӯро аз идораи манфиатҳои раият бо раъйи худ мувофиқи аҳкоми шариат оҷиз мегардонад, ӯ ҳукман аз иҷрои корҳои давлат оҷиз эътибор карда

мешавад ва бо ин сабаб аз Хилофат берун карда мешавад. Ин кор дар ду ҳолат рӯй дода метавонад:

Ҳолати якум: Яке ё якчанд нафари одамони атрофи ӯ аз болои ӯ ҳукмрон шуда, иҷрои корҳоро ба дасти худ мегиранд. Агар аз ҳукмронии онҳо халос шудани ӯ умед карда шавад, ба муддати муайян мӯҳлат дода мешавад. Агар баъд аз ин ҳам аз ҳукмронии онҳо халос шуда натавонад, аз Хилофат сабукдӯш карда мешавад. Агар ба халос шудани ӯ умед набошад, дарҳол сабукдӯш карда мешавад.

Ҳолати дуюм: Агар ба дасти душмани пурзӯр (ғолиб) феълан ба асирӣ афтад ё ба зери ҳукмронии душман афтад. Дар ин ҳол нигоҳ карда мешавад: а) Агар халос шудани халифа умед карда шавад, то канда шудани умед мӯҳлат дода мешавад, агар ба халос шудани ӯ умед канда шавад, аз мансаб сабукдӯш карда мешавад. б) Агар ба халос шудани ӯ умед набошад, дарҳол сабукдӯш карда мешавад.

Моддаи 41. Танҳо Маҳкамаи мазолим муайян мекунад, ки ҳолати халифа то андозаи аз хилофат берункунанда тағйир ёфтааст ё на. Танҳо Маҳкамаи мазолим ҳақ (салоҳият) дорад, ки халифаро сабукдӯш кунад ё ба ӯ огоҳӣ диҳад.

Муовини тафвиз

Моддаи 42. Халифа барои худ муовини тафвизро таъин мекунад, ки ӯ масъулияти ҳукм ронданро ба зимма мегирад. Бо раъйи худ тадбир кардани корҳоро ва бо иҷтиҳоди худ бурдани онҳоро ба ӯ месупорад.

Моддаи 43. Шартҳое, ки ба халифа гузошта мешаванд, ба муовини тафвиз низ шарт карда мешаванд. Яъне ӯ бояд мард, мусулмон, озод, болиғ, солимақл (оқил), одил ва тавоно (яъне дар корҳои супоридашуда лаёқатманд) бошад.

Моддаи 44. Таъини муовини тафвиз ду шартро дар бар мегирад:

Якум: Назорати умумӣ (дида баромадани ҳар як кор).

Дуюм: Ноибӣ.

Барои ҳамин халифа бояд ба муовини тафвиз гӯяд: "Туро ба корҳое, ки ба ман супорида шудааст, аз ҷониби худ ҳамчун ноиб таъин кардам" ё ки суханҳоеро гӯяд, ки маънои назорати умумиро ва ноибиро дар бар мегирад. Агар таъини ӯ ба ин тарз амалӣ нашавад, ӯ муовин ҳисоб намеёбад. Агар таъинкунӣ танҳо бо ин роҳ амалӣ гардад, ӯ ба ҳуқуқҳои муовини тафвиз соҳиб мешавад.

Моддаи 45. Муовини тафвиз вазифадор аст, то аз тадбирҳо ва корҳои ҳокимияту таъинкунӣ, ки ӯ иҷро мекунад, халифаро огоҳ кунад. То ки ӯ дар салоҳияти худ ба халифа баробар шуда намонад, яъне кори ӯ аз хабардор кардани халифа ва иҷро кардани кори фармудашуда иборат аст.

Моддаи 46. Ба халифа воҷиб аст, ки кору тадбирҳои муовини тафвизро тафтиш кунад, то ба дурусти онҳо рухсат дода, хаторо пешгирӣ намояд. Зеро тадбири корҳои уммат ба халифа супорида шудааст ва айнан ба иҷтиҳоди ӯ ҳавола карда шудааст.

Моддаи 47. Агар муовини тафвиз ягон кореро тадбир кунад ва халифа онро тасдиқ кунад, муовин бояд онро, чунонки халифа тасдиқ кардааст, бе зиёдатӣ ва камбудӣ иҷро кунад. Агар халифа аз тасдиққунӣ саркашӣ кунад ва кори муовинро рад карда норозӣ шавад, дар ин сурат нигоҳ карда мешавад, агар муовин ҳукмро дуруст иҷро карда бошад ва молро ба ҷои худ сарф карда бошад, раъйи муовин нуфузнок аст. Зеро ин аслан раъйи халифа буда, халифа ин ҳукми иҷрошударо ва ин моли инфоқшударо рад карда наметавонад. Агар кори иҷрокардаи муовин ба таври дигар бошад, масалан, корҳои монанди таъини волӣ ё ба ҷанг омода кардани қӯшун бошад, ба муовин зиддият нишон додани халифа ҷоиз аст. Дар ин ҳол раъйи халифа иҷро карда шуда, кори муовин бекор карда мешавад. Зеро халифа ҳақ дорад, ки ин гуна корҳоро хоҳ худаш анҷом дода бошад, хоҳ муовин ислоҳ кунад.

Моддаи 48. Муовини тафвиз ба ягон идора хос таъин намешавад, зеро назорати ӯ умумист. Касоне, ки бо иҷрои корҳои идора машғуланд, ҳоким нестанд, вале муовини тафвиз ҳоким аст. Илова бар ин, ӯ ба ягон кор хос таъин намешавад. Зеро сарварии ӯ умумӣ аст.

Муовини танфиз

Моддаи 49. Халифа барои худ муовини иҷрокунандаро таъин мекунад. Вазифаи ӯ аз корҳои идорӣ буда, ба ҳукмронӣ (ҳокимият) алоқадор нест. Идораи ӯ қарорҳои халифаро, ки ба ҷиҳатҳои дохилӣ ва хориҷӣ тааллуқдор аст, иҷро мекунад ва маълумотҳои аз ин ҷиҳатҳо дастрасшударо ба халифа мерасонад. Аз ин мебарояд, ки ин идора дар байни халифа ва дигарон миёнарав аст. Ин идора корҳои зеринро ба халифа ва дигарон мерасонад:

а) алоқаҳо бо мардум;

б) алоқаҳо бо давлатҳо;

в) артиш;

г) ҷиҳозҳои дигари давлат ҷуз артиш.

Моддаи 50. Мусулмон будани муовини танфиз шарт. Чунки ӯ аз аъёни Халифа аст.

Моддаи 51. Муовини танфиз монанди муовини тафвиз бевосита ба халифа вобаста мешавад. Ӯ на дар корҳои ҳукмронӣ, балки дар иҷро муовин эътибор карда мешавад.

Волиён

Моддаи 52. Кишварҳое, ки Давлати Исломӣ ҳукм меронад, ба ваҳдатҳо тақсим мешаванд ва ҳар як ваҳдат вилоят номида мешавад. Дар навбати худ ҳар як вилоят ба ваҳдатҳо тақсим мешавад ва онҳо имола номида мешавад. Шахсе, ки ба вилоят роҳбарӣ мекунад, волӣ ё амир номида мешавад ва шахсе, ки ба имола роҳбарӣ мекунад, омил ё ҳоким номида мешавад.

Моддаи 53. Волиён аз тарафи халифа таъин мешаванд. Омилон аз тарафи халифа ва аз тарафи волиён, ки халифа ҳуқуқи таъин карданро додааст, таъин мешаванд. Шартҳое, ки ба муовинон гузошта шудаанд, ба волиён ва омилон низ шарт карда мешавад. Бинобар ин, онҳо бояд мард, озод, мусулмон, болиғ, оқил, одил ва тавоно (барои корҳои супордашуда лаёқатманд) бошанд. Ҳамчунин онҳо аз шахсони тақводор ва бақувват интихоб карда мешаванд.

Моддаи 54. Волӣ ҳамчун ноиби халифа дар вилояти худ ба ҳукм рондан ва назорат кардани корҳои идораҳо салоҳият дорад. Ӯ аз болои аҳолии вилояти худ ҳукм меронад. Ӯ ғайр аз молия, қазо ва артиш дигар ҳамаи корҳои алоқадори вилояти худро баррасӣ мекунад. Вале шурта на аз ҷиҳати идорӣ, балки танҳо аз ҷиҳати иҷрокунӣ дар зери дасти ӯ мешавад.

Моддаи 55. Барои волӣ аз корҳое, ки дар асоси салоҳиятҳои амирии худ тақозокунанда анҷом додааст, хабардор кардани халифа воҷиб нест. Лекин ихтиёран хабар додани ӯ мумкин аст. Агар ҳодисаи пеш вонахӯрда рӯй диҳад, онро то хабардор кардани халифа ба таъхир меандозад. Пасон бо фармони ӯ кор мекунад. Агар бо сабаби интизорӣ аз вайрон шудани кор хавф барад, он корро ба ҷо меорад. Пасон ба халифа баён кардани воқеъ шудани ин кор ва сабаби хабардор накардани ӯ воҷиб аст.

Моддаи 56. Дар ҳар як вилоят маҷлиси аз аҳолии ҳамин вилоят интихобшуда мавҷуд буда, ба он волӣ раисӣ мекунад. Ин маҷлис салоҳият дорад, ки на дар ҳукмронӣ, балки дар корҳои идорӣ раъйи худро диҳад. Маҷлис барои ду мақсад хизмат мекунад:

Якум: Маълумоти лозимро дар бораи воқеи вилоят ва эҳтиёҷҳои он ба волӣ мерасонад ва дар ин бора раъйи худро изҳор мекунад;

Дуюм: Розигӣ ё шикояти мардумро аз ҳукмронии волӣ ифода мекунад.

Моддаи 57. Набояд муддати волигии як шахс дар вилоят тӯл кашад. Балки ҳар гоҳ ки ба кишваре ҷойгир шуда гирифтани волӣ ё ба ӯ меҳр бастани мардум дида мешавад, волӣ аз волигӣ озод карда мешавад.

Моддаи 58. Волӣ аз як вилоят ба вилояти дигар кӯчонда намешавад. Чунки таъин шудани ӯ дар назари умумӣ ва дар макони муайян аст. Балки волӣ аз вазифа озод карда мешавад ва (ба вилояти дигар) аз нав таъин мегардад.

Моддаи 59. Агар халифа сабукдӯш кардани волиро зарур донад, ё Маҷлиси уммат бо сабабе ё бе ягон сабаб аз ӯ норозӣ будани худро изҳор кунад, ё аксарияти аҳолии вилоят аз ӯ норозигии худро изҳор намоянд, волӣ аз кор гирифта мешавад. Сабукдӯш кардани ӯ танҳо аз ҷониби халифа содир мешавад.

Моддаи 60. Халифа бояд корҳои волиёнро тафтиш кунад, онҳоро ба назорати сахт гирад, аз ҷониби худ ноибҳо таъин кунад, ки аҳволи онҳоро аниқ мекунанд ва фаъолияти онҳоро тафтиш мекунанд, волиёнро ё як қисми онҳоро гоҳ-гоҳ ҷамъ кунад ва ба шикоятҳои раият, ки аз болои онҳо мекунад, гӯш диҳад.

Амири ҷиҳод: Идораи ҳарбӣ – артиш

Моддаи 61. Идораи ҳарбӣ корҳоеро, ки ба қувваҳои мусаллаҳ тааллуқ дорад, монанди артиш, шурта, яроқу аслиҳа, воситаҳои зарур, техника ва ғайра, сарварӣ менамояд. Илова бар ин, корҳоеро, ки ба сақофати исломӣ ва умумӣ тааллуқ дорад ва барои таълими ҳарбӣ, сафарҳои ҳарбӣ ва артиш лозим аст, инчунин корҳоеро, ки ба омодагии ҷанг дахл дорад, сарварӣ менамояд. Раиси ин идора "амири ҷиҳод" номида мешавад.

Моддаи 62. Ҷиҳод ба мусулмонон фарз аст. Таълими ҳарбӣ маҷбурӣ буда, барои ба ҷиҳод омодагӣ дидан таълими ҳарбӣ гирифтани ҳар як марди мусулмон, ки ба синни 15 расидааст, фарз аст. Аммо хизмати ҳарбӣ фарзи кифоя аст.

Моддаи 63. Артиш аз ду қисм иборат аст: 1) Қисми эҳтиётӣ (захира). Ин қисм аз тамоми мусулмононе, ки ба бардоштани силоҳ қодир мебошанд, иборат аст. 2) Қисми доимӣ, ки дар хизмати ҳарбӣ аст. Барои онҳо монанди коркунон аз буҷети давлат маош таъин карда мешавад.

Моддаи 64. Барои артиш ливоъҳо (парчамҳои амирон) ва рояҳо (парчамҳои қўшун) таъин карда мешаванд. Халифа ба шахсе, ки қўмондони қўшун (артиш) таъин кардааст, шахсан ливоъ (парчами амир)-ро месупорад. Аммо рояҳо (парчамҳои қўшун)-ро амирони парчамдор тақдим мекунанд.

Моддаи 65. Халифа сарфармондеҳи артиш аст. Ў сардори штабро, барои ҳар як парчам (ливоъ) амирро ва барои ҳар як гурўҳ сардорро таъин мекунад. Аммо рутбаҳои дигари артишро сардорони артиш ва амирони парчамдор таъин мекунанд. Таъини шахсе ба штабҳо мувофиқи сатҳи дониши ҳарбии ў мешавад ва ўро сардори штаб таъин мекунад.

Моддаи 66. Тамоми артиш яклухт буда, ба қароргоҳҳои махсус ҷойгир карда мешавад. Баъзеи ин ғароргоҳҳо ба вилоятҳои гуногун ва баъзе ба нуқтаҳои стратегӣ ҷойгир карда мешаванд. Баъзе аз қароргоҳҳо аз гурўҳҳои доимӣ кўчанда иборат мебошанд ва қувваҳои зарбадиҳанда ба ҳисоб мераванд. Ин қароргоҳҳо дар таркиби якчанд маҷмўаҳо тартиб дода мешаванд. Ҳар як маҷмўа бо номи қўшун номида шуда, рақам гузошта мешавад, масалан, қўшуни якум, қўшуни сеюм ё бо номи вилоят ё имола (ҳудуде, ки омил идора мекунад) номида мешавад.

Моддаи 67. Бояд ба артиш таълими ҳарбии олӣ пурра дода шавад, савияи фикрии он ба қадри имкон баланд бардошта шавад ва ҳар як шахс дар артиш бо сақофати исломӣ ғанӣ гардонда шавад, ки дар ў ваъйи исломиро пайдо мекунад, гарчи ба шакли умумӣ бошад ҳам.

Моддаи 68. Бояд дар ҳар як қароргоҳ адади кофии штабҳо мавҷуд бошад, ки дорои дониши ҳарбии олӣ, тактикаи ҳарбӣ ва таҷрибаи бурдани ҷанг мебошанд. Бояд ин штабҳо дар қӯшун ба тарзи умумӣ ба қадри имкон пурра ташкил дода шаванд.

Моддаи 69. Бояд артиш то андозае яроқу аслиҳа, тиру дору, техника, воситаҳои зарурӣ дошта бошад, ки он ҳамчун артиши исломӣ вазифаи худро адо карда тавонад.

Амнияти дохилӣ

Моддаи 70. Идораи амнияти дохилӣ тамоми корҳоеро, ки ба амнияти дохилӣ тааллуқ дорад, сарварӣ, ҳар гуна чизеро, ки ба амнияти дохилӣ таҳдид пайдо мекунад, манъ ва бо ёрии шурта амнияти давлатро таъмин менамояд. Ин идора танҳо бо фармони халифа аз артиш кӯмак мепурсад. Раиси ин идора "мудири амнияти дохилӣ" номида мешавад. Шӯъбаҳои ин идора дар вилоятҳо идораҳои амнияти дохилӣ номида мешавад ва раиси ин шӯъбаҳо "соҳиби шурта" номида мешавад.

Моддаи 71. Шурта ду навъ аст: шуртаи артиш, ки ба амири ҷиҳод, яъне ба идораи ҳарбӣ тобеъ мебошад ва шуртаи наздимаҳкамаҳо, ки барои таъмини амният ва ба идораи амнияти дохилӣ тобеъ аст. Ҳар ду шурта бо машқҳои махсус, ки ба адои зебои вазифаҳо имкон медиҳад, обутоб меёбад.

Моддаи 72. Назаррастарин чизҳое, ки ба амнияти дохилӣ таҳдид пайдо мекунад ва идораи амнияти дохилӣ бар зидди он мубориза мебарад, чунин аст: муртадӣ, боғигӣ, тороҷ, таҷовуз ба мол, ҷон ва номуси мардум, муомила бо ашхосе, ки дар ҷосусӣ ба фоидаи кофирони ҳукмону амалан муҳориб гумонбар мешаванд ва ғайра.

Корҳои хориҷӣ

Моддаи 73. Идораи корҳои хориҷӣ ҳар гуна корҳои хориҷиро, ки ба алоқаҳои Давлати Хилофат бо давлатҳои аҷнабӣ тааллуқ дорад, сарварӣ менамояд, чи сиёсӣ, чи иқтисодӣ, чи саноатӣ, чи

кишоварзӣ, чи тиҷоратӣ, чи алоқаҳои почта, чи алоқаҳои симдору бесим ва ғайра.

Идораи саноат

Моддаи 74. Идораи саноат тамоми корҳоеро, ки ба саноат тааллуқ дорад, сарварӣ менамояд: чи саноат вазнин, монанди моторсозӣ, дастҳгоҳсозӣ, мошинсозӣ, саноати ашёи хом ва электроника, чи саноати сабук. Илова бар ин, воҷиб аст, ки тамоми корхонаҳое, ки ба саноати ҳарбӣ алоқадор аст, новобаста ба моликияти хусусӣ ва моликияти умумӣ бар асоси сиёсати ҳарбӣ бунёд гардад.

Қазо

Моддаи 75. Қазо ба тарзи маҷбурӣ баён кардани ҳукми шаръист. Қазо хусуматҳои байни мардумро ҳал мекунад, чизҳои ба ҳаққи ҷамоат зараррасонро манъ мекунад ва низоъҳои байни одамон ва ҳар як шахси ҷиҳози ҳукуматро хоҳ ҳоким бошаду хоҳ коркун, хоҳ халифа бошаду хоҳ дигар бартараф мекунад.

Моддаи 76. Халифа аз байни мардони болиғ, озод, мусулмон, солимақл (оқил), одил як марди аҳли фиққро сарқозӣ таъин мекунад. Ба ӯ салоҳияти дар доираи низомҳои идорӣ таъин кардани қозиён, ҷазо додани онҳо ва сабукдӯш кардани онҳо дода мешавад. Коркунони дигари маҳкама ба мудирҳои шӯъба, ки корҳои маҳкамаро идора мекунанд, вобастаанд.

Моддаи 77. Қозиён се навъанд:

Якум: қозӣ, ӯ дар хусуси муомилот ва уқубот (чораҳои ҷазо) хусуматҳоеро, ки байни мардум рӯй медиҳанд, ҳал мекунад;

Дуюм: мӯҳтасиб, ӯ қонунвайронкуниҳоеро, ки ба ҳаққи ҷамоат зарар мерасонанд, ҳал мекунад;

Сеюм: қозии мазолим, ӯ низоъҳоеро, ки дар байни мардум ва давлат рӯй медиҳанд, бартараф мекунад.

Моддаи 78. Шахсе, ки ба қозигӣ таъин мешавад, бояд мусулмон, озод, болиғ, оқил, одил, фақеҳ бошад ва ҳукмҳоро ба воқеият пайваста тавонад. Шахсе, ки ба қозигии мазолим таъин кардаа мешавад, илова бар ин шартҳо бояд мард ва муҷтаҳид бошад.

Моддаи 79. Ҷоиз аст, ки қозӣ ва мӯҳтасиб ба тамоми ҷойҳои мамлакат ва ба тамоми навъҳои қазо умумӣ таъин шаванд. Инчунин ҷоиз аст ба ҷои маълум ва ба навъи муайяни қазо хос таъин шаванд. Аммо қозии мазолим дар корҳои қазо ҳамеша умумӣ таъин мешавад. Ҷои таъини ӯ мумкин аст тамоми ҷойҳои мамлакат бошад ё ҷои муайян бошад.

Моддаи 80. Маҳкама бояд фақат аз як қозие ташкил ёбад, ки дар корҳои қазо салоҳияти ҳал карданро дорад. Мумкин аст, ки бо ӯ як ё якчанд қозии дигар бошанд. Лекин онҳо салоҳияти ҳукм бароварданро надоранд. Балки онҳо салоҳияти маслиҳат ва раъй доданро доранд. Раъйи онҳо барои қозӣ маҷбурӣ нест.

Моддаи 81. Қозӣ фақат дар маҷлиси қазо ҳукм бароварда метавонад. Ҳуҷҷат (далел) ва қасамҳо танҳо дар маҷлиси қазо ба эътибор гирифта мешаванд.

Моддаи 82. Аз рӯи навъҳои корҳои баррасишаванда гуногун будани дараҷаҳои маҳкамаҳо ҷоиз аст. Мумкин аст, ки баъзе қозиҳо ба баррасии корҳои муайян дар ҳадди муайян хос таъин шаванд ва дигар корҳо ба маҳкамаҳои дигар супорида шавад.

Моддаи 83. Маҳкамаҳои истеъноф (аппелятсионӣ) ва маҳкамаҳои тамйиз (кассатсионӣ) вуҷуд надоранд. Зеро ҳукме, ки аз болои коре бароварда шудааст, аз ҷиҳати қатъият дар як дараҷа мебошад. Агар қозӣ ҳукмеро хонад, ҳукми ӯ нуфузнок аст. Ин ҳукми ӯ иҷро карда мешавад. Ин ҳукмро ҳукми қозии дигар мутлақо бекор карда наметавонад. Фақат агар аниқ шавад, ки қозӣ бо чизи ғайри Ислом ҳукм кардааст, ё ба Китоб, суннат, иҷмои саҳобагон зид бошад, ё бар зидди ҳақиқат ҳукм баровардааст, бекор карда мешавад.

Моддаи 84. Мӯҳтасиб тамоми корҳоеро баррасӣ мекунад, ки аз ҳуқуқҳои омма буда, даъвогар надоранд ва ба чораҳои ҷазо ва ҷиноятҳо дохил нестанд.

Моддаи 85. Мӯҳтасиб дар ҳама ҷо ҳақ дорад баробари донистани қонунвайронкуниҳо аз болои онҳо бе маҷлиси қазо ҳукм барорад. Ба зери дасти ӯ барои иҷрои фармонҳои ӯ якчанд миршаб (ходими шурта) дода мешавад. Ҳукми ӯ дарҳол иҷро карда мешавад.

Моддаи 86. Мӯҳтасиб ҳақ дорад аз шахсҳое, ки дар онҳо шартҳои мӯҳтасибӣ пурра мавҷуд аст, ба худ ноибонро интихоб кунад. Ӯ онҳоро ба ҷойҳои гуногун тақсим мекунад. Ба ин ноибон ҳуқуқ дода мешавад, ки дар минтақа ё маҳаллаҳои таъиншудаи худ дар корҳои ба онҳо супоридашуда вазифаи мӯҳтасибиро иҷро кунанд.

Моддаи 87. Қозии мазолим барои бартараф кардани ҳар як зулм (бедодгарӣ) нисбат ба ягон шахсе, ки хоҳ шаҳрванди Давлати Исломӣ бошад, хоҳ шаҳрванди давлати дигар дар зери салтанати давлат зиндагӣ мекунад, таъин мешавад. Хоҳ зулм аз тарафи халифа содир шавад, хоҳ аз тарафи ҳоким ва коркунони дигар.

Моддаи 88. Қозии мазолим аз тарафи халифа ва ё аз тарафи қозиюлқузот (сарқозӣ) таъин мешавад. Аммо ҷазодиҳӣ, муҳосаба ва сабукдӯш кардани ӯ аз тарафи халифа ё агар халифа ҳуқуқ дода бошад, аз тарафи маҳкамаи мазолим ё сарқозӣ амалӣ мешавад. Вале, вақте ки қозии мазолим аз болои халифа, муовини тафвиз ё сарқозӣ шикоятеро баррасӣ мекунад, аз кор сабукдӯш кардани ӯ дуруст нест.

Моддаи 89. Қозии мазолим бо як ё якчанд шахс маҳдуд карда намешавад. Балки раиси давлат барои бартараф кардани зулм ҳақ дорад мувофиқи эҳтиёҷ қозиёни мазолимро, қатъи назар аз шумораи онҳо, таъин кунад. Лекин ҳангоми бевосита ҳукм баровардан танҳо як қозӣ салоҳияти ҳукмбарориро дорад. Мумкин аст дар маҷлиси қазо бо ӯ якчанд нафар қозии мазолим иштирок

кунанд. Онҳо фақат салоҳияти маслиҳат доданро дошта, раъйи онҳо барои қозӣ маҷбурӣ нест.

Моддаи 90. Маҳкамаи мазолим ҳақ дорад ҳар як ҳоким ё коркуни давлатро сабукдӯш кунад, чунон ки ҳақ дорад халифаро сабукдӯш кунад.

Моддаи 91. Маҳкамаи мазолим ба дида баромадани ҳар як зулм салоҳият дорад. Хоҳ зулм ба шахсони ҷиҳози давлат тааллуқ дошта бошад, хоҳ ба корҳои халифа, ки хилофи аҳкоми шариатанд, хоҳ ба маънои яке аз ҳуҷҷатҳои қонуншиносӣ дар дустур, қонун ва дигар аҳкоми шаръӣ, ки раиси давлат табаннӣ кардааст, хоҳ ба ҷамъ овардани андозе, хоҳ ба дигар корҳо тааллуқ дошта бошад.

Моддаи 92. Дар қозигии мазолим маҷлиси қазо, даъват кардани ҷавобгар ва ҳузури даъвогар шарт нест. Балки маҳкамаи мазолим ба баррасии зулм ҳақ дорад, гарчи ҳеҷ кас даъво накарда ҳам.

Моддаи 93. Ҳар як инсон ҳақ дорад, ки дар хусумат ва дар ҳимоя каси дилхоҳро хоҳ мусулмон бошаду хоҳ ғайримусулмон, хоҳ мард бошаду хоҳ зан барои худ вакил интихоб кунад. Дар ин бора байни вакил ва муваккил фарқе вуҷуд надорад. Барои вакилии худ музд гирифтани вакил ҷоиз аст. Музд мувофиқи ризоияти тарафайн муайян карда мешавад.

Моддаи 94. Ҳар як шахсе, ки дар амалҳои хос (монанди васӣ ва валӣ) ва дар амалҳои умумӣ (монанди қозии мазолим ва мӯҳтасиб) дорои ҳуқуқ мебошад, танҳо дар бораи хусумат ва ҳимоя (ҳамчун васӣ ё валӣ, халифа, ҳоким, коркун, қозии мазолим ё мӯҳтасиб) метавонад дар тамоми ҳуқуқҳо ба ҷои худ вакил таъин кунад. Хоҳ даъвогар бошад, хоҳ ҷавобгар.

Моддаи 95. Суди Хилофат аҳдҳо, муомилаҳо ва муносибатҳоеро, ки пеш аз барпо шудани Хилофат ба охир расидааст ва дар ҳаёт татбиқ шудааст, бекор намекунад ва аз нав парванда боз намекунад. Вале ду ҳолат мустасност:

а) Агар масъала таъсири доимӣ дошта бошад, ки ба Ислом зид аст, аз нав боз кардани парванда воҷиб мегардад;

б) Агар масъала ба озори ҳокимони собиқ ва тобеони онҳо бар зидди Ислому мусулмонон тааллуқдор бошад, аз нав парванда боз кардани халифа дар хусуси ин масъалаҳо ҷоиз аст.

Ҷиҳози идорӣ

Моддаи 96. Муассиса, идора ва шӯъбаҳое, ки ба асоси иҷрои корҳои давлат ва ба рӯёб баровардани манфиатҳои мардум бунёд шудаанд, бо идораи корҳои давлат ва манфиатҳои мардум машғул мешаванд.

Моддаи 97. Сиёсати идора кардани муассиса, идора ва шӯъбаҳо дар низом ба соддагӣ, дар анҷоми корҳо ба тезкорӣ ва ба лаёқатманд будани шахсони мутасаддӣ асос меёбад.

Моддаи 98. Ҳар як шахси лаёқатманд, ки шаҳрванди Давлати Исломӣ мебошад, хоҳ мард бошаду хоҳ зан, хоҳ мусулмон бошаду хоҳ ғайримусулмон ҷоиз аст ба ягон шӯъба ё идора мудир таъин шавад ва дар он коркун шуда кор кунад.

Моддаи 99. Барои ҳар як муассиса мудири умумӣ ва барои ҳар як шӯъба ва идора мудире таъин карда мешавад, ки онро идора мекунад ва аз муассиса, идора ё шӯъба бевосита масъул мешавад. Дар навбати худ ин мудирҳо дар пеши сармудири ҳамон шӯъба, идора ё муассиса масъул мешаванд. Инчунин дар пеши волӣ ё омил аз ҷиҳати ба аҳкоми шаръӣ ва низомҳои умумӣ қатъӣ амал кардан масъул мешаванд.

Моддаи 100. Мудирони ҳама муассисаҳо, шӯъбаҳо ва идораҳо фақат бо сабабҳое, ки дар низоми идорӣ қабул карда шудаанд, аз кор озод карда мешаванд. Лекин ҷоиз аст, ки онҳо аз як кор ба кори дигар гузаронида шаванд ва аз кор муваққатан озод карда шаванд. Таъин, аз як кор ба кори дигар гузарондан, муваққатан аз кор озод

кардан, ҷазо додан ва аз кор озод кардани онҳо фақат аз тарафи сармудири ҳамон шӯъба, идора ё муассиса содир мешавад.

Моддаи 101. Коркунон мудир ба шумор намераванд. Инчунин таъин, аз як кор ба кори дигар гузарондан, муваққатан аз кор озод кардан, ҷазо додан ва аз кор озод кардани онҳо аз тарафи сармудири шӯъба, идора ё муассиса содир мешавад.

Байтулмол

Моддаи 102. Байтулмол идораест, ки ба даромадҳо ва сарфу харҷ аз ҷиҳати ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва сарфу харҷ мувофиқи аҳкоми шаръӣ сарварӣ мекунад. Раиси идораи байтулмол "хазинадори байтулмол" номида мешавад. Ин идора идораҳои вилоятиро ба худ тобеъ мекунад ва раиси ҳар як идора "соҳиби байтулмол" номида мешавад.

Иттилоот

Моддаи 103. Ҷиҳози иттилоот идораест, ки иҷро ва интишори сиёсати давлатро оид ба иттилоот сарварӣ мекунад, то ба манфиати Исломy мусулмонон хизмат кунад. Ин ҷиҳоз дар дохил бадбӯиро рад намуда, хушбӯиро паҳн мекунад, то ҷомеаи исломии пурзӯру тавоноро бунёд кунад ва дар хориҷ чи дар ҳолати сулҳ ва чи дар ҳолати ҷанг Исломро чунон мерасонад, ки бузургиву адолати Ислом нишон медиҳад, инчунин қудрати сарбозони Исломро баён мекунад. Илова бар ин, нодурустӣ ва зулми низомеро, ки аз тарафи инсон тартиб дода мешавад, инчунин заифии сарбозони ин низомро баён мекунад.

Моддаи 104. Васоити иттилоот, ки соҳибонаш дорои шаҳрвандии давлат ҳастанд, ба рухсат мӯҳтоҷ нест, балки танҳо ба "маълум кардан ва хабар додан", ки ба идораи иттилоот ирсол мешавад, мӯҳтоҷ аст. Дар хусуси воситаи иттилоот, ки ба кор шурӯъ мекунад, ба идораи иттилоот хабар дода мешавад. Соҳиб ва муҳаррирони воситаи иттилоот ба ҳар чӣ, ки онро паҳн мекунанд, масъул

ҳастанд ва дар хусуси он чӣ, ки ба шариат хилоф аст, онҳо низ мисли ҳар гуна фарди раият ба муҳосаба кашида мешаванд.

Маҷлиси уммат

Моддаи 101. Шахсоне, ки раъйи мусулмононро ифода мекунанд ва халифа ба онҳо муроҷиат мекунад, Маҷлиси умматро ташкил медиҳанд. Шахсоне, ки раъйи сокинони вилоятҳоро ифода мекунанд, маҷлисҳои вилоятҳоро ташкил медиҳанд. Дар таркиби Маҷлиси уммат мавҷуд будани ғайримусулмонон низ мумкин аст, то ки онҳо аз зулми ҳокимон ё нодуруст татбиқ шудани аҳкоми Ислом шикоят карда тавонанд.

Моддаи 106. Аъзоёни маҷлиси вилоят аз тарафи сокинони вилояти муайян бевосита интихоб мешаванд. Шумораи аъзоёни маҷлисҳои вилоятҳо аз рӯи аҳолии ҳар як вилояти давлат муқаррар карда мешавад. Аъзоёни Маҷлиси уммат бевосита аз тарафи маҷлисҳои вилоятҳо интихоб мешаванд. Муддати ибтидо ва интиҳои Маҷлиси уммат бо муддати ибтидо ва интиҳои маҷлисҳои вилоятҳо як хел аст.

Моддаи 107. Ҳар як шахсе, ки шаҳрванди Давлати Исломӣ мебошад, хоҳ мард, хоҳ зан, хоҳ мусулмон, хоҳ ғайримусулмон, агар болиғ ва солимақл бошад, ҳақ дорад ба Маҷлиси уммат аъзо шавад. Лекин ҳуқуқи аъзогии ғайримусулмон бо шикоят аз зулми ҳокимон ё аз нодуруст татбиқ шудани аҳкоми Ислом маҳдуд мегардад.

Моддаи 108. Шӯро ва машварат умуман раъй гирифтан аст. Ин дар ташреъ, таъриф, корҳои фикрии монанди кашфиётҳои гуногун ва корҳои илму фан маҷбурӣ нест. Вақте ки халифа дар корҳои амалӣ ва ғайримашваратӣ машварат мепурсад, татбиқи он маҷбурӣ мегардад.

Моддаи 109. Шӯро танҳо ҳаққи мусулмонон аст, ғайримусулмонон аз ин маҳруманд. Аммо изҳор кардани раъйи худ барои тамоми шахсҳои раият хоҳ мусулмон бошад, хоҳ ғайримусулмон ҷоиз аст.

Моддаи 110. Вақте ки халифа дар хусуси масъалаҳое, ки аз тарафи шӯро баррасӣ шудани онҳо маҷбурист, машварат мепурсад, хоҳ дуруст бошад, хоҳ нодуруст раъйи аксарият гирифта мешавад. Дар дигар масъалаҳое, ки ба мавзӯи шӯро дохил мешаванд, хоҳ аксарият бошад, хоҳ ақаллият раъйи дуруст гирифта мешавад.

Моддаи 111. Маҷлиси уммат панҷ салоҳият дорад:

Якум:

а) Дар ҳамаи корҳое, ки ба маънои калимаи машварат дахл надоранд (масалан, монанди ҳокимият, таълим, нигоҳдории тандурустӣ, иқтисод, тиҷорат, саноат, зироат ва соҳаҳои дигар), агар халифа машварат пурсад ва ба ӯ машварат дода шавад, гирифтани раъйи Маҷлиси уммат маҷбурист.

б) Дар дигар корҳое, ки ба маънои калимаи машварат дахл дорад ва дар сиёсати хориҷӣ, молия, соҳаи ҳарбӣ ва техника мумкин аст халифа аз маҷлис дар ин соҳаҳо машварат пурсида муроҷиат кунад, то аз раъйи он воқиф шавад. Аммо гирифтани раъйи маҷлис маҷбурӣ нест.

Дуюм:

Халифа аҳком ва қонунҳоеро, ки табаннӣ кардани онҳоро мехоҳад, ба Маҷлиси уммат ҳавола мекунад. Аъзоёни мусулмони маҷлис ҳақ доранд, ки онҳоро мавриди муҳокима қарор дода, фикри худро дар хусуси дурустӣ ва нодурустии онҳо изҳор кунанд. Агар онҳо дар тариқати табаннии усулҳои табаннӣ дар давлат бо халифа ихтилоф кунанд, ба Маҳкамаи мазолим муроҷиат карда мешавад ва раъйи оон маҷбурӣ аст.

Сеюм:

Маҷлиси уммат ҳақ дорад тамоми корҳоро: корҳои дохилию хориҷӣ, молиявию ҳарбӣ ва дигарро, ки дар давлат амалан содир мешаванд, муҳосаба кунад. Раъйи он дар корҳое, ки гирифтани

раъйи аксарият лозим аст, маҷбурист, аммо дар корҳое, ки гирифтани раъйи аксарият лозим нест, маҷбурӣ нест.

Агар Маҷлиси уммат дар болои ягон масъалаи амалишуда аз ҷиҳати шаръӣ бо халифа созиш карда натавонад (яъне ихтилоф кунад), дар хусуси шаръӣ ё ношаръӣ будани ин кор ба раъйи Маҳкамаи мазолим мурочиат карда мешавад ва раъйи маҳкамаи мазкур маҷбурӣ мегардад.

Чорум:

Маҷлиси уммат ҳақ дорад аз муовинон, волиҳо ва омилҳо норозигии худро изҳор кунад. Дар ин кор гирифтани раъйи он маҷбурист. Халифа бояд ононеро, ки аз болояшон норозигӣ изҳор карда шудааст, дарҳол аз кор гирад (сабукдӯш кунад). Агар раъйи Маҷлиси уммат бо раъйи маҷлиси вилояти муайян дар бораи норозигӣ ва шикоят аз волӣ ва омилон ба якдигар зид ояд, раъйи маҷлиси вилоят гирифта мешавад.

Панҷум:

Аъзоёни мусулмони Маҷлиси уммат ба маҳдуд кардани шумораи номзадҳое, ки аз рӯи қарори Маҳкамаи мазолим дорои шартҳои инъиқод барои хилофат дониста мешаванд, ҳақ доранд. Дар ин бора гирифтани раъйи аксарияти онҳо маҷбурист. Танҳо номзадҳое, ки маҷлис онҳоро тавсия мекунад, метавонанд интихоб шаванд.

Низоми иҷтимоӣ

Моддаи 112. Зан модар ва кадбону (бонуи хона) мебошад. Зан номусест, ки бояд муҳофизат карда шавад.

Моддаи 113. Мардон ва занон (дар ҷомеа) бояд дар ҳоли аз ҳам ҷудо кардашуда зиндагӣ кунанд. Онҳо фақат аз рӯи эҳтиёҷҳое монанди ҳаҷ ва савдо, ки шариат рухсат медиҳад ва сабаби ба як ҷо ҷамъшавӣ мегарданд, мумкин аст ҷамъ шаванд.

Моддаи 114. Ҳуқуқҳое, ки ба мард дода мешавад, ба зан низ дода мешавад. Он воҷиботе, ки ба мард фарз карда мешаванд, ба зан низ фарз мебошад. Вале Ислом бо воситаи далелҳои шаръӣ баъзе ҳукмҳоро ба мард ва баъзе ҳукмҳоро ба зан хос кардааст. Зан низ ҳақ дорад, ки бо тиҷорат, кишоварзӣ, ҳунармандӣ машғул шавад, созишнома ва муомилаҳоро бандад, ба тамоми навъҳои моликият соҳибӣ кунад, молро шахсан ё бо воситаи дигар кас зиёд кунад ва тамоми корҳои ҳаётро бевосита ба сомон расонад.

Моддаи 115. Барои зан ҷоиз аст, ки ба вазифаҳои давлатӣ ба кор таъин шавад, аъзоёни Маҷлиси умматро интихоб кунад ё дар он аъзо бошад, дар интихоб ва байъати халифа иштирок кунад.

Моддаи 116. Ба корҳои ҳукмронӣ мутасаддӣ будани (роҳбарӣ кардани) зан ҷоиз нест. Бинобар ин ӯ халифа ё муовин ё волӣ ё омил шуда наметавонад ва иҷро кардани ягон коре, ки аз корҳои ҳукмронӣ эътибор карда мешавад, ҷоиз нест.

Моддаи 117. Зан дар ҳаёти умумӣ ва дар ҳаёти хусусӣ (шахсӣ) зиндагӣ ба сар мебарад. Пас, дар ҳаёти умумӣ бо шарти ба ҷуз рӯй ва кафҳо дигар узвҳои худро зоҳир накардан ва ба ғайри зинатнамоӣ ва беҳаёӣ метавонад дар байни занон, мардони маҳрам ва мардони бегона зиндагӣ кунад. Аммо дар ҳаёти хусусӣ (шахсӣ) фақат бо занон ва ё бо маҳрамҳои худ зиндагӣ карданаш ҷоиз аст ва бо мардони бегона зиндагӣ карданаш ҷоиз нест. Ӯ дар ҳар ду ҳаёт ба ҳамаи аҳкоми шариат қатъӣ амал мекунад.

Моддаи 118. Бо номаҳрам дар хилват мондани зан, дар назди мардони бегона оро додани худ ва кушодани аврати худ манъ карда мешавад.

Моддаи 119. Ҳар як мард ва зан аз даст задан ба амале, ки барои ахлоқ хатарнок аст ё дар ҷомеа фасодро паҳн мекунад, манъ карда мешавад.

Моддаи 120. Ҳаёти занушӯӣ ҳаёти хотирҷамъӣ (оромбахш) аст. Зиндагонии онҳо зиндагонии дӯстона (самимона) мебошад. Шавҳар аз болои зан на ҳамчун ҳукмрон, балки ҳамчун ғамхор сардорӣ мекунад. Ба зан фарз аст, ки ба шавҳар итоат карда ва ба мард фарз аст, ки нафақаи занро, ба чунин зан чӣ қадар нафақа додан лозим бошад, ҳамон қадар диҳад.

Моддаи 121. Дар анҷоми корҳои хона марду зан ба ҳамдигар пурра ёрмандӣ мекунанд. Иҷрои тамоми корҳои берун аз хона дар зиммаи шавҳар аст. Бино ба тавоноии худ иҷро кардани тамоми корҳои даруни хона дар зиммаи зан аст. Барои иҷрои корҳое, ки ба он зан қодир нест, ҳозир кардани хизматкорон вазифаи мард аст.

Моддаи 122. Кафолати кӯдакон вазифа ва ҳаққи зан аст, модом ки кӯдак бар ин кафолат мӯҳтоҷ аст, дар ин бора дар байни зани мусулмон ё зани ғайримусулмон фарқ вуҷуд надорад. Агар кӯдак аз кафолат беҳоҷат шавад, нигоҳ карда мешавад, агар доя ва валӣ мусулмонон бошанд, дар ин сурат ба кӯдак ихтиёр дода мешавад, ки бо кадоме аз онҳо зиндагӣ мекунад. Кӯдак касеро интихоб кунад, хоҳ мард бошаду хоҳ зан, ба ҳамон кас супурда мешавад. Дар ин маврид писар ё духтар будани кӯдак аҳамияте надорад. Аммо, агар яке аз онҳо ғайримусулмон бошад, ба кӯдак ихтиёри интихоб дода намешавад, балки ӯ ба мусулмон супурда мешавад.

Низоми иқтисодӣ

Моддаи 123. Вақте ки ба қонеъгардонии эҳтиёҷҳо эътибор дода мешавад, боз ба он эътибор нигаронида мешавад, ки ҷомеа бояд чӣ гуна бошад. Сиёсати иқтисод аз ин эътиборнигаронӣ иборат аст. Барои қонеъгардонии эҳтиёҷҳо ҳолате, ки ҷомеа бояд дар он бошад, асос карда мешавад.

Моддаи 124. Муаммои иқтисодӣ тақсим кардани боигарӣ (мол) ва манфиатҳо ба ҳар як шахси раият ва барои аз онҳо истифода бурдан имконияти ба даст даровардан ва дар ин роҳ кӯшиш карданро фароҳам овардан мебошад.

Моддаи 125. Бояд барои ҳар як шахс пурра қонеъ кардани эҳтиёҷҳои асосӣ кафолатнок гардад. Ҳамчунин бояд барои ҳар як фард имконияти ба дараҷаи аъло қонеъ кардани эҳтиёҷҳои камолӣ ба қадри имкон таъмин карда шавад.

Моддаи 126. Мол танҳо аз они Аллоҳ аст. Аллоҳ инсонро дар тасарруфи мулк халифа (ҷонишин)-и худ эълон кард. Бо ин ваколати умумӣ инсон ҳуқуқи соҳиби мулк шуданро пайдо кард. Аллоҳ ба инсон изн дод, ки мулкро ба даст дарорад. Бо ин изни махсус инсон дар амал ба соҳиби мулк табдил ёфт.

Моддаи 127. Се навъи моликият мавҷуд аст: моликияти хусусӣ, моликияти умумӣ ва моликияти давлат.

Моддаи 128. Моликияти хусусӣ ҳукми шаръист, ки бо айн (чизи мавҷуда) ё бо манфиат муайян карда шудааст. Ин ҳукм тақозо мекунад, то ба соҳиби моликияти хусусӣ имконияти аз он чиз истифода бурдан ва ба ҷои он иваз гирифтан фароҳам оварда шавад.

Моддаи 129. Моликияти умумӣ изнест, ки барои истифодаи муштараки айн (чиз) аз ҷониби Шореъ ба ҷамоат дода шудааст.

Моддаи 130. Ҳар як моле, монанди андоз, хироҷ ва ҷизя, ки сарфи он ба раъй ва иҷтиҳоди халифа вогузошта шудааст, моликияти давлат ба ҳисоб меравад.

Моддаи 131. Моликияти хусусӣ дар молҳои манқула ва ғайриманқула ба панҷ сабаби шаръӣ маҳдуд аст:

а) Меҳнат;

б) Мерос;

в) Эҳтиёҷ ба моле, ки барои зиндагӣ ногузир аст;

г) Аз молҳои худ ба раият додани давлат;

д) Молҳое, ки шахсҳо бе сарф кардани мол ё меҳнат мегиранд.

Моддаи 132. Тасарруфи мол хоҳ бо сарф кардани он бошад, хоҳ бо зиёд кардани он бо изни Шореъ маҳдуд аст. Исрофкорӣ, маишатпарастӣ ва хасисӣ манъ карда мешаванд. Ташкили ширкатҳои капиталистӣ, ҷамъиятҳои кооперативӣ ва дигар муомилаҳои мухолифи шариат манъ карда мешаванд. Рибо, аз ҳад зиёд баланд нарх гузоштан, иҳтикор, қимор ва корҳои монанди ин манъ карда мешаванд.

Моддаи 133. Замини нимҷазираи Арабистон ва заминҳое, ки аҳолии онҳо бо ихтиёри худ ба Ислом даромадаанд, замини ушрӣ ба ҳисоб мераванд. Ба ҷуз нимҷазираи Арабистон заминҳое, ки бо ҷанг ё сулҳ фатҳ шудаанд, замини хироҷӣ мебошанд. Ба заминҳои ушрӣ ва манфиати онҳо шахсҳо соҳибӣ мекунанд. Аммо заминҳои хироҷӣ мулки давлат ба шумор рафта, шахсҳо фақат ба манфиати онҳо соҳибӣ мекунанд. Ҳар як шахс ҳақ дорад, ки заминҳои ушрӣ ва манфиати заминҳои хироҷиро бо созишномаҳои шаръӣ мубодила кунад. Монанди молҳои дигар заминҳо низ мерос бурда мешаванд.

Моддаи 134. Замини мурда (ноobод) ба воситаи ободкунӣ ва печонида гирифтан мулк карда мешавад. Аммо заминҳои дигар фақат бо сабаби шаръӣ: мерос, харида гирифтан ва иқтоъ (ҷудо карда додани давлат) ба мулк табдил меёбанд.

Моддаи 135. Барои киштукор ба иҷора додани замин хоҳ ушрӣ бошаду хоҳ хироҷӣ тамоман манъ карда мешавад. Ҳамчунин музораба (шарикӣ, яъне заминро ба каси дигар дода, ба кишт (ҳосил) шарик шудан) манъ карда мешавад. Аммо мусоқот ҷоиз аст.

Моддаи 136. Ҳар як шахси заминдор барои обод кардани замин маҷбур карда мешавад. Барои мӯҳтоҷ воситаҳое, ки ба ободкунии замин имкон медиҳанд, аз байтулмол дода мешавад. Аз ҳар як одаме, ки заминро се сол обод накарда вомегузорад, замин кашида гирифта мешавад ва ба каси дигар дода мешавад.

Моддаи 137. Моликияти умумӣ дар се чиз намоён мешавад:

а) Тамоми чизҳое, ки аз заруратҳои ҷамоа ба ҳисоб мераванд, монанди кӯча ва хиёбонҳои шаҳр.

б) Конҳои тамомнашаванда, монанди конҳои нафт.

в) Чизҳое, ки табиати онҳо соҳибӣ кардани шахсро манъ мекунад, монанди дарёҳо.

Моддаи 138. Корхона бино ба моҳияти худ мулки хусусӣ ба ҳисоб меравад. Лекин корхона ҳукми маҳсулоти истеҳсолкунандаи худро мегирад. Пас, агар маҳсулот мулки хусусӣ бошад, корхона низ мулки хусусӣ мебошад, монанди корхонаҳои бофандагӣ. Агар маҳсулот аз мулки умумӣ бошад, корхона низ мулки умумӣ мешавад, монанди корхонаҳои коркарди оҳан.

Моддаи 139. Моликияти хусусиро ба моликияти умумӣ табдил додани давлат ҷоиз нест. Чунки моликияти умумӣ на аз рӯи раъйи давлат, балки дар моҳият ва сифати мулк ифодаи худро меёбад.

Моддаи 140. Ҳар як вакили уммат ҳақ дорад аз тамоми боигариҳое, ки ба доираи моликияти умумӣ дохил мешаванд, истифода барад. Мутлақо ҷоиз нест, ки давлат ба шахсе барои соҳибии моликияти умумӣ ё истифодаи он рухсат дода, раиятро аз он маҳрум созад.

Моддаи 141. Ҷоиз аст, ки давлат аз паи манфиатҳои раият шуда аз заминҳои нообод ва аз чизҳое, ки моликияти умумӣ ба ҳисоб мераванд, ба ҳимояи худ гирад.

Моддаи 142. Канз кардани боигарӣ (мол), гарчи закоти он дода шавад ҳам, манъ карда мешавад.

Моддаи 143. Закот аз мусулмонон ҷамъ карда мешавад. Закот аз молҳои муайянкардаи шариат: пул, воситаҳои тиҷорат, чорпоҳо ва ғаллаву меваҳо гирифта мешавад. Аз чизҳое, ки дар шариат нишон дода нашудаанд, гирифта намешавад. Закот аз ҳар як соҳиби мулк ситонда мешавад, хоҳ ӯ мукаллаф (оқил ва болиғ) бошад, хоҳ

ғайримукаллаф (сабӣ ва маҷнун). Закот ба як шӯъбаи хоси байтулмол гузошта мешавад. Закот фақат ба як ё якчанди ҳашт тоифае, ки дар Қуръони карим зикр шудаанд, тақсим карда мешавад.

Моддаи 144. Ҷизя фақат аз зиммиҳо ҷамъ оварда мешавад. Он аз мардони болиғ, агар ба пардохтан қодир бошанд, гирифта мешавад. Аз занон ва кӯдакон гирифта намешавад.

Моддаи 145. Хироҷ аз заминҳои хироҷӣ аз рӯи имконияти он ҷамъ оварда мешавад. Аммо аз заминҳои ушрӣ аз ҳосили дар амал рӯида закот (ушр) гирифта мешавад.

Моддаи 146. Аз мусулмонон андозҳое, ки шариат барои пӯшондани хароҷоти байтулмол иҷозат додааст, ҷамъ карда мешавад. Ба шарте ки андозҳо фақат аз молҳои аз эҳтиёҷҳои одатии соҳиби мулк зиёдатӣ гирифта шавад. Дар ҷамъкунии андоз барои пӯшондани эҳтиёҷоти давлат кифоят кардани он риоя карда мешавад.

Моддаи 147. Агар барои иҷрои коре, ки шариат ба уммат воҷиб кардааст, дар байтулмол маблағ мавҷуд набошад, масъулият ба зиммаи уммат мегузарад. Дар ин ҳол давлат ҳақ дорад, ки ба воситаи ҷамъ кардани андоз аз уммат ин маблағро ҷамъ кунад. Барои амалҳое, ки шариат ба уммат воҷиб накардааст, ягон андоз ҷамъ кардани Давлат ҷоиз нест. Барои таъминоти маҳкамаҳо ё идораҳои давлат ё адо кардани ягон манфиате андозҳо ситондани давлат ҷоиз нест.

Моддаи 148. Буҷети давлат шӯъбаҳои доимӣ дорад, ки онҳоро аҳкоми шаръӣ тасдиқ кардаанд. Аммо шӯъбаҳои муайяни буҷет, маблағҳое, ки ба ҳар як шӯъба ҷудо карда шудаанд ва дар ҳар як шӯъба ба кадом корҳо ихтисоснок кардани ин маблағҳо ба раъй ва иҷтиҳоди халифа ҳавола карда мешавад.

Моддаи 149. Даромадҳои доимии байтулмол инҳоянд: ҳамаи файъ (с)ғаниматҳое, ки аз душман бе ҷанг гирифта шудааст), ҷизя, хироҷ, панҷяки рикоз (рикоз молест, ки ба замин гӯронида шудааст) ва закот. Ин маблағҳо ҳамеша гирифта мешаванд, гарчи ба онҳо эҳтиёҷ набошад ҳам.

Моддаи 150. Агар даромадҳои доимии байтулмол барои пӯшондани хароҷоти давлат кифоят накунад, давлат ҳақ дорад аз мусулмонон андоз гирад. Шарт аст, ки андозҳо фақат барои корҳои зерин гирифта шаванд:

а) Барои пӯшондани хароҷоти фақирон, мискинон мусофирон ва адои фарзи ҷиҳод, ки аз байтулмол сарф кардан воҷиб аст.

б) Барои пӯшондани хароҷоте, ки аз байтулмол ба тариқи пардохт дода шуданаш воҷиб аст, монанди музди коркунон, таъминоти қӯшун, нафақаҳое, ки ба ҳокимон ҷудо карда мешаванд.

в) Барои пӯшондани хароҷоте, ки аз байтулмол ба тариқи фароҳам овардани манфиати умумӣ ва қулайиҳо бе бадал дода шуданаш воҷиб аст, монанди сохтани роҳҳо, бо об таъмин кардан, сохтани масҷидҳо, мадрасаҳо ва шифохонаҳо.

г) Барои пӯшондани хароҷоте, ки аз байтулмол аз рӯи зарурат дода шуданаш воҷиб аст, яъне вақте ки раият ба офатҳои монанди гуруснагӣ, тӯфонҳо ва зилзилаҳо дучор мегардад.

Моддаи 151. Маблағҳое, ки аз гумрукхонаҳои назди сарҳадии кишвар гирифта мешаванд, маблағҳое, ки аз моликияти умумӣ ё аз моликияти давлат ҳосил мешаванд ва маблағҳое, ки бе меросхӯр мерос мемонанд, инчунин молу мулки муртадҳо аз даромадҳои байтулмол ба ҳисоб мераванд.

Моддаи 152. Хароҷоти байтулмол ба шаш ҷои зерин тақсим карда мешаванд:

а) Барои ҳашт тоифае, ки ба гирифтани молҳои закот ҳақдоранд, аз шӯъбаи закот сарф карда мешавад (агар дар шӯъбаи закот маблағ набошад, ба онҳо ҳеҷ чиз сарф карда намешавад).

б) Агар дар шӯъбаи закот маблағ набошад, ба фақирон, мискинон, мусофирон, ҷиҳод ва қарздорон аз даромадҳои доимии байтулмол сарф карда мешавад. Агар дар он ҷо низ чунин маблағ набошад, дар ин ҳол барои пӯшондани хароҷоти фақирон, мискинон, мусофирон ва ҷиҳод андозҳо ҷамъ карда мешаванд, аммо ба қарздорон аз онҳо сарф карда намешавад. Агар хавфи фасод ба миён ояд, барои пӯшондани ин хароҷот қарз гирифта мешавад.

в) Инчунин барои шахсоне, ки чун коркунон, ҳокимон ва аскарон барои давлат хизмат мекунанд, аз байтулмол сарф карда мешавад. Агар маблағҳои байтулмол кифоят накунанд, барои пӯшондани ин хароҷот дарҳол андозҳо ҷамъ карда мешаванд. Агар хавфи фасод пайдо шавад, барои пӯшондани ин хароҷот қарз гирифта мешавад.

г) Барои манфиатҳои умумӣ ва қулайиҳои асосӣ, монанди сохтани роҳҳо, масҷидҳо, мадрасаҳо ва шифохонаҳо низ аз байтулмол харҷ карда мешавад. Агар дар байтулмол маблағ кифоят накунад, дарҳол барои пӯшондани ин хароҷот андозҳо ҷамъ карда мешаванд.

д) Барои манфиатҳои умумӣ ва қулайиҳои камолӣ аз байтулмол сарф карда мешавад. Агар дар байтулмол маблағ кофӣ набошад, ба ин соҳаҳо ҳеҷ чиз сарф карда намешавад, балки ба таъхир андохта мешавад.

е) Барои офатҳои монанди зилзилаҳо ва тӯфонҳо низ аз байтулмол сарф карда мешавад. Агар маблағ набошад, барои пӯшондани ин хароҷот дарҳол қарз гирифта мешавад. Минбаъд ин қарз аз ҳисоби андозҳои ҷамъшаванда пардохта мешавад.

Моддаи 153. Давлат бо кор таъмин кардани ҳар як шаҳрвандро ба зиммаи худ мегирад.

Моддаи 154. Коркунони зердасти шахсҳо ва ширкатҳо дорои тамоми ҳуқуқ ва вазифаҳое мебошанд, ки коркунони давлат доранд. Қатъи назар аз навъи кор ё коргар ҳар як шахсе, ки бар ивази музд меҳнат мекунад, коркун аст. Агар коргар ва шахси кирокунанда дар муайян кардани музд ихтилоф кунанд, байни онҳо аз рӯи аҷрулмисл ҳукм бароварда мешавад. Аммо дар корҳои дигар ихтилоф кунанд, аз рӯи ақди иҷора мувофиқи аҳкоми шаръӣ ҳукм бароварда мешавад.

Моддаи 155. Ҷоиз аст, ки музд мувофиқи фоидае, ки аз кор ё коргар меояд, муайян шавад. Музд аз рӯи маълумот ё дараҷаи илмии коргар муайян карда намешавад. Барои коркунон мукофотҳои иловагӣ вуҷуд надорад, балки онҳо музди худро пурра мегиранд, хоҳ аз рӯи кор муайян шуда бошад, хоҳ аз рӯи коргар.

Моддаи 156. Шахсони бекорро, ки ягон маблағ ва наздики парасторикунанда надоранд, давлат таъмин мекунад. Инчунин давлат оҷизону маъюбонро ба парастории худ мегирад.

Моддаи 157. Давлат ҷиддӣ эътибор медиҳад, то боигарӣ (мол) дар байни раият баробар давр занад ва роҳ намедиҳад, ки он фақат ба дасти як гурӯҳ гузарад.

Моддаи 158. Давлат муаммои барои ҳар як шахси раият фароҳам овардани имкониятҳои қонеъгардонии эҳтиёҷҳои камолӣ ва нигоҳдории мувозанати ҷомеаро ба таври зерин ҳал мекунад:

а) Давлат аз молҳои манқула ва ғайриманқула, ғаниматҳо ва монанди инҳо медиҳад.

б) Ба касоне, ки заминҳои кофӣ надоранд, аз заминҳои обод ва ноobод ҷудо карда медиҳад. Аммо ба касоне, ки замин доранду аз он истифода намебаранд, замин намедиҳад. Ба касоне, ки аз деҳқонӣ (зироат) кардан оҷизанд, маблағ ҷудо мекунад, то онҳо барои киштукор имкон пайдо кунанд.

в) Қарзҳои касонеро, ки аз пардохтани он оҷизанд, аз молҳои закот, ғанимат ва монанди инҳо мепардозад.

Моддаи 159. Давлат мувофиқи талаботи сиёсати кишоварзӣ, ки дар дараҷаи олитарини ҳосилнокӣ аз замин истифода бурданро ба амал меорад, корҳои кишоварзӣ ва маҳсулоти онро назорат мекунад.

Моддаи 160. Давлат тамоми соҳаҳои саноатро ба зери назорати худ мегирад. Ба соҳаҳои саноат, ки ба таркиби мулки умумӣ дохил мешаванд, бевосита роҳбарӣ мекунад.

Моддаи 161. Дар алоқаҳои тиҷорати хориҷӣ на аз рӯи ҷои истеҳсоли маҳсулот, балки аз рӯи шаҳрвандии савдогар муомила карда мешавад. Бинобар ин, ба савдогарони давлате, ки бо мо дар ҳолати ҷанг қарор дорад, дар кишвари мо ба фаъолият бурдан рухсат дода намешавад, фақат бо изни махсус барои савдогар ё мол рухсат дода мешавад. Ба савдогарони давлатҳое, ки бо мо созиш бастаанд, аз рӯи шартҳои созишнома муомила карда мешавад. Ба савдогароне, ки шаҳрванди Давлати Исломӣ мебошанд, барои ба хориҷ баровардани чизҳое, ки мамлакат мӯҳтоҷ аст ва душманро аз ҷиҳати ҳарбӣ, саноатӣ ва иқтисодӣ пуриқтидор мегардонанд, рухсат дода намешавад, аммо ба ин савдогарон даровардани ягон мол манъ карда намешавад. Давлате, ки монанди Исроил бо мо амалан дар ҳолати ҷанг қарор дорад, аз ин мустасност. Ин гуна давлатҳо дар алоқаҳои тиҷорӣ ё дигар амалан дар ҳукми дорулҳарб мешаванд.

Моддаи 162. Ҳамаи шахсҳои раият ҳақ доранд лабораторияҳои илмие, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёт тааллуқ доранд, кушоянд. Дар асл кушодани ин гуна лабораторияҳо вазифаи давлат мебошад.

Моддаи 163. Соҳибӣ кардани шахсҳо ба лабораторияҳое, ки Моддаиҳои ба уммат ё давлат зарароварро истеҳсол мекунанд, манъ карда мешавад.

Моддаи 164. Давлат барои ҳама хизмати тиббии бепулро таъмин мекунад, лекин киро кардани шифокорон ва савдои доруҳоро манъ намекунад.

Моддаи 165. Ба мамлакат даровардани маблағҳои аҷнабӣ ва сармоягузорӣ кардани онҳо, инчунин ба аҷнабӣ имтиёз додан манъ карда мешавад.

Моддаи 166. Давлат пули хоси худро мебарорад, ки он аз ҳар гуна таъсири хориҷӣ мустақил мешавад. Ин пул бояд ба пулҳои аҷнабӣ вобаста набошад.

Моддаи 167. Пулҳои давлат аз тилло ва нуқра иборат мебошанд, хоҳ зарбшуда бошанду хоҳ зарбнашуда. Ҷоиз нест, ки давлат ба ғайр аз тилло ва нуқра пули дигар дошта бошад. Ба ҷои тилло ва нуқра аз моддаи дигар пул баровардани давлат ҷоиз аст, ба шарте ки бояд дар хазинаи давлат дар баробари ҳамон пул тилло ва нуқра мавҷуд бошад. Яъне ҷоиз аст, ки давлат аз мис, биринҷӣ, коғаз ё моддаҳои дигар пул барорад, агар ин пул аз тилло ва нуқра пурра муқобили худро дошта бошад, аз номи худ онро зарб кунад.

Моддаи 168. Чунон ки мубодила кардани асъор (арз)-и худ ҷоиз аст, бо асъори худ асъорҳои дигар давлатҳоро мубодила кардани он низ ҷоиз аст. Агар ҷинси асъорҳо гуногун бошанд, мумкин аст дар мубодила қимати яке аз қимати дигаре зиёд бошад, мубодилаи онҳо бо шарти даст ба даст шудан ҷоиз аст, аммо насия будани онҳо дуруст нест. Агар ҷинси асъорҳо гуногун бошанд, бе ягон қайд ба тағйир додани нархи мубодила рухсат дода мешавад. Ҳар як шахси раият ҳақ дорад, ки аз дохил ва хориҷи давлат асъори дилхоҳро харида гирад ва ба ивази ин асъор бе ягон ҳоҷат ба рухсат асъоре ё чизҳои дигарро бихарад.

Сиёсати таълим

Моддаи 169. Шарт аст, ки асоси барномаи таълим ақидаи исломӣ бошад. Маводи дарсӣ ва роҳҳои таҳсил ба тарзе тартиб дода

мешавад, ки дар таълим аз ин асос заррае берун баромадан рӯй надиҳад.

Моддаи 170. Сиёсати таълим аз пайдо кардани ақлия ва нафсияи исломӣ иборат аст. Тамоми моддаҳои дарсӣ дар асоси ҳамин сиёсат тартиб дода мешаванд.

Моддаи 171. Ғояи аз таълим чашмдоштшуда ба вуҷуд овардани шахсияи исломӣ ва бо илму маърифатҳои тааллуқдори тамоми соҳаҳои ҳаёт ғанӣ гардондани одамон мебошад. Бинобар ин, роҳҳои таълим чунон муайян карда мешавад, ки ин ғояро ба рӯёб мебароранд. Ҳар як роҳе, ки ба ин ғоя намебарад, манъ карда мешавад.

Моддаи 172. Бояд миқдори дарсҳои ҳафтагӣ, ки ба донишҳои исломӣ ва забони арабӣ ҷудо карда мешавад, аз ҷиҳати адад ва ҳам аз ҷиҳати соат бо миқдори илмҳои дигар баробар бошад.

Моддаи 173. Бояд дар таълим фарқи байни донишҳои сақофӣ ва илмҳои таҷрибавию математека, ки ба ин навъ дохил мешавад, ба ҳисоб гирифта шавад. Донишҳои таҷрибавӣ ва донишҳое, ки ба навъи инҳо дохил мешаванд, аз рӯи эҳтиёҷ омӯхта мешаванд, ба ягон марҳилаи таълим маҳдуд карда намешаванд. Аммо донишҳои сақофӣ дар марҳилаҳои пеш аз марҳилаи олӣ аз рӯи сиёсати муайян, ки ба фикр ва аҳкоми Ислом зид нест, гирифта мешаванд. Онҳо дар марҳилаи олӣ ҳамчун илм гирифта мешаванд. Ба шарте ки аз сиёсат ва ғояи таълим берун набарояд.

Моддаи 174. Бояд дар ҳама марҳилаҳои таълим аз сақофати исломӣ таълим дода шавад. Дар марҳилаи олӣ барои донишҳои гуногуни исломӣ куллиёт (факулта)-ҳои махсус ташкил карда мешаванд, чунон ки барои донишҳои монанди тиббиёт, ҳандаса, табиатшиносӣ ва дигар куллиёт (факулта)-ҳои махсус барпо карда мешаванд.

Моддаи 175. Фанҳо ва саноатҳо монанди тиҷорат, баҳрнавардӣ ва кишоварзӣ аз як ҷиҳат ба навъи илм дохил шуда, бе ягон қайд ва шартҳо гирифта мешаванд. Аммо вақте ки аз нуқтаи назари хоса таъсир мегиранд, монанди мусаввирӣ (санъати тасвирӣ) ва ҳайкалтарошӣ ба навъи сақофат дохил шуда, агар ба нуқтаи назари Ислом зид бошанд, гирифта намешаванд.

Моддаи 176. Дастури таълим ягона мебошад. Ба ғайр аз дастуре, ки давлат муайян кардааст, ба ягон дастур иҷозат дода намешавад. Ба мадрасаҳои маҳаллӣ, ки ба дастури давлат маҳдуд шудаанд, ба дастури таълим асос ёфтаанд, сиёсату ғояи таълимро ба рӯёб мебароянд, рухсат дода мешавад. Ба шарте ки таълим барои мардону занон дар байни хонандагон ва ҳам дар байни муаллимон омехта набошад, инчунин барои намояндагони ягон тоифае ё дине ё мазҳабе ё нажоде ё ранги пӯст хос набошад.

Моддаи 177. Барои ҳар як шахс хоҳ мард бошад, хоҳ зан омӯхтани донишҳое, ки дар майдони ҳаёт заруранд, фарз аст. Бинобар ин, дар марҳилаи ибтидоӣ ва миёна таълим гирифтан барои ҳама маҷбурист. Барои ҳама бепул таъмин кардани ин таълим дар зиммаи давлат аст. Инчунин таълими олӣ бояд ба қадри имкон ба ҳама бепул таъмин карда шавад.

Моддаи 178. Давлат ба ғайр аз мадрасаҳою донишгоҳҳо китобхонаҳо, лабораторияҳо ва воситаҳои дигари маърифатро муҳайё месозад, то ба онон, ки дар соҳаҳои илму маориф чун фиқҳ, усули фиқҳ, ҳадис, тафсир, фикр, тиб, ҳандаса, кимё, ихтироъ, кашфиёт ва ғайра ҷустуҷӯро давом додан мехоҳанд, имконият фароҳам орад. То ки дар байни уммат бисёр муҷтаҳидон, ихтироъкорон ва эҷодкорон ба вуҷуд оянд.

Моддаи 179. Дар ҳама марҳилаҳо барои таълим суиистеъмол кардани ҳуқуқи муаллифӣ манъ карда мешавад. Ҳеҷ кас хоҳ муаллиф бошаду хоҳ дигар ҳақ надорад китоберо, ки чоп ва нашр шудааст, чоп ва нашр кунад. Вале, агар ӯ фикрҳои ҳанӯз чоп ва

нашр нашуда дошта бошад, ба ӯ ҷоиз аст, ки ин фикрҳоро ба дигарон дода, бар ивазаш ҳақ гирад, чунонки барои таълим ҳақ гирифтан ҷоиз аст.

Сиёсати хориҷӣ

Моддаи 180. Сиёсат аз сарварии корҳои дохилӣ ва хориҷии уммат иборат буда, аз тарафи давлат ва уммат амалӣ карда мешавад. Давлат бо ин кор бевосита машғул мегардад, уммат аз рӯи ин кор давлатро муҳосаба мекунад.

Моддаи 181. Мутлақо ҷоиз нест, ки ягон шахс ё ҳизб ё гурӯҳбандӣ ё ҷамоае бо ягон давлати аҷнабӣ алоқа дошта бошад. Ҳар гуна алоқае, ки бо дигар давлатҳо баста мешавад, танҳо ба давлат тааллуқ дорад. Чунки танҳо давлат ҳақ дорад, ки корҳои умматро амалан идора карда. Дар хусуси алоқаҳои хориҷӣ муҳосаба кардани давлат вазифаи уммат ва гурӯҳбандиҳои сиёсӣ мебошад.

Моддаи 182. Ғоя воситаро сафед намекунад. Чунки тариқат аз ҷинси фикрат аст. Барои муваффақ шудан ба воҷиб ё мубоҳ ҳаром восита карда намешавад. Воситаи сиёсӣ бояд ба тариқати сиёсат зид набошад.

Моддаи 183. Манёвр (найранг)-ҳои сиёсӣ дар сиёсати хориҷӣ зарурист. Қувваи ин дар ошкор кардани амалҳо ва пинҳон доштани мақсадҳост.

Моддаи 184. Бо ҷуръат фош кардани ҷиноятҳои давлатҳо, баён кардани хатари сиёсатҳои сохта, фош кардани забоняккуниҳои хабисона, пароканда сохтани гурӯҳҳои гумроҳкунанда – инҳо аз муҳимтарин услубҳои сиёсӣ мебошанд.

Моддаи 185. Нишон додани бузургии фикрҳои исломӣ дар идораи корҳои шахс, уммат ва давлат аз пурқувваттарин роҳҳои сиёсӣ ба шумор меравад.

Моддаи 186. Масъалаи сиёсии уммат танҳо Ислом аст. Он дар пурзӯрии шахсияти давлат, дар татбиқи зебои аҳкоми Ислом ва дар кӯшиши пайваста барои паҳни даъвати исломӣ дар саросари олам намоён мешавад.

Моддаи 187. Паҳн кардани даъвати исломӣ меҳвар буда, сиёсати хориҷӣ дар гирди он давр мезанад. Алоқаҳо бо тамоми давлатҳо ба ҳамин асос барпо мегарданд.

Моддаи 188. Дар алоқаҳое, ки Давлати Исломӣ бо давлатҳои дигар ҷорӣ мекунад, эътибор ба чор чиз нигаронида мешавад:

Якум: Давлатҳое, ки дар олами исломӣ мавҷуданд, як мамлакат эътибор карда мешаванд. Онҳо ба доираи алоқаҳои хориҷӣ дохил намешаванд ва алоқаҳо бо онҳо сиёсати хориҷӣ ба ҳисоб намеравад. Бояд барои муттаҳид сохтани ҳамаи онҳо дар ҳудуди давлати ягона кор бурд.

Дуюм: Бо давлатҳое, ки бо мо созишномаҳои иқтисодӣ, тиҷорӣ, созишномаҳои равобити неки ҳамсоягӣ ва созишномаҳои сақофӣ бастаанд, мувофиқи нишондоди созишномаҳо муомила карда мешавад. Шаҳрвандони онҳо, агар дар созишнома қайд шуда бошад, мумкин аст ба Давлати Исломӣ бе шиносномаи хориҷӣ, яъне бо гувоҳномаи шахсӣ дохил шаванд. Ба шарте ки ин давлатҳо бояд бо шаҳрвандони мо дар амал айнан чунин муомила кунанд. Алоқаҳои иқтисодӣ ва тиҷорӣ бо он давлатҳо ба чизҳои зарурии муайян ва ба сифатҳои муайян маҳдуд буда, набояд боиси пурзӯршавии қудрати онҳо гардад.

Сеюм: Давлатҳое, ки байни мову онҳо созишномаҳои байниҳамӣ мавҷуд нест, давлатҳои амалан мустамликадор, монанди Англия, Амрико, Франсия ва давлатҳое, ки чун Русия тамаи мустамлика кардани мамлакатро доранд, давлатҳои ҳукман муҳориб (бо мо дар ҳолати ҷанг қарордошта) эътибор карда мешаванд. Нисбати онҳо тамоми чораҳои эҳтиётӣ андешида мешавад ва бо онҳо бастани ягон алоқаи дипломатӣ мумкин нест. Шаҳрвандони ин давлатҳо

фақат бо шиносномаи хориҷӣ ё раводид (виза)-и махсус барои ҳар як шахс ва ҳар як сафар мумкин аст ба кишвари мо дохил шаванд.

Чорум: Бо давлатҳои монанди Исроил, ки бо мо амалан дар ҳолати ҷанг қарор доранд, дар тамоми тасарруфот ҳолати ҷанг асос карда мешавад. Хоҳ байни мову онҳо сулҳи муваққатӣ мавҷуд бошад, хоҳ мавҷуд набошад, дар амал чун ҳолати ҷанг муомила карда мешавад. Ба ҳамаи шаҳрвандони онҳо ба мамлакат дохил шудан манъ карда мешавад.

Моддаи 189. Бастани шартномаҳои ҳарбӣ, шартномаҳои сиёсӣ, ки аз ҷинси онҳо мебошанд, инчунин созишномаҳои иҷорадиҳии базаҳои ҳарбӣ ва фурудгоҳҳо қатъиян манъ карда мешавад. Бастани созишномаҳои равобити неки ҳамсоягӣ, созишномаҳои иқтисодӣ, тиҷорӣ, молиявӣ, сақофӣ ва созишномаҳои сулҳи муваққатӣ ҷоиз аст.

Моддаи 190. Дар созмонҳое, ки ба асоси Ислом бунёд нашудааст ё аҳкоми Исломро татбиқ намекунад, иштирок кардани Давлати Исломӣ ҷоиз нест. Ба ҷумлаи ин гуна созмонҳо созмонҳои байналхалқӣ, монанди СММ, Суди байналхалқӣ, Хазинаи байналхалқии асъор ва Бонки ҷаҳонӣ, инчунин созмонҳои минтақавӣ, монанди Иттиҳоди давлатҳои араб дохил мешавад.

1 як намуд даррандаи маккор

2 мансаби олии рӯҳониёни насронӣ

3 муқоатаа

4 боғе, ки атрофаш девор кашида шудааст

5 пайғамбарӣ

6 се рӯзи пас аз Иди қурбон

7 қисми болопӯши масҷид

8 ҳарами Макка

9 даббоба – дастгоҳи кӯҳани диҷшикан

10 хумс – панҷяк

11 лашкари ҳангоми душворӣ

12 عَصْمَاءُ

13 қозикалон

14 фирқаи диниву фалсафие, ки қоил ба таъвили маънои Қуръон аст

15 диндорӣ

16 тарзи тафаккур

17 хислат ва тарзи рафтор

18 шахси зоҳиран боимон ва ботинан бедин

19 сақофӣ

20 Абдурраҳмон ибни Муовия ибни Ҳишом (113–172ҳ)

21 миссионерӣ

22 ҷосусӣ

23 факултет

24 ҳайати мубашширон (с)миссионерон)

25 кумита, анҷуман, комиссиюн

26 ғул ё аҷузакампир – мавҷудоти хаёлотӣ, ки бо номи ӯ кӯдаконро метарсонанд

27 Анатолия

28 ваколат, сарпарастӣ

29 диктаторӣ

30 конститутсия

31 кӯҳнапарастӣ, реаксионизм

32 таъйин кардан, интихоб намудан, ба мансаб гузоштан

33 ба маънои ҳокимият

34 фармонравоӣ ба маънои ҳуқуқи қонунбарорӣ

35 айвон, чапкандӣ, шипанг

36 аз истилоҳи "Саҳеҳайн" "Саҳеҳи Бухорӣ" ва "Саҳеҳи Муслим" дар назар дошта мешавад

37 қонунгузорӣ

38 дар ҳалқаҳо сарҷамъ овардан ва тарбия кардан

39 ҷамъиятшиносӣ, равоншиносӣ, илми омӯзишу парвариш

40 виза

41 гумрукҳо